**ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА, СИЁСАТШИНОСӢ ВА ҲУҚУҚИ БА НОМИ. А. БАҲОВАДДИНОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 347.918 (575.3)**
**ТКБ: 67.99 (2) 92 (2 тоҷик)**
**А – 14**

**АБДУЛЛОЗОДА ЗЕБОНИСО ФАЙЗУЛЛО**

# СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯ ВА ТАҶРИБА

**Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Душанбе–2024**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ....3**

**МУҚАДДИМА....4**

**БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ ВА УНСУРҲОИ СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ**

1.1.Табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ....**17**

1.2. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ....**39**

**БОБИ 2. ПРОБЛЕМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ЭЪТИБОРНОКИИ СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ**

2.1. Масъалаҳои умумии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ ....**75**

2.2. Проблемаҳои ҳуқуқии эътиборнокии моддии созишномаи арбитражӣ....**83**

2.3. Проблемаҳои ҳуқуқии эътиборнокии расмии созишномаи арбитражӣ....**102**

**БОБИ 3. МАҚОМИ СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ ВА ҶОЙИ ОН ДАР БАРРАСИИ БАҲСҲО ВА ИҶРОИ ҲАЛНОМАҲОИ АРБИТРАЖӢ**

3.1. Нақши судҳои иқтисодӣ зимни баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ....**139**

3.2. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ва нақши созишномаи арбитражӣ дар он....**163**

**ХУЛОСА ....179**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ....183**

**РУЙХАТИ АДАБИЁТ ....189**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ....219**

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КГ** – Кодекси гражданӣ

**КМ** – Кодекси маданӣ

**КҶ** – Кодекси ҷиноятӣ

**ҶМШС** – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистӣ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШС** – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**СММ** – Созмони милали мутаҳид

**СУС** – Созмони Умумиҷаҳонии Савдо

**АБТТ** – Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон

**ААА** – Ассосиатсияи амрикоии арбитражӣ

**САА** – Санади арбитражии англисӣ

**СФА** – Санади федералии арбитражии ИМА

**КМИ ҶТ** – Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**UNCITRAL** – Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи савдои байналмилалӣ

**IBA** – Ассотсиатсияи байналмилалии адвокатҳо

**САБЛ** – Суди арбитражии байналмилалии Лондон

**СБА ПБС** – Суди байналмилалии арбитражӣ дар назди Палатаи байналмилалии савдоӣ

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Қабули Конститутсияи дар замони соҳибистиқлолии кишвар 6 ноябри соли 1994[1] ҳамчун ҳуҷҷати дорои эътибори олии ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ эълон намуд ва самтҳои нави рушди ҷомеаро муайян кард. Арзиши олӣ эътироф намудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси гуногунандешии сиёсӣ, ҷонибдорӣ аз принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, ҳамчунин эътирофи гуногуншаклии моликият, махсусан моликияти хусусӣ аз ҷумлаи пешравиҳое мебошанд, ки заминаи рушди сифатан нави давлат ва ҷомеа гардиданд. Ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (минбаъд СУС) пазируфтани Тоҷикистон соли 2012 дар муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаи наверо боз намуд. Яке аз шартҳои ворид шудан ба ин созмон ин таъсис додани Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон буд, ки он баҳсҳои тиҷоратии байналмилалиро ҳамчун мақоми ғайридавлатӣ баррасӣ намояд. Бо дарназардошти ин, 18 марти соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» қабул гардида, худи ҳамон сол дар назди Палатаи савдо ва саноати ҶТ Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» муқарраароте пешбинӣ гардиданд, ки онҳо зарурати мутобиқ намудани Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМИ ҶТ)-ро ба меъёрҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён овардаанд. Аз ҷумла, боби 9 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ваколатҳои бекор кардани қарорҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратиро дар баъзе ҳолатҳо ба салоҳияти судҳои иқтисодии ҶТ вогузор

[1] Ниг.: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С. 40.

намудааст. Ғайр аз ин, бо мақсади ба роҳ мондани таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоии ягона, судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки механизмҳои ҳуқуқии эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии дар ҳудуди ҶТ ва ё давлатҳои хориҷӣ қабулшударо дошта бошанд (боби 28 КМИ ҶТ). Ин муқаррароти КМИ ҶТ ба меъёрҳои Конвенсия оид ба эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 (Конвенсияи Ню-Йорк) асос меёбанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таҷрибаи амалисозии муқаррароти Конвенсия дар ҶТ ва берун аз он мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Бо мақсади таъмини иҷрои сархатти шашуми банди 54 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005, тасдиқ карда шудааст[2] ва мутобиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ба санадҳои байналмилалӣ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ гузаронидани чунин таҳқиқот саривақтӣ ва ба мақсад мувофиқ мебошад.

Созишномаи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Маҳз муқаррароти созишномаи арбитражӣ пешниҳоди баҳсҳоро ба арбитраж, ҳудуди амали арбитрҳо, ҳамчунин шартҳоеро, ки ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таъсир мерасонанд, муайян мекунанд. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳи олимон дар солҳои охир институти созишномаи арбитражиро ҳамчун категорияи мустақили ҳуқуқӣ ҷалб кардааст. Сарфи назар аз гуногунии нашрияҳои илмӣ, монографияҳо ва тадқиқотҳо, ин мавзуъ мубрам ва муҳим боқӣ мемонад.

Дар мафҳуми пешбининамудаи муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ҳадди созишномаи арбитражӣ ва унсурҳои ҳатмии онро пешбинӣ намекунад, ки ин дар иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ саволҳои зиёдеро ба миён меорад.

---

[2] Ниг.: Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст. – Душанбе, 2018. – С. 35

То ҳол оид ба масъалаҳои доираи созишномаи арбитражӣ ҳангоми баррасии баҳс дар арбитраж, шартҳо ва унсурҳои ҳатмии он чи аз ҷиҳати назариявӣ дар байни олимон ва чи дар амалия дар байни мутахассисон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Ин ҳолат ба фаъолияти институти арбитраж ва такмил додани ин соҳа таъсири манфӣ мерасонад. Тағйиру иловаҳо ба Қонуни ЮНСИТРАЛ соли 2006 низ дар бораи ҷанбаҳои муҳимми созишномаи арбитражӣ тавзеҳи кофӣ надоданд, баръакс, дар баъзе мавридҳо мушкилоти бастани созишномаи арбитражӣ ва ҳадди татбиқи онро шадидтар карданд. Дар қонунгузории ҶТ низ ҳадди татбиқи созишномаи арбитражӣ, шарту муқаррароти он номутобиқатӣ ва норавшаниҳо ҷой доранд, ки омӯзиши минбаъдаи таҳқиқот ва такмили онҳоро тақозо менамояд. Мушкилоти ҳуқуқии зикргардида ва татбиқи амалии институти созишномаи арбитражӣ, аҳаммияти ин мавзуъро пешакӣ муайян карданд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи таҳқиқшаванда ва ҷанбаҳои алоҳидаи он дар илми ватанӣ аз ҷониби олимон, аз қабили, И.Ҳ. Бобоҷонзода[3], Ш.К. Ғаюрзода[4], Ф.А. Маҳмадшоев[5], М.А. Маҳмудзода[6], Ш.М. Менглиев[7], М.З. Раҳимзода[8], Н. Фозилов[9], Н. Шонасридинов[10] ва

[3] Ниг.: Бобоҷонзода И.Ҳ. Международный коммерческий арбитраж – нормативно-правовые акты. – Душанбе, 2019. – 189 с.; Бобоҷонзода И.Ҳ. Заминаҳои ҳуқуқии арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон // Қонунгузорӣ. – 2018. – №3 (31). – С. 110-114; Бобоҷонзода И.Ҳ. Понятие и особенности правового регулирования международного коммерческого арбитража // Академический юридический журнал. – 2020. – №2 (34). – С. 105-110; Бобоҷонзода И.Ҳ. Проблемы правового регулирования арбитражного соглашения: анализ международно-правовых актов и законодательства // Правовая жизнь. – 2020. – №2 (30). – С. 214-227; Бобоҷонзода И.Ҳ. Правовая природа международного коммерческого арбитража и особенности правового регулирования // Правовая жизнь. – 2020. – №2 (30). – С. 57-66; Бобоҷонзода И.Ҳ. Понятие публичного порядка в правовой системе Республики Таджикистан // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития. VII Международная научно-практическая конференция посвященная 25-летие Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019). Ежегодный сборник докладов. – Душанбе, 2019. – С. 236-245.

[4] Ниг.: Ғаюров Ш.К. Санадҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ / Боби 4. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 91-97.

[5] Ниг.: Маҳмадшоев Ф.А. Қатъ намудани мурофиа дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ / Боби 5. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 98-110.

[6] Ниг.: Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ (маҷмуи мақолаю маърузаҳо). – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 596 с.; Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ, Бадалов Ш.К. Тафсир ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. – Душанбе: ЭР-граф, 2010. – 1000 с.

[7] Ниг.: Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 412 с.

[8] Ниг.: Рахимов М.З. Проблемы правового обеспечения деятельности третейского суда и Международного коммерческого арбитража в Республики Таджикистан // Вестник Высшего экономического Суда Республики Таджикистан. – 2006. – №2. – С. 179-180; Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои

дигарон, дар Россия бошад, аз ҷониби олимон, аз ҷумла А.П. Белов[11], М.М. Богуславский[12], М.И. Брагинский[13] ва В.В. Витрянский[14], Н.Г. Вилкова[15], В.А. Кабатов[16], С.Н. Лебедев[17], О. Мата[18], А.И. Минаков[19] мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Бо назардошти он ки асарҳои муаллифони мазкур пеш аз қабули қонунгузориҳои дахлдори миллӣ таҳия гардидаанд, дар онҳо мавқеи ягонаи муосир оид ба дарк ва танзими созишномаи арбитражӣ инъикос нагардидааст.

Дар асарҳои намояндагони илми ҳуқуқшиносии хориҷӣ, ба мисли Б. Алберт[20], Амазу А. Асузу[21], Б. Армино[22], А. Барон[23], С. Кристер[24], Р. Морган[25], Л. Ноттеҷ[26], Ч. Океזие[27], Ричард Х. Крайдлер[28], В.С. Поздняков[29]

---

танзими ҳуқуқӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Раҳимов М.З. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 157 с.; Ниг.: Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ / Муҳарири масъул д.и.ҳ., проф. Раҳимов М.З. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 170 с.

9 Ниг.: Фозилов Н. Тартиби баррасии парвандаҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ / Боби 3. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. – Душанбе: Деваштич, 2007. – С. 63-90.

10 Ниг.: Шонасридинов Н. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Арбитражи байналхалқии тиҷоратӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе: Сино, 2007. – 76 с.

11 Ниг.: Белов А. Основы правового регулирования внешнеэкономической деятельности на современном этапе // Право и экономика. – 2000. – №.4. – С. 53-59.

12 Ниг.: Богуславский М.М. Международный коммерческий арбитраж // Академический правовой университет при Институте государства и права РАН. – М., 1993. – 16 с.

13 Ниг.: Брагинский М.И., Еремеев Д.Ф. Арбитраж и предприятие. – Минск: Беларусь, 1969. – 99 с.

14 Ниг.: Витрянский В.В. Проблемы арбитражно-судебной защиты гражданских прав участников имущественного оборота: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 1996. – 57 с.

15 Ниг.: Вилкова. Н.Г. Статус арбитров: независимость арбитров, квалификация арбитров, замена арбитров, гонорар арбитров: тез. докл. Конференция «Международный арбитраж Восток-Запад на пороге XXI века». – М, 2000. – С. 11.

16 Ниг.: Кабатов В. Из практики международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации // Хозяйство и право. – 1994. – №3. – С. 40-47.

17 Ниг.: Лебедев С.Н. Международный коммерческий арбитраж: компетенция арбитров и соглашение сторон. – М: Торгово-промышленная палата СССР, 1998. – 123 с.

18 Ниг.: Мата О.В. Арбитражное соглашение и разрешение споров в международных коммерческих арбитражных судах: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2002. – 207 с.

19 Ниг.: Минаков А.И. Арбитражные соглашения и практика рассмотрения внешнеэкономических споров. – М.: Юрид. лит., 1985. – 144 с.

20 Ниг.: Albert van den Berg. Refusals of Enforcement under the New York Convention of 1958: the Unfortunate Few II Special Supplement. ICC International Count of Arbitration Bulletin. – 1999. – С. 75-94.

21 Ниг.: Amazu A. Asouzu. African States and the Enforcement of Arbitral Awards: Some Key Issues II Arbitration International. – 1999. – Vol. 15. – No. 1. – С. 1-52

22 Ниг.: Arminio Borjas and Jessica Barsotti. Current Developments: Venezuela / Borjas Arminio and Barsotti Jessica // Arbitration and ADR-October. – 1998. – Vol. 3. – No.2. – С. 25-26.

23 Ниг.: Baron A. The Australian International Arbitration Act, the Fiction of Severability and Claims for Restitution. II Arbitration International. – 2000. – Vol. 16. – No. 2. – С. 159-188.

24 Ниг.: Кристер Содерлунд. Разрешение споров, связанных с внешнеэкономическими отношениями / Содерлунд Кристер // Законодателъство и экономика. – 1996. – №П-12. – С. 62-68; Кристер Содерлунд. Юрисдикция – все возрастающая проблема международного арбитража: Тез. докл. конференция «Международный арбитраж Восток-Запад на пороге XXI века». – М., 2000. – 12 с.

25 Ниг.: Robert Morgan. Hong Kong Arbitration in Transition: The Arbitration (Amendment) Ordinance 1996, Part III International Arbitration Law Review. – December 1997. – Vol. 1. – Issue 1. – С. 27-28.

26 Ниг.: Luke Nottage. The Vicissitudes of Transnational Commercial Arbitration and the Lex Mercatona: A View from Periphery // Arbitration International. – 2000. – Vol. 16. – No. l. – С. 53-78.

27 Ниг.: Okezie Chukwumerije. Judicial Supervision of Commercial Arbitration: The English Arbitration Act of 1996 // Arbitration International. – 1999. – Vol Л 5. – No. 2. – С. 171-192.

М.Г. Розенберг[30], Н.С. Романенков[31], А.Г. Светланов[32], Б.С. Сеглин[33], Ч. Симон[34], Д. Стюарт[35], Хамид Ҷ. Гаравӣ[36], И.О. Хлестова[37], Л. Эдлунд[38] ва дигарон мисолҳои таъсири созишномаи арбитражӣ ба таҷрибаи баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати ҶТ ва дигар давлатҳо таҳлил карда мешаванд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ–таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Назария ва амалияи ба танзимдарории ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқот баррасии институти созишномаи арбитражӣ, ҳадди он, муайян кардани унсурҳои ҳатмӣ ва таъсири он ба эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ мебошад. Ҳамчунин, муайян намудани проблемаҳои назариявию амалии созишномаи арбитражӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории ҶТ.

---

[28] Ниг.: Richard H. Kreindler. The Influence of the ICC Rules, UNCITRAL Rules and UNCITRAL Model Law in Addressing Procedural Pitfalls at the Commencement Stage of an International Arbitration / Kreindler H. Richard // Anternational Business Law Journal. – 1997. – No. 1. – C. 117-121; Richard H. Kreindler. Enforcement of Foreign Arbitral Awards, particularly in the context of 1958 U.N. (New York) Convention: Presentation. Study of new mock case under the 1998 ICC rules of arbitration. – Paris, 2000. – 28 c.

[29] Ниг.: Поздняков В.С. Международный коммерческий арбитраж в Российской Федерации. – М.: Международный центр финансово-экономического развития, 1996. – 79 с.

[30] Ниг.: Розенберг М.Г. Практика международного коммерческого арбитражного суда. – М.: Статут, 1997. – 287 с.; Розенберг М.Г. Контракт международной купли-продажи. Современная практика заключения. Разрешение споров. – М: Книжный мир, 1998. – 824 с.; Розенберг М.Г. Международный договор и иностранное право. – М: Статут, 1998. – 212 с.

[31] Ниг.: Романенков Н.С. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации: Тез. докл. Конференция «Новое в арбитражном законодательстве, регламентах и практике в Москве и Стокгольме». – М, 2000. – 10 с.

[32] Ниг.: Светланов А. Коллизионное регулирование в сфере внешнеэкономической деятельности // Закон. – 1998. – №7.– С. 18-23.

[33] Ниг.: Сеглин Б. Арбитражная оговорка // Хозяйство и право. – 1995. – №2. – С. 116-120.

[34] Ниг.: Simon Chalton. Internet and electronic traiding // International Business Lawyer. – April 1997. – Vol. 26. – No. 4. – C. 150-153.

[35] Ниг.: Stuart Dutson. Breach of an Arbitration or Exclusive Jurisdiction Clause: The Legal Remedies if it Continues / Dutson Stuart // Arbitration International. – 2000. – Vol. 16. – No. 1. – C. 89-100.

[36] Ниг.: Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UNCITRAL Model Law a V Iranienne / Gharavi G. Hamid // Arbitration International. – 1999. – Vol. 15. – No. 1. – C. 85-96.

[37] Ниг.: Хлестова И.О. Типовой закон о международном торговом арбитраже и российский Закон о международном коммерческом арбитраже: общее и особенное // Российский права. – 2011. – №6. – С. 78-88.

[38] Ниг.: Ларе Эдлунд, Кристер Содерлунд. Как составить арбитражное соглашение? // Хозяйство и право. – 1999. – №4. – С. 117-124.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Бо дарназардошти мақсадҳои зикршуда дар таҳқиқот вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

- муайян кардани мафҳум ва ҳадди созишномаи арбитражӣ;
- мушаххас кардани унсурҳои ҳатмӣ ва иловагии созишномаи арбитражӣ;
- ошкор кардани шартҳои эътибornокии созишномаи арбитражӣ;
- муайян кардани асосҳои моддӣ ва расмии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ;
- омӯзиш ва таҳлили институти созишномаи арбитражӣ дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж;
- муайян кардани нақши созишномаи арбитражӣ дар фаъолияти судҳои иқтисодӣ ҳангоми эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражи байналмилалӣ;
- пешниҳоди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузории ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба табиати ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ ва моҳияти он мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқот омӯзиш ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии моҳияти ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ ва қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо дар ин самт мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ чандин марҳила иборат аст, аз ҷумла: 1) давраи қабули Конститутсияи ҶТ, Қонуни конститутсионии ҶТ аз 3 ноябри соли 1995 «Дар бораи судҳои иқтисодии ҶТ» ва Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999, (1994–2000); 2) давраи қабули Қонуни конститутсионии ҶТ аз 06.08.2001 «Дар бораи судҳои ҶТ», Қонуни ҶТ аз 05.01.2008 «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», Кодекси мурофиавии граждании ҶТ аз 05.01.2008 (2000–2011), 3) давраи воридшавии ҶТ ба СУС, тасвиби Конвенсияи Ню–Йорк аз 10 июни соли 1958 «Дар бораи эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражҳои хориҷӣ», қабули Қонуни ҶТ аз 18 марти соли 2015 «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ва таъсиси АБТТ аз 8 августи соли 2015 ва дигар санадҳои АБТТ (2012 то имрӯз).

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро асарҳои илмии олимон ва ҳуқуқшиносони ватаниву хориҷӣ ташкил медиҳанд. Дар рисола аз пажӯҳишҳои олимони ҳуқуқшиноси ватаниву хориҷӣ, аз қабили А.П. Белов, М.И. Брагинский, И.Х. Бобоҷонзода, М.М. Богуславский, Н.Г. Вилкова, В.В. Витрянский, Ш.Қ. Ғаюров, В.А. Кабатов, С.Н. Лебедев, Ф.А. Маҳмадшоев, М.А. Маҳмудзода, Ш.М. Менглиев, А.И. Минаков, В.С. Поздняков, М.З. Раҳимзода, М.Г. Розенберг, Б.С. Сеглин, А.Г. Светланов, Н. Фозилов, И.О. Хлестова, Н. Шонасридинов ва дигарон истифода шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии рисоларо усулҳои умумииилмӣ ва махсус, аз қабили таҳлили диалектикӣ, систематикӣ, муқоиса ва шабоҳат, шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихию ҳуқуқӣ, мантиқӣ, эмпирикӣ ташкил медиҳанд.

Бо ёрии усули меъёрию расмӣ-мантиқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мақсади омӯзиш, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон ва дигар давлатҳо, назария ва амалияи баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ ошкор карда мешаванд.

Аз назари усули диалектикии ҷаҳонбинӣ мафҳуми институти созишномаи арбитражӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ муайян карда шуда, унсурҳои созишномаи арбитражӣ ва ҳадди амали он ҳангоми баррасии баҳсҳо дар арбитраж возеҳ карда мешавад. Ҳамчунин, робитаи байни эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ ва созишномаи арбитражӣ низ ошкор карда мешаванд.

Усули таърихӣ ва ҳуқуқӣ имкон додаанд, ки пайдоиш ва ташаккули созишномаи арбитражӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди қонунгузорӣ дар бораи арбитражи байналмилалӣ омӯхта шаванд. Барои ба даст овардани натиҷаҳои ниҳоӣ таҳлили таърихии мавзуъ, қонунҳои мантиқӣ, инчунин усулҳои махсуси таҳқиқот истифода шудаанд.

Дар асоси усули расмӣ-ҳуқуқӣ созишномаи арбитражӣ ҳамчун падидаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ шуда, мафҳум ва хусусиятҳои он муайян карда мешаванд. Ҳамчунин, тавассути усули расмӣ-ҳуқуқӣ

таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, ҳамзамон назарияҳои мавҷуда оид ба созишномаи арбитражӣ амалӣ карда шуданд.

Усулҳои зикргардида дар маҷмуъ имкон доданд, ки мавзуъ мавриди омӯзиш ҳамаҷониба, пурра ва объективӣ таҳқиқ гардида, роҳи ҳалли вазифаҳо муайян шаванд.

**Заминаҳои эмпирикӣ**. Дар таҳқиқот Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, Конвенсияи Ню-Йорк дар бораи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражҳои хориҷӣ, Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ соли 1985, Қоидаҳои арбитражии ЮНСИТРАЛ соли 1976 ва дигар конвенсияҳои байналмилалӣ, Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ ва дигар давлатҳо истифода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори аввал дар он доктринаи ҳуқуқии мақоми созишномаи арбитражӣ ва ҳадди амали он ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитраж дида мешавад.

Хусусияти фарққунандаи таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки дар он бори аввал проблемаҳои мубрами институти созишномаи арбитражӣ аз нуқтаи назари қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ баррасӣ шудаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ муқаррароти қонунгузорӣ ва нақши таъсири созишномаи арбитражӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таҳлил гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя мулоҳизаҳои илмии зерин пешниҳод карда мешаванд, ки навгонии илмии тадқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Асоснок карда шудааст, ки созишномаи арбитражӣ ягона асоси ҳуқуқии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ мебошад. Бе созишномаи арбитражӣ парвандаи арбитражӣ кушода намешавад ва мурофиаи арбитражӣ низ гузаронида намешавад. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитраж низ ба созишномаи арбитражӣ алоқамандии зич дорад.

2. Муайян карда шудааст, ки унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ дорои аломатҳои зерин мебошанд:

1). Унсурҳои ҳатмӣ: интихоби институти арбитражӣ ё мурочиат ба дастури он; чойи арбитраж; шумораи арбитрҳо; ҳуқуқи татбиқшаванда; қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ.

2). Унсурҳои иловагӣ: тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо; таъмини махфияти муҳокима; в) муҳлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра.

3. Хулоса карда мешавад, ки талаботи забони арбитраж яке аз масъалаҳои асосии созишнома ва мурофиаи арбитражӣ мебошад. Дар ҳолатҳое, ки тарафҳо дар муқаррароти созишномаи арбитражӣ унсури забони арбитражиро пешбинӣ накарда бошанд, забони арбитраж аз чониби ҳайати арбитраж бо салоҳдиди худ ё тибқи муқаррароти дастури арбитраж муайян карда мешавад. Дар ин маврид, чунин муқаррарот дар арбитраж ба манфиати тарафҳо нест ва метавонад мушкилоти номуайянеро ба вучуд орад (даъвати тарчумон, афзоиши харочоти арбитражӣ ва ғ.).

4. Қайд карда мешавад, ки чойи баргузории арбитраж ва чойи мачлиси он гуногун аст. Чойи арбитраж чойест, ки арбитраж чойгир аст ё суроғаи он тибқи дастури арбитраж муайян карда мешавад. Чойи баргузории мачлисҳои арбитражӣ (муҳокима) чойест, ки арбитраж баҳсро баррасӣ мекунад ва ин чой бо созиши тарафҳо ё арбитраж муқаррар карда мешавад. Пешниҳоди шикоят аз болои ҳалномаи арбитражӣ ва ичрои он аз дуруст муайян кардани маҳалли арбитраж вобаста аст. Яъне макони мачлиси арбитражӣ (муҳокима) аҳаммияти ҳуқуқӣ надошта, балки маҳалли чойгиршавии арбитраж аҳаммият дорад.

5. Таҳлили тачрибаи арбитражӣ нишон медиҳад, ки бино бар мурочиатҳои гуногун шумораи арбитрҳо ва тартиби таъйини онҳо аз чониби тарафҳо бояд ин масъаларо дар созишномаи арбитражӣ пешбинӣ намояд, зеро сарфи назар аз вазъияти норозигии тарафҳои мухолиф, ягона тараф аз ҳуқуқи интихоби арбитр маҳрум намекунад.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки аз сабаби ба вучуд омадани вазъи эпидемиологӣ дар чаҳон, аз қабили пандемияи COVID-19, чаласаҳои арбитрҳо оид ба моҳияти баҳс метавон ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ

тавассути истифодаи видеоконфронс анҷом дода шавад. Дар чунин ҳолатҳо, шартҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- розигии ҳайати арбитраж;
- иштироки арбитрҳо дар муҳокима ва омода намудани ҳалномаҳо;
- мавҷудияти воситаҳои техникии видеоконфронс;
- розигии тарафҳо оид ба истифодаи воситахои техникии видеоконфронс дар арбитраж;
- истифодаи тартиби "маҷозӣ" барои баргузории маҷлисҳо ва қабули ҳалномаҳо аз ҷониби тарафҳо ё арбитрҳо ба таври лозима сДар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ  шуда бошад;
- таъмини махфияти муҳокимаи арбитражӣ.

7. Тасдиқ карда мешавад, ки ҳуқуқи татбиқшаванда дар мазмуни созишномаи арбитражӣ қисми шартнома мебошад. Агар шартнома беэътибор дониста шавад ё баста нашуда бошад ё бекор карда шавад, тавзеҳоти арбитражӣ эътибори худро гум намекунад.

8. Пешниҳод карда мешавад, ки дар уҳдадорӣ ҳангоми тағйир ёфтани тарафҳои созишномаи арбитражӣ шахсон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: тағйир ёфтани тарафҳои шартнома; меросхӯр (меросхӯрҳо) ё ворисони ҳуқуқӣ; тағйири тарафҳо дар уҳдадориҳое, ки он аз ҷониби воҳиди алоҳидаи сохтории шахси ҳуқуқӣ кабул шудааст.

9. Таҳлил шудааст, ки қисми моддии эътиборнокии созишномаи арбитражӣ тарафҳоро аз рӯи омилҳои зерин тақсим карда мешаванд: Якум, мушкилоти марбут ба масъалаҳои ҳуқуқи шартномавӣ вуҷуд дорад. Худи созишномаи арбитражӣ низ шартнома буда, ба он принсипҳои умумии эътиборнокии шартномаҳо низ паҳн мегардад. Ин асосҳо дар созишномаи арбитражӣ муҳим мебошанд, ба шарте ки агар дар он унсури хориҷӣ мавҷуд бошад. Дуюм, асосҳои қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои созишномаи арбитражӣ, яъне «ҳуқуқи тобеятии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки бо ифодаи ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар, нуқси ирода (маҷбуркунӣ, гумроҳӣ, хатогӣ ва ғ.) алоқамананд. Сеюм, ин имкони баррасии баҳс ҳамчун субъекти

ба истилоҳ «салоҳияти воқеии арбитражӣ» мебошад.

Эътиборнокии расмии созишномаи арбитражӣ дар шакли бастани он ифода мешавад: хаттӣ ё электронӣ.

10. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар асоси созишномаи арбитражӣ, қонунгузории байналмилалӣ ва миллӣ судҳои иқтисодӣ ду вазифаро иҷро мекунанд: назоратӣ ва ёрирасон. Вазифаи назоратии судҳои иқтисодӣ аз он иборат аст, ки онҳо иҷрои ҳалномаи арбитражиро таъмин намуда, ҳуқуқ доранд ба баррасии парвандаҳои арбитражӣ дахолат кунанд. Чунин вазифаҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалӣ ё миллӣ ва таҷрибаи арбитражӣ пешбинӣ мекунанд. Вазифаи ёрирасонии судҳои иқтисодӣ аз расонидани кумак ба арбитраж дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои арбитражӣ иборат аст.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот як қатор тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузории ҶТ ва арбитраж пешниҳод кардааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асоси назариявиро доктринаҳои ҳуқуқӣ, андешаҳои олимону коршиносони ин соҳа ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи арбитраж низ бо мақсади муайян намудани таносуби амалияи арбитражӣ дар ҳалли баҳсҳо таҳлил карда шуданд.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқотро метавон барои такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти арбитраж дар Тоҷикистон истифода намуд. Маводи диссертатсияро ҳамчунин дар рафти таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, омода намудани воситаҳои таълимӣ ва тавсияҳои методӣ оид ба мавзуи таҳқиқот истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Таҳлили ҳамаҷонибаи аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои корро дар асоси ҷанбаҳои воқеъбинонаи созишномаи арбитражӣ, таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм қабулшуда, консепсияҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявӣ–амалии муаллиф, муқаррароти илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои

меъёрии ҳуқуқи байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар асоси созишномаи арбитражӣ муайян карда шуданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ, ки Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ кардааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи кори илмӣ бо сатҳи навигарии илмии рисола, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои муаллиф дар конфронсҳои илмию амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамчунин, тарзи навишт, баррасии масъалаҳо ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисола дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таҳия шудааст ва борҳо дар ҷаласаҳои ин шуъба мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Муқаррароти асосии таҳқиқот дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои зерини байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи III-юми байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи иқтисодӣ ва амнияти иттилоотӣ». Маъруза дар мавзуи «Нақши судҳои иқтисодӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ» (Душанбе, 28 апрели соли 2023);

– Конференсияи II-юми илми-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик. Маъруза дар мавзуи «Мурофиаи шартномавӣ: проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ» (Душанбе 29 апрели соли 2023).

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 25-умин

солгарди Ваҳдати миллӣ дар мавзуи «Самаранокии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ». Маъруза дар мавзуи «Базе аз масъалаҳои назариявии татбиқӣ қонунгузори дар фаъолияти судии арбитражӣ ва итсодӣ» (Душанбе, 14 июни соли 2022);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – марҳалаи эҳёи давлатдории миллӣ». – Маъруза дар мавзуи «Нақши иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ба вуҷуд омадани институтҳои нави ҳуқуқӣ» (Душанбе, 18 октябри соли 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Доир ба мавзуи рисола ва моҳияти он муаллиф 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тақризшаванда ва 2 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 220 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ ВА УНСУРҲОИ СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ

## 1.1. Табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ

Созишномаи арбитражӣ бо табиати ҳуқуқии худ шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки нисбат ба шартномаи асосӣ хусусияти мустақилӣ дорад. Мухторияти созишномаи арбитражӣ ва ҷудоии он аз шартномаи асосӣ онро дар назар дорад, ки эътиборнокии созишномаи арбитражӣ аз шартномаи асосӣ вобастагӣ надорад[39]. Табиати маданӣ-ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ татбиқи қоидаҳоеро, ки нисбат ба субъектон дар бораи талабот оид ба эътиборнокии аҳдҳо ва ғайра, пешниҳод карда мешавад, муайян менамояд. Ақидаи муқобилро оид ба ин масъала Скворцсов О.Ю. баён намудааст, ки тибқи он созишномаи арбитражӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро ба вуҷуд намеорад, тағйир намедиҳад ё қатъ намегардонад. Ба андешаи ӯ созишномаи арбитражӣ ҳамчун далели ҳуқуқӣ барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои мурофиавӣ замина ба вуҷуд меорад, ки бо хусусияти гуногунҷабҳаи худ, «қисми аз онҳо табиати хусусӣ-ҳуқуқӣ, қисми дигараш бошад дар соҳаи муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.»[40].

Профессор Менглиев Ш.М. ба ин ақида розӣ нашуда, қайд менамояд, ки тасдиқи қатъӣ хеле шубҳанок мебошад, чунки созишномаи арбитражӣ аз ин аломатҳо иборат мебошад: 1. созишнома байни субъектони баробари ҳуқуқӣ; 2. иродаи тарафҳоро оид ба додани баҳси бавуҷудомада ё баҳси дар оянда бавуҷудоянда ба муҳокимаи арбитражиро ифода менамояд; 3. ҳамаи шартҳои асосӣ муҳокимаи арбитражиро худи субъектони шартнома муайян мекунад. Агар дар ин ҷо усусли ҳуқуқи мурофиавиро, ки мумукин аст дар доираи хеле маҳдуд истифода карда мешавад, ба назар гирифт, пас дар бораи хусусияти маданӣ-ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ, шубҳа боқӣ намемонад[41].

---

[39] Ниг.: Брунцева Е.В. Муждународный коммерческий арбитраж. – СПб., 2001. – С. 175.

[40] Ниг.: Скворцов О.Ю. Проблемы третейского разбитрательства предпринимательских споров в России: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – СПб., 2006. – С. 33.

[41] Ниг.: Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешноэкономических споров. – Душанбе: “Эҷод”, 2009. – С. 159.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, ки “имконияти иштирокдорони мушаххаси муносибатҳои ҳуқуқӣ мустақилона, новобаста аз давлат, ташкил кардани мақоми судӣ, ки баҳси байни онҳо бавуҷудомардаро баррсӣ менамояд, танҳо дар муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ имконпазир аст ва табиати ҳуқуқии махсуси онҳоро ҳамчун муносибати ҳуқуқии баробари соҳибмулкони молумулки хусусӣ пешакӣ муайян менамояд, ки робитаи худро дар асосӣ ташаббус ва диспозитивӣ ба ихтиёрдории ҳуқуқҳои ба онҳо тааллуқдошта сохта шудааст”[42].

Бино бар ин, асосҳо ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти мазкур мо ба аҳамияти маданӣ-ҳуқуқии танзими созишномаи арбитражӣ такя менамоем. Ин пеш аз ҳама онро дар назар дорад, ки қобилияти ҳуқуқдории тарафҳо, ки созишномаи арбитражиро мебанданд, аҳаммият дорад. Дар аҳдҳои иқтисодии бурунмарзӣ чун қоида, иштирокдоронаш субъектҳое мебошанд, ки ба давлатҳои гуногун тааллуқ доранд, ки дар асоси он қобилияти ҳуқуқии онҳо муайян карда мешавад. Аз ҷумла, тибқи қисми 1 моддаи 1315 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни шахсии шахси воқеӣ ҳуқуқи кишваре мебошад, ки ин шахс шаҳрвандии онро дорад. Ҳангоми доштани ду ва ё зиёда шаҳрвандӣ, қонуни шахсӣ ҳуқуқи ҳамон кишвар ҳисобида мешавад, ки шахс дар он бештар зиндагӣ мекунад. Агар шахс шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлати хориҷиро дошта бошад, қонуни шахсии ӯ ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Қисми 3, 4, 5 моддаи 1316 КМ ҶТ Қобилияти амалкунии мадании шахси воқеӣ нисбати аҳд ва уҳдадориҳо, ки вобаста ба расондани зарар ба миён омадаанд, тибқи ҳуқуқи кишвари маҳалли анҷоми аҳд ё ба миён омадани уҳдадориҳо вобаста ба расондани зарар муайян карда мешавад. Қобилияти шахси воқеӣ оид ба соҳибкори инфиродӣ будан ва доштани ҳуқуқу уҳдадориҳои вобаста ба он тибқи ҳуқуқи кишваре муайян мегардад, ки шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми мавҷуд набудани кишвари бақайдгиранда ҳуқуқи кишвари ҷойи асосии амалисозии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ

[42] Ниг.: Суханов Е.А. Третейские суды в системе торгово-промышленных палат: состояние дел и перспективы развития // Хозяйство и право. – 2003. – №3. – С. 73.

татбиқ мегардад. Шахси воқеие, ки тибқи қонуни шахсии худ дорои қобилияти амалкунии маданӣ намебошад, агар ӯ дар ҷойи анҷом додани аҳд дорои қобилияти амалкунӣ бошад, ҳуқуқ надорад бо надоштани қобилияти амалкунии худ истинод кунад, ба истисноӣ ҳолати исботи он, ки тарафи дигар дар хусуси надоштани қобилияти амалкунӣ медонист ё баръало мебоист донад. Ғайриқобили амал ё дорои қобилияти маҳдуди амалкунӣ эътироф намудани шахси воқеӣ дар Тоҷикистон ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ аст[43]. Қобилияти ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ бошад дар асоси меъёрҳои коллизионии ҷойи таъсиси онҳо муайян карда мешавад. Мутобиқи моддаи 1321 ва моддаи 1322 КМ ҶТ Қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқи кишваре ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо шахси ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии мадании шахси ҳуқуқӣ бо қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Шахси ҳуқуқии хориҷӣ наметавонад ба маҳдудияти ваколатҳои мақомот ё намояндаи он барои анҷом додани аҳдҳое, ки ба ҳуқуқи кишваре, ки дар он мақомот ё намояндаи шахси ҳуқуқии хориҷӣ аҳдро анҷом додааст, номаълум мебошанд, истинод орад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии мадании ташкилоти хориҷӣ, ки тибқи ҳуқуқи хориҷӣ шахси ҳуқуқӣ намебошад, бо ҳуқуқи кишваре, ки ин ташкилот таъсис ёфтааст, муайян карда мешавад. Ба фаъолияти ҳамин гуна ташкилот, агар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда бошад, меъёрҳои ҳамин Кодекс, ки фаъолияти шахси ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратибударо ба танзим меоранд, татбиқ карда мешавад, агар аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё моҳияти уҳдадорӣ тартиби дигар барнаояд[44].

Ҳамин тавр, созишномаи арбитражӣ бояд ба ҳамин қонун мувофиқат намояд, яъне ифодаи иродаи тарафҳо, ки аҳдро бастаанд, бояд ба ифодаи зоҳирӣ мувофиқат намояд, дар шакли хаттӣ баста шавад, ба талаботи санадҳои қонунгузорӣ ҷойи баста шудани созишнома мувофиқат кунад. Ба таври дигар, бе асоси созишномаи арбитражӣ иродаи мувофиқашудаи

[43] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023. – С. 442-443.
[44] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023. – С. 444.

тарафҳо бе ягон каму кос ҷой дода мешавад[45].

Табиати ҳуқуқӣ ва мафҳуми созишномаи арбитражӣ, ки дар асоси Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ қабул гардидааст, ҳам дар матни конвенсияҳои байналмилалӣ ва ҳам қонунгузории миллӣ, аз ҷумла (моддаҳои 2 ва 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи ДАР БОРАИ АРБИТРАЖИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТИҶОРАТӢ »[46], моддаи 7 (1) Қонуни дар бораи арбитражи Ҳонгконг дар нашри соли 1996[47]) дида мешавад. Ин санадҳои қонунгузорӣ созишномаи арбитражиро ҳамчун созишномаи тарафҳо дар бораи ба арбитраж додани ҳамаи баҳсҳо ва ё баҳсҳои мушаххас муайян мекунанд, ки дар робита бо дилхоҳ муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ байни тарафҳо ба вуҷуд омадаанд ва ё ба вуҷуд омада метавонанд, новобаста аз он, ки онҳо хусусияти шартномавӣ доштанд ва ё не. Аз ҷумла, дар қисми 2 моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» омадааст, ки ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бо созиши тарафҳо мумкин аст баҳсҳои аз муносибатҳои шартномавӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ, ки ҳангоми амалисозии савдои хориҷӣ ва дигар робитаҳои байналмилалии иқтисодӣ байни субъектони онҳо ба миён меоянд, супорида шаванд, ба шарте ки яке аз ташкилотҳои тиҷоратии тарафҳо берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ бошад. Аз ин муқаррароти меъёри қонун бармеояд, ки созишномаи арбитражӣ табиати маданӣ ҳуқуқӣ дошта, танҳо дар асоси иродаи мустақили тарафҳо барои ба арбитраж додани баҳс, баста мешавад.

Ҳамчунин, дар сархати панҷуми моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» омадааст, ки созишномаи арбитражӣ – созишномаи хаттии тарафҳои шартнома оид ба вогузории баҳси бавуҷудомада ё бавуҷудоянда мебошад, ки дар шакли шартнома, тавзеҳоти

---

[45] Ниг.: Траспова Р.А. Международный коммерческий арбитраж: пределы осуществления гражданских прав и проблемы исполнения арбитражного соглошения // Арбитражная практика. – 2002. – С. 65; Ерпылеева Н.Ю. Международный коммерческий арбитраж в международном частном праве: пролемы и переспективы современного развития // Право и политика. – 2004. – №4. – С. 18.

[46] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 майи соли 2015, таҳти №1183 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3, мод. 205.

[47] Иқтибос аз: Robert Morgan. Hong Kong Arbitration in Transition: The Arbitration (Amendment) Ordinance 1996, Part III International Arbitration Law Review. December – 1997. – Vol. 1, Issue 1. – C. 27-28.

арбитражӣ дар шартнома, ё тавассути мубодилаи мактубҳо, барқияҳо, факсҳо, ҳуҷҷатҳои электронӣ ё дигар ҳуҷҷатҳои ифодакунандаи иродаи субъектҳо ва мазмуни он баста мешавад. Аз мафҳуми додашудаи қонун бармеояд, ки созишномаи арбитражӣ асоси муҳокимаи арбитражии баҳсҳои гуногун мебошад, ки дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ ба вуҷуд меояд. Қонун ба тарафҳо имконияти васеи муҳокимаи арбитражии баҳсҳо дар ҳудуди давлати худ ва ё берун аз онро пешниҳод менамояд, ки дар он тарафҳо метавонанд намуди арбитраж ва расмиёти муҳокимаро муайян намоянд. Мавзуи чунин созишнома метавонад ҳам баҳсҳои бавуҷудомада ва ё дар оянда бавуҷудоянда бошад[48].

Конвенсияи Ню-Йорк мафҳуми созишномаи арбитражиро бо тавзеҳот маҳдуд намуда, муқаррар менамояд, ки объекти муносибати ҳуқуқии баҳсӣ дар умум метавонад мавзуи мурофиаи арбитражӣ бошад. (моддаи II (1)). Баъзан танҳо баҳсҳое, ки тарафҳо ҳуқуқ доранд бо роҳи мусолиҳаомез ҳал намоянд, ба муҳокимаи арбитражӣ мансуб мебошанд (Белгия, Австрия). Қоидаҳо оид ба ҳалли алтернативии баҳсҳо дар ИМА (СФА)[49] (моддаи 2) калимаи «баҳсҳо»-ро ба калимаи «ихтилофҳо», ки метавонанд аз шартнома ва ё аҳд, инчунин аз даст кашидан аз иҷрои уҳдадориҳои онҳо ба миён оянд, иваз менамояд. Бо дар назардошти чунин ихтилофот, зарур аст, ки асосҳои баррасии баҳсҳо дар судҳои байналмилалии арбитражии тиҷоратӣ дар қонунгузорӣ, амалия ва доктринаи кишварҳои гуногун бо мақсади муайян намудани тафовутҳои мавҷуда дар мафҳуми созишномаи арбитражӣ таҳлил карда шаванд. Ин таҳлил аз рӯи чанд самт гузаронида мешавад.

Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ инчунин метавонад дигар баҳсҳоеро баррасӣ намояд, ки хусусияти иқтисодӣ дошта, бо созиши тарафҳо супоридани ҳалли баҳси ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ пешбинӣ гардида, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта бошад. Ҳангоми муроҷиат ба арбитражи байналмилаии тиҷоратӣ барои баррасии

[48] Ниг.: Комментарий к Закону Российской Федерации «О международном комменческом арбитраже»: постатейный. научно-практический / Под ред. А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. Мусина / сост. Г.В. Севастянов – СПб.: АНО “Редакция журнала “Третейский суд”, 2007. – С. 42.
[49] Ниг.: Midwest Alternative Dispute Resolution Guide. Chicago. 2000-2001 – С. 38-42.

баҳс "аҳаммияти аввалиндараҷаро дар чунин ҳолат созишномаи арбитражӣ доро мебошад, ки дар он шарикони тиҷоратӣ ҳангоми бастани шартнома (дар шартномаи тавзеҳоти арбитражӣ) баъди ба вуҷуд омадани баҳс тарафҳо ба созиш меоянд, ки ба арбитраж муроҷиат намоянд[50]. Муқаррароти қонунгузории миллӣ метавонад қоидаҳои айнӣ ва ё қоидаҳои дигари ҳалли баҳсҳо барои арбитражи тиҷоратии дохилӣ ва байналмилалиро пешбинӣ намояд. Қоидаҳои айнӣ барои арбитражи дохилӣ ва байналмилалӣ дар ИМА (ФАА), Қонуни Шветсия "Дар бораи арбитраж" аз соли 1999[51], Қонуни Ҷумҳурии Халқии Хитой "Дар бораи арбитраж" аз соли 1999[52] муайян гардидаанд. Ин аз он сабаб аст, ки дар хориҷи кишвар ба арбитражи дохилӣ баррасии арбитражӣ аз рӯи баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии бидуни унсури хориҷӣ ба миён меоянд, дар бар мегирад.

Падидаи арбитражи давлатӣ дар баъзе давлатҳо дида мешавад, ки табиати ҳуқуқӣ ва танзими қонунгузории арбитражи байналмилалӣ ва дохилидавлатии тиҷоратӣ[53] гуногун мебошад. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ – суди шартномавӣ мебошад, дар ҳоле ки арбитражи дохилидавлатӣ ба низоми судии давлатӣ дохил мешавад. Дар ҶТ баҳсҳои иқтисодиро судҳои давлатии иқтисодӣ баррасӣ мекунанд, ки он ба судҳои арбитражии давлатии дигар кишварҳо шабоҳат дорад[54].

Эътибори ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ аз иродаи давлат бармеояд, ки тартиби ғайрисудии муҳокимаи баҳсро иҷозат медиҳад, ки он дар созишномаҳои байналмилалӣ, ки давлат онро барои таъмини ғайрисудӣ бастааст, мушоҳида карда мешавад[55].

---

[50] Ниг.: Вилкова Н.Г. Актуальные вопросы прававого регулирования арбитражного соглашения в Российской Федерации. Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. и отв. ред. Грешников. – М.: Статут, 2018. – С. 17.
[51] Иқтибос аз: Hans Bagner. Arbitration in Sweden IILCIA Newsletter. –1999. – Vol. 4, No 2. – С. 8.
[52] Иқтибос аз: Asian Region: New Developments // LCIA News. 2000. Vol.5, Issue 2. – С. 15.
[53] Professor Dr. I.S. Zykin. Commercial Arbitration in the CIS II International Arbitration Law Review. December –1997. Vol.1, Issue 1. – С. 3.
[54] Ниг.: Раҳимов М.З., Табаров Н.А. Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри дуввум). – Душанбе: "Эр-граф", 2013. – С. 6-7.
[55] Ниг.: Вилкова Н.Г. Актуальные вопросы прававого регулирования арбитражного соглашения в Российской Федерации. Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. и отв. ред. Грешников. – М.: Статут, 2018. – С. 18.

«Созишномаи арбитражӣ басташуда, - менависад Котелников А.Г., - ду ҷанба дорад. Аз як тараф, он дар сурати ба вуҷуд омадани баҳс ҷонибҳоро муваззаф месозад, то амалҳои муайянеро анҷом диҳанд, яъне ҷиҳати баррасии баҳс ба суди арбитражӣ муроҷиат намоянд, аз дигар тараф, онҳоро муваззаф месозад то аз анҷом додани амалҳои муайян худдорӣ намоянд, яъне ҷиҳати баррасии баҳс ба суди давлатӣ муроҷиат нанамоянд»[56].

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани заминаи ҳуқуқии баррасии баҳсҳо тибқи қонунгузории ин ё он давлат, зарурати мушаххас кардани мансубияти баҳси алоҳида ба салоҳияти арбитражи давлатӣ ё байналмилалӣ дида мешавад.

Дар истилоҳи арбитражи «байналмилалӣ» дар қонунгузории кишварҳои гуногун тафовути ҷиддӣ мавҷуд аст. Ҳамин тавр, Конвенсияи Женева ба мурофиаи арбитражи байналмилалӣ баҳсеро мансуб медонад, ки тарафҳои он (шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ) дар вақти бастани созишномаи арбитражӣ дар ҳудуди давлатҳои гуногуни аҳдкунанда истиқомат ва ё будубоши доимӣ доштанд (моддаи 1.1). Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ (моддаи 1 (3) хусусиятҳои зеринро муайян мекунад: 1) тарафҳои созишномаи арбитражӣ ҳангоми бастани он дар кишварҳои гуногун корхонаҳои тиҷоратӣ доштанд; 2) маҳалли баргузории арбитраж тибқи созишномаи арбитражӣ, ҷои иҷрои уҳдадориҳои муҳимми муносибатҳои ҳуқуқӣ ва ё ҷое, ки мавзуи баҳс бо он бештар алоқамандӣ дорад, берун аз давлате мебошад, ки тарафҳо дар ҳудуди он корхонаҳои тиҷоратӣ доранд; 3) тарафҳо ба таври махсус муқаррар кардаанд, ки мавзуи созишномаи арбитражӣ бо зиёда аз як кишвар алоқамандӣ дорад[57].

Вобаста ба хусусияти якуми мансуб донистани баррасии баҳс дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ Менглиев Ш.М. ибрози андеша намуда

---

[56] Ниг.: Котелников А.Г. Негативные последствия заключения арбитражного соглашения //Арбитражный и гражданский процесс. – 2004. – №8. – С. 39.

[57] Муфассалтар ниг.: Типовой закон ЮНСИТРАЛ о международном торговом арбитраже 1985 г. (с изм., принятыми в 2006 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/m larb/07-87000_Ebook.pdf (санаи муроҷиат: 09.05.2022). Котельников А.Г. Правовая природа арбитражного соглашения и последствия его заключения: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2008. – С. 13, 16-17.

қайд менамояд, ки “баҳсҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ҶТ ва кишварҳои хориҷиро инҳо салоҳияти ҳал намудан доранд – Суди иқтисодии ҶТ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ”. Ҳамчунин мавсуф қайд менамояд, ки Суди иқтисодии ҶТ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ салоҳияти баррасии парвандаҳоро бо иштироки хориҷиён дар чунин мавридҳо доро мебошад:

1. Агар ҷавобгар ва шаҳрванд дар қаламрави ҶТ ҷои истиқомати доимӣ дошта бошанд;

2. Агар ҷавобгар дар қаламрави ҶТ амвол дошта бошад;

3. Агар филиал ё намояндагии шахси хориҷӣ дар ҶТ воқеъ гардида бошад;

4. Агар даъво аз шартномае ба миён ояд, ки аз рӯи он иҷро дар қаламрави ҶТ бояд сурат гирад ё сурат гирифта бошад;

5. Агар аз рӯи парванда дар бораи ҷуброни зарар, амал ва дигар ҳолатҳои дар қаламрави ҶТ ҷой дошта бошад;

6. Агар даъво аз дорошавии беасос, ки дар қаламрави ҶТ ҷой доштааст, ба миён омада бошад;

7. Агар ҳимояи шараф, эътибор ва обрӯи кории даъвогар дар қаламрави ҶТ бошад[58].

Доир ба хусусияти дуюми баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилилии тиҷоратӣ Фозилов Н. якчанд ақида пешниҳод намудааст. Ӯ низ хусусияти дуюми баррасии баҳсҳоро дар арбитраж ба маҳалли баргузории арбитраж, ҷои иҷрои уҳдадориҳои ва ё ҷое, ки мавзуи баҳс бо он бештар алоқамандӣ дорад, мансуб медонад. Чи тавре ки ӯ қайд менамояд, “... аз сабаби он, ки арбитражи байналмилалии тиҷоратии доимамалкунанда шахси ҳуқуқӣ мебошад, ҷойи исти он ҷое, ки арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ аз сабти давлатӣ гузаштааст, маҳсуб меёбад. Ҷойи мурофиа дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бошад, метавонад бо ҷойи исти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ айният надошта бошад. Тибқи қонун,

[58] Ниг.: Менглиев Ш.М. Субъектҳои баррасии арбитражии баҳсҳои байналмилалии тиҷоратӣ. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З. Душанбе, «Деваштич», 2007. – С. 49.

ҳангоми ба тариқи ихтиёрӣ иҷро нашудани ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ тарафи ба фоидаи ӯ ҳалномаи арбитражӣ қабулшуда барои гирифтани варақаи иҷро, ҷиҳати маҷбурӣ иҷро намудани ин ҳалнома аз ҷониби иҷрочиёни судӣ бояд ба суди иқтисодие муроҷиат намояд, ки дар ҳудуди амали он маҷлиси арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ сурат гирифтааст”[59].

Ҳусусияти сеюми баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилилии тиҷоратӣ аз ҷониби тарафҳо дар созишномаи арбитражӣ мавзуи баҳс зикр карда мешавад, ки он ба зиёда аз як давлат алоқамандӣ дорад. Масъалаи мазкур маънои онро дорад, ки яке аз тарафҳои баҳс аз хориҷи кишвар мебошад ё мавзуи баҳс давлатҳои гуногунро фаро мегирад ва ё шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ дар давлатҳои гуногун ба расмият дароварда шудааст. Яъне тарафҳо метавонанд дар созишномаи арбитражӣ унсури хориҷӣ доштани муносибати маданӣ-ҳуқуқиро муқаррар намоянд.

Мата О.В. қайд менамояд, ки бо вуҷуди дар асоси қонуни намунавӣ қабул гардидани қонунҳои миллӣ, дар онҳо имкони ба таври гуногун муайян кардани мафҳуми арбитражи байналмилалӣ ҷой дорад[60]. Аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» муқаррароти бандҳои 2 ва 3 Қонуни намунавиро сарфи назар намуда, ба ҷойгиршавии корхонаҳои тиҷоратии тарафҳо дар хориҷи кишвар бештар таваҷҷуҳ карда, ба баҳсҳои шахсони ҳуқуқии дар ҳудуди ин давлатҳо таъсисгардида унсури хориҷӣ илова менамояд. Дар тафовут аз Қонуни намунавӣ, Қонуни арбитражии Нигерия бошад (моддаи 57 (2))[61] талаботҳои иловагиро барои муайян кардани арбитражи байналмилалӣ пешбинӣ намудааст. Ба ин гуна талабот созишномаи бевоситаи тарафҳо дар бораи он, ки новобаста аз табиати қарордод, ҳамаи баҳсҳои аз аҳдҳои тиҷоратии онҳо пайдошаванда бояд ҳамчун баҳсҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баррасӣ карда шаванд,

---

[59] Ниг.: Фозилов Н. Тартиби баррасии парвандаҳо дар Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З. – Душанбе, «Деваштич», 2007. – С. 69.

[60] Ниг.: Мата О.В. Арбитражное соглашение и разрешение споров в международных коммерческих арбитражных судах: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 17.

[61] Иқтибос аз: Godwin Odumu Obla ACI Arb.Practical Problems in Arbitration under Nigerian Law // Arbitration and ADR. September – 1997. – Vol. 2, No. 2. – С. 17.

дохил мегардад[62]. Аммо мафҳуми аз ҳама васеъ паҳнгардида, ба назари мо, дар КМГ Фаронса (моддаи 1492) мушоҳида мешавад: арбитраж дар он ҳолат байналмилалӣ ҳисобида мешавад, ки дар он манфиатҳои байналмилалии тиҷоратӣ инъикос гардида бошанд[63].

Ҳамзамон Судҳои ҳакамӣ танҳо ҳуқуқи баррасӣ намудани баҳсҳои байни шаҳрвандонро доштанд (Моддаи 1-и Низомнома). Албатта, ҳуҷҷати мазкури меъёрӣ ба баррасии баҳсҳои иқтисодӣ оид ба аҳдҳои иқтисоди берунӣ ҳеҷ гуна муносибат надошт. Ҳамзамон, бояд дар назар дошт, ки қонунгузории граждании ва соҳибкорӣ ибораи «Судҳои ҳакамӣ»-ро бо маънои то як дараҷа васеъ истифода менамояд. Судҳои ҳакамӣ на танҳо баҳсҳои байни шаҳрвандон ва байни шахсони ҳуқуқиро, балки баҳсҳоеро, ки дар онҳо хориҷиён низ иштирок менамоянд, метавонанд баррасӣ кунанд. Бояд қайд намоем, ки баъди пошхӯрии ИҶШС ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 вазъият ба таври куллӣ тағйир ёфт. Арбитражи давлатӣ ҳамчун мақомоти судии давлатии мустақил ба Суди иқтисодӣ табдил дода шуд. Нисбат ба Судҳои давлатӣ калимаи «арбитраж» дигар истифода бурда намешавад. Акнун Судҳои арбитражӣ (ҳакамӣ) мақомот оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодие мебошанд, ки тарафҳо интихоб намудаанд. Мавриди зикр аст, ки «Судҳои ҳакамӣ» ва «Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ҳаммаъно буда, онҳоро сифати ягонаи умумии бо ҳам хос ба ҳамдигар наздик месозад. Ин ҳам бошад, мақомоти мустақили аз давлат новобастаи ҳалли баҳсҳое, ки иштирокчиёни баҳс интихоб менамоянд. Фарқ танҳо дар он аст, ки суди ҳакамӣ баҳсҳои байни ташкилотҳои хоҷагиро дар дохили кишвар ва Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бо иштироки ташкилот ва ширкатҳои хориҷӣ ҳал менамояд. Дар айни ҳол нақши суди ҳакамӣ ва Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ муқобилият ба суди давдатӣ

[62] Эзоҳ: Қонуни арбитражи байналмилалии тиҷоратии Эрон аз соли 1997, ки дар асоси Қонуни Намунавӣ таҳия гардидааст, ба таври ҷиддӣ мафҳуми арбитражи байналмилалиро маҳдуд менамояд. Тибқи моддаи 1 (Ь) Қонуни мазкур арбитраж дар он ҳолат байналмилалӣ эътироф мегардад, ки яке аз тарафҳо дар вақти бастани созишномаи арбитражӣ тибқи қонуни Эрон шаҳрвандии ин кишварро надошта бошад. Иқтибос аз: Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UNCITRAL Model Law a riranienne // Arbitration International. – 1999. – Vol. 15. – No. 1.– C. 90.

[63] Ниг.: Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UNCITRAL Model Law a Г Iranienne. – C. 90.

набуда, балки дар пешниҳоди тарзи нави ҳалли баҳс ифода меёбад. Ҳамзамон, дар назар доштан нодуруст аст, ки мақсади ташкили институти суди арбитражӣ (ҳакамӣ) ташкили низоми нави ҳуқуқӣ мебошад. Баръакс, фаъолияти судҳои ҳакамӣ ва Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ оид ба баррасии баҳсҳои иқтисодӣ дар қатори фаъолияти низоми судии давлатӣ мусоидат намудан ба бунёди ҷомеаи демократӣ ва рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[64].

Талаботи маъмулии мансуб донистани баҳс ба салоҳияти арбитражи байналмилалӣ ҳолати дар ҳудуди кишварҳои мухталиф ҷойгир будани корхонаҳои тиҷоратии тарафҳо ба ҳисоб меравад. Аммо, бино бар сабаби афзоиши аҳдҳое, ки тавассути Интернет баста мешаванд[65], мо тадриҷан коҳиш ёфтани аҳамияти ин талаботро пешбинӣ мекунем, зеро он дар фазои виртуалӣ (маҷозӣ) ҳудуд вуҷуд надорад[66]. Муайян кардани мансубияти шаҳрвандии ширкатҳое, ки номашон бо «.com» ва «.net» тамом мешавад, душвор аст. Ҳамчунин мушаххас кардани ҳолати убури сарҳадди ягон давлат, масалан, ҳангоми хариди барномаҳои компютерӣ тавассути Интернет осон наменамояд. Агар чунин барномаҳо тавассути почта фиристода нашуда, харидор онҳоро бевосита аз сервери фурӯшанда боргирӣ кунад, ҳаракати онҳо на дар фазои ҷисмонӣ, балки дар фазои маҷозӣ сурат мегирад. Набудани сарҳадҳои миллӣ дар тиҷорати виртуалӣ аз зарурати муқаррар намудани талаботи дигар ҷиҳати муайян кардани мафҳуми арбитражи байналмилалӣ дар юрисдиксияҳои гуногун гувоҳӣ медиҳад. Ба андешаи мо, чунин талабот, ки ба шароити фаъолияти савдои виртуалӣ нисбатан объективона ҷавобгӯ мебошад, ҷои таъсисёбӣ (бақайдгирӣ)-и ширкат – тарафи баҳс ва ё шаҳрвандӣ/ҷои истиқомати шахси воқеӣ мебошад (моддаи 21

[64] Ниг.: Рахимов М.З. Проблемы правового обеспечения деятельности третейского суда и Международного коммерческого арбитража в Республики Таджикистан / Вестник Высшего экономического Суда Республики Таджикистан, 2006. – № 2. – С. 179-180.

[65] Мисол гардиши мол дар савдои интернетӣ 30 маротиба аз соли 1999 то соли 2002 зиёд шудааст. Ниг. Prof. H. van Houtte. The Convention of the International Sale of Goods (1980) - 20 years // Business Law International. September – 2000. – Issue4. – C. 357.

[66] Ниг.: Renaud Sorieul. The United Nations Convention on Contracts for the International Sale of Goods (CISG) as a set of uniform rules for electronic commerce // Business Law International. September – 2000. – Issue 4. – C.381.

КМ ҶТ)[67]. Ин метавонад барои ворид намудани тағйирот ба моддаи 1-и Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ », ки дар айни замон далели дар хориҷи ҶТ қарор доштани корхонаҳои тиҷоратиро муқаррар менамояд, замина фароҳам орад.

Ҳаҷми созишномаи арбитражӣ метавонад аз хусусияти маданӣ ва ё тиҷоратӣ доштани аҳди тарафҳо вобаста бошад. Одатан, ин мушкилот дар кишварҳои дорои низоми ҳуқуқи континенталӣ, ки дар онҳо дуализми ҳуқуқи маданӣ ва тиҷоратӣ вуҷуд дорад, ба миён меояд. Дар сатҳи конвенсияҳои байналмилалӣ бо назардошти меъёрҳои унификатсияшудаи онҳо, ки барои истифода дар кишварҳои дорои низоми гуногуни ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидаанд, чунин фарқият муқаррар карда нашудааст. Зимнан, конвенсияи Женева бидуни мушаххас кардани он, ки баҳс гражданӣ ва ё тиҷоратӣ мебошад, ибораи «баҳсҳои ҳангоми амалӣ намудани амалиётҳо оид ба савдои хориҷӣ пайдошаванда»-ро пешбинӣ менамояд (моддаи 1 ( а )). Аз ин рӯ, ин масъала тибқи меъёрҳои ҳуқуқие, ки нисбати созишномаи арбитражӣ ё шартнома татбиқ карда мешавад, ҳал мегардад. Конвенсияи Ню-Йорк (моддаи II. 1) танҳо ибораи «баҳсҳо»-ро истифода мекунад ва бо ин имкон медиҳад, ки татбиқи он нисбат ба баҳсҳо дар ҳама гуна аҳдҳо: ҳам маданӣ ва ҳам тиҷоратӣ арзёбӣ карда шавад.

Дар ҶТ дар муайян кардани тобеияти баҳс ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мушкилиро ба вуҷуд меорад. Новобаста аз он, ки дар замони қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» дуализми ҳуқуқҳои маданӣ ва тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) вуҷуд дошт ва бо Қонун муқаррар шуда буд, ки дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баҳсҳои аз муносибатҳои шартномавӣ ва муносибатҳои дигари гражданӣ–ҳуқуқӣ пайдошаванда баррасӣ карда мешаванд (моддаи 1), ҳол он ки дар тӯли даҳсолаи охир ҳуқуқи соҳибкорӣ расман ҳамчун як соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф карда шудааст. Дар ин робита, ба назари мо зарур аст, ки ба моддаи 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» тағйирот

[67] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – С. 9.

ворид карда шуда, баҳсҳои на танҳо аз муносибатҳои маданӣ–ҳуқуқӣ, инчунин соҳибкорӣ пайдошаванда низ ба салоҳияти АБТТ дохил карда шавад.

Қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ин масъаларо ба таври мухталиф танзим мекунад. Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Исломии Эрон “Дар бораи арбитраж” аз соли 1997 ба истилоҳи «тиҷоратӣ» хариду фурӯши молҳо ва хизматрасониҳо, ҳамлу нақл, суғурта, амалиёти молиявӣ, хизматрасониҳои машваратӣ, сармоягузориҳо, ҳамкории техникӣ, намояндагӣ, фаъолияти агентӣ, қарордодӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад[68]. Дар Фаронса ҳолатҳои мавриди баҳс қарор додани созишномаи арбитражӣ дар арбитражи байналмилалӣ тибқи меъёрҳои арбитражи дохилӣ дар хусуси он, ки созишномаи арбитражӣ танҳо нисбати баҳсҳои тиҷоратӣ, на ин ки гражданӣ эътибор дорад, ба миён омадаанд. Аммо Суди кассатсионӣ (амалан Суди Олии Фаронса мебошад) муайян намудааст, ки истилоҳи «тиҷоратӣ» дар арбитражи дохилӣ ва байналмилалӣ фарқ мекунад. Дар таносуб аз арбитражи дохилӣ, ки дар он мафҳуми «тиҷоратӣ» аз табиати воқеӣ ва ё ҳуқуқии тарафҳо, мақсади шартнома ва ҳуқуқи татбиқшаванда вобастагӣ дорад, дар арбитражи байналмилалӣ зери мафҳуми «тиҷоратӣ» муносибатҳои иқтисодии бо интиқоли мол, хизматрасониҳо ва ё пардохтҳои фаромарзии кишварҳои мухталиф фаҳмида мешавад. Мувофиқан, мафҳуми «тиҷоратӣ»-и мансуб ба арбитражи дохилӣ дар арбитражи байналмилалӣ истифода намегардад. Мисоли ин қарорҳои Суди аппелятсионии Париж дар робита бо парвандаи Kuwait Foreign Trading Contracting and Investment Company бар зидди Icori Estero SpA (аз соли 1996 ) ва Суди кассатсионии Фаронса дар робита бо парвандаи M. Zanzi u. J. De Coninck et autres (аз соли 2000). Таҷрибаи мазкур Фаронсаро бо кишварҳои низоми ҳуқуқии умумӣ, ки қонунгузории онҳо дуализми ҳуқуқи маданӣ ва тиҷоратиро пешбинӣ наменамояд, наздик намудааст.

Танҳо дар доираи маҳдуди кишварҳо дар сатҳи қонунгузорӣ номгӯи

---

[68] Ниг.: Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration: The UNCITRAL Model Law a I Irаnіеnnе. – С. 90.

масъалаҳое, ки бояд дар созишномаи арбитражӣ танзим гарданд, муайян шудаанд. Масалан, Қонуни Бразилия No.9.306 (аз соли 1996) пешбинӣ мекунад, ки дар созишномаи арбитражӣ ба таври ҳатмӣ бояд унсурҳои зерин пешбинӣ карда шаванд: 1) ном, ихтиссос, вазъи оилавӣ ва суроғаи тарафҳо; 2) ном, ихтиссос ва суроғаи арбитрҳои интихобгардида ва ё номи ниҳоди арбитражӣ; 3) мавзӯи баҳс; 4) ҷойи қабул шудани ҳалномаи арбитражӣ (моддаи 10). Қонуни арбитражии ҶМ Чин аз соли 1994 (моддаи 16), ки муқарраротти зеринро ба сифати элементҳои ҳатмии созишномаи арбитражӣ пешбинӣ менамояд, инчунин мисол шуда метавонад: 1) изҳори нияти тарафҳо барои ба баррасии арбитраж супоридани баҳс; 2) доираи баҳсҳое, ки ба баррасии арбитраж супорида мешаванд; 3) институти (комиссия)-и интихобгардидаи арбитражӣ.

Аммо ба мисли конвенсияҳои байналмилалӣ (моддаи II. 1 Конвенсияи Ню-Йорк), дар қонунгузории арбитражии аксари давлатҳо, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (моддаи 11) (дар қонуни мазкур тартиби баррасии баҳсҳо дар моддаи 12 оварда шудааст) танҳо талаботи интихоби тартиби баррасии баҳсҳо аз ҷониби тарафҳои шартнома муайян гардидааст. Дар баробари ин, моддаи 4 Конвенсияи Женева пешбинӣ мекунад, ки агар тарафҳо супоридани баҳсҳои байни онҳо пайдошавандаро ба баррасии мақоми арбитражии доимӣ пешбинӣ карда бошанд, вале ин мақомро таъйин накардаанд ва дар ин робита ба созиш наомада бошанд, пас даъвогар метавонад дар ин хусус ба раиси палатаи савдоии ваколатдор ва ё Кумитаи махсус дархост пешниҳод намояд.

Ҳамин тавр, ҳатто дар ҳолати дар созишномаи арбитражӣ муайян нагардидани мақоми мушаххаси арбитражӣ имкони баррасии баҳси тарафҳо тибқи тартиби арбитражӣ ҷой дорад. Аммо ин имконият ба пуррагӣ аз розигии минбаъдаи тарафҳо (бевосита ва ё дар назар дошта) нисбати юрисдиксияи мақоми мушаххаси арбитражӣ вобастагӣ дорад. Қонуни арбитражии ҶМ Чин (моддаи 18) пешбинӣ менамояд, ки ҳангоми аз ҷониби тарафҳо дар созишномаи арбитражӣ муайян нагардидани мақоми баррасикунандаи баҳсҳо, тарафҳо имкон доранд, ки масъалаи мазкурро бо

роҳи бастани созишномаи иловагӣ ба танзим дароранд. Дар сурати барои тарафҳо ғайриимкон будани бастани чунин созишномаи иловагӣ, созишномаи арбитражии онҳо беэътибор дониста мешавад.

Илова ба интихоби тартиби арбитражии баррасии баҳсҳо аз ҷониби тарафҳо барои шартҳои дигари баррасии арбитражӣ розигии тарафҳо талаб карда намешавад. Ин аз он сабаб аст, ки ҷараёни баррасии баҳсҳо дар дастурҳои арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ, ки ба онҳо баҳсҳо супорида мешавад, ба таври мукаммал танзим гардидаанд. Ҳамзамон, дастурҳои зикршуда дар аксар маврид дар рафти баррасии баҳс ба тарафҳо имкони бозбинии баъзе шартҳои мурофиа (масалан, ҳуқуқи моддии татбиқшавандаи шартнома)-ро медиҳанд. Аммо бо дарназардошти мушкил гардидани ҳолати ба созиш омадани тарафҳо баъд аз ба миён омадани баҳс, мо зарур мешуморем, ки ба созишномаи арбитражӣ зимни баста шудани он тамоми шартҳои барои баррасии баҳсҳо муҳим дар асоси изҳори иродаи тарафҳо ворид карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки раванди ҳалли баҳсҳо барои тарафҳо шаффоф гардида, эҳтимоли беэътибор донистани созишномаҳои тарафҳо паст карда шавад. Бо мақсади муайян кардани унсурҳои зарурии созишномаи арбитражӣ, ки бо қонунгузорӣ муқаррар нагардидаанд, ба дастурҳои арбитражҳои байналмилалӣ ва тавзеҳоти намунавию доктринаҳои ҳуқуқии тавсиянамудаи онҳо рӯй меорем.

Тавзеҳоти намунавии арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ (САБЛ, САБ ПБС, ААА) танзими масъалаҳои зеринро дар созишномаҳои арбитражӣ тавсия медиҳанд: шумораи арбитрҳо, ҷой ва забони мурофиаи арбитражӣ. САБ ПБС ва САБЛ инчунин созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшавандаи шартномаро тавсия медиҳанд. Илова ба тавсияҳои мазкур, ҳуқуқшиносон-мутахассисони соҳаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ чунин андеша доранд, ки ба созишномаи арбитражӣ зарурати илова намудани унсурҳои дигар низ ҷой дорад. Аз рӯи мазмун тавсияҳои Ричард Краэйндлер нисбатан мукаммал мебошанд, аз ин рӯ мо зарур мешуморем, ки асоснокии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Краэйндлер Р. ва Сеглиним Б. пешниҳод мекунанд, ки дар созишномаи арбитражӣ ҳолати истисно

гардидани тобеияти судҳои давлатӣ нисбати баҳсҳои мувофиқашуда дарҷ карда шавад[69] [70]. Аммо ба андешаи мо чунин муқаррарот барзиёд мебошад. Дар айни замон моддаи 14 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» шарти дар судҳои давлатӣ баррасӣ нагардидани баҳсҳоеро, ки нисбати онҳо созишномаи арбитражии амалкунанда ва иҷрошаванда вуҷуд дорад, муқаррар кардааст. Мувофиқан, судҳои низоми умумӣ истеҳсолоти парвандаро қатъ намуда, тарафҳоро ба арбитраж равона месозанд, агар ҳар яке аз тарафҳо дар ин бора на дертар аз пешниҳоди аризаи аввалаи худ вобаста ба моҳияти баҳс хоҳиш карда бошанд.

Аз ин рӯ, дар сурати ҷой доштани созишномаи арбитражӣ зарурати дар он дарҷ намудани шарти ба судҳои давлатӣ тобеият надоштани баҳсҳо ҷой надорад. Агар бо ворид кардани чунин шарт, тарафҳо ният дошта бошанд, ки баҳсҳои муайянеро ба салоҳияти арбитрҳо вогузоранд, ки ба юрисдиксияи истисноии судҳои низоми умумӣ мансуб мебошанд, пас чунин шартҳо эътибори ҳуқуқӣ дошта наметавонанд[71]. Ҳамчунин, Крайндлер Р. пешниҳод менамояд, ки ба созишномаи арбитражӣ шарти маҳдуд кардани дахолати судҳои давлатӣ ба мурофиаи арбитражӣ ворид карда шавад[72]. Мо ин тавсияи ӯро ҷонибдорӣ карда наметавонем, зеро дар аксарияти юрисдиксияҳо шартҳо ва тартиби дахолати судҳои умумӣ ба баррасии арбитражии баҳсҳо (масалан, қарори судҳо дар бораи мавҷудият ва боэътибории созишномаи арбитражӣ) бо қонунгузорӣ муайян карда шудааст ва онро бо созишномаи тарафҳо тағйир додан ғайриимкон мебошад. Моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» мисоли ин гуфтаҳо шуда метавонад. Ҳамзамон, Крайндлер Р. пешниҳод намудааст, ки дар созишномаи арбитражӣ на танҳо шумора, балки тахассуси арбитрҳоро низ нишон дода шавад[73].

Дар моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи

---

[69] Ниг.: Richard K Kreindler. Practical Issues in Drafting International Arbitration Clauses// The Journal of Chartered Institute of Arbitrators. February – 1997. – Vol. – 63, No.l. – C. 49.

[70] Ниг.: Сеглин Б.. Арбитражная оговорка // Хозяйство и право. – 1995. – № 2. – С. 117.

[71] Муфассалтар ниг.: Нестеренко А.В. Критерии арбитрабельности споров по законодательству Российской Федерации // Арбитражный и гражданский процесс. – 2005. – № 8. – С. 2-7.

[72] Ниг.: Richard H. Kreindler. Practical Issues in Drafting International Arbitration Clauses. – C. 49.

[73] Ниг.: Richard H. Kreindler. Асари ишорашуда. – С. 52.

байналмилалии тиҷоратӣ» ба таври возеҳ муқаррар нагардидааст, ки шахс бино бар сабаби шаҳрвандияш наметавонад, аз ҳуқуқи ба сифати арбитр баромад кардан маҳрум карда шавад, яъне дар қонунгузорӣ ягон маҳдудият дар асоси шаҳрвандӣ барои арбитрҳо вуҷуд надорад. Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон оид ба масъалаи шаҳрвандии арбитрони Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ маҳдудият вуҷуд надорад. Агар тарафҳо бо қоидаҳои дастури падидаи интихобнамудаи арбитражӣ оид ба шаҳрвандии арбитрҳо розӣ набошанд, онҳо бояд ин масъаларо ҳангоми бастани созишномаи арбитражӣ ҳал кунанд, агар имкони чунин раддия бо дастур муайян шуда бошад.

Ҳамзамон, вобаста ба мақоми арбитражии интихобнамудаи тарафҳо, ба онҳо тавсия додан мумкин аст, ки масъалаи ихтисоси арбитрҳои аз ҷониби онҳо ва ё раёсати арбитражи байналмилалӣ таъйиншавандаро мувофиқи созишномаи тарафҳо ҳал гардад. Дар ҳоле, ки арбитрҳои АБТТ ҳуқуқшиносон мебошанд, ба рӯйхати арбитрҳо намояндагони ихтиссосҳои дигар, махсусан муҳандисон, иқтисоддонон ва ғайраҳо низ ворид мебошанд. Дар натиҷа, таъйин шудани ҳуқуқшиноси ғайрикасбӣ ба ҳайси арбитр метавонад барои ҷониби тоҷикистонии шартнома тамоман ногаҳонӣ бошад ва ҳатто ба ниятҳои тарафи мазкур зимни бастани созишномаи арбитражӣ мухолиф барояд. Аммо, агар ин масъала ба таври мушаххас зимни бастани созишнома танзим нагардида бошад, барои тарафҳо дар ин замина иваз намудани арбитр душвор хоҳад буд, зеро ин дар Дастур пешбинӣ нашудааст.

Аз тарафи дигар, барои категорияҳои муайяни баҳсҳо (шартномаҳои пудрати сохтмонӣ, ҳамкории технологӣ ва ғ.), тарафҳо метавонанд назар ба арбитрҳои дорои тахассуси ҳуқуқӣ арбитрҳои дорои тахассуси техникиро интихоб кунанд. Дар робита ба ин, тарафҳо бояд ҳолати мазкурро дар созишномаи арбитражӣ пешбинӣ кунанд.

Конвенсияи Женева (моддаи IX) ва қонунҳои миллӣ (моддаи 51 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ») ба тарафҳо имкон медиҳанд, ки аз болои ҳалномаи арбитражӣ шикоят оваранд ва онро бинобар

асосҳои вайрон кардани муқарароти мурофиаи арбитражӣ бекор кунанд. Аз ин рӯ, мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқии мазкур, ки дорои муқарраროти шабеҳ мебошанд, созишномаи тарафҳо дар бораи истисно кардани чунин имконият беэътибор дониста мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳоди Вилкова Н.Г. оиди он, ки ҷонибҳо метавонанд розигии худро барои ҳатмӣ будани ҳалномаи ҳакамӣ изҳор намоянд[74], инчунин пешниҳоди Позднякова В.С. роҷеъ ба оне, ки ҳалномаи арбитражӣ барои тарафҳо ниҳоӣ мебошад[75] нисбатан дақиқтар ба назар мерасанд. Чунин муқаррарот уҳдадории тарафҳоро оид ба иҷрои ҳалномаи арбитражии аз рӯи парванда моҳиятан қабулгардида бидуни истисно кардани имконияти шикоят овардан аз болои ҳалномаи тибқи масъалаҳои мурофиавӣ инъикос менамояд. Беҳуда нест, ки чунин муқаррарот дар тавзеҳоти арбитражии намунавии як қатор институтҳои байналмилалии арбитражӣ дида мешавад. Масалан, тавзеҳоти тавсиявии САБ ПБС муқаррарот доир ба танзими ниҳоии баҳсро дар шакли додани эътибори ҳатмӣ ба ҳалномаи арбитражӣ барои тарафҳо пешбинӣ менамояд.

Дар таҷрибаи арбитражӣ ҳолатҳои ба созишномаи арбитражӣ дохил кардани муҳлати ниҳоии қабули ҳалномаи арбитражӣ аз рӯи моҳияти баҳс ҷой доранд. Сеглин Б. созишномаи арбитражиро тибқи шартномаи яке аз калонтарин бонкҳои Россия бо шарики олмонии худ мисол меорад. Он ҳалли баҳсҳоро дар институти арбитражии Шветсия бо қабули ҳалнома дар давоми як моҳ пешбинӣ кардааст[76]. Кристер Содерлунд созишномаҳои арбитражиро мисол меорад, ки муҳлати қабули ҳалномаи арбитражиро аз як то се моҳ пешбинӣ намудаанд[77]. Дар Дастури АБТТ муҳлати қабули ҳалномаи арбитражӣ аз рӯи моҳияти баҳс на зиёда аз 180 рӯз пешбинӣ гардидааст (моддаи 25)[78].

---

[74] Ниг.: Вилкова. Н.Г. Статус арбитров: независимость арбитров, квалификация арбитров, замена арбитров, гонорар арбитров: Тез. докл. Конференция «Международный арбитраж Восток -Запад на пороге XXI века». – М, 2000. – С. 1.
[75] Ниг.: Поздняков В.С. Международный Коммерческий Арбитраж в Российской Федерации. – С. 19.
[76] Ниг.: Сеглин Б. Арбитражная оговорка. – С. 118.
[77] Ниг.: Кристер Содерлунд. Разрешение споров, связанных с внешнеэкономическими отношениями // Законодательство и экономика. – 1996. – №11,12 . – С. 65.
[78] Ниг.: Бободжонзода И.Х., Абдуллоев Ф., Гоибназар А. Международный коммерческий арбитраж - нормативно-правовые акты. – Душанбе, 2019. – 189 с; Регламент Международного Коммерческого Арбитража Таджикистана. Арбитражный Регламент. – Душанбе, 2019. – С. 55.

Мо ба андешаҳои ҳуқуқшиносони мазкур комилан розӣ ҳастем, ки чунин мухлатҳои маҳдуд метавонанд ба ҳалли баҳсҳо таъсири манфӣ расонанд. Чунин маҳдудиятҳо барои баррасии ҳамаҷонибаи ҳолатҳои парванда аз ҷониби арбитрон монеа эҷод намуда, дар ҳолати таъхирҳои ғайричашмдошти мурофиавӣ, қабули ҳалномаи арбитражиро ғайриимкон мегардонанд. Аз ин рӯ, агар тарафҳо қотеона хоҳанд, ки ҳалномаи арбитражӣ ҳарчи зудтар қабул гардад, онҳо бояд дар созишномаи арбитражии худ имкони баррасии фавриро пешбинӣ кунанд. Дар ин радиф, тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки ҳам дастурҳои анъанавии институтҳои арбитражӣ ва ҳам қоидаҳои махсус қабулнамудаи онҳоро барои баррасии фаврии баҳсҳо истифода баранд.

Мисоли истифодаи дастури анъанавии институти арбитражӣ Дастури САБЛ шуда метавонад, ки воситаи муносиб барои баррасии фаврии баҳсҳо мебошад[79]. Аз ҷумла, моддаи 9 Дастур ба Суди арбитражии байналмилалӣ ҳуқуқ медиҳад, ки муҳлати ташкили суди арбитражиро то дараҷае кӯтоҳ кунад, ки дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои махсус, он метавонад ҳамагӣ дар тӯли якчанд соат ташкил карда шавад. Моддаи 22.1 (Ь) Дастури САБЛ ба арбитрҳо ҳуқуқ медиҳад, ки бо дархости ҳарду ҷониб дилхоҳ муҳлатҳои муқарраркардаи Дастур ва ё созишномаи арбитражиро кӯтоҳ кунанд. Моддаи 19.1 Дастур баррасии баҳсро танҳо дар асоси ҳуҷҷатҳо, балки бидуни тавзеҳи ҷонибҳо ва нишондоди шоҳидон иҷозат медиҳад[80].

Барои тезонидани баррасии баҳсҳо дар лаҳзаи омодасозии созишномаи арбитражӣ, тавсия дода мешавад, ки тарафҳо ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир намоянд. Аз ҷумла, а) арбитри ягонаро бидуни зикри номи арбитри мушаххас интихоб кардан мувофиқи мақсад аст; б) инчунин, тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки ҷадвали баррасии парвандаро бо зикри муҳлати ниҳоӣ барои амалҳои муайяни мурофиавиро анҷом диҳанд; в) ҳамзамон, тарафҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки оғози баррасии парванда бидуни пардохти аввалияи зарурӣ ғайриимкон аст.

---

[79] Ниг.: Adrian Winstanley. Fast-Track Arbitration Rules *If* LCIA News. – 1999. Vol. 4, Issue 2. – С. 4.
[80]Ниг.: Adrian Winstanley. Proposals for the expansion of the LCIA's Dispute Resolution Services,// LCIA News. November – 1998. – Vol.3. – No.4. – С. 1.

Дастури АБТ Т қоидаеро муайян мекунад (моддаи 25), ки тибқи он АБТТ барои дар давоми 180 рӯз аз рӯзи ташкили суди арбитражӣ ба анҷом расадонидани мурофиа чораҳо меандешад. Аммо, онҳо мустақиман имконияти кӯтоҳ кардани муҳлати мурофиа бо мувофиқаи тарафҳоро пешбинӣ намекунанд. Аз ин рӯ, мо шурӯи таҳияи қоидаҳои баррасии фаврии баҳсҳоро дар АБТТ, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳалли баҳсҳои иқтисодии хориҷӣ ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Ҳамин тавр, ба созишномаи арбитражӣ дохил кардани муқаррарот оид ба ҳалли фаврии баҳсҳо метавонад ба нафъи ҷонибҳои баҳс, ки дар ҳалли фаврии баҳсҳо манфиатдоранд, ба қадри кофӣ ҷавобгӯ бошад.

Бино бар сабаби ба вуҷуд омадани технологияҳои нав ва воситаҳои интиқоли нави электронӣ аз ҷониби тарафҳо ба созишномаи арбитражӣ ворид кардани шарти «арбитражи виртуалӣ» ба мақсад мувофиқ мебошад. Зери мафҳуми «арбитражи виртуалӣ» мо раванди ҳалли баҳсҳоро аз лаҳзаи бастани созишномаи арбитражӣ то қабул гардидани ҳалномаи арбитражӣ дар назар дорем, ки он ба тариқи электронӣ сурат мегирад. Истифодаи воситаҳои технологӣ барои гузаронидани мурофиаи арбитражӣ якчанд бартариҳои худро доро мебошад, аз ҷумла: а) хароҷоти тарафҳо барои иштирок дар арбитраж ба таври назаррас коҳиш дода мешавад, яъне хароҷоти тарафҳо ва вақти онҳоро барои самаранок истифода бурдан мусоидат менамояд; б) суръати баррасии парвандаҳо ба таври ҷиддӣ тезонида мешавад; в) ин тағйирот арбитражро ба воситаи нисбатан ҷолибтари ҳалли баҳсҳо табдил медиҳад.

Дар ҳақиқат, кам кардани расмиётҳо, муҳлат ва хароҷот метавонад самаранокии арбитражро боло барад. Ғайр аз ин, имкони дастрасии 24-соата ба маводди парванда, аз ҷумла, парвандае, ки ба тозагӣ ба арбитраж пешниҳод шудааст, агар даъвогар ва ҷавобгар дар минтақаи мухталифи соат ҷойгир бошанд, хеле мувофиқ мебошад. Илова бар ин, бардоштҳои давраи пандемияи COVID-19 намунаи хуби ба таври фосилавӣ баррасӣ ва ҳал гардидани масъалаҳо мебошад. Вақтҳои охир бино бар сабаби афзоиши

шумораи шикоятҳои тарафҳои баҳс оид ба зиёд гардидани хароҷот ва муҳлати баррасии парвандаҳо амали мазкур муҳим ба назар мерасад. Дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ то рафт шабоҳатҳо бо низоми анъанавии судӣ зиёд мегарданд ва ин ҳолат аз ҳуқуқшиносон талаб менамояд, ки дар барои ояндаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ фикр намоянд. Мо бо нигарониҳои зикршуда розӣ ҳастем ва зарур мешуморем, ки дар ин таҳқиқот дурнамои «арбитражи виртуалӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

Ақидаи «арбитражи виртуалӣ» дар байни олимони ғарбӣ торафт тарафдорони бештарро пайдо мекунад. Баъзе ҳуқуқшиносон таҳияи заминаи мустақили ҳуқуқии фаъолияти «арбитражи виртуалӣ», аз ҷумла пешниҳоди таҳияи қонуни махсусро зарур мешуморанд[81]. Ба доираи масъалаҳое, ки мавриди танзими ҳуқуқии онҳо қарор дорад, инҳо дохил мешаванд: ҳуқуқи дастрасии тарафҳо ба маводди парванда тавассути алоқаи электронӣ ва воситаҳои таъмини чунин дастрасӣ; тартиби мавриди баҳс қарор додани ҳолати ҳақиқӣ будани ҳуҷҷатҳо; қоидаҳои ҳисоб кардани муҳлатҳои мурофиавӣ; талабот нибати шакли хаттӣ ва имзо дар ҳуҷҷатҳо[82].

Муаллифони дигар пешниҳод мекунанд, ки қонунҳои мавҷудаи миллӣ нисбати «арбитражи виртуалӣ» татбиқ карда шаванд[83]. Санади АА аз соли 1996 ҳамчун намуна истифода мешавад[84]. Имконияти истифодаи он бо як қатор заминаҳо асоснок мешавад. Якум, забони англисӣ ҳам барои Санад ва ҳам барои Интернет забони умумӣ мебошад. Дуюм, дар сатҳи қонунгузорӣ пешбинӣ шудааст, ки тарафҳо метавонанд муқаррароти Санадро дар созишномаи арбитражӣ қариб, ки ба пуррагӣ истисно намоянд. Дар натиҷа, муқаррароти Санадро, ки ба «арбитражи виртуалӣ» мувофиқат намекунанд, бо созиши тарафҳо хориҷ кардан мумкин мешавад. Сеюм, муқаррароти ҳатмии Санад, ки хориҷ карда намешаванд ба «арбитражи виртуалӣ» монеа

[81] Ниг.: Cliff Dilloway. Law of the Internet. //LCIA Newsletter.1999. Vol. 4, Issue 3. – C. 6-7.
[82] Erik Wilbers. On-line Arbitration of Electronic Commerce DisputesV/International Business Lawyer. – 1999. – Vol.27, No. 4. – C. 273.
[83] Ниг.: Cliff Dilloway. Law of the Internet. Асари ишорашуда. – С 6.
[84] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.chamber.se/arbitration/english/ (санаи мурочиат: 07.09.2020).

намешаванд. Чорум, ҳалномаҳои арбитражии дар асоси қонунгузории Англия қабул гардида дар асоси Конвенсияи Ню-Йорк мавриди иҷро қарор дода мешаванд[85].

Аммо, мо чунин мешуморем, ки қонунгузории амалкунанда масъалаҳои мураккаби «арбитражи виртуалӣ»-ро пурра ба танзим даровარда наметавонад. Аз ин рӯ, таҳияи қонунгузории миллӣ барои танзими раванди баррасии парвандаҳо дар «арбитражи виртуалӣ» зарур шуморида мешавад. Ҷанбаҳои алоҳидаи созишномаи арбитражӣ оид ба ҳалли баҳсҳо дар «арбитражи виртуалӣ», ки таҳти танзими ҳуқуқӣ қарор дода мешаванд, дар параграфи 2 боби мазкур баррасӣ мешаванд. Айни ҳол зарур мешуморем, ки иқтидори баланди рушд доштани «арбитражи виртуалӣ» қайд карда шавад. Таҷрибаи амалии истифодаи он метавонад тасдиқи далели мазкур бошад – ААА дар лоиҳаи «Магистрати виртуалӣ» ширкат варзидааст. Тибқи шартҳои лоиҳа, ҷонибҳо метавонанд намудҳои алоҳидаи баҳсҳоро ба баррасии арбитр, ки бояд дар давоми ҳафтодуду соат қарор қабул кунанд, супоранд. Тамоми расмиёти арбитражӣ тавассути Интернет сурат мегирад. Аммо, амали лоиҳа танҳо ба баҳсҳои марбут ба технологияҳои иттилоотӣ дахл дорад ва маҷмуи нисбатан хурди воситаҳои ҳимояро пешбинӣ менамояд. Маълумоте мавҷуд аст, ки тибқи шартҳои лоиҳа ҳамагӣ як парванда баррасӣ карда шудааст.

Дар робита ба ин, мо бар он назарем, ки аз ҷониби тарафҳо интихоб гардидани тартиби арбитражии ҳалли баҳс барои баррасии он тибқи иродаи пурраи тарафҳо ҳангоми бастани созишномаи арбитражӣ кофӣ нест. Барои инъикоси иродаи умумии воқеии тарафҳо ва таъмини иҷрои ҳалномаи суди арбитражӣ, созишномаи арбитражӣ ҳатман шартҳои зеринро бояд дар бар гирад: 1) интихоби усули арбитражӣ барои ҳалли баҳсҳо ва ё интихоби арбитраж ва ё дастури арбитраж; 2) ҷои арбитраж; 3) шумораи арбитрҳо; 4) ҳуқуқи моддии татбиқшаванда; 5) ҳолати қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ. Риоя накардани шартҳои ҳатмие, ки тарафҳо дар созишномаи арбитражӣ

[85] Ниг.: LukeNottage. The Vicissitudes of Transnational Commercial Arbitration and Lex Mercatoria : A View From.

интихоб кардаанд, метавонад барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ, инчунин рад кардани эътироф ва иҷрои он асос гардад.

Шартҳои тавсиявии ё ихтиёрии созишномаи арбитражӣ ин шаҳрвандӣ ва тахассуси арбитрҳо, масъалаҳои махфияти баланд доштани мурофиа, интихоби қоидаҳои фаврии ҳалли баҳсҳо ва ғайра мебошанд, зеро ҳангоми баррасии ҳар як баҳс истифодаи онҳо зарурат надорад. Ба созишномаи арбитражӣ дохил кардани шартҳои ихтиёрӣ аз хусусияти шартнома, муносибати тарафҳо ва ҳолатҳои дигари парванда вобаста мебошад.

## 1.2. Проблемаҳои танзими ҳуқуқии унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ

Унсурҳои ҳатмии созишномаи арбитражӣ заминаи асосӣ созишномаро ташкил медиҳад. Унсурҳои асосии созишномаи арбитражиро аз масъалаи аз ҷониби тарафҳо интихоб гардидани қоидаҳои мурофиавии арбитражӣ мавриди баррасии қарор додан зарур мебошад. Аҳаммияти риояи қоидаҳои ҳатмии мурофиавӣ тибқи созишномаи тарафҳо дар он аст, ки риоя накардани онҳо метавонад боиси бекор гардидани ҳалномаи арбитражӣ гардад, ки масъалаи мазкур дар моддаи 51 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» пешбинӣ гардидааст ва инчунин холати мазкур ба рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ гардиданаш мумкин аст, ки тасдиқи ин гуфтаҳо дар моддаи 54 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» муқаррар карда шудааст.

Доир ба унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ дар Дастури арбитаражии АБТТ зикр шудааст, ки ба сифати унсурҳои созишномаи арбитражӣ талаботҳои зерин тавсия дода шудааст: муайян кардани шумораи арбитрҳо, муайян кардани забони муҳокимаи арбитражӣ ва муайян кардани истифодаи ҳуқуқи моддии татбиқшаванда[86].

Қоидае мавҷуд аст, ки дар сурати розӣ шудан ба баррасии баҳс дар

[86] Ниг.: Дастури Арбитражи Байналмилалии Тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Президиуми Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2016 тасдиқ карда шудааст. (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2019. – С. 15.

институти муайяни арбитражӣ, тарафҳо истифодаи дастури ин ниҳодро дар баррасии баҳси худ қабул менамоянд. Қоидаи мазкур дар дастури бисёре аз институтҳои арбитражӣ сДар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ гардидааст[87]. Аз ҷумла, дар Дастури АБТТ созишномаи намунавии арбитражӣ пешниҳод гардидааст, ки тибқи он ба тарафҳо тавсия дода шудааст, ки дар бораи муайян намудани унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ муқаррарот бояд ҷой дода шавад.

Чи тавре Грешников К.В. қайд менамояд дар созишнома тарафҳо метавонанд барои худ ҳуқуқи татбиқшавандаи арбитражӣ, шумораи арбитрҳо, ҷойи ҳалли баҳсҳо, забон, тартиб, ки ба онҳо ҳангоми гузаронидани муҳокимаи арбитражӣ такя менамояд, муайян намоянд. Дар баробари ин ӯ қайд менамояд, ки аз ҷониби тарафҳо интихоби ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавӣ, ки нисбат ба шартнома татбиқ карда мешавад, ҳангоми бастани созишномаи арбитражӣ лаҳзаи муҳим арзёбӣ карда мешавад. Чунин интихоб аҳамияти муҳим дорад, чунки набудан ин ҳолат мумкин аст баррасии баҳсро мушкил ва тулонӣ гардонад, зеро дар назди арбитрҳо вазифаҳои илоагиро оид ба ҷустуҷуи ҳуқуқи татбиқшаванда мегузорад[88].

Чунин ақидаро дастгирӣ намуда, Вилкова Н.Г. қайд менамояд, ки тарафҳо на дар ҳама ҳолат ҳангоми муайян намудани расмиёти баррасии муҳкоимаи арбитаржӣ озод мебошанд. Ҳангоме, ки тарафҳо дар созишномаи арбитражӣ дастури ин ё он арбитражро интихоб менамояд ё ҳангоми муайян намудани ҳуқуқи татбиқшавандаи моддӣ дар созишномаи арбитражӣ муқаррар менамоянд, баъдан онҳо ин расмиёт ва ё ҳуқуқи татбиқшавандаи моддиро тағйир дода наметавонанд[89].

Тибқи моддаи 11 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии

---

[87] Масалан: моддаи 1 Дастури байналмилалии ААА , моддаи 1 Дастури СБА ПБС, Дебочаи Дастури САБЛ, моддаи 7 Дастури Комиссияи байналмилалии иқтисодӣ ва арбитражии Хитой (КБИАХ)[87] аз соли 1995), инчунин дар қонунгузории миллии баъзе давлатҳо (моддаи 21 Қонуни Бразилия No.9.307.

[88] Ниг.: Грешников И.П. Практическое значение арбитражного соглашения. Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. и отв. ред. Грешников. – М.: Статут, 2018. – 302 с. С. 85.

[89] Муфассалтар ниг.: Вилкова Н.Г. Пределы процессуальной свободы сторон в международном коммерческом арбитраже, или являются ли стороны хозяевами арбитражного процесса? / Международный коммерческий арбитраж: проблемы и решения: Сборник статей к 80-летию Международного коммерческого арбитражного суда при ТПП РФ / под ред. А.А. Костина; МКАС при ТПП РФ. – М.: Статут, 2012. – С. 51-67.

тиҷоратӣ» созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишнома ҳамон вақт басташуда ҳисоб мешавад, ки агар шартҳои он дар ҳуҷҷати байни тарафҳо имзошуда, ё тариқи мубодила бо мактубҳо, хабардор намудан тавассути телетайп, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқаи электронӣ, ки бақайдгирии чунин созишномаро таъмин менамояд ва ё тавассути мубодилаи аризаи даъвогӣ ва бозхонди даъво, ки дар он яке аз тарафҳо мавҷудияти созишномаро тасдиқ намуда, тарафи дигар онро рад накардааст, пешбинӣ шуда бошад. Истинод дар шартнома ба ҳуҷҷате, ки тавзеҳоти арбитражиро дорад, ба шарте созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда бошад ва истиноди мазкур тавзеҳоти номбаршударо қисми таркибии он гардонад. Чи тавре, ки Мата О.В. зикр менамояд, "дар оянда баррасии баҳсҳо тибқи тартиби «арбитражи виртуалӣ» имконпазир мебошад. Ҷонибдорони андешаи истифода намудани қонунҳои амалкунандаи арбитражӣ дар иртибот ба «арбитражи виртуалӣ» бар он назаранд, ки тарафҳо ҳуқуқ доранд дар хусуси ба таври «виртуалӣ» гузаронида шудани мурофиаи арбитражияшон ба мувофиқа оянд. Дар ҳақиқат, аксари қонунҳои миллӣ ва дастурҳои арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ҳуқуқи тарафҳоро оид ба мувофиқа намудани тартиби ҳалли баҳсҳояшонро муқаррар мекунанд"[90]. Аз ин рӯ, тарафҳо метавонанд дар бораи истифодаи алоқаи электронӣ дар мурофиаи арбитражии худ ба мувофиқа расанд. Чунин созишномаи тарафҳоро бояд арбитраж ҷонибдорӣ кунад, зеро дар акси ҳол қарори он метавонад дар асоси моддаи У(1)(d) Конвенсияи Ню-Йорк бекор карда шавад. Илова бар ин, аллакай пешниҳодҳо оид ба қабули протоколҳо аз ҷониби институтҳои байналмилалии арбитражӣ оид ба истифодаи воситаҳои алоқаи электронӣ дар мурофиаи арбитражӣ ҷой доранд[91].

Хабардор намудан тавассути телетайп, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқаи электронӣ, ки бақайдгирии чунин созишномаро таъмин

---

[90] Ниг.: Мата О.В. Арбитражное соглашение и разрешение споров в международных коммерческих арбитражных судах: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2003. – С. 17.
[91] Ниг.: George Burn. High Tech - Threat or Opportunity in Arbitration. // LCIA News. Volume 6, Issue 3, August – 2001. – С. 8.

менамояд аз оғози мурофиаи арбитражӣ нисбати ширкати шумо дар ибтидои мурофиаи арбитражӣ метавонад ҳамчун огоҳиномаи муносиб ба ҷониби муқобил хизмат кунад. Дар ҳар сурат, низоми фиристонидаи паёмҳои электронӣ (Message Disposition System) метавонад риояи расмиёти огоҳинамоиро кафолат диҳад[92]. Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардид, ки эҳтимоли ба миён омадани хатогиҳо дар ҳуҷҷатҳои «электронӣ», ки метавонанд ба натиҷаи парванда таъсири манфӣ расонанд, вуҷуд дорад ва таснифи ҳуҷҷатҳо бо мақсади ташкили низоми ҷустуҷӯӣ дорои хусусияти субъективӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки тасниф аз андешаи як таснифкунандаи мушаххас вобастагӣ дошта, дарёфти ҳуҷҷати заруриро мушкил мегардонад[93]. Аммо бояд қайд кард, ки чунин эҳтимолият кам буда, метавонад аз ҳисоби маҳакҳои дигари мавҷудаи ҷустуҷӯӣ ҷуброн карда шавад[94].

Амсолияи фиристодани нусхаи ҳуҷҷатҳо дар таҷрибаи судии ИМА ба ҷавобгар аллакай тавассути почтаи электронӣ эътироф карда шудааст. Масалан, Суди апеллятсионии минтақаи Нуҳум дар соли 2002 аз рӯи парвандаи Rio Properties, Inc бар муқобили Rio International Interlink чунин қарорро қабул намудааст[95].

Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки дар раванди баррасии парванда, аз ҷумла иҷрои амалҳои муайяни мурофиавӣ дар фазои виртуалӣ ба миён омадани душвориҳои муайян имконпазиранд. Ба монандӣ: на танҳо дар маҳалли ҷойгиршавии арбитрҳо ва шоҳидон ҷой доштани воситаҳои техникӣ, балки воситаҳои техникии дорои сифати баланд ё ҳангоми истифодаи

---

[92] Ниг.: Cliff Dilloway. Law of the Internet. Асари ишорашуда. – С. 6.

[93] Ниг.: George Burn. High Tech - Threat or Opportunity in Arbitration.George Bum, – С. 9.

[94] Масалан: Даъвогар (меҳмонхона дар Лас Вегас) борҳо кӯшиш кардааст, ки нусхаҳои ҳуҷҷатҳои ба суд пешниҳодкардаашро ба ҷавобгар – ширкате дар Коста–Рика, ки ташкилкунандаи қиморбозиҳо дар Интернет мебошад, фиристонад. Пас аз он ки ин кӯшишҳо бенатиҷа монданд, суд ба даъвогар иҷозат дод, ки ҳуҷҷатҳоро тавассути почтаи электронӣ фиристад. Ин парванда имкони мукотибаи электронии тарафҳоро, агар яке аз онҳо берун аз ҳудуди ИМА ҷойгир бошад, амсолия намудааст. Ин хусусан ба фаъолияти «ширкатҳои виртуалӣ», ки дар аксар вақт тиҷораташонро тавре ташкил мекунанд, ки ягона роҳи иртибот бо онҳо почтаи электронӣ мебошад, дахл дорад. Бинобар сабаби оне, ки ин амсолия дар судҳои федералии Калифорния, Орегон, Вашингтон ва баъзе дигар штатҳои ғарбии ИМА эътибори қонунро дорад, тахмин кардан мумкин аст, ки он ба зудӣ дар арбитражҳои байналмилалии тиҷоратии дигар давлатҳо истифода хоҳад шуд.

[95] Ниг.: Michael Cavendish. United States: Service of process by e-mail normalized // International Business Lawyer. April . – 2002. – Vol. 30, No.4. – С. 190.

видеоконфронс кафолат дода намешавад, ки ҷавобҳои шоҳид аз ҷониби шахси дар паси камера қарордошта ба ӯ гуфта намешаванд. Мувофиқан, дар ҳолати объективӣ будани нишондоди бадастомада шубҳа вуҷуд дошта метавонад.

Дар робита ба марҳилаи ниҳоии мурофиаи арбитражӣ чанд сол қабл пешниҳод гардида буд, ки вохӯриҳои арбитрҳо оид ба моҳиятан баррасӣ намудани парванда ва таҳияи лоиҳаи ҳалномаи «электронӣ» дар асоси истифодаи алоқаи электронӣ амалӣ карда шавад. Ричард Хилл асосҳои зеринро ба ин гуруҳ мансуб медонад:

– розигии ҳамаи арбитрҳо барои истифодаи алоқаи электронӣ;

– иштироки бевоситаи ҳамаи арбитрҳо дар муҳокима ва қабули лоиҳаи ҳалнома;

– набудани созишномаи тарафҳо дар бораи истисно кардани воситаҳои алоқаи электронӣ дар расмиёти арбитражӣ;

– аз ҷониби тарафҳо ва ё арбитраж ба таври дахлдор сабт карда шудани интихоби тартиби «виртуалӣ»-и баргузории ҷаласаҳо ва қабули ҳалномаҳо[96]. Масалан, бо Қонуни арбитражии Италия аз 5 январи соли 1994[97] имконияти баргузории ҷаласаҳои арбитрҳо тавассути видеоконференсияҳо пешбинӣ гардидааст.

Баъзе ҳуқуқшиносон, ба монанди Ричард Хилл, ҳалномаҳои «арбитражи виртуалӣ»-ро эътироф намекунанд. Муаллифони дигар ҷонибдори ҳалномаҳои «виртуалӣ» мебошанд. Ҳамин тариқ, Клифф Диллоуэй пешниҳод мекунад, ки ҳалномаи арбитражӣ аз ҷониби раёсати ҳайати арбитражӣ таҳия гардида, ба дигар арбитрҳо тавассути почтаи электронӣ фиристода шуда метавонад. Агар онҳо бо лоиҳаи ҳалнома розӣ бошанд, он ба ҳамин тариқ ба тарафҳо фиристода мешавад. Ба назари Диллоуэй бино бар сабаби оне, ки асоснокии ҳалнома зарурат надорад, барои шикоят кардан аз болои он замина вуҷуд дошта наметавонад[98]. Аммо, бо ин пешниҳод розӣ шудан

[96] Ниг.: Richard Hill. Асари зикр. – С. 205-206.
[97]Иқтибос аз; Francesco Gambino. The Issue of Place in International Arbitration// International Arbitration Law Review. 1999. 1ssue 1. – С. 22.
[98] Ниг.: Cliff Dilloway. Law of the Internet. Асари ишорашуда. – С. 6-7.

ғайриимкон мебошад. Якум, дар он ба назар гирифта намешавад, ки меъёрҳои қонунгузории миллии аксари давлатҳо, алалхусус давлатҳои низоми ҳуқуқии континенталӣ, асоснокгардонии ҳалномаи арбитражиро талаб мекунанд. Аз сабаби он, ки танзими «виртуалӣ»ии арбитражро танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи умумӣ амалӣ кардан асоснок намебошад, пешниҳоди манзургардида заминаи зарурии қонунгузориро надорад. Дуюм, масъалаи мазкур мушкилоти махфияти «арбитраживиртуалӣ»-ро ба назар намегирад. Имконияти нобуд кардан, тағйир додан ва ё ба тариқи дигар инъикос гардидани паёмҳои электронӣ ҳангоми интиқол ба сатҳи махфияти онҳо, ки ҳамеша афзалияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мебошад, ба таври ҷиддӣ таҳдид мекунад[99]. То он замоне, ки воситаҳои боэътимоди ҳифзи паёмҳои электронӣ вуҷуд надоранд, эътимоднокии «арбитражи виртуалӣ» зери суол мебошад[100]. Андешаи Хилл Р. дар бораи он, ки ҳеҷ гуна зарурати қабули воситаҳои ҳимояи аз ҳад боэътимод вуҷуд надорад, агар тарафҳо дар ин хусус ба мувофиқа наомада бошанд[101], дуруст ба назар намерасад.

Маҳрамият ҳангоми гузаронидани муҳокимарониҳои арбитражӣ дар судҳои арбитражӣ ҳамеша асос ва афзалияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мебошад. Новобаста аз оне, ки қонунгузориҳои давлатҳои зиёд ба даст овардан ва гӯш кардани паёмҳои электрониро ҷиноят меҳисобанд, он наметавонад ба қадри кифоя кафолати маҳрамиятро таъмин намояд.

Аз ин рӯ, оиди дурнамои рушди арбитражи «виртуалӣ» хулоса баровардан дуруст ба назар мерасад. Бо вуҷуди ин, қабули заминаи дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ ва рушди минбаъдаи воситаҳои техникии ҳифзи паёмҳои электронӣ, аз ҷумла барои таъмини маҳрамияти муҳокимарониҳои арбитражӣ зарур дониста мешавад.

Талаботи забони мурофиаи арбитражӣ масъалаи муҳимми мурофиавӣ ба ҳисоб меравад. Аз доираи созишномаи тарафҳо берун мондани ин масъала

---

99 Ниг.: Yves L. Fortier. The Occasionally Unwarranted Assumption of Confidentiality // Arbitration International. – 1999. – Vol. 15. – No.2. – C 131-139.

100 Ниг.: Simon Chalton. Internet and electronic trading //International Business Lawyer. April – 1997. – Vol. 26. – No. 4. – C. 153.

101 Ниг.: Richard Hill. On-line Arbitration: Issues and Solutions. – C. 205.

боиси он мегардад, ки муқаррароти дастури мақоми арбитражии баррасикунандаи баҳс, ки на ҳамеша ба манфиати тарафҳо ҷавобгӯ мебошад, татбиқ карда шавад.

Ҳамин тариқ, Дастури АБТТ (моддаи 24) муқаррар менамояд, ки тарафҳо метавонанд бо салоҳдиди худ дар бораи забон ё забонҳое, ки дар ҷараёни мурофиаи арбитражӣ истифода мешаванд, ба созиш оянд. Дар сурати набудани чунин созиш, ҳайати арбитражӣ забон ё забонҳоеро, ки бояд дар мурофиа истифода шаванд, муайян мекунад.

Фозилов Н. қайд менамояд, ки Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» муқараротеро дар бораи забони мушаххас ба тарафҳо ё ҳайати арбитраж муайян накардааст, бино бар ин ба андешаи ӯ забони арбитраж тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ»[102] забони давлатӣ, яъне тоҷикӣ муайян карда шавад. Ба ақидаи ӯ ин ҳамчунин ба забони судҳои иқтисодии ҶТ низ ба инобат гирифта шавад, ки ҳангоми шикоят овардан ба ҳалномаи арбитражӣ ва ҳангоми гирифтани варақаи иҷро ин масъалаҳо дар судҳои иқтисодӣ ба забони мурофиавии ин судҳо баррасӣ ва ҳал карда мешаванд[103].

Мо бо ин ақидаи Фозилов Н. розӣ шуда наметавонем, чунки дар чунин ҳолат тавофут байни судҳои давлатӣ ва судҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дида намешавад. Илова бар ин, дар судҳои арбитражӣ масъалаи интихоби забон асосан бо созишномаи арбитражӣ ва ҳангоми мавҷуд набудани он аз ҷониби ҳайати арбитраж муайян карда мешавад. Мумкин аст, ки ҳайати арбитраж забони мурофиаро забони тоҷики муайян намояд, аммо он ба Қонуни ҶТ «Дар бораи забони давлатии ҶТ»[104] ё забони судҳои иқтисодӣ ҶТ бояд ягон иртиботе надошта бошад. Яъне муайян намудани забони мурофиаи арбитражӣ аз созишномаи тарафҳо ва ҳайати арбитраж

---

[102] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» аз 5 октябри соли 2009, таҳти №553 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1183_tj.doc (санаи мурочиат: 23.04.2021).
[103] Ниг.: Фозилов Н. Тартиби баррасии парвандаҳо дар Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З. – Душанбе, «Деваштич», 2007. – С. 70-71.
[104] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» аз 5 октябри соли 2009, таҳти №553 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1183_tj.doc (санаи мурочиат: 23.04.2021).

вобастагӣ дорад.

Масалан, мутобиқи моддаи 24 Дастури АБТТ тарафҳо метавонанд бо салоҳдиди худ оид ба забон ё забонҳое, ки дар ҷараёни баррасии арбитражӣ истифода мешаванд, ба созиш оянд. Дар ҳолати набудани чунин созиш забон ё забонҳое, ки ҳангоми баррасӣ бояд истифода шаванд, аз тарафи арбитраж муайян карда мешаванд. Чунин намуди созиш ё муайянкунӣ, агар дар онҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, нисбати ҳама гуна муроҷиати хаттии тарафҳо, ҳама гуна баррасии парванда ва ҳалномаи арбитражӣ, қарор ва ё дигар хабари арбитраж дахл дорад. АБТТ метавонад амр кунад, ки ҳама гуна далелҳои ҳуҷҷатӣ бо тарҷума ба забон ё забонҳое, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба мувофиқа расидаанд ё аз ҷониби арбитраж муайян гардидаанд, пешниҳод карда шаванд. Аз тарафи дигар, муқаррар намудани розигии тарафҳо ба сифати меъёри ягонае, ки ҳангоми қонеъ кардани дархости бо забони хориҷӣ гузаронидани мурофиа аз ҷониби арбитрҳо ба назар гирифта мешавад, асоснок наменамояд. Ин муқаррароти қонунгузорӣ ба назар намегирад, ки арбитрҳои АБТТ одатан забонҳои тоҷикӣ ва русиро хуб медонанд ва ба созиш омадани тарафҳои баҳскунанда оид ба забони мурофиаи арбитражӣ на ҳамеша имконпазир мебошад. Масалан, дар ФР баррасии парвандаҳоро асосан бо забони русӣ анҷом медиҳанд. Парвандаи No.230/1994 (қарор аз 22 декабри соли 1995)[105] мисоли ин гуфтаҳо шуда метавонад. Тибқи он шартнома байни ташкилот аз Россия (даъвогар) ва ширкат аз Финландия баста шудааст. Ҷавобгар дархост кардааст, ки мурофиа бо забони англисӣ гузаронида шавад. Аммо, САБТ бо такя ба Дастур ва вокуниши манфии даъвогар нисбати ин дархости ҷавобгар, мурофиаро бо забони русӣ гузаронида, бо дархости намояндаи ҷавобгар, ӯро бо тарҷумон таъмин намудааст.

Аммо, чунин эҳтимолияти истифодаи забони тоҷикӣ ҳамчун забони мурофиа, ки дар Дастури АБТТ пешбинӣ гардидааст, ба назари мо вайронкунии принсипи муносибати баробар бо тарафҳои баҳс, ки яке аз онҳо дар аксар маврид хориҷӣ мебошад, ба ҳисоб меравад. Дар сурати мавҷуд

[105] Ниг.: Практика международного коммерческого арбитражного суда. – С. 196-198.

набудани созиши тарафҳо дар бораи забони мурофиа ва имконнопазирии муайян кардани он дар асоси меъёрҳои дигари объективӣ, истифодаи забони тоҷикӣ ҳамчун тарзи эҳтиётӣ асоснок ба назар менамояд. Муқаррар кардани чунин меъёрҳо, ҳадди аққал дар шакли умумӣ, ба андешаи мо зарур менамояд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки Дастури АБТТ дар робита ба ин масъала бо муқаррароти Дастурҳои арбитражҳои институтсионалии пешрафтаи ғарбӣ, ки ба сифати меъёри интихоби забони мурофиа, забони созишномаи арбитражӣ ва ё шартномаро пешбинӣ менамоянд, мутобиқ гардонида шавад.

Дастури байналмилалии ААА (моддаи 14) меъёри мувофиқати забони мурофиаро бо забони созишномаи арбитражӣ муқаррар мекунад. Дастури САБ ПБС (моддаи 16) ба арбитрҳо озодии зиёдтар дода, онҳоро вазифадор менамояд, ки ҳангоми ҳалли ин масъала тамоми ҳолатҳои парванда, алалхусус забонеро, ки шартномаи тарафҳо дар он баста шудааст, ба назар гиранд. Аммо, дастурҳои зикргардида танзими ҳолати бо зиёда аз як забон тартиб дода шудани созишномаи арбитражӣ / шартнома ва ё забони дигарро дар бар гирифтани / муқаррар кардани мукотибаи минбаъдаи тарафҳо, пешбинӣ намекунад. Дар робита ба ин, танзими масъалаи мазкур дар Дастури САБЛ ба назари мо нисбатан пурратар мебошад (моддаи 17). Дар сурати набудани созишномаи тарафҳо, забони мурофиаи арбитражӣ бояд забони созишномаи арбитражӣ бошад. Агар созишномаи арбитражӣ бо якчанд забон таҳия шуда бошад, арбитрҳо ҳуқуқ доранд, ки яке аз ин забонҳоро ҳамчун забони мурофиа интихоб кунанд, агар дар шартномаи арбитражӣ бевосита пешбинӣ нагардида бошад, ки мурофиаи арбитражӣ бо якчанд забонҳо гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат, қарори ниҳоӣ дар бораи забонҳои мурофиа аз ҷониби ҳайати арбитражӣ қабул карда мешавад. Моддаи зикргардида алгоритми дақиқи танзими масъалаи забони мурофиаи арбитражиро дар бар мегирад, аммо бо вуҷуди ин, аз гузаронидани мурофиа бо якчанд забон, ки одатан хароҷот ва вақти зиёдро талаб мекунад, канорагирӣ менамояд. Ҳамин тариқ, муқаррароти Дастури САБЛ, ки дар

боло оварда шудааст, барои ворид намудани тағйирот дар қонунгузории ҶТ заминаи нисбатан муносиб ба назар мерасад.

Масъалаи дигари муҳимме, ки танзими онро мо дар созишномаи арбитражӣ зарур мешуморем, ҷои арбитраж мебошад. Аз ҷониби тарафҳо ба таври дақиқ муайян гардидани ҷои арбитраж муҳим арзёбӣ мегардад. Аз рӯи қоида, ҳуқуқи ҷойи арбитраж чунин масъалаҳои мурофиавии марбут ба баррасии арбитражиро муайян мекунад: мансубияти арбитражии баҳс; эътибори созишномаи арбитражӣ. Тибқи муқаррароти Конвенсияи Женева (моддаи IX ), инчунин Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (моддаи 51), ҳангоми мутобиқ наомадани мурофиаи арбитражӣ ба созишномаи тарафҳо ва дар сурати мавҷуд набудани он, ба қонуни давлате, ки арбитраж дар он ҷо муайян шудааст, бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ имконпазир мебошад. Конвенсияи Ню-Йорк (моддаи V.1 ( г )) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» (моддаи 54) дорои асосҳои айнӣ барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ мебошанд.

Аксар вақт, масъалаи ҷои арбитраж дар сатҳи конвенсияҳои байналмилалӣ (моддаи IV (3) Конвенсияи Женева), қонунҳои миллӣ (Англия, Белгия) ва дастурҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ (САБ ПБС, ААА, САБЛ) ба ихтиёри тарафҳо гузошта мешавад. Дар ин ҳолат, ҷои арбитраж («place of arbitration») ва ҷои мурофиа ( «seat of arbitration») метавонад мувофиқ наоянд.

Агар тарафҳо ҷои арбитражро интихоб накарда бошанд ва ё барои интихоби минбаъдаи он аз ҷониби арбитрҳо меъёрҳо муқаррар накарда бошанд (масалан, кишваре, ки ҳуқуқи он эътибори созишномаи арбитражиро дастгирӣ мекунад), онҳо метавонанд аз нигоҳи юрисдиксияҳои гуногун бо роҳҳои мухталифи ҳалли ин масъала рӯ ба рӯ шаванд.

Интихоби ҷойи арбитраж барои дуруст ва саривақт баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитраж аҳаммияти калон дорад. Фозилов Н. қайд менамояд, ки бино бар ин ҳангоми муайян намудани ҷойи баргузории маҷлисҳои

арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ тарафҳои баҳси ҳуқуқӣ ва ё ҳайати арбитражи байналмилалии тиҷоратй бояд ҳолатҳои зеринро ба назар гиранд:

1) ҷойи баргузории арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ барои гузаронидани машварати байни арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ имконият диҳад;

2) барои баргузории маҷлисҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ шароити техники дошта бошад (мавҷудияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиёти ҳуқуқии дахлдор, компютери ба интернет пайваста, шароити хуби корӣ);

3) барои шунидани баёнот ва дархостҳои тарафҳо, хулосаи экспертҳо ва нишондоди шоҳидон имконият диҳад;

4) барои азназаргузаронии далелҳои шайъӣ ва хаттӣ шароити мусоид ба вуҷуд орад;

5) ба арбитрҳо, тарафҳо, экспертҳо ва шоҳидон имконият диҳад, ки саривақт ба маҷлиси арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҳозир шаванд;

6) ҳаҷми ками хароҷотҳои техникиро талаб намояд.

Дар навбати худ, Фозилов Н. зикр намудааст, ки ҷойи мурофиа дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ оқибати муҳимми ҳуқуқӣ низ дорад. Тибқи қонун ҳангоми ба тариқи ихтиёрӣ иҷро нашудани ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ тарафи ба фоидаи ӯ ҳалномаи арбитражӣ қабулшуда барои гирифтани варақаи иҷро ҷиҳати маҷбурӣ иҷро намудани ин ҳалнома аз ҷониби иҷрочиёни судӣ бояд ба суди иқтисодӣ муроҷиат намояд, ки дар ҳудуди амали он маҷлиси арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ сурат гирифтааст. Ҳамин тариқ, агар маҷлиси арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар шаҳри Душанбе сурат гирифта бошад, тарафе, ки ба фоидаи ӯ ҳалномаи арбитражӣ қабул шудааст, барои гирифтани варақаи иҷро ҷиҳати иҷрои маҷбурии ин ҳалномаи арбитражӣ бояд ба суди иқтисодии шаҳри Душанбе муроҷиат намояд.[106]

---

[106] Ниг.: Фозилов Н. Тартиби баррасии парвандаҳо дар Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З. – Душанбе, «Деваштич», 2007. – 157 с; Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии

Ақидаи Фозилов Н. дар ин масъала асосан ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад, вале бояд қайд намуд, ки ҷои арбитраж ва ҷои баргузории маҷлис (мурофиаи арбитражӣ) фарқ кард. Ҷойи арбитраж ин маконе, ки арбитраж дар он қарор дорад ё суроғаи он тибқи дастури арбитраж муайян карда шудааст. Мисол, тибқи қ. 1 моддаи 23 Дастури АБТТ маҳалли арбитражӣ - ш. Душанбе муайян шудааст. Аммо тарафҳо метавонанд бо созиши худ ҷои баргузории муҳокима (маҷлисҳо)-и арбитражиро дигар кунанд ва ё дар ҳолати ба созиш наомадани тарафҳо ҳайати арбитраж метавонад ҷои баргузории муҳокимаи арбитражиро муайян кунад (қ. 2 мод. 23–и Дастури АБТТ). Аммо онҳо ҷои арбитражро, ки бо Дастури арбитраж муайян шудааст дигар карда наметавонанд. Бино бар ин, дар бисёр дастурҳои арбитражӣ ҷои арбитраж навишта нашудааст ва муайян намудани он ба созиши тарафҳо ё ба ҳайати арбитраж ҳавола карда шудааст, ки ба андешаи мо ин қоида дурустар ба назар мерасад ва ба тарафҳо имкон медиҳад, ки озодона ҷои арбитражро муайян кунанд. Аз дуруст муайян намудани ҷои арбитраж дар оянда шикоят овардан ба ҳалномаи арбитражӣ ва иҷрои он вобастагӣ дорад.

Яъне аз ин бармеояд, ки на ҷои баргузории маҷлис (мурофиа)-и арбитражӣ, балки маҳалли ҷойгиршавии арбитраж аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад.

Бино бар фикру мулоҳизаҳои мазкур, ҷои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ унсури ҳатмии созишномаи арбитражӣ ва ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мебошад, яъне бояд дар ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ он дарҷ гардад.

Ҳамин тавр, то замони ислоҳоти қонуни арбитражии Англия дар соли 1996, ҷои имзо шудани ҳалномаи арбитражӣ дар муайян кардани ҷои арбитраж ҳалкунанда буд. Аз рӯи парвандаи Hiscox бар зидди Oudneaite соли 1991[107] арбитри ягона пас аз гузаронидани мурофиаи арбитражӣ дар Лондон ҳалномаро дар Париж ба имзо расонид. Палатаи лордҳо муқаррар кард, ки ҷои арбитраж бояд Париж бошад, зеро он маконест, ки ҳалнома дар он ҷо имзо шудааст. Дар он вақт, мувофиқи Дастури САБ ПБС–и он замон

тиҷоратӣ. Муҳарири масъул д.и.ҳ. проф. Рахимов М.З. – Душанбе: «Ирфон», 2010. – С. 68-69.
[107] Ниг.: Richard H. Kreindler. Practical Issues in Drafting International Arbitration Clauses. – С. 50.

амалкунанда (моддаи 22), ҳалномаи арбитражӣ бояд дар ҷои баргузории мурофиаи арбитражӣ (Лондон) дар рӯзи аз ҷониби арбитрҳо имзо гардидани он қабулгардида эътироф карда мешуд.

Дар айни замон, Санади АА аз соли 1996 (моддаи 14.3) ба мақоми арбитражӣ ва ё арбитрҳои парванда имкон медиҳад, ки дар сурати набудани созишномаи тарафҳо ҷои арбитражро муайян кунанд. Ҷолиби диққат он ҳолат аст, ки Дастури САБЛ (моддаи 16.1) эҳтимолиятеро муқаррар мекунад, ки тибқи он ҷои арбитраж бояд Лондон бошад, агар дар сурати набудани созишномаи тарафҳо, САБЛ бо назардошти ҳолатҳои парванда, ҷои дигари арбитражро муайян накарда бошад. Дар айни замон, Дастури САБ ПБС соли 1998, ки дар таҳрири нав қабул гардидааст (моддаи 14), пешбинӣ мекунад, ки ҷои арбитраж аз ҷониби Суди арбитражии ПБС муқаррар карда мешавад. Одатан чунин ҷой – кишвари мансубияти шаҳрвандии раиси ҳайати арбитражӣ мебошад.

Қонуни Намунавии UNCITRAL (моддаи 20), инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ») ваколати муайян кардани ҷои арбитражро ба тарафҳо ва ё ба ҳайати арбитражӣ вогузор менамояд, ки он нисбатан самараноктар ба назар мерасад. Аммо чи тавре, ки дар боло қайд намудем, Дастури АБТТ ҷои арбитражро ш. Душанбе муайян кардааст, агар тарафҳо Дастури АБТТ-ро интихоб намоянд, пас ҷои арбитраж ш. Душанбе муайян мешавад ва он бо созиши тарафҳо ё қарори ҳайати арбитраж дигар карда намешавад.

Мисолҳои аз ҷониби тарафҳо бидуни таҳлил интихоб гардидани ҷои арбитраж мавҷуданд, ки боиси ба таври номуайян шарҳ гардидани ин ҳолат аз ҷониби арбитрҳо мегардад. Ҳамин тавр, дар парвандаи Naviera Amazonica Peruana бар муқобили Compania Internacional de Seguros del Peru дар соли 1987[108], дар асоси шарти дар шартнома мувофиқанамудаи тарафҳо «арбитраж бояд тибқи қонунҳои шаҳри Лондон» сурат мегирифт, аммо тавзеҳоти

[108] Ниг.: Francesco Gambino. The Issue of Place in International Arbitration. – С. 23.

намунавии шартнома ба «юрисдиксия ва салоҳияти шаҳри Лима (Перу)» ҳавола менамуд. Суди апеллятсионӣ муайян намуд, ки ҷои арбитраж бо риояи қоидаҳои мурофиавии қонунгузории Англия – шаҳри Лондон мебошад, аммо аз сабаби барои тарафҳо қулай будани Перу, он метавонад ҷои маҷлиси арбитраж бошад. Аммо, ба назари мо аз ҷониби Суди апеллятсионӣ чунин тафсир шудани муқаррароти ин ду матн танҳо яке аз роҳҳои имконпазири ин масъала мебошад. Аз ин рӯ, ҳангоми дар мақоми дигар баррасӣ шудани баҳс, мумкин буд, ки Лима ҳамчун макони арбитраж ва татбиқи қоидаҳои мурофиавии Перу интихоб шуда, Лондон ҳамчун макони имконпазир барои гузаронидани ҷаласаҳои арбитражӣ муайян карда шавад. Бо назардошти ҷой доштани мушкилот дар муайян кардани «қонунҳои шаҳри Лондон», чунин тафсир, ба андешаи мо, дурусттар ба назар мерасад.

Тибқи қонунҳои амалкунандаи Англия (Санади АА аз соли 1996) тарафе, ки барояш ҷои арбитраж душвориҳоро ба бор меорад (ҷое, ки ҳарду тараф ва ё арбитрҳо интихоб/муайян мекунанд), бояд ин ҳолатро фавран изҳор намояд. Аз ҷониби ин тараф идома ёфтани иштирок дар мурофиа бидуни эътирози возеҳ оид ба масъалаи интихоби ҷои арбитраж одатан, ҳамчун даст кашидан аз ҳуқуқи овардани эътироз баррасӣ мешавад ва мувофиқан, наметавонад баъдтар ҳамчун асос барои шикоят овардан аз болои ҳалнома истифода шавад[109].

Илова ба оварда шудани нороҳатӣ барои тарафи баҳс, интихоби беасоси ҷои арбитраж аз ҷониби арбитрҳо (ки дар сурати аз ҷониби тарафҳо муайян нагардидани меъёрҳои интихоби ҷои арбитраж) метавонад вайрон гардидани уҳдадории арбитрҳо оид ба дуруст гузаронидани мурофиа бошад ва аз ин рӯ, барои қатъ кардани ваколатҳои арбитр метавонад асос гардад (моддаи 24 (1) Санади АА аз соли 1996). Дар натиҷа, ҷараёни мурофиаи арбитражӣ халалдор хоҳад шуд, ки ин дар навбати худ ба баррасии саривақтии парванда халал мерасонад.

---

[109] Ниг.: Francesco Gambino. The Issue of Place in International Arbitration. – С. 25.

Агар худи тарафҳо ҷои арбитражро интихоб кунанд, ки он барои яке аз онҳо номусоид бошад, суди салоҳиятдор метавонад интиқоли парвандаро ба арбитраж то замони аз ҷониби тарафҳо интихоб гардидани ҷои дигар боздорад. Мисоли ин гуфтаҳо парвандаи соли 1971 бо иштироки ҷониби Шуравӣ шуда метавонад: V/O Tractoroexport (USSR) бар муқобили M/s Tarapore and Co., India[110]. Созишномаи арбитражӣ ҷои арбитражро Маскав ва ё Лондон муайян карда буд. Суди Олии Ҳиндустон муайян намуд, ки ҷои интихобгардида боиси мушкилоти ҷиддӣ барои ҷониби Ҳиндустон мегардад, бинобар ин, тағйир дода шуд.

Интихоби бармаҳали ҷои арбитраж барои ҷонибҳои парвандаи James Miller бар муқобили Whitworth Street Estates[111] низ душвориҳоро ба бор овард. Ҷонибҳо ният доштанд, ки барои шарҳи муқаррароти ҳуқуқи татбиқшаванда ба Суди Олии Шотландия муроҷиат кунанд. Арбитр бо ишора ба он, ки тибқи қонунҳои мурофиавии Шотландия дар сурати аз ҷониби тарафҳо ҳамчун ҷои арбитраж интихоб гардидани Шотландия, ӯ ҳуқуқи қабули қарорҳои ниҳоиро ҳам дар асоси ҳолатҳои ҳуқуқӣ ва ҳам воқеӣ дорад, дархости мазкурро рад кард. Яке аз тарафҳо аз болои амали арбитр ба Суди Олии Шотландия шикоят кард ва он мувофиқи қонунҳои миллии худ парвандаро бино бар аз ҷониби арбитр риоя гардидани қонунгузории мурофиавӣ ба арбитраж баргардонд.

Аз ҷониби тарафҳо муайян нагардидани танзими масъалаи ҷои мурофиаи арбитражӣ метавонад ба мансубияти арбитражии баҳс дар маҷмуъ таъсир расонад. Созишномаи агентӣ байни ташкилоте аз Россия ва ширкате аз Туркия тавзеҳоти арбитражиеро дар бар мегирифт, ки тибқи он «ҳалли баҳсҳо дар арбитражи Палатаи савдо ва саноат» пешбинӣ шуда буданд (парвандаи САБТ№ 47/1995, қарор аз 30 ноябри соли 1995)[112]. Дар баробари ин, дар тавзеҳот давлати макони арбитраж ҷой надошт. Ҷавобгар пас аз пешниҳод гардидани даъво, барои эътироф намудани салоҳияти САБТ

---

[110] Ниг.: Francesco Gambino. Асари зикр. – С. 25.
[111] Ниг.: Francesco Gambino. Асари зикр. – С. 25.
[112]Ниг.: Практика международного коммерческого арбитражного суда // Сост. и автор М.Г. Розенберг. – М.: Статут, 1997. – С. 196-198.

эътироф кардаанд, ки нисбати ин баҳс салоҳият надоранд. Агар дар созишномаи арбитражӣ ФР ҳамчун ҷои ҳалли баҳсҳо зикр мегардид, қарори арбитрҳо метавонист дигар мебуд.

Элементи дигари асосии созишномаи арбитражӣ шумораи арбитрҳо мебошад. Аҳамияти ин шарти созишномаи арбитражӣ дар он аст, ки мутобиқ наомадани ҳайати мақоми арбитражӣ бо созишномаи арбитражӣ барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ асос мешавад (моддаи IX Конвенсияи Женева, моддаи 51 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»), инчунин барои рад кардани эътироф ва иҷрои он асос мегардад (моддаи V.1 (d) Конвенсияи Ню-Йорк; моддаи 54 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»).

Тибқи қоидаҳои умумӣ, масъалаи шумора ва тартиби таъин кардани арбитрҳо ба ихтиёри тарафҳо гузошта мешавад (моддаҳои 2, 3 Конвенсияи Панама; моддаҳои 10, 11 Қонуни Намунавии UNCITRAL; моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»; моддаҳои 10, 11 Қонуни ФР «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»; моддаҳои 15, 16 Санади АА аз соли 1996; моддаҳои 5 ва 6 Дастури байналмилалии ААА; моддаҳои 7–10 Дастури САБ ПБС, моддаи 16 Дастури Институти арбитражии палатаи савдоии Стокҳолм аз соли 1999[113]). Дар аксари ҳолатҳо, тарафҳо метавонанд дилхоҳ шумораи арбитрҳоро интихоб кунанд (моддаи 16 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»; моддаи 5 Дастури байналмилалии ААА; моддаи 16 (1) Дастури институти арбитражии палатаи савдоии Стокҳолм), аммо, баъзан барои онҳо маҳдудияти интихоби танҳо як нафар арбитри ягона ва ё се нафар арбитрҳо пешбинӣ мегардад (моддаи 8 Дастури САБ ПСБ). Дар Англия, ҳангоми нигоҳ доштани озодии тарафҳо оид ба муайян кардани шумораи арбитрҳо қоидае мавҷуд аст, ки тибқи он интихоби шумораи ҷуфти арбитрҳоро тарафҳо бояд ҳамчун нишонаи таъйин кардани арбитри иловагӣ ба ҳайси раёсати ҳайати арбитражӣ дарк кунанд (моддаи 15 (2) Санади АА аз соли 1996).

[113] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http ://www. chamber.se/arbitration/english (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

Дар ҳолате, ки тарафҳо шумораи арбитрҳоро дар созишномаи арбитражии худ муайян накардаанд, тафовутҳо ба миён меоянд. Дар бисёр кишварҳое, ки қонунгузории миллии худро дар асоси Қонуни намунавии UNCITRAL қабул кардаанд, шумораи арбитрҳо дар ин ҳолат ба се нафар баробар хоҳад буд (Тоҷикистон, Русия, Полша[114], Чехия[115] ва ғайраҳо). Дар баробари ин, дар сурати мавҷуд набудани тафовуқи байни тарафҳо тамоюли таъин кардани як арбитр рӯ ба афзоиш дорад (моддаи 15 (3) Санади АА аз соли 1996; моддаи 5 ФАА; моддаи 8 (2) Дастури САБ ПБС; моддаи 5 Дастури байналмилалии ААА). Дар баробари ин, дар аксари ҳолатҳо, тавзеҳот карда мешавад, ки бо назардошти ҳолатҳои парванда ва мураккабии мавзуи баҳс се арбитрро таъйин кардан мумкин аст.

Эҳтимоли дар қонунгузории Шветсия ҷойдошта ҷолиби диққат мебошад. Тибқи қоидаи умумӣ, шумораи арбитрҳо дар сурати набудани созишномаи тарафҳо, чуноне ки дар Қонуни намунавии UNCITRAL пешбинӣ гардидааст, се нафар муқаррар карда шудааст. Аммо, бо назардошти чизҳои дигар, мураккабии парванда, арзиши даъво ва дигар ҳолатҳо институти арбитражӣ метавонад арбитри ягонаро таъйин кунад.

Эҳтимол, сабаби маъруфияти қоидаҳои таъйини арбитри ягона дар имконоти ҳалли зудтар ва камхарҷии баҳсҳо бошад. Вобаста ба гуфтаҳои боло, мо пешниҳод менамоем, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» тағйирот ворид гардида, таъин кардани арбитри ягона дар сурати мавҷуд набудани интихоби ҷонибҳо пешбинӣ карда шавад, то қонунгузории Тоҷикистон ба тамоюлҳои дар амалияи арбитражии ҷаҳонӣ ҳукмрон мутобиқ карда шавад.

Дар сурати набудани созишномаи тарафҳо оид ба тартиби таъйини арбитрҳо, ин масъала тибқи дастури мақоми арбитражии мушаххас ҳал карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин вазифаро Раиси АБТТ иҷро мекунад (моддаи 8 Дастури АБТТ). Мувофиқи Дастури САБ ПБС (моддаи 8), ин нақш

---

[114] Иқтибос аз: Dariusz Oleszczuk and Bartosz Grohman. Poland: Recent developments. //Arbitration and ADR. May – 1999. – Vol. 4. – No.l. – C. 6-7.
[115] Иқтибос аз: JUDr. Vladamir ZeithamL Fifth year of new arbitration Law. // Arbitration and ADR. May – 1999. – Vol. 4. – No. 1. – C. 5.

ба Суди байналмилалии арбитражӣ дар назди ПБС ва дар ҳолатҳои фавқулоддаи фаврӣ қабули қарор – ба Раиси он ва ё муовини Раис таллуқ дорад (моддаи 3). Ҳангоми мутобиқи Дастури байналмилалии ААА дидани баҳсҳо, мудири Ассотсиатсия дар асоси дархости хаттии яке аз тарафҳо арбитр ва ё арбитрҳоро таъйин мекунад (моддаи 6).

Тартиби таъйин кардани арбитрҳо тибқи Дастури БСППА дар кишвари Венесуэла[116], ки моҳиятан суди арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ аст, ғайримуқаррарӣ мебошад. Тибқи Дастури БСППА, мурофиаи арбитражӣ танҳо дар ҳолате таъйин карда мешавад, ки тарафҳо баҳсро тавассути расмиёти мусолиҳаомез, ки муроҷиат ба он ҳатмӣ мебошад (моддаҳои 7, 9), ҳал карда натавониста бошанд. Котиботи БСППА ба ҷонибҳо барои таъйин кардани арбитрҳо, ки шумораи онҳо агар тарафҳо оид ба ин масъала ба мувофиқа нарасанд се нафар мешавад, 8 рӯзи корӣ медиҳад. Ҷонибҳо вазифадоранд, ки арбитрҳоро аз рӯйхати арбитрҳои БСППА, ки метавонанд онро ҳадди аксар то 30% коҳиш диҳанд, интихоб кунанд. Дар баробари ин, тарафҳо ҳуқуқ доранд, ки дар бораи номзадии арбитр аз ҳисоби шахсоне, ки ба рӯйхати пурра ё ихтисоршуда дохил карда шудаанд, ба созиш оянд. Агар тарафҳо ба мувофиқа нарасанд, ҳар як тараф 10 номзади эҳтимолиро пешбарӣ мекунад. Ҳайати суди арбитражӣ аз шахсоне иборат аст, ки бо интихоби ҳарду ҷониб мувофиқат мекунанд. Агар зиёда аз се арбитр дар интихоби тарафҳо мувофиқ бошанд, директор ё ин ки директори генералии БСППА арбитрҳоро таъйин мекунад. Агар интихоби тарафҳо танҳо нисбати ду номзад мувофиқ бошад, пас онҳо ба сифати арбитрҳо таъин карда мешаванд ва сипас онҳо аз рӯйхатҳое, ки ҳарду ҷониб пешниҳод намудаанд, арбитри раисикунандаро мувофиқи хоҳишашон интихоб мекунанд. Агар тибқи интихоби ҳарду ҷониб танҳо як арбитр мувофиқ ояд, пас ҳар як тараф вазифадор мешавад, ки аз байни шахсоне, ки тарафи муқобил интихоб кардааст, як нафар арбитри дигарро таъйин кунад. Ин расмиёт барои таъмини кафолати мустақилияти максималии ҳайати ниҳоии арбитраж

[116] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: // www. venamcham.org /cedca - ingles / rules, html. (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

пешбинӣ шудааст, аммо он барои мо нисбатан мураккаб ва тӯлонӣ менамояд.

Масъалаи таъйини арбитрҳо оид ба баҳсҳои бисёрҷониба дар дастурҳои арбитражҳои гуногуни байналмилалии тиҷорӣ ба таври мухталиф танзим гардидааст. Дар Дастури АБТТ (моддаи 8) муқаррар шудааст, ки дар сурати мавҷуд будани ягчанд даъвогар, таъйин кардани арбитр аз ҷониби онҳо якҷоя сурат мегирад, агар тарафҳо оид ба тартиби дигаре ба мувофиқа нарасанд. Дар ҳолате, ки дар даъво ду ва ё зиёда ҷавобгар дарҷ гардида бошад, онҳо бояд дар давоми 15 рӯз пас аз қабули даъво аз ҷониби ҷавобгаре, ки онро охирин қабул кардааст, якҷоя арбитрро таъйин кунанд. Тибқи Дастури АБТТ (§ 20.4), ҳангоми ҷой доштани ду ва ё зиёда даъвогар ва ё ҷавобгар, ҳам даъвогарон ва ҳам ҷавобгарон як арбитрӣ ва як арбитрии дигари эҳтиётӣ интихоб мекунанд. Онҳо инчунин метавонанд дархост кунанд, ки арбитр ва ё арбитри эҳтиётиро аз номи онҳо Раиси АБТТ аз рӯйхати арбитрҳо таъин намояд. Агар дар тӯли 30 рӯз байни даъвогарон ва ё ҷавобгарон созиш ба даст наояд, арбитр ва арбитри эҳтиётӣ аз ҷониби Раиси АБТТ аз рӯйхати арбитрҳо таъин карда мешаванд.

Зарурати ба таври махсус танзими таъйини арбитрҳо дар баҳсҳо бо иштироки якчанд шахс дар хориҷа дар парвандаи маъруфи Dutco, ки дар рафти он арбитрҳои САБ ПБС ҳамҷавобгаронро сарфи назар аз эътирозҳояшон вазифадор карда буданд, ки ба ҳайати арбитраж як арбитрро таъин кунанд, мушоҳида мешавад. Азбаски ҷавобгарон дар бораи интихоби арбитр ба мувофиқа нарасиданд, САБ ПБС ин арбитрро таъйин кард. Суди кассатсионии Фаронса дар соли 1992 бино бар вайрон гардидани принсипи баробарии тарафҳои баҳс ҳалномаи арбитражиро бекор кард[117]. Аммо, бо бекор кардани ин ҳалнома суд саволи бо кадом тартиб арбитрҳои баҳси бисёрҷониба бояд таъйин карда шавандро беҷавоб монд.

Кодекси мурофиаи граждании Фаронса (моддаи 1493) ҳалли масъалаҳои марбут ба мушкилоти ташкили ҳайати арбитражиро ба салоҳияти суд вогузор менамояд. Суди Апеллятсионии Аикс-эн-Прованс дар соли 1997

[117] Ниг.: Stephen Bond. The Constitution of the Arbitral Tribunal // The 1998 ICC Rules of Arbitration Special Supplement, The ICC International Court of Arbitration Bulletin. November 1997. – С. 23-24.

қарор қабул кард, ки созишномаи арбитражӣ дар сурати пайдо шудани чунин мушкилот, аз ҷониби судя ҷиҳати имкон доштани ташкили ҳайати арбитражӣ бе вайрон кардани принсипи муносибати баробар бо тарафҳои баҳс баррасӣ гардад. Агар ҷавоби ин савол манфӣ бошад, пас баҳс бояд аз тарафи суди давлатӣ баррасӣ карда шавад (парвандаи Grupo Acciona бар зидди Bellot)[118]. Ин қарорро ҳуқуқшиносони фаронсавӣ қабул накарданд ва онҳо боварӣ доштанд, ки ба ҷои беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ, судя бояд танҳо мувофиқи иродаи тарафҳо арбитрро таъйин мекард, то ки баҳс дар доираи мурофиаи арбитражӣ баррасӣ мегардид[119].

Масъалаи мазкур дар Дастури САБ ПБС (банди 2 моддаи 10) дар таҳрири нав ҳалли худро пайдо намудааст. Дар ҳолати розӣ нашудани ҳамдаъвогарон ва ё ҳамҷавобгарон оид ба номзадии арбитрҳо ва тартиби таъин кардани онҳо, САБ ПБС метавонад ҳар як узви ҳайати арбитражиро таъин кунад. Чунин муқаррарот номуайян аст, зеро он имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои алоҳида ҷониби ягонаи баҳс аз имконияти таъин кардани арбитрҳо маҳрум карда шавад. Муқаррароти мазкур назар ба муқаррароти моддаи 8 Дастури САБЛ на он қадар қатъӣ ба назар мерасад. Моддаи 8 Дастури зикршуда аз ҷониби Суди арбитражии САБЛ таъин гардидани ҳамаи арбитрҳоро дар сурати набудани созишномаи хаттии тарафҳои баҳси бисёрҷониба дар бораи он, ки даъвогар ва ҷавобгар бевосита тарафҳои баҳсро оид ба таъсиси арбитраж намояндагӣ мекунанд, пешбинӣ менамояд. Чунин ба назар мерасад, ки муқаррароти мазкур маҳдудсозии беасоси мустақилияти иродаи тарафи ягона мебошад. Дар ҳақиқат, имконнопазирии ба созиш омадани якчанд шахси ҷониби мухолиф оид ба номзадии арбитр набояд ба ҳуқуқҳои ҷониби ягона, ки дар созишномаи арбитражӣ ба ӯ пешниҳод шудаанд, зарар расонад. Пешниҳоди Стивен Бонд дар бораи он, ки тарафи ягона метавонад ҳуқуқи худро оид ба таъин кардани арбитр бо роҳи рад кардани номзадии янчанд шахсон аз тарафи муқобил нигоҳ дорад, низ

---

[118] Ниг.:Alexis Mourre. Recent trends in French arbitration case Law; a brief overview(1997/200). – С. 9.
[119] Ниг.: Alexis Mourre. Асари зикршуда. – С. 9.

беасос ба назар мерасад[120]. Ҳар як тараф ҳуқуқ дорад як ё якчанд нафарро ҳамчун ҳамҷавобгар интихоб кунад, агар нисбати онҳо созишномаи арбитражӣ паҳн гардад. Роҳҳои гуногуни пешниҳодшуда наметавонанд барои ба ҷониби баҳс рад кардани ҳуқуқи ба ӯ додашуда асос шаванд.

Муқаррароти Дастури Институти арбитражии палатаи савдои Стокҳолм (моддаи 16 (3)) оид ба таъини арбитрҳои баҳсҳои бисёрҷониба нисбатан дурустар ба назар мерасад. Аз ҷумла, тибқи қоидаи умумӣ, ҳуқуқи Институт оид ба таъйини арбитр ба ҷои тарафе, ки онро якчанд нафар намояндагӣ мекунанд ва онҳо дар хусуси номзадии арбитр ба созиш омада наметавонанд, муайян карда мешавад. Ба сифати истисно, имкони аз ҷониби Институт таъйин кардани тамоми ҳайати арбитраж пешбинӣ карда шудааст, агар тарафҳо оид ба ин масъала ба созиши дигар наомада бошанд.

Ҳамин тавр, бино бар ба таври мухталиф танзим гардидани масъалаи шумора ва тартиби таъйини арбитрҳо, тарафҳо бояд ин ҳолатро дар созишномаи арбитражӣ ба таври муфассал пешбинӣ намоянд. Ба назари мо, муқаррароти нисбатан бобарор дар Дастури АБТТ зикр гардидааст, зеро он новобаста аз ҳолати ба мувофиқа наомадани нафарони тарафи муқобил тарафи ягонаро аз ҳуқуқи интихоби арбитр маҳрум намесозад.

Яке аз нуктаҳои асосии созишномаи арбитражӣ ин ҳалли масъалаи ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома мебошад. Тарафҳои шартнома имкони интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаро метавонанд ҳам дар матни шартномаи асосӣ ва ҳам дар матни созишномаи арбитражӣ муайян намоянд. Дар робита ба ин саволе ба миён меояд, ки оё созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, ки ба матни созишномаи арбитражӣ илова гардидааст, мустақил аст?

Ба андешаи Розенберг М.Х. созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома аз созишномаи арбитражие, ки ба матни он дохил карда шудааст, мустақил аст ва он бояд чун шарти асосии шартнома ҳисобида шавад. Аз ин рӯ, Розенберг М.Х. чунин мешуморад, ки агар шартнома дар асоси ҳуқуқи моддии интихобкардаи тарафҳо беэътибор

[120] Ниг.: Stephen Bond. The Constitution of Arbitral Tribunal. – С. 24.

дониста шавад, пас суд бояд созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшавандаро низ беэътибор донад. Баъд аз ин, суд бояд бо истифода аз меъёрҳои дахлдори коллизионӣ ҳуқуқи татбиқшавандаеро, ки оқибатҳои беэътибор гардидани шартномаро ба танзим медароранд, муайян намояд[121]. Аммо, тавре ки Розенберг М.Г. қайд менамояд, мушкилоти ин ақида дар он аст, ки тибқи ҳуқуқе, ки бо меъёрҳои коллизионӣ муайян карда шудаанд, шартнома метавонад эътибори худро нигоҳ дошта бошад. Яъне ин ҳолат «муаммои сарбастае»-ро мемонад.

Ба назари мо, аз худи созишномаи арбитражӣ ҷудо намудани созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшавандаи шартномае, ки ба матни созишномаи арбитражӣ дохил карда шудааст, дуруст наменамояд. Дар ин ҳолат, бояд интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бино бар сабабҳои зерин яке аз шартҳои созишномаи арбитражӣ дониста шавад.

Якум, ба гурухи унсурҳои созишномаи арбитражӣ ворид кардани созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома имконпазир аст, зеро он барои ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ хидмат мекунад. Созишномаи арбитражӣ барои баррасии баҳсҳои тарафҳо тибқи тартиби арбитражӣ асос мегардад. Зимнан, созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда заминаи моддӣ-ҳуқуқии арбитражии моҳиятан ҳал кардани баҳсро таъмин менамояд, дар ҳоле ки унсурҳои дигар (интихоби мақоми мушаххаси арбитражӣ, ҷой ва забони мурофиа, шумораи арбитрҳо) асоси мурофиавии баррасии арбитражиро ташкил медиҳанд. Шарти ниҳоӣ будани қарори арбитражӣ барои тарафҳои баҳс, ба иҷроиши он мусоидат менамояд.

Дуюм, ҳолати мустақил эътироф гардидани ҳам созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ва ҳам шартҳои дигари созишномаи арбитражӣ дар робита ба шартномаи асосӣ ҷой дорад. Мустақилияти созишномаи арбитражӣ аз шартномаи асосӣ дар бисёр санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла

[121] Муфассалтар ниг.: Розенберг М.Г. Международный договор и иностранное право. М.: Статут, 1998. –212с.; С.13.; Розенберг, М.Г. Контракт международной купли–продажи. Современная практика заключения. Разрешение споров. – М: Книжный мир. – 1998. – 824 с.; Розенберг М.Г. Международная купля-продажа товаров: Комментарий к правовому регулированию и практике разрешения споров. – 4-е изд., испр. и доп. – М.: Статут, 2010. – 462 с.

моддаи 21 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», моддаи 16 Қонуни ФР «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», моддаи 8 Қонуни Бразилия №9.307 аз соли 1996, банди 3 моддаи 178 Қонуни Швейтсария "Дар бораи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ" пешбинӣ гардидааст[122].

Принсипи мустақилияти созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда аз шартномаи асосии амалкунанда ва боэътибор дар Конвенсияи Рим мустаҳкам гардидааст[123]. Моддаи 8 Конвенсияи мазкур муқаррар мекунад, ки мавҷудият ва амали шартнома ва ё дилхоҳ шартҳои он бо ҳуқуқе муайян карда мешавад, ки тибқи Конвенсия он танзим мегардид, агар шартнома ва ё шартҳои он эътибор дошта бошанд. Тасаввур мекунем, ки тибқи ҳуқуқи татбиқшавандаи интихобкардаи тарафҳо, шартнома беэътибор дониста шудааст. Тибқи моддаи 8, шарти созишнома дар бораи интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда худ аз худ беэътибор намешавад. Баръакс, дар асоси он оқибатҳои беэътибор донистани шартномаи асосӣ муайян карда мешавад (моддаи 10). Аз ин рӯ, тибқи шартҳои Конвенсия, беэътибор донистани шартномаи асосӣ - маънои беэътибор донистани созишнома дар бораи интихоби ҳуқуқи татбиққунандаро надорад.

Ҳамин тариқ, мустақилияти созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда аз шартномаи асосӣ ба мустақилияти дигар шартҳои созишномаи арбитражӣ мувофиқат мекунад. Ҳолати мазкур имконияти ҳамчун яке аз унсурҳои созишномаи арбитражӣ эътироф гардидани онро истисно намекунад. Дар ин ҳолат, ҳатто агар шартномаи асосӣ беэътибор дониста шавад ҳам, созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда эътибори худро нигоҳ медорад. Дар асоси он, ҳалли масъалаи оқибатҳои беэътибор донистани шартнома бидуни мурочиат ба ҳуқуқе, ки бо истифодаи меъёрҳои коллизионӣ муайян карда мешаванд, мумкин аст. Бо ин роҳ мушкилии «муаммои сарбаста», ки бинобар беэътибор донистани созишномаи ҳуқуқи татбиқшаванда дар сурати

---

[122] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www .jus.uio.no/lm/arbitratioii/national.laws.html. (санаи мурочиат: 23.04.2021).

[123] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.jus.uio.o/lm/ec.applicable.law.contracts. 1980. (санаи мурочиат: 23.04.2021).

беэътибор донистани шартномаи асосӣ ба миён меояд, бартараф карда мешавад. Бояд қайд кард, ки муқаррароти Конвенсияи Римро дар аксари мавридҳо КМ ҶТ (фасли VIII) дар бар гирифтааст.

Сеюм, ба сифати унсури созишномаи арбитражӣ эътироф гардидани созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, нисбат ба шартномаи асосӣ, созишнома дар бобати интихоб намудани ҳуқуқи татбтқ шаванда афзалият дорад. Дар сурати аз созишномаи асосӣ, мустақил донистани созишномаи арбитражӣ ва инчунин созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда ва беэътибор гардидани созишномаи асосӣ, онҳо эътибори худро нигоҳ дошта, барои ҳалли баҳсҳо мувофиқи иродаи умумии воқеии ҷонибҳо асос мешаванд. Ин ҳолат пешгӯишавандагии натиҷаи баррасии арбитражиро барои тарафҳо таъмин менамояд.

Ҳамин тавр, агар созишномаи арбитражӣ беэътибор гардад, созишнома дар бораи ҳуқуқи амалкунанда, ки ба таркиби он ворид карда шудааст, низ беэътибор дониста хоҳад шуд. Дар сурати набудани созишномаи арбитражӣ, баҳсҳои байни тарафҳо бояд ба мақомоти судӣ супорида шаванд ва суд, аз ҷумла ҳуқуқи татбиқшавандаи шартномаро муайян мекунанд. Аммо, ҳатто дар ин ҳолат, суд барои муайян кардани иродаи воқеии тарафҳо метавонад созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшавандаи беэътиборгардидаро баррасӣ кунад. Ҳамин тавр, мувофиқи қисми 2 моддаи 1333 КМ ҶТ, созишномаи тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бояд пурра баён шуда бошад ва ё аз шартҳои шартнома ва ҳолатҳои кории дар маҷмуъ баррасишаванда мустақиман барояд. Ба сифати яке аз чунин ҳолатҳо интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми бастани созишномаи арбитражӣ, ки баъдан беэътибор дониста шудааст, баромад карда метавонад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда, ки ба матни созишномаи арбитражӣ ворид карда шудааст, бояд ҷузъи таркибии он шуморида шуда, ҷудо аз шартномаи асосӣ мустақил эътироф карда шавад.

Дар қонунгузориҳое, ки дар онҳо мавҷудият ва эътибори созишномаи

арбитражӣ, аз мавҷудият ва эътибори шартномаи асосӣ вобаста аст, ҳолати набудан ва ё беэътибор гардидани шартномаи асосӣ боиси беэътибор гардидани ҳам созишномаи арбитражӣ ва ҳам созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома мегардад. Ҳуқуқи татбиқшаванда дар чунин ҳолат мутобиқи қонунҳои кишвари суд интихоб карда мешавад.

Масъалаи асосҳои маҳдуд кардани истифодаи меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи моддии шартнома, ки тарафҳо интихоб кардаанд, қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ба ин асосҳо, мо мухолифати онҳоро бо меъёрҳои императивӣ ва ё тартиботи оммавии давлати дахлдор мансуб медонем.

Ҳолатҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқии императивиро нисбати ҳуқуқе, ки тарафҳо интихоб кардаанд, баррасӣ менамоем. Меъёрҳои императивӣ бо қонунгузории миллӣ барои ҳимояи манфиатҳои дорои аҳаммияти ҷамъиятӣ муқаррар карда шудаанд ва дар сарҳадди ҳуқуқи хусусӣ ва умумӣ қарор доранд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо манфиатҳои миллии дорои аҳаммияти иҷтимоиро тавассути ҳуқуқи маданӣ танзим мекунанд[124]. Аз ин рӯ, тарафҳо наметавонанд амали меъёрҳои дахлдори императивиро дар танзими муносибатҳои ҳуқуқияшон истисно намоянд. Бояд қайд кард, ки баъзан меъёрҳои императивӣ танҳо дар доираи муносибатҳои шартномавӣ маҳдуд карда мешавад (Конвенсияи Рим, Олмон) ва баъзан онҳо ба ҳама гуна муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ–ҳуқуқӣ, сарфи назар аз хусусияти шартномавии онҳо, паҳн мегарданд (ФР, Швейтсария, Кодекси моделии маданӣ барои кишварҳои ИДМ[125]).

Қонунҳои кадом кишвар метавонад истифодаи меъёрҳои интихобкардаи диспозитивии тарафҳои ҳуқуқи шартномаро маҳдуд созанд, баррасӣ карда мешаванд. Якум, меъёрҳои императивии ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома чунин маҳдудиятро ташкил медиҳанд. Розигии тарафҳо барои татбиқи ҳуқуқи давлати муайян нисбати муносибатҳои шартномавиашон маънои татбиқи ҳам меъёрҳои диспозитивӣ ва ҳам меъёрҳои императивиро

---

[124] Ниг.: Садиков О.Н. Императивные нормы в международном частном праве. Московский журнал международного права. – 1992. № 2. – С. 82.

[125] Ниг.: Звеков. В.П.Международное частное право. Курс лекций. – М.: Норма, 1999. – С. 146-148.

дорад. Ҳамин тавр дар парвандаи ПБС 8161[126] агенти олмонӣ соҳибмулки хориҷиро водор кард, ки ҳуқуқи олмониро ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда интихоб кунад. Ҳамзамон, дар шартнома шарте мавҷуд буд, ки агар он қатъ карда шавад, агент ҳуқуқи ҷубронро надорад. Дар мурофиаи арбитражӣ, соҳибмулк изҳор дошт, ки ӯ ҳуқуқи олмониро интихоб намуда, тахмин кардааст, ки шарти напардохтани ҷуброн ба агент боэътибор мебошад. Аммо, арбитр муайян кард, ки мутобиқи ҳуқуқи олмонӣ, ки тарафҳо онро интихоб кардаанд, ҷонибҳо ҳуқуқ надоштанд, ки пардохти ҷуброн ба агентро дар робита ба қатъи шартнома истисно кунанд.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки ҷонибҳо дар аксари ҳолатҳо ҳуқуқи татбиқшавандаро интихоб мекунанд (масалан, дар 77% парвандаҳое, ки ПБС дар соли 2000 баррасӣ кардааст). Дар сурати мавҷуд набудани созишнома байни тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда, арбитраж бояд меъёрҳои императивии ҳуқуқеро, ки аз ҷониби он нисбати шартномаи тарафҳо татбиқшаванда муайян гардидааст, истифода кунад[127].

Ҷулиан Лю пешниҳод мекунад, ки мустақилияти иродаи ҷонибҳо бояд бо меъёрҳои императивии қонунгузории кишваре, ки эҳтимол ҷои эътирофи қарорҳои арбитражӣ ва иҷрои онҳо хоҳад буд, маҳдуд карда шавад. Ҷ. Лю чунин мешуморад, ки қарори арбитражӣ бояд ба ҳуқуқ ва тартиботи оммавии кишваре, ки дар ҳудуди он эътироф ва иҷрои қарор талаб карда мешавад, баръало мутобиқат кунад[128]. Аммо, бо чунин пешниҳод розӣ шудан душвор аст. Аввалан, на ҳама вақт ҷои иҷроиши қарори арбитражиро пешгӯӣ кардан имконпазир аст, зеро қарздор метавонад дар якчанд кишвар моликият дошта бошад. Дуюм, чунин татбиқи меъёрҳои императивӣ, маҳдудияти аз ҳад зиёди мустақилияти иродаи тарафҳоро ташкил медиҳад. Ин талабот аз ҷониби қонунгузории миллӣ, конвенсияҳои байналмилалӣ ва дастурҳои арбитражии байналмилалӣ пешбинӣ нагардидааст. Аз ин рӯ, мо бо андешаи Волфганг Кен розӣ ҳастем, ки меъёрҳои императивии ҷои имконпазири

[126] ICC International Court of Arbitration Bulletin, Spring – 2001. – Vol. 12. – No. 1. – C. 53.
[127] Ниг.: ICC International Court of Arbitration Bulletin. – C. 11.
[128] Ниг.: Julian D.M. Lew. Determination of Applicable Substantive Law//International Business Lawyer. April – 1997. – VoL25. – No.4. – C.159.

иҷроиши қарори арбитражӣ танҳо дар сурате татбиқ карда мешаванд, ки агар онҳо бо меъёрҳои императивии интихобнамудаи тарафҳои тартиботи ҳуқуқӣ мувофиқат кунанд. Интихоби тарафҳо бояд эҳтиром карда шавад ва онҳо бояд оқибатҳои душвори иҷрои қарорҳои арбитражиро аз рӯи баҳсашон худ ба зимма гиранд[129].

Дуюм, татбиқи меъёрҳои диспозитивии ҳуқуқи моддии шартнома бо меъёрҳои императивӣ, ки татбиқи онҳо аз ҳуқуқи интихобкардаи тарафҳо вобаста нест, маҳдуд карда мешавад. Чунин меъёрҳо «фавқулода императивӣ» номида мешаванд. Зарурати истифодаи меъёрҳои «фавқулода императивӣ» дар аҳаммияти махсуси онҳо барои таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ дида мешавад. Ба гуруҳи меъёрҳои «фавқулода императивӣ» меъёрҳои якчанд категорияҳо дохил мешаванд.

Ба гуруҳи якум, меъёрҳои императивии кишвари суд ва ё арбитраж дохил мешаванд. Ин қоида дар моддаи 7 (2) Конвенсияи Рим, моддаи 17 Конвенсияи Гаага аз соли 1986[130], моддаи 1192.1 КГ ФР, моддаи 3076 Кодекси мадании вилояти Квебек (Канада)[131] пешбинӣ шудааст. Дар ҶТ ба гурӯҳи чунин меъёрҳо, аз ҷумла меъёрҳо оид ба принсипҳои асосии ҳуқуқи гражданӣ (моддаи 3 КГ ҶТ), ҳадди амали ҳуқуқҳои гражданӣ (моддаи 10 КГ ҶТ), беэътибории аҳди бар хилофи асосҳои тартиботи ҳуқуқӣ ва ахлоқ басташуда (моддаи 194 КГ ҶТ), мустақилияти шартнома (қисми 1 моддаи 453 КГ ҶТ)[132] дохил мешаванд. Ҳолатҳои мазкур дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба назар мерасанд. Дар хориҷа, ба шумули меъёрҳои «фавқулода императивӣ» баъзе қоидаҳо дар бораи муҳлат, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон, шакли аҳдҳо, қонунгузории зиддиинҳисорӣ ва ғ. дохил мешаванд[133].

---

[129] Ниг.: Wolfgang Kuhn. Choice of Substantive Law in the Practice of International Arbitration. – С. 150.

[130] Иқтибос аз: М.Г. Розенберг. Контракт международной купли-продажи. Современная практика заключения. Разрешение споров. – М.: Книжный мир, 1998. – С. 255-265.

[131] Иқтибос аз: В.П. Звеков. Международное частное право. Курс лекций. – С. 146.

[132] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсир ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. қисми якум. – Душанбе «ЭР-граф». – 2010. – С.19-21.

[133] Муфассалтар ниг.: Бободжонзода И.Х. Понятие публичного порядка в правовой системе Республики Таджикистан. Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и

Ба гурӯҳи дуюми меъёрҳои «фавқулода императивӣ» Конвенсияи Рим (моддаи 7.1) ва Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 1219, қисми 2) меъёрҳои императивии ҳуқуқи кишвареро, ки бо шартнома робитаи зич доранд, агар тибқи ҳуқуқи ин кишвар чунин меъёрҳо муносибатҳои дахлдорро новобаста аз ҳуқуқи татбиқшаванда танзим кунанд, дар бар мегиранд. Ба нуктаҳои зерин бояд диққат дода шавад. Якум, сухан дар бораи ҳуқуқи кишваре меравад, ки он аз ҳуқуқе, ки тарафҳо ё арбитр интихоб кардаанд, инчунин аз ҳуқуқи кишвари суд ё арбитраж фарқ мекунад. Дуюм, сухан дар бораи имконият, на ин ки уҳдадории татбиқи ин гуна меъёрҳои ҳуқуқӣ меравад. Ҳангоми муайян кардани зарурати татбиқи онҳо, арбитраж ба мақсад ва хусусияти онҳо, инчунин оқибатҳои татбиқ кардан ва ё накардани онҳо диққат медиҳад.

Ба андешаи мо, муқаррароти моддаи 1333 КМ ҶТ духӯрагиро ба миён меорад. Моддаи мазкур муқаррар мекунад, ки ҳангоми интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда аз ҷониби тарафҳои шартнома, ҳолатҳои кор бояд аз он шаҳодат диҳанд, ки шартнома воқеан бо як тараф алоқаманд аст, пас интихоби ҳуқуқи кишвари дигар аз ҷониби тарафҳо наметавонад ба амали меъёрҳои императивии кишваре, ки шартнома воқеан бо он алоқаманд аст, таъсир расонад. Дар баробари ин, дар модда ишора ба он оварда нашудааст, ки меъёрҳои императивии кишваре, ки бо шартнома робитаи воқеӣ доранд, бояд «фавқулода императивӣ» бошанд, яъне сарфи назар аз ҳуқуқе, ки тарафҳо интихоб кардаанд, татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, моддаи 1218–ро ҳамчун татбиқи ҳатмии на танҳо меъёрҳои «фавқулода императивӣ», балки меъёрҳои императивии ин кишвар тафсир кардан мумкин аст.

Мо чунин мешуморем, ки пайдо шудани ин муқаррарот дар КМ ҶТ аз хоҳиши дар сатҳи қонунгузорӣ маҳдуд кардани кӯшиши «убури қонун» аз ҷониби тарафҳои баҳс вобаста аст. Дар ҳақиқат, интихоби ҳуқуқи «бетараф»

---

перспектив развития. VII Международная научно-практическая конференция посвященная 25-летие Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019г.) Ежегодный сборник докладов. – Душанбе, 2019. – С. 236-245. Он же, Правовая природа международного коммерческого арбитража и особенности правового регулирования. Журнал, Правовая жизнь. Апрель-июнь – 2020 – №2 (30). – С. 57-66; Звеков В.П. Международное частное право. Курс лекций. – С. 149-150.

дар муносибатҳои ҳуқуқӣ метавонад аз хоҳиши тарафҳо оид ба канорагирӣ кардан аз татбиқи маҳз меъёрҳои императивии кишваре, ки бо онҳо алоқаи воқеӣ доранд, гувоҳӣ диҳад ва ин ҳолат метавонад ба муносибатҳои гражданӣ–ҳуқуқии муҳимми ин кишвар таҳдид кунад.

Аммо дар КМ ҶТ дар баробари ҷой доштани моддаи 1340, пешбинӣ намудани моддаи 1333 то чи андоза асоснок аст, маълум нест. Эҳтимол меравад, ки ҳолати мазкур асоснок намебошад. Аввал, маънои дар қонунгузорӣ эътироф накардани «убури қонун» аз роҳ надодан ба кӯшишҳои тарафҳо барқасдона сарфи назар кардани меъёрҳои «фавқулода императивӣ»-и ҳуқуқи кишвар мебошад, ки бо муносибати онҳо робитаи воқеӣ доранд. Аммо аз ҷониби тарафҳо интихоб гардидани ҳуқуқи «бетараф» метавонад сабабҳои дигар низ дошта бошад: дар ҳақиқат намехоҳанд, ки ҳуқуқи яке аз тарафҳои шартнома татбиқ карда шавад, дар кишвари «бетараф» ҷой доштаниреҷаи нисбатан мусоидтари ҳуқуқӣ (ғайрирасмӣ, танзими дақиқи ҳуқуқӣ ва ғ.). Танҳо дар асоси интихоб гардидани ҳуқуқи кишвари «бетараф» нисбати шартнома татбиқ кардани меъёрҳои императивии ҳуқуқи кишваре, ки бо шартномаи онҳо алоқаи воқеӣ доранд, чандон дуруст ба назар намерасанд. Мувофиқан, моддаи 1340 КМ ҶТ на ин ки уҳдадорӣ, балки имконияти татбиқи меъёрҳои «фавқулода императивӣ»-и ҳуқуқи кишвари бо муносибатҳо робитаи зич доштаро пешбинӣ менамояд. Баъдан, моддаи 1340 КМ ҶТ татбиқи меъёрҳои «фавқулода императивӣ»-и ҳуқуқи ҶТ-ро нисбати муносибати ҳуқуқии тарафҳо ва имконияти татбиқи меъёрҳои «фавқулода императивӣ»–и кишварро, ки бо муносибатҳои тарафҳо робитаи зич доранд, пешбинӣ менамояд, ки ин «мувозинати» кофӣ ба ҳама гуна кӯшишҳои «убури қонун» мебошад.

Тавре ки Муранов А.И. қайд намудааст, паҳн шудани назарияи «робитаи нисбатан зич» худ аз худ мушкилоти «убури қонун»-ро бартараф мекунад. Дар ҳақиқат, бино бар ҷой доштани имкони аз ҷониби арбитр истифода гардидани меъёрҳои фавқулода императивии кишваре, ки бо муносибатҳо робитаи наздик дорад, ҳолати аз ҷониби тарафҳои шартнома

қасдона истисно гардидани онҳоро пешгирӣ менамояд. Сеюм, ба назари мо муқаррар кардани тафовут дар қонунгузорӣ оид ба истифодаи меъёрҳои фавқулода императивӣ нисбати муносибатҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ дуруст нест[134].

Ҳамин тариқ, мо ворид кардани моддаи 1334 дар КМ ҶТ дар бораи татбиқи ҳатмии меъёрҳои императивии ҳуқуқи кишвареро, ки бо муносибатҳо робитаи воқеӣ дорад, қобили қабул намедонем. Ба назари мо чунин менамояд, ки муқаррароти модддаи 1340 КМ ҶТ барои пешгирии кӯшишҳои «убури қонун» аз ҷониби тарафҳои баҳс ҳангоми интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома кифоя аст.

Асоси дигари маҳдуд кардани татбиқи ҳуқуқи моддии шартнома, ки тарафҳо интихоб кардаанд, истифодаи тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ мебошад. Ҳадафи ин тавзеҳот, истисно кардани татбиқи меъёри ҳуқуқи хориҷие, ки хилофи тартиботи оммавии кишваре, ки дар он ҷо арбитраж баргузор мешавад (моддаи 1312 КМ ҶТ), мебошад; ва инчунин – истисно кардани эътироф ва иҷрои қарори арбитражии ба меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ асосёфта, ки хилофи тартиботи оммавии кишваре мебошанд, ки эътироф ва иҷрои он дар ҳудуди он талаб карда мешавад (моддаи Ү.2 (Ь) Конвенсияи Нью-Йорк, моддаи 54 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»).

Дар робита ба ин, мо бо андешаи Звеков В.П. дар бораи он, ки муқаррарот оид ба тартиботи оммавӣ танҳо бо зарурати аз ҷониби суд маҳдуд кардани амали меъёрҳои коллизионии худӣ, бо истисно кардани истифодаи ҳуқуқи хориҷӣ, ки бо тартиботи оммавии кишвари суд мувофиқ намебошад, розӣ шуда наметавонем[135]. Якум, ҳуқуқи хориҷӣ, ки одатан аз ҷониби тарафҳои баҳс интихоб карда мешавад, чун қоида ба меъёрҳои коллизионӣ истинод намеоранд. Дуюм, дастурҳои бисёр арбитражҳои байналмилали тиҷоратӣ ба арбитрҳо ваколат медиҳанд, ки ҳуқуқи

[134] Ниг.: Муранов А.И. К вопросу об «обходе закона» // Московский журнал международного права – 1997. – №3. – С. 65.
[135] Ниг.: Звеков В.П. Международное частное право. Курс лекций. – С. 150.

татбиқшавандаи шартномаро бидуни ягон истинод ба меъёрҳои коллизионӣ муайян кунанд (САБ ПБС, ААА ). Сеюм, танҳо ба тартиботи оммавии кишвари суд ва ё арбитраж мансуб донистани амали тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ нодуруст мебошад.

Ин тавзеҳотро мақомоти судии кишваре, ки дар он ҷо эътироф ва иҷрои қарори арбитражии ба меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ асосёфта талаб карда мешавад, низ татбиқ карда метавонанд (моддаи Y.2 (Ь) Конвенсияи Ню-Йорк; моддаи 54 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»). Ҳарчанд меъёрҳои ҳуқуқии дар боло овардашуда танҳо ба муқаррароти қарори арбитражӣ, ки хилофи тартиботи оммавии давлати дахлдор мубошанд, истинод меоранд, чунин ихтилоф дар робита бо қарори дар асоси меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ қабулгардида ба миён меояд. Дар натиҷа, тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ на танҳо аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор, на танҳо дар давлати суд, балки дар кишвари эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарори арбитражӣ низ татбиқ карда мешавад. Албатта, дар асоси « lex mercatona» (он як низоми мухтори танзими тиҷорати байналмилалӣ мебошад, ки аз низоми ҳуқуқии миллӣ ҷудо аст) баровардани ҳалномаи арбитражӣ мумкин аст. Аммо дар ин ҳолат ба тартиботи оммавии дилхоҳ давлат мухолифат кардани он ғайриимкон мегардад, зеро lex mercatona принсипҳои умумиэътирофгардидаи савдои байналмилалиро ифода мекунад (Дебочаи Принсипҳои аҳдномаҳои байналмилалии тиҷоратӣ (Принсипҳои УНИДРУА)[136].

Зимнан, доираи истифодаи тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ аз зарурати маҳдуд кардани истифодаи меъёрҳои коллизионии кишвари суд ва ё арбитраж васеътар аст. Дар робита ба ин, дар меъёрҳои як қатор конвенсияҳои байналмилалӣ ба таври махсус ҳуқуқи кишвари суд ва ё арбитраж дар мақолаҳое, ки истифодаи тавзеҳот оид ба тартиботи оммавиро шарҳ медиҳанд, зикр нашудааст (моддаи 6 Конвенсияи Гаага соли 1955[137];

[136]Иқтибос аз.: МХ. Розенберг. Контракт международной купли-продажи. Современная практика заключения. Разрешение споров. – С. 470-500.
[137] Иқтибос аз.: МХ. Розенберг. Контракт международной купли-продажи. Современная практика заключения.

моддаи 18 Конвенсияи Гаага аз соли 1986).

Маҳдуд кардани мустақилияти иродаи ҷонибҳо дар интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда дар асоси тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ дар амалияи АБТТ дида намешавад. Сабабаш қисман, бо мушкилии муайян кардани мафҳуми дақиқи «тартиботи оммавӣ» вобаста аст. Аз ин рӯ, муайян кардани меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ, ки ба он мухолифанд, душвор аст. Шояд ба чунин меъёрҳо қонунҳое дохил шаванд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандонро маҳдуд мекунанд. Аммо, ин бештар ба соҳаи муносибатҳои оилавӣ, меҳнатӣ, муносибатҳои меросӣ ва ғайраҳо Дар борои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дорад ва дар амалияи савдои байналмилалӣ[138], махсусан дар масъалаи интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда кам ба назар мерасад. Аз ин рӯ, мо чунин мешуморем, ки сарфи назар аз имконияти маҳдуд кардани мустақилияти иродаи тарафҳо дар интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда, бинобар мухолифати он бо тартиботи оммавӣ, нақши амалии ин маҳдудият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он қадар калон нест.

Зимнан, дида мебароем, ки чӣ гуна тамоюлҳои монанд дар хориҷа вуҷуд доранд. Дар таҷрибаи судӣ ва арбитражӣ, тарафҳои баҳс барои исботи дурустии мавқеи худ аз тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ васеъ истифода менамоянд. Дар баробари ин, чунин шуморида мешавад, ки тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ бештар ба манфиати тарафҳо мувофиқ мебошад, масалан дар ҳуқуқи хориҷӣ мавҷуд набудани воситаҳои ҳимояи шабеҳ ба қонунгузории кишваре, ки тибқи он қонуни шахсии тарафи баҳс муайян карда мешавад[139]. Аммо мақомоте, ки баҳсҳоро ҳал мекунанд, чунин тафсири озодро хеле кам ҷонибдорӣ менамояд[140]. Ғайр аз ин, қонунгузории бисёре аз кишварҳо талаб мекунад, ки барои рад кардани татбиқи ҳуқуқи хориҷӣ дар асоси тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ, бояд мухолифати ҷиддӣ ва ё

Разрешение споров. – С. 250-254.

[138]Ниг.: Светланов А. Коллизионное регулирование в сфере внешнеэкономической деятельности. – С. 23.

[139] Ниг.: Steven A. Hammond, Derek JT Adler, Beth -EL Tilahun. Forum Selection Clauses in the Lloyd's Litigation // Interntional Litigation News. July – 1997. – С. 32.

[140] Ниг.: Steven A.Hammond, Derek JT Adler, Beth -EL Tilahun. – С. 32; Steven Hammond, Derek Adler, Jacqueline Sutton. Enforceability of Forum Selection and Choice of Law Clauses./YInternational Litigation News. July – 1998. – С. 45.

номутобиқатии меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ бо принсипҳои асосии ҳуқуқи миллӣ муайян карда шаванд(Олмон, Австрия).

Ба сифати мисол парвандаи Deutshe Schachtbau бар муқобили Shell Petroleum Co., Ltd[141] баррасӣ карда мешавад. Даъвогар барои эътироф ва иҷрои ҳалномае, ки аз ҷониби арбитражи байналмилалии тиҷоратии Швейтсария бароварда шудааст, ба Суди апеллятсионии Англия муроҷиат намуд. Дар шартнома интихоби ҳуқуқи мурофиавии Швейтсария пешбинӣ гардида буд, аммо масъалаи интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаи моддӣ муайян нагардида буд.

Арбитраж дар танзими ин баҳс принсипҳои ҳуқуқҳии дар савдои байналмилалӣ қабулшудаи муносибатҳои шартномавӣ (lex mercatoria)–ро истифода намуд. Ҷавобгар қарори мазкурро бинобар мухолиф буданаш ба тартиботи оммавӣ дар Англия мавриди баҳс қарор дод, зеро он ба низоми миллии ҳуқуқӣ асос наёфта буд. Аммо, суд бинобар асосҳои зерин ваҷҳи овардаи ҷавобгарро рад намуд. Ҳангоми бастани шартнома, ҷонибҳо ният доштанд, ки дар заминаи он барои худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро бо оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ ба миён оваранд. Созиши тарафҳо дар бораи он, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо бояд маҳз бо ҳуқуқи миллӣ танзим карда шаванд, ҷой надошт.

Андешаи Беда Вортманн перомуни алоқамандии меъёрҳои императивӣ ва тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ ҷолиби диққат мебошад[142]. Мавсуф тахмин мезанад, ки меъёрҳои императивӣ ифодаи тартиботи оммавии давлатӣ мебошанд. Оё ин тахмин дуруст аст? Чунин ба назар мерасад, ки ин ақида танҳо дар робита бо меъёрҳои «фавқулода императивӣ»–и ҳуқуқӣ, ки ба монанди тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ асосҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ҳифз мекунанд ва мутаносибан, новобаста аз ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома амалӣ карда мешаванд, дуруст мебошад. Ба мисли тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ, меъёрҳои «фавқулода императивӣ»

---

[141] Ниг.: Julian DM Lew. Determination of Applicable Substantive Law. – С. 158.

[142] Ниг.: Dr. Beda Wortmann. Choice of Law by Arbitrators: The Applicable Conflicts of Law System// Arbitration International. 1998. – Vol. 14. – No. 2. – С. 99; Wolfgang Kuhn . Choice of Substantive Law in the Practice of International Arbitration. – С.150.

танҳо дар ҳудуди кишвари суд ва ё кишвари эътироф ва ё иҷрои ҳалномаи арбитражӣ татбиқ карда мешаванд.

Меъёрҳои императивии ҳуқуқӣ, аз тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ бо асосҳои зерин фарқ мекунанд. Якум, меъёрҳои императивӣ - меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд. Мафҳуми тартиботи ҳуқуқӣ назар ба мафҳуми қонунгузории маданӣ васеътар мебошад, зеро он ифодаи асосҳои сиёсати ҳуқуқии давлат мебошад (моддаи 1312 КМ ҶТ) ва дар аксар вақт, дар қонунгузорӣ ҳамчун принсипҳо мустаҳкам карда шудаанд. Мувофиқан, судҳо танҳо тавзеҳоти тартиботи оммавии кишвари худро татбиқ мекунанд, дар ҳоле ки татбиқи меъёрҳои императивии ҳуқуқӣ берун аз ҳудуди давлати муайян, яъне дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ имконпазир мебошад[143]. Дуюм, айният кардани тартиботи оммавӣ ва меъёрҳои императивии ҳуқуқӣ мумкин аст, боиси нисбати баҳс истифода гардидани меъёрҳои императивии ҳуқуқи кишвари эҳтимолие, ки дар ҳудуди он ҳалномаи арбитражӣ иҷро карда мешавад, гардад. Дар акси ҳол, ҳалномаи арбитражӣ метавонад хилофи тартиботи оммавии ин давлат бошад. Дар ин робита мумкин аст, ки эътироф ва иҷрои минбаъдаи ҳалномаи арбитражӣ рад карда шавад (моддаи Ү.2.(Ь) Конвенсияи Ню-Йорк). Аммо, тавре ки дар боло қайд гардид, татбиқи меъёрҳои императивии ҳуқуқи кишвари эҳтимолие, ки дар ҳудуди он ҳалномаи арбитражӣ ичро мегардад, маҳдудсозии барзиёди мустақилияти иродаи тарафҳоро ба миён меорад. Сеюм, рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷӣ танҳо дар доираи асосҳои муайяни объективӣ, аз ҷумла мухолифати он бо тартиботи оммавии давлат имконпазир мебошад. Масъалаи татбиқи меъёрҳои императивӣ вобаста ба маҷмӯи ҳолатҳои парванда, аз ҷумла ҳангоми ҳалли зарурати татбиқи меъёрҳои императивии кишваре, ки бо муносибатҳои мазкур робитаи зич дорад, метавонад аз ҷониби арбитраж субъективӣ баҳогузорӣ карда шавад. Аз ин рӯ, мухолифати ҳалномаи арбитражӣ ба меъёрҳои императивии кишваре, ки дар он эътироф ва иҷрои ҳалнома талаб карда мешавад, барои бекор кардани он асос шуда

---
[143] Ниг.: Тригубович Н. В. Автономия воли в международном частном праве. Автореф. дис. канд. юр. наук. – Саратов, 1999. – С. 23.

наметавонад. Мувофиқан, дараҷаҳои гуногуни татбиқи ҳатмии тавзеҳот оид ба тартиботи оммавӣ ва меъёрҳои императивӣ вуҷуд доранд. Ҳамин тариқ, мо айният кардани мафҳумҳои тартиботи оммавӣ ва меъёрҳои императивии ҳуқуқиро ғайриимкон медонем. Танҳо меъёрҳои «фавқулода императивӣ» метавонанд ифодаи тартиботи оммавии ин ё он давлат бошанд. Ҳамин тавр, меъёрҳои императивӣ ва тартиботи оммавӣ асосҳои ягонаи маҳдуд кардани мустақилияти иродаи тарафҳо дар интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда мебошанд.

Ҳамин тавр хулоса кардан мумкин аст, ки унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ дорои аломатҳои зерин мебошанд: 1) унсурҳои ҳатмӣ: интихоби институти арбитражӣ ё мурочиат ба дастури он; ҷойи арбитраж; шумораи арбитрҳо; ҳуқуқи татбиқшаванда; қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ. 2) унсурҳои иловагӣ: тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо; таъмини махфияти муҳокима; в) мухлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра.

Ҳамзамон талаботи забони арбитраж яке аз масъалаҳои асосии созишнома ва мурофиаи арбитражӣ мебошад. Дар ҳолатҳое, ки тарафҳо дар муқаррароти созишномаи арбитражӣ унсури забони арбитражиро пешбинӣ накарда бошанд, забони арбитраж аз ҷониби ҳайати арбитраж бо салоҳдиди худ ё тибқи муқаррароти дастури арбитраж муайян карда мешавад. Дар ин маврид, чунин муқаррарот дар арбитраж ба манфиати тарафҳо нест ва метавонад мушкилоти номуайянеро ба вуҷуд орад (даъвати тарҷумон, афзоиши хароҷоти арбитражӣ ва ғ.).

Дар баробари ин макони баргузории арбитраж ва макони маҷлиси он гуногун низ унсури асосии созишномаи арбитражӣ мебошад. Ҷойи арбитраж ҷойест, ки арбитраж ҷойгир аст ё суроғаи он тибқи дастури арбитраж муайян карда мешавад. Ҷойи баргузории маҷлисҳои арбитражӣ (муҳокима) ҷойест, ки арбитраж баҳсро баррасӣ мекунад ва ин ҷой бо созиши тарафҳо ё арбитраж муқаррар карда мешавад. Пешниҳоди шикоят аз болои ҳалномаи арбитражӣ ва иҷрои он аз дуруст муайян кардани маҳалли арбитраж вобаста аст. Яъне на макони маҷлиси арбитражӣ (муҳокима) аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад,

балки маҳалли ҷойгиршавии арбитраж аҳамият дорад.

Дар натиҷаи таҳлил ва омӯзиш муайян гардид, ки ба яке аз унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ ҳуқуқи интихоби арбитр дохил мешавад. Таҳлили таҷрибаи арбитражӣ нишон медиҳад, ки бино бар муроҷиатҳои гуногун шумораи арбитрҳо ва тартиби таъйини онҳо аз ҷониби тарафҳо бояд ин масъаларо дар созишномаи арбитражӣ пешбинӣ намояд, зеро сарфи назар аз вазъияти норозигии тарафҳои мухолиф, ягона тараф аз ҳуқуқи интихоби арбитр маҳрум намекунад.

Унсурҳои иловагӣ, ба монандӣ тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо, таъмини махфияти муҳокима, муҳлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра гарчанде ба моҳият ва мазмуни созишномаи арбитражӣ таъсир нарасонад ҳам, аммо дар баъзе ҳолатҳо ин унсурҳо метавонанд нақши ҳалкунандаро бозанд. Аз ҷумла, тахассуси арбитр, яъне, дониш ва малакаи касбии арбитр барои дуруст ҳал гардидани баҳс ва қабули ҳалномаи асосноку қонунӣ таъсири худро мерасонад. Аз ин рӯ, дар созишномаи арбитражӣ ворид намудани чунин унсурҳо аз аҳаммият берун намебошанд.

# БОБИ 2. ПРОБЛЕМАҲОИ ҲУҚУҚИИ ЭЪТИБОРНОКИИ СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ

## 2.1. Масъалаҳои умумии эътибornокии созишномаи арбитражӣ

Масъалаи эътиборнокии созишномаи арбитражӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар назария ва таҷрибаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад. Асосҳои эътиборнок ва беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ дар қонунгузории арбитражӣ ва дастури арбитражҳо пешбинӣ нашудааст. Созишномаи арбитражӣ, ки худ як намуди аҳд мебошад, асосҳои эътиборнокӣ ва беэътибории он низ ба асосҳои эътиборнокӣ ва беэътибории аҳдҳо танзим карда мешаванд. Созишномаи арбитражӣ, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонида шуда, ба арбитраж пешниҳод карда шудааст, ҳамеша эътибори ҳуқуқӣ дорад, то он замоне, ки тарафҳо ё дигар шахсони манфиатдор оид ба беэътибории он ба суд муроҷиат накардаанд. Асосҳои беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ ҳамчун аҳд дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 182 КМ ҶТ, аҳди беэътибор аз лаҳзаи бастани он эътибор надорад, аз ин рӯ, қарори суд дар бораи беэътибор донистани он тақозо намегардад. Аҳди беэътибор иҷро карда намешавад. Нисбат ба аҳди беэътибор ҳама гуна шахсони дахлдор ҳуқуқ доранд истинод намоянд ва тибқи тартиби судӣ истифодаи оқибатҳои беэътибории онро талаб намоянд. Суд ҳангоми баррасии парванда ҳолати бастани аҳди беэътиборро муқаррар намуда, беэътибории онро собит месозад ва ҳуқуқ дорад оқибатҳои истифодаи аҳди беэътиборро бо ташаббуси худ амалӣ намояд. Тибқи қисми 2 моддаҳои 186 ва 187 КМ ҶТ дар ҳолатҳои истисноӣ суд метавонад аҳди беэътиборро боэътибор эътироф намояд.

Ҳарчанд байни тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи маданӣ, ки дар моддаи 11 Кодекси маданӣ номбар шудааст, чунин тарз ба монанди боэътибор эътироф намудани аҳди беоқибат вуҷуд надорад, чунин талабот метавонад дар мӯҳлатҳои муқарраршуда ба суд пешниҳод карда шавад ва он бояд аз ҷониби суд тибқи тартиби умумӣ, дар асоси аризаи ҳама гуна шахси манфиатдор баррасӣ карда

шавад. Аҳди беэътибор, ки иҷрои он аз ҷониби ҳеҷ яке аз тарафҳо оғоз нашудааст, боиси ҳеҷ гуна оқибатҳои ҳуқуқӣ намегардад. Бо вуҷуди ин, агар тарафҳо ният дошта бошанд, ки аҳди беэътиборро иҷро намоянд, ҳама гуна шахси манфиатдор, ки иҷрои ин аҳд ба ҳуқуқи ӯ таҳдид мекунад, ҳуқуқ дорад дар асоси моддаи 11 Кодекси маданӣ дар бораи манъи иҷрои ин аҳд, ки ба вайрон намудани ҳуқуқ таҳдид менамояд, даъво пешниҳод кунад.

Аҳди баҳснок дар лаҳзаи бастани он боиси ба миён омадани оқибатҳои монанд ба аҳди эътибornok мегардад, вале он хусусияти ноустувор дорад, зеро бо талаби доираи шахсони пурра муайяннамудаи қонун чунин аҳд тибқи асосҳои муқаррарнамудаи қонун метавонад аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад. Дар ин ҳолат натиҷаи ҳуқуқии аҳд метавонад комилан бекор карда шавад, зеро аҳди беэътибор аз лаҳзаи бастани он аҳди беэътибор буда, қарори суд дар ин хусус дорои қувваи бозгашт мебошад, агар аз мазмуни аҳд чунин барнаояд, ки амали аҳд метавонад танҳо дар замони оянда қатъ гардад[144].

Бино бар ин асосҳо дар ибтидо, вақте ки дар назди арбитраж ва ё судҳои давлатӣ масъалаи боэътибории созишномаи арбитражӣ ба миён меоянд, муайян намудани марҳилаҳои баррасии он амали зарур ва мантиқӣ ба назар менамояд. Якум, дар назди арбитражҳо вазифаи муайян намудани эътиборнокии созишномаи арбитражӣ гузошта мешавад. Агар яке аз тарафҳо изҳор намояд, ки то пешниҳод гардидани аризаи якум, аз рӯи моҳияти баҳс суди арбитражӣ ваколати дахлдор надорад, суди арбитражӣ ба таври мустақилона оид ба ваколати худ, аз ҷумла дар бораи дилхоҳ эътирозҳо роҷеъ ба мавҷудият ва ё эътиборнокии созишномаи арбитражӣ қарор мебарорад. Дуюм, тавзеҳоти арбитражӣ, ки қисми шартнома мебошад, бояд чун созишнома, ки аз дигар шартҳои шартнома вобастагӣ надорад, тафсир карда шавад. Бароварда шудани қарори арбитражӣ оид ба беэътибор будани шартнома «худ ба худ боиси беэътибор гардидани созишномаи арбитражӣ намегардад»[145]. Сеюм, таъйиноти асосии созишномаи арбитражӣ, ки дар натиҷаи изҳори иродаи тарафҳо ба миён меояд, ба арбитраж додани ваколат

---

[144] Ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе, 2010. – С. 484-503.

[145] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 марти соли 2015, № 1183 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3, мод. 205.

ба ҳисоб меравад ва ҳамин тавр доираи ваколатҳои ба арбитраж вогузоргардида, инчунин аз ҷониби тарафҳо дар созишнома муайян карда мешавад; ба ибораи дигар тавассути созишномаи арбитражӣ мумкин аст, доираи баҳсҳои бо он фарогирифташавандаро аз тобеияти идоравии судҳои давлатӣ истисно намуд[146]. Конвенсияи аврупоӣ инчунин мушаххас менамояд, ки «аз ҷониби яке аз тарафҳо бинобар надоштани тобеияти судӣ рад кардани суди арбитражӣ бояд на дертар аз ҳолати аз ҷониби тарафи дахлдор пешниҳод гардидани аризаи даъвогӣ ва ё изҳори норозигӣ аз рӯи моҳияти парванда пешниҳод гардад, агар ин радкунӣ ба ҷой надоштан ва ё беэътибории созишномаи арбитражӣ асос ёфта бошад»[147]. Дар чунин ҳолат суди арбитражӣ метавонад оид ба масъалаи ваколати худ ва ё роҷеъ ба ҷой доштани созишномаи арбитражӣ ва ё боэътибории он, ҳамчунин аҳде, ки қисми таркибии онро ин созишнома ташкил медиҳад, қарор қабул намояд[148].

Шонасриддинов Н. қайд менамояд, ки созишномаи арбитражӣ дар сурате боиси оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ мегардад, ки агар эътибор дошта бошад ва баръакс беэътибории созишномаи арбитражӣ ҳеҷ гуна оқибатҳои ҳуқуқиро ба бор намеорад. Дар маъхазҳои илмӣ ва таълимии ба таҳқиқоти арбитражи бахшидашуда, таснифи гуногуни сабабҳои беэътибории созишномаи арбитражӣ оварда шудааст[149].

Баҳри ҳалли масъала дар хусуси беэътибории созишномаи арбитражӣ - менависад Зайтсев А.И., - бояд мутобиқати он ба талаботи пешбинишудаи қонунгузории маданӣ нисбати аҳдҳо санҷида ва муайян шавад, чунончӣ: мабодо созишнома аз ҷониби шахси ғайриқобили амал ё қобилияти амалаш маҳдудшуда ё таҳти фиреб, зӯроварӣ, таҳдид ва ғайра баста шуда бошад[150].

---

[146] Ниг.: Костин А.А. Арбитражное соглашение// Международный коммерческий арбитраж. – 2005. – № 2. – С. 5.

[147] Ниг.: Ст. V (3), Европейская конвенция о внешнеторговом арбитраже, Женева (Вместе с «Составом и характером деятельности специального комитета, указанного в статье IV Конвенции», «Списком торговых палат и других органов, препровожденным генеральному секретарю в соответствии с пунктом 6 статьи X»), 21.04.1961, СПС «Консультант Плюс», по состоянию на 20.10.2020).

[148] Ниг.: Шонасридинов Н. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Арбитражи байналхалқии тиҷоратӣ. Васоити таълимӣ. – Душанбе: «Сино». 2007. – С. 30-31.

[149] Ҳамон ҷо. – С. 30.

[150] Зайцев А.И. Комментарий к главе 46 Гражданского процессуального кодекса Российской Федерации «Производство по делам об оспаривании решений третейских судов» // Третейский суд. – 2003. – №5(29). – С. 16.

Ба андешаи Ярков В.В. созишномаи арбиттражӣ ҳамчун шартномаи маданӣ ҳуқуқӣ бо асосҳои қонунгузории маданӣ муқарраршуда метавон бсэътибор ҳисобида шавад[151].

Ба ақидаи Попова А.В. чунии сабабҳо боиси беэътибории созишномаи арбитражӣ мегарданд: муҷмалии созишномаи арбитражӣ, яъне чунин ҳолати созишномаи арбитражӣ, ки аниқ муайян намудани номи арбитражи тиҷоратиро ғайриимкон месозад; номукаммалии созишномаи арбитражӣ, ки барои пурра ва ҳамаҷониба муайян намудани тартиби таъйин намудани арбитрҳо ё расмиёти баррасии парванда аз ҷониби арбитраж басанда намебошад; аз байн рафтани қувваи созишномаи арбитражӣ, бинобар сипарӣ шудани муҳлати дар он муқарраршуда ҷиҳати содир намудани амалҳои муайян[152]. Хвалей В.Х. созишномаи арбитражиро беэътибор медонад, агар он: бо иллати ирода (зери таъсири фиреб, иштибоҳ, зӯроварӣ ва ғ.) баста шуда бошад; аз ҷониби шахси дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ дахлдор набуда баста шуда бошад; бидуни риояи шакли муқаррарнамудаи қонун баста шуда бошад; дар худ тамоми шартҳои муҳимми нисбати созишномаи арбитражи муқаррарнамударо инъикос накарда бошад, аз ҷумла дар он бараъло инъикос наёфтани нияти ба арбитражи тиҷоратӣ супурдани баҳс ҷиҳати баррасӣ; ба меъёрҳои императивии қонунгузории нисбати арбитражи тиҷоратӣ татбиқшаванда мухолифат дошта бошад; оид ба масъалаҳое баста шуда бошад, ки мавзуи таҳқиқоти арбитражи тиҷоратӣ шуда наметавонанд. Ба ақидаи Хвалей В.Х., ҳамчунин он созишномахои арбитражиеро, ки нисбати тамоми шартҳои муҳиммашон мувофиқаи ҷонибҳо ба даст наомадааст, бояд беэътибор ҳисобид[153].

Вақте ки ҳалли масъалаи боэътибории созишномаи арбитражӣ зарур дониста мешавад - ин ҳолате мебошад, ки яке аз тарафҳо аз рӯи моҳияти баҳс

---

[151] Ниг.: Ярков В.В. Постатейный научно-практической комментарий к Федеральному закону «О третейских судах в Российской Федераций». – С.21.
[152] Ниг.: Попова А.В. Проблема патологических оговорок во внешнеторговых котрактах //Алманах рабог молодых ученых. Правоведение. – 2003. – №1(3). – С. 125.
[153]Ниг.: Хвалей В.В. Как убить арбитражное соглашение // Третейский суд – 2003. – №5(29). – С.47-48.

ба суди давлатӣ даъво пешниҳод менамояд, ҳолати дигар ба шумор меравад. Дар ин ҳолат, агар даъво оид ба масъалае, ки тарафҳо роҷеъ ба он созишнома бастаанд, пешниҳод гардад, суд бояд мувофиқи Конвенсияи Ню-Йорк тибқи дархости яке аз тарафҳо, онҳоро ба арбитраж равон намояд[154]. Агар суд муайян намояд, ки созишномаи арбитражӣ беэътибор аст, эътиборашро аз даст додааст ва ё иҷро карда намешавад, таъмини амали зикргардида ғайриимкон мегардад. Муқаррароти монанд ба ин дар моддаи 14 Қонун "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" пешбинӣ гардидааст[155].

Дар Қонун "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" (моддаи 47) муқаррарот ҷой дорад, ки тибқи он ҳалномаи арбитражӣ ниҳоӣ мебошад. Чунин ҳалномаи ниҳоии арбитражӣ бинобар беэътибории созишномаи арбитражӣ бекор шуда наметавонад, яъне мавриди баҳс қарор намегирад. Айни замон, яқинан, пешгӯӣ кардани он, ки чунин муқаррарот дар таҷриба ба кадом натиҷаҳо оварда мерасонанд, мушкил аст, аммо тахмин кардан мумкин аст, ки ин гуна меъёрҳои муосир дар қонунгузорӣ пешбинӣ шуданаш бо мақсади ҷолибияти баррасии арбитажӣ мебошад. Вале бояд дар назар дошт, ки эҳтимоли «норозигии» тараф (тарафҳо) бо ҳалномаи суди арбитажӣ ҳама вақт, ҳатто агар дар созишнома, ниҳоӣ будани ҳалномаи судӣ бевосита пешбинӣ гардида бошад ҳам, ҷой дорад. Бино бар мавҷуд набудани воситаҳои шикоят овардан аз болои ҳалнома тарафҳо, ногузир роҳҳои нави изҳори норозигии хешро ҷустуҷӯ менамоянд.

Ниҳоят, масъалаи боэътибории созишномаи арбитражӣ, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк рад намудани онҳо имконпазир мебошад[156], дар марҳилаи эътироф ва мавриди иҷро қарор

---

[154] Ст. II (3) Конвенция Организации Объединенных Наций о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (Заключена в г. Нью-Йорке в 1958 г.). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL.: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/XXII_1_r.pdf (санаи муроҷиат: 10.10.2020).

[155] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015. № 1183 «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ « Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015., №3, мод. 205.

[156] Ниг.: Конвенция Организации Объединенных Наций о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (заключена в г. Нью-Йорке в 1958 г.) – Вестник ВАС РФ. – N 8. – 1993 – Ст. V (1) (а).

додани созишномаи арбитражӣ[157] ҷой дорад. Аз ҷумла, аз ҷониби тарафе, ки ба муқобилаш ҳалномаи арбитражӣ қабул гардидааст, пешниҳод шудани далелҳои беэътибории созишномаи арбитражӣ тибқи қонуне, ки тарафҳо созишномаро пойбанди он намуда буданд ва ё тибқи қонуни давлате, ки дар он ҷо ҳалнома қабул гардидааст, агар чунин муқаррарот ҷой надошта бошад, ба чунин асосҳо дохил мешавад. Муқаррароти монанд айнан, дар моддаи 36 (1) (a) (i) Қонуни намунавӣ пешбинӣ гардидааст[158].

Муҳаққиқоне, ки бори аввал ба ин масъала таваҷҷуҳ кардаанд, қайд намудаанд, ки боэътибории созишномаи арбитражӣ тибқи ҳуқуқи нисбати он татбиқшаванда дар асоси моддаи V (1) (a) Конвенсияи Ню–Йорк дар бисёр ҳолатҳои кам мавриди баҳс қарор гирифтааст, зиёда аз ин, вақте ки чунин ҳолатҳо пайдо мегардиданд, дар аксари мавридҳо ин гуна асос ҳангоми баррасӣ кам ба инобат гирифта мешуд[159]. Дар айни замон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аз ҷой доштани ҳаҷми назарраси асосҳои моддӣ барои мавриди баҳс қарор додани боэътибории созишномаҳои арбитражии байналмилалӣ шаҳодат медиҳад[160].

Ҳолатҳои беэътибории созишномаҳо бинобар асосҳои умумие, ки нисбати шартномаҳо татбиқ мегарданд (барои мисол хато, гумроҳӣ, фиреб, бевиҷдонӣ, зӯроварӣ, таҳдид ва ғайраҳо) тибқи категорияҳои беэътибории моддии созишномаҳои арбитражӣ, ки дар конвенсияҳо ва санадҳои арбитражҳои миллии нисбатан пешрафта ҷой доранд, кам ба назар мерасанд. Ин асосҳои беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ истисноӣ мебошанд, яъне тафсири маҳдудкунандаи онҳо аз принсипи эҳтимолияти боэътибории (ҳақонияти) созишномаи арбитражӣ бармеоянд.

Зимнан, боэътибории моддӣ бояд аз нигоҳи чанд омилҳо баҳо дода шавад. Якум, дар ин робита мушкилиҳое ҷой доранд, ки бо проблемаҳои дар

[157] Ниг.: Котельников А.Г. Правовая природа арбитражного соглашения и последствия его заключения: дис…. канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2008. – С. 169.
[158] Ниг.: Типовой закон ЮНСИТРАЛ о международном торговом арбитраже (принят в г. Нью-Йорке 21.06.1985 на 18-й сессии ЮНСИТРАЛ). [Захираи электронӣ] – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/ru/uncitral_texts/arbitration/1985Model _arbitration.html (санаи муроҷиат 10.11.2017). (санаи муроҷиат: 10.10.2020).
[159] Ниг.: A. van den Berg. The New York Arbitration Convention of 1958: Towards a Uniform Judicial. Interpretation. – 1981. – P. 282.
[160] Ниг.: G. Born. International Commercial Arbitration. – 1981. P. 705.

ҳуқуқи шартномавӣ ҷойдошта айният доранд. Тавре, ки қаблан зикр гардид, созишномаи арбитражӣ худ, инчунин шартнома мебошад ва асосҳои умумии боэътибории шартномаҳо нисбати он низ паҳн мегарданд. Ин асосҳо аз сабаби дар созишномаи арбитражӣ ҷой доштани элементи хориҷӣ аҳамияти зиёдтарро касб менамоянд. Дуюм, ин асосҳо қобилияти ҳуқуқдории дахлдори тарафҳои созишномаи арбитражӣ, ба ном «тобеияти арбитражии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки ба изҳори ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар нуқсҳои ирода (маҷбуркунӣ, ба гумроҳӣ бурдан, хато ва амсоли инҳо)–ро дар бар мегирад. Сеюм, ин имконпазирии баҳс ҳамчун мавзуи баррасии арбитражии ба ном «тобеияти арбитражии объективӣ» мебошад. Дар баъзе қонунгузориҳо қоидаҳои махсус оид ба беэътибории созишномаҳои арбитражӣ дар мафҳуми «доктринаи тобеияти ғайриарбитражӣ» инъикоси худро ёфтаанд.

Ба андешаи Нестеренко А.В., истилоҳи «тобеияти арбитражӣ» (аз калимаи англисии arbitrability) новобаста аз оне, ки ғайрирасмӣ буда, дар қонунгузорӣ пешбинӣ нагардидааст, дар адабиётҳо барои ишора намудани имконияти ба баррасии судҳои арбитражӣ, яъне судҳои ғайридавлатии арбитражӣ супоридани ин ва ё он баҳс ба таври васеъ истифода мегардад. Илова бар ин, тобеияти арбитражӣ дар иҷроиши ҳалномаи судҳои арбитражӣ, ки аз рӯи баҳсҳои мушаххас бароварда мешаванд, талаботи муҳим мебошанд[161].

Илова бар ин, унсурҳои ғайриқонунӣ ва зиддиҳуқуқӣ – унсурҳои муҳими боэътибории созишномаи арбитражӣ мебошанд, ки бояд, бешак ба онҳо таваҷҷӯҳ кард. Ҳамчунин, дар алоҳидагӣ баррасӣ намудани оқибатҳои даст кашидан аз ҳуқуқ ба арбитраж зарур шуморида мешавад.

Аз мафҳуми созишномаи арбитражии «беэътибор» бояд мафҳуми созишномаи «ғайриқонунӣ» – созишномае, ки дар фазои ҳуқуқӣ умуман ҷой надорад, фарқ карда шавад. Агар муҳокимаронӣ дар доираи назарияи

[161] Ниг.: Нестеренко А.В. Критерии арбитрабельности споров по законодательству Российской Федерации // Международный коммерческий арбитраж. – 2005. № 4. – С. 28; Маковский А.Л., Карабельников Б.Р. Арбитрабельность споров: российский подход // Международный коммерческий арбитраж. 2004. N 3; Лобода А.И., Лобода Ю.В. Арбитрабельность споров и признание арбитражных соглашений в сфере международной морской перевозки грузов // Международный коммерческий арбитраж. – 2006. – № 1 - 2.

шартномавӣ идома ёбад, пас тафовути асосӣ дар он аст, ки созишномаи арбитражӣ бастанашуда эътироф карда мешавад, агар тарафҳо ба созиш наомада бошанд.

Тавассути тафсири меъёрҳои миллӣ ва байналмилалӣ оид ба ҷой доштани зарурати риояи шакли хаттии созишномаи арбитражӣ хулоса баровардан мумкин аст. Яъне, моддаи II (1) Конвенсияи Ню-Йорк «созишномаи хаттиро эътироф менамояд» ва он дар ҳолати риоя нашудани ин шакли шартнома ба сифати оқибат худ аз худ беэътибории созишномаи арбитражиро ба миён намеорад. Ҳолати дигар он аст, ки тавассути тафсири мушаххас ин ва ё он оқибатҳои ҳуқуқии риоя нагардидани шартҳо баррасӣ карда шаванд. Зиёда аз ин, қайд кардани муқаррароти моддаи V 1 (а) Конвенсияи Ню-Йорк, ки асоси муҳим, вале на ин ки ягонаи рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ аз рӯи мазмуни боэътибории моддии созишномаҳои арбитражиро пешбинӣ менамояд: ғайри қобили амал будани тарафҳои созишнома тибқи ҳуқуқи татбиқшаванда, яъне чунин хулоса кардан мумкин аст, ки барои боэътибории созишномаи арбитражӣ ва минбаъд имкони эътироф ва иҷрои самараноки ҳалномаи арбитражӣ қобилияти амалкунии тарафҳо зарур дониста мешавад. Аммо ба муқаррароти мушаххаси моддӣ-ҳуқуқии муайянкунандаи боэътибории созишномаи арбитражӣ, ки бояд тибқи ҳуқуқи моддии татбиқшавандаи интихобнамудаи тарафҳо ва ё тибқи қонуни ҷойи бароварда шудани ҳалнома ҳал карда шавад, таваҷҷуҳ зоҳир намудан зарур аст, агар чунин қарор бароварда нашуда бошад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки боэътибории созишномаи арбитражӣ аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад, аз ҷумла: а) созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад; б) созишномаи арбитражӣ аз ҷониби тарафҳои баҳс бо ифодаи иродаи озоди онҳо асос гардида бошад, яъне созишномаи арбитражӣ бидуни гумроҳӣ, фиреб, зӯроварӣ, таҳдид ва ё иръоб (ба воҳима андохтан) баста шуда бошад; в) тарафҳои созишномаи арбитражӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дошта бошанд; г) созишномаи арбитражӣ бо риояи муқаррароти қонун баста шуда бошад; д) созишномаи арбитражӣ дар худ тамоми шартҳои муҳимми нисбати созишномаи арбитражӣ

муқаррарнамударо инъикос карда бошад, аз ҷумла дар он бараъло инъикос наёфтани нияти ба арбитражи тиҷоратӣ супурдани баҳс ҷиҳати баррасӣ; е) ба меъёрҳои императивии қонунгузории нисбати арбитражи тиҷоратӣ татбиқшаванда мухолифат надошта бошад; ё) созишномаи арбитражӣ оид ба масъалаҳое баста шуда бошад, ки мавзӯи муҳокимаи арбитражи тичоратӣ шуда тавонад.

## 2.2. Проблемаҳои ҳуқуқии эътиборнокии моддии созишномаи арбитражӣ

Вақте ки дар бораи ваколати арбитражи тиҷоратӣ роҷеъ ба ҳалли баҳсҳо, аз ҷумла ҳангоми бастани созишномаи арбитражӣ сухан мегӯем, оид ба тобеияти арбитражии баҳсҳо савол ба миён меояд. Тавре, ки болотар зикр шуд, созишномаи арбитражӣ низ шартнома ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, нисбати он бояд асосҳои умумии боэътибории шартнома татбиқ карда шаванд. Яъне, бинобар сабаби хусусияти маданӣ-ҳуқуқӣ доштани созишномаи арбитаржӣ, ки онро тарафҳо озодона таҳия ва ба имзо мерасонанд, боэтибории аҳди мазкур бояд ба шартҳои асосии эътиборнокии аҳд боят мувофиқат намояд. Ба ақидаи Ярков В.В. созишномаи арбитражӣ далели ҳуқуқи махсус буда, аҳаммияти ҳуқуқии ҳам моддӣ ва ҳам мурофиавӣ мебошад[162].

Ба андешаи Раҳимзода М.З., ҳам дар доктринаи хориҷӣ ва ҳам ватанӣ тобеияти арбитражии (русии арбитрабильность) объективӣ ва субъективӣ фарқ карда мешаванд[163]. Тавре ки Ерпилева Е.Ю. қайд менамояд, зери тобеияти арбитражии объективӣ имконпазирии баҳс ба сифати мавзуи баррасии арбитражӣ фаҳмида мешавад[164]. Зери тобеияти арбитражии субъективӣ имконияти субъекти созишномаи арбитражӣ будани шахс, яъне бастани чунин созишнома фаҳмида мешавад [165]. Аз андешаи баёнгардидаи

---

[162] Ниг.: Ярков В.В. Юридические факты в механизме реализации норм гражданского процессульного права. – Екатеринбург, 1992. – С.40.

[163] Ниг.: Раҳимов М.З. Мафҳум, аҳамият ва принсипҳои фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар Тоҷикистон. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З. – Душанбе, «Деваштич», 2007. – С. 22.

[164] Ниг.: Ерпылева Н.Ю. – Международные арбитражные соглашения: понятие, виды и основания действительности // Юрист. – 2010. – N 2. – С. 58.

[165] Ниг.: Koller in Liebscher/Oberhammer/Rechberger, Schiedsverfahrensrecht I Rz 3/132.

олимони мазкур бармеоянд, ки пеш аз ҳама созишномаи арбитражӣ бояд ба эътибornокии моддӣ ҷавобгӯ бошанд. Масалан, набудани қобилияти амалкунӣ ҳангоми бастани созишномаи арбитражӣ ба беэътибории он оварда мерасонад.

Асоси тобеияти арбитражии субъективиро қобилияти анҷом додани аҳдҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, имконияти бо амалҳои худ тибқи тартиби мурофиавӣ ҳимоя намудани ҳуқуқҳои моддӣ ташкил медиҳад. Ҳамин тавр, оид ба принсипи ҳуқуқи субъективии умумӣ, ки аз ҳуқуқи мурофиавӣ ва моддӣ иборат мебошад, сухан гуфтан мумкин аст. Бино бар баъзе номутобиқатиҳои терминологӣ дар байни низомҳои ҳуқуқӣ ва забони конвенсияҳои байналмилалии арбитражӣ бояд ба объекти мафҳуми тобеияти арбитражии субъективӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд. Ғайр аз ин, дар муайян намудани қобилияти давлатҳо оид ба бастани созишномаҳои арбитражӣ ва минбаъд мутобиқи ин созишномаҳо ба зимма гирифтани уҳдадориҳо, аз ҷумла дар ҳолати аз ҷониби давлат маҳдуд гардидани қобилияти он барои ба сифати тарафи созишномаи арбитражӣ баромад кардан мушкилиҳои муайян ба миён меоянд.

Ҳуқуқдории субъективӣ воситаи муайян кардани доираи субъектҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки қобилияти барандагони ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии маданӣ буданро доранд. Ҳуқуқдории субъективӣ ба савол ҷавоб медиҳад; ки субъекти ҳуқуқ шуда метавонад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ доираи имкониятҳои субъекти ҳуқуқи маданӣ ва мазмуни фаъолияти ӯро муайян мекунад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ба маънои бевоситааш танҳо ба шаҳрвандон ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ дахл дорад[166]. Татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданӣ аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳалии ҳокимияти давлатӣ ва шаҳрҳо аз ҷониби мақомот ё намояндагони онҳо амалӣ карда мешавад. Ҳуқуқдории субъективӣ аз ду унсур иборат мебошад, ки барои бастани созишномаи арбитражӣ онҳо зарур мебошанд. Аз ҷумла ҳуқуқдории субъективӣ аз унсури қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти

[166] Ниг.: Лозовская Светлана Олеговна. Правосубъектность в гражданском праве: дис. ... канд. юрид. наук. – Москва, 2001. – С. 6-7.

амалкунӣ иборат мебошад. Барои муайян намудани боэътибори моддии созишномаи арбитражӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани ин ду унсур қобили қабул мебошад.

Доштани қобилияти бастани созишномаи арбитражӣ барои тарафҳо талаботи муҳимме мебошад, ки дар муқаррароти конвенсияҳои байналмилалӣ оид ба арбитражи байналмилалӣ пешбинӣ гардидаанд. Талаботи мазкур нисбат ба боэътибории созишномаи арбитражӣ инчунин дар қонунгузориҳои миллӣ ворид гардида истодааст.

Аз ин сабаб, гузаронидани таҳлили истилоҳоти истифодашаванда ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам байналмилалӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар робита ба тарҷума ва истифодаи истилоҳи «incapacity», ки дар Конвенсияи Ню-Йорк ва Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ муқаррар гардидааст, баъзе мушкилот ҷой дорад. Дар матни ин санадҳо ба таври анъанавӣ истилоҳи «(ғайри) қобили амал» истифода мешавад, ки бо истилоҳи англисии «incapacity»–и дорои маънои «нуқс, норасоии қобилият» мутобиқ намебошад. Барои мисол, дар тарҷумаи Конвенсияи Аврупоӣ истилоҳи «қобилияти ҳуқуқдорӣ» истифода мешавад. На дар конвенсияҳои Ню-Йорк ва Аврупоӣ ва на дар маводҳои ибтидоии онҳо мафҳумҳои «надоштани қобилияти амалкунӣ» надоштани қобилияти ҳуқуқдорӣ «incapacity» муайян карда нашудаанд.

Бо дарназардошти он, ки матни Конвенсияи Ню–Йорк аслӣ буда, тағйир дода намешавад, сухан танҳо оид ба тафсири мафҳуми «надоштани қобилияти амалкунӣ» тибқи мазмуни он меравад. Аммо саволе ба миён меояд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон он чаро ба мазмуни қобилияти ҳуқуқдорӣ ва ё қобилияти амалкунӣ пешбинӣ гардидааст. Зери қобилияти ҳуқуқдории шахси воқеӣ қобилияти доштани ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳои маданӣ фаҳмида мешавад (қобилияти ҳуқуқдории маданӣ); қобилияти шаҳрванд дар хусуси бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалӣ намудани ҳуқуқҳои маданӣ ва барои худ ба миён овардани уҳдадориҳои гражданӣ ва иҷрои онҳо бошад – қобилияти амалкунӣ фаҳмида мешавад[167].

---

[167] Муфассалтар ниг.: Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсир ба

Сухан сари он меравад, ки ин ду категорияи ҳуқуқӣ (яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ) на дар ҳама низомҳои ҳуқуқӣ фарқ карда мешаванд. Масалан, дар низоми ҳуқуқии англосаксонӣ истилоҳи «capacity» («қобилияти ҳуқуқӣ») ҷой дорад, ки ҳар ду категорияҳои ҳуқуқии дар боло зикршударо дар як вақт ифода менамояд[168]. Дар Фаронса низ байни ин категорияҳо фарқият дида намешавад. Дар қонунгузории олмонӣ байни қобилияти ҳуқуқдорӣ (Rechtsfähigkeit), қобилияти амалкунӣ (Geschäftsfähigkeit) ва қобилияти деликтӣ (Deliktsfähigkeit) аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Ҷиҳати роҳ надодан ба омехташавии терминологии чунин зумраҳои барои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим – қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ, инчунин барои истифодаи якхелаи онҳо дар кори илмии мазкур, бо дарназардошти тарзҳои тарҷумаи муқаррароти конвесияҳо, вақте ки минбаъд сухан оид ба тобеияти арбитражии субъективӣ меравад, новобаста аз оне, ки терминологияи Конвенсияи Ню-Йорк ба инобат гирифта шудааст, мо бино бар хусусиятҳои қаблан қайдшудаи ин мафҳум, истилоҳи «қобилияти амалкунӣ»-ро дар назар хоҳем дошт.

Дар моддаи 18 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки қобилияти доштани ҳуқуқу уҳдадории маданӣ (қобилияти ҳуқуқдории маданӣ) нисбати ҳамаи шахсони воқеӣ ба андозаи баробар эътироф карда мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории мадании шахси воқеӣ аз лаҳзаи таваллуд ба вуҷуд омада, ҳангоми вафоташ қатъ мегардад. Ҳамчунин дар моддаи 22 КМ ҶТ зикр шудааст, ки қобилияти амалкунии шахси воқеӣ Қобилияти шахси воқеӣ барои бо амалҳои худ ба даст овардан ва амалисозии ҳуқуқҳои маданӣ, барои худ ба миён овардани уҳдадорӣ ва иҷро намудани он (қобилияти амалкунии маданӣ) дар ҳаҷми пурра бо фаро расидани балоғат, яъне ҳангоми расидан ба синни ҳаждаҳ ба вуҷуд меояд. Агар қонун бастани акди никоҳро то ба синни ҳаждаҳ расидан иҷозат диҳад, шахси воқеии ба синни ҳаждаҳ нарасида аз вақти бастани акди никоҳ пурра қобилияти

---

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум. – Душанбе: «ЭР-граф», – 2010. – 1000 с.

[168] Эзоҳ.: Инчунин қобилияти ҳуқуқии фаъол ва ғайрифаъол фарқ карда мешавад.

амалкуниро ба даст меорад.

Маълум аст, ки агар сухан оид ба қобилияти бастани созишномаи арбитражӣ равад, мо қобилияти шахсро оиди аз номи худ ва худ шахсан ворид шудан ба муносибатҳои уҳдадоркунандаро дар назар дорем ва ин дар мазмуни ҳуқуқи миллӣ ба мафҳуми қобилияти амалкунӣ – қобилияти субъект оиди бо амалҳои худ ба даст оварани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои маданиро дар назар дорем. Шахсони воқеӣ ба ҳайси тараф ҳангоми ҳалли баҳс дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҳамон вақт дорои ҳуқуқҳои мурофиавӣ мешавад, ки агар қобилияти амалкунӣ дошта бошанд[169]. Дар баробари ин, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони ҳуқуқӣ дар маҷмӯъ фарқ карда намешаванд, зеро онҳо нисбати шахсони ҳуқуқӣ дар як вақт ба миён меоянд. Илова бар ин, дар ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба шахсони ҳуқуқӣ маҳз истилоҳи «қобилияти ҳуқуқдорӣ» истифода мегардад (моддаи 18, 22, 49 КМ ҶТ)[170]. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунии шахсони ҳуқуқӣ дар лаҳзаи таъсисдиҳии онҳо пайдо гардида, дар вақти аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ хориҷ гардидан, қатъ мегарданд[171]. Ин мавқеъ дар байни сивилистон афзалият дорад. Масалан, Иоффе О.С. чунин мешуморад, ки қобилияти амалкунии шахси ҳуқуқӣ дар як вақт бо қобилияти ҳуқуқдории он аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии ташкилот ба миён омада, дорои мазмуни хос мебошад[172].

Ваҷе ки сухан оид ба шахси воқеӣ чун иштирокдори мурофиа дар арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ меравад, эҳтимол, на танҳо ҷой доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ, инчунин қобилияти амалкунии шахси воқеӣ низ ба назар гирифта мешавад. Таркибии субъектии мурофиаи арбитражӣ дар моддаи I (1) Конвенсияи Ню-Йорк ба таври васеъ муайян гардидааст: – «ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқӣ метавонанд ба сифати тарафҳо

---

[169] Ниг.: Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ. Муҳаррири масъул – доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Раҳимов М.З. – Душанбе: “Ирфон”, 2010. – С. 49.
[170] Ниг.: Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2023. 501 с.; Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, с. 1999, №6, м. 153; м. 154; с. 2001 , №7, м.. 508; с. 2002, №4, қ. 1, м. 170; с. 2005, №3, м. 125; с. 2006, №4, м. 193; с. 2007, №5, м. 356; с. 2010, №3, м. 156; №12, қ. 1, м. 802; с. 2012, №7, м. 700; №12, қ. 1, м. 1021; с. 2013, №7, м. 504; с. 2015, №3, м. 200; Қонуни ҶТ. аз 23.07. с. 2016, №1334.
[171] Ниг.: Сумской Д.А. – Статус юридических лиц: Учеб. пособие для вузов. – М.: ЗАО «Юстицинформ». 2006. – С. 15-18.
[172] Ниг.: Иоффе О.С. Очерки по гражданскому праву. – Л.,1957. – С. 55-56.

баромад намоянд». Бояд таваҷҷуҳ намуд, ки дар мисоли арбитражи байналмилалии тиҷратӣ одатан, сухан маҳз оид ба шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, меравад. Новобаста аз оне, ки то вақти гузаронидани таҳқиқоти мазкур, дар таҷрибаи истифодаи моддаи V(1) (a) ягон созишномаи арбитражӣ бинобар баста шуданаш аз ҷониби шахси ноболиғи қобилияти амалкунӣ надошта, мавриди баҳс қарор нагирифтааст, ин эҳтимолияти мавриди баҳс қарор додани созишномаи арбитражиро бо дарназардошти оне, ки шахс дар вақти бастани созишнома наметавонист манфиатҳои худро дуруст дарк намояд, истисно намекунад.

Мутобиқи нуқтаи назари дигар шаҳрванди хориҷие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, вале ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ (тоҷир) ба қайд гирифта нашудааст, мумкин аст ҳамчун тарафи ғайриқобили амали созишномаи арбитражӣ эътироф карда шавад ва ин дар навбати худ метавонад боиси бекор гардидани ҳалномаи арбитражӣ шавад (қ. 1 қ. 2 моддаи 51 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ »)[173]. Аммо бояд қайд намуд, ки ин талаботи расмӣ набояд барои ҳалли баҳсҳо дар арбитраж монеа шавад. Набояд фаромӯш кард, ки шаҳрванде, ки чунин фаъолиятро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ ва бе гузаштани расмиёти бақайдгирии давлатӣ тибқи ҳуқуқи ҶТ амалӣ менамояд, ҳуқуқ надорад, ки ҳолати соҳибкор набуданашро асос оварад. Чунин ашхос аз рӯи уҳдадориҳои худ de facto ҷавобгар буда, мутобиқан ягон чиз ба ӯ барои тарафи созишномаи арбитражӣ будан монеа намешавад.

Вақте ки тибқи мазмуни моддаи V (1) (a) Конвенсияи Ню-Йорк оид ба қобилияти бастани созишномаи арбитражии тарафҳо сухан мегӯем, инчунин бояд ба ҳолати доштани ваколатҳои дахлдори шахсоне, ки аз номи шахсони ҳуқуқӣ баромад менамоянд, таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Зимнан, зарур аст, ки ба қарорҳои баъзе судҳои байналмилалӣ ва миллӣ таваҷҷуҳ намуд. Ҳамин тавр, дар қарори Суди олии Испания хулоса бароварда шудааст, ки шӯрои директорони ширкат барои бастани созишнома ваколат доштанд, зеро

---

[173] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 майи соли 2015, таҳти №1183 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3, мод. 205.

беэътибории ваколатнома тасдиқи худро наёфтааст[174]. Суди Федералии арбитражии округи Шимолӣ-Ғарбӣ дар доираи баррасии шикояти кассатсионӣ ба хулосае омад,[175] ки ваҷҳҳои пешниҳоднамудаи ҶДММ «Арктик Сеэлмон» дар хусуси оне, ки тарафҳо зимни бастани созишномае, ки тибқи он онҳо уҳдадор мешаванд, ки баҳсҳои вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ пайдошавнадаро ба арбитраж супоранд, аз рӯи ҳуқуқи нисбати онҳо татбиқшаванда ғайриқобили амал буданд, қобили қабул нестанд. Зеро тибқи ҳуқуқи россиягии нисбати қобилияти амалкунии ҶДММ «Арктик Сэлмон» паҳншаванда директори генералӣ метавонад уҳдадориҳои шахси ҳуқуқиро ба зимма гирад ва барои бастани созишномаҳои арбитражӣ ягон маҳдудият надошта бошад. Соли 2007 Суди олии Австрия ба хулосае омад, ки танҳо дар асоси беэътибор дониста шудани ваколатномае, ки тибқи он намоянда метавонист шартномаи дорои тавзеҳоти арбитражӣ бандад, оид ба масъалаи надоштани ваколат сухан гуфтан ҷоиз аст[176].

Ба саволи зерини амалӣ таваҷҷуҳ намудан зарур аст: оё ваколати ба намоянда додашуда инчунин ба ҳолати ворид намудани он ба шартномаи асосии тавзеҳоти арбитражӣ, аз ҷумла баъд аз баста шудани шартнома паҳн мегардад ва агар ваколати намоянда зери шубҳа қарор гирад, тақдири тавзеҳот чи мешавад? Агар дар вақти баста шудани шартномаи маданӣ-ҳуқуқӣ намоянда дорои ваколатҳои ба таври дахлдор барасмиятдаровардашуда бошад, пас қарори интихоби суди ҳакамӣ ба сифати воситаи ҳалли баҳс ва бастани созишномаи арбитражӣ бо салоҳдиди ӯ муайян карда мешавад ва барои иҷрои ин амалҳо ваколатномаи махсус ва ё банди дахлдор дар ваколатномаи қаблан додашуда талаб карда намешавад. Аз ин нигоҳ, ба принсипи мухторият ва тақсимшавандагии созишномаи арбитражӣ набояд аз ҳад зиёд расмӣ муносибат намуд. Новобаста аз оне, ки тавзеҳоти арбитражӣ бо шартномаи асосӣ дар доираи як санад муттаҳид мешаванд ва ин тавзеҳот дорои вазъи махсуси ҳуқуқӣ мебошад, тасавур

---

[174] Ниг.: Union de Cooperativas Agricolas Epis-Centre v. La Palentina S.A.(Supreme Court, Spain, 17.02.1998). XXXVII Yearbook Commercial Arbitration. Albert Jan van den Berg. – 2002. – P. 533.

[175] Ниг.: Постановление ФАС Северо-Западного округа от 09.12.2004 N А42-4747/04-13. Режим доступа СПС «Консультант Плюс».

[176] Ниг.: K v. F AG( No.18 Oberster Gerichtshof, Austria, 23.10.2017). XXXIII Yearbook Commercial Arbitration. Albert Jan van den Berg. – 2008. – P. 354.

намудани ҳолати беэътибор дониста шудани шартномаи граждани–ҳуқуқӣ бинобар сабаби оне, ки намоянда ваколати дахлдори бастани шартномаро надошт ва бо вуҷуди ин тавзеҳоти арбитражӣ амали худро нигоҳ медорад, ғайриимкон мебошад[177]. Чунин мавқеъ аз ҷониби судҳои Америка зикр гардидааст – надоштани ваколат бастани «дилхоҳ шартнома»-ро аз ҷониби намоянда ғайриимкон мегардонад[178]. Бояд тавзеҳот намуд, ки чунин душвавӣ аз принсипи тақсимшавандагӣ на ҳама вақт имконпазир мебошад. Барои мисол, надоштани ваколат барои ворид шудан ба намудҳои муайяни муносибатҳои шартномавӣ ва ё дар муносибатҳое, ки дар онҳо намояндагӣ тибқи шартнома аз доираи маблағи муайяншуда зиёд мебошад, ба худи шартнома дахл дошта, ба ҳолати боэътибории тавзеҳоти арбитражӣ набояд таъсир расонад. Аз ҷониби арбитрҳо масъалаи доштани ваколати бастани созишномаи арбитражӣ ба таври алоҳида баррасӣ намегардад, агар аз рӯи моҳияти баҳс ҳолати қонунӣ баста шудани шартномаи асосӣ зери шубҳа қарор нагирад. Ҷолиби диққат аст, ки параграфи §1008 Маҷмӯаи умумии граждании Австрия барои бастани созишномаи арбитражӣ аз намоянда ваколатномаи махсусеро, ки дар он бояд ба таври мушаххас ваколати бастани созишномаи арбитражӣ пешбинӣ гардида бошад талаб менамояд. Вақте, ки сухан оид ба прокура – «ваколатномаи генералии савдоӣ» меравад, намоянда ҳуқуқ дорад бидуни муқаррароти алоҳида созишномаи арбитражиро ба имзо расонад[179].

Таҷрибаи муосири тиҷоратӣ дар умум, ҳолати дода шудани чунин ваколатномаҳоро дар ёд надорад. Дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, судҳо тадриҷан, аз мавқеи нокифоя будани ҳолати доштани ваколатномаи умумии бастани аҳдҳои тиҷоратӣ барои бастани созишномаи арбитражӣ дар матни шартнома даст кашидаанд. Мутобиқи мавқеи нав аз намоянда барои изҳори розигӣ ҷиҳати баррасии баҳс дар арбитраж ва ё суди арбитражӣ ваколати ба

[177] Ниг.: Mayer, P. / International Council for Commercial Arbitration in ICCA CONGRESS SERIES; 9. International Council for Commercial Arbitration. Kluwer Law International. – 1999. – P. 261, 265.
[178] Ниг.: Sphere Drake Insurance Inc. v. All Am.Life Insurance Co. 256 F.3d 587 (7th Cir.2001).
[179] Ниг.: Предпринимательский кодекс (Федеральный вестник законов, N 120/2005) [Unternehmensgesetzbuch BGBl. 120/2005].

таври махсус барасмиятдаровардашуда талаб карда намешавад[180]. Дар марҳилаи таҳияи Қонуни нав оид ба арбитраж масъалаи ворид намудани муқаррарот оид ба кифоя будани ҳолати доштани ваколатҳои умумӣ барои намоянда муҳокима гардида буд, аммо дар таҳрири ниҳоии Қонун[181] эҳтимол, бино бар маъмул будани ин муқаррарот он пешбинӣ нагардидааст. Яъне, бидуни тағйир додани маънои табиати sui generis созишномаи арбитражӣ, чунин гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҳолат меъёрҳои моддӣ оид ба намояндагӣ истифода карда мешаванд. Илова бар ин, муқаррароти моддаи 1217.1 Кодекси граждании ФР, ки мутобиқи он, аз рӯи қоидаҳои умумӣ, муайян намудани тартиби ҳалли баҳсҳо (бастани созишномаҳо оид ба супоридани баҳсҳо ба судҳои давлатӣ ва ё арбитражӣ ва амсоли инҳо) ба ваколати намоянда дохил мешавад, ҷолиби диққат мебошад.

Таъйиноти чанде пеш қабулнамудаи Суди Олии Федератсияи Россия аз 29 феврали соли 2016, № 309–ЭС15–12928 аз рӯи парвандаи №А71–15540/2014 баҳсбарангез мебошад, зеро тибқи он коллегияи судӣ оид ба баҳсҳои арбитражӣ новобаста аз оне, ки ҳалномаро бино бар асосҳои дигар бекор намуд, аммо ба назари мо мавқеи нодурусти судҳои поёнӣ дар хусуси тибқи қисми 2 моддаи 62 КМА ФР ҳуқуқи бастани созишномаи арбитражӣ бояд бевосита дар ваколатнома мустаҳкам гардида бошадро ҷонибдорӣ намуд. Аммо аз ҷониби судҳо ҳолати мазкур мадди назар шудааст – муқаррароти мазкур нисбати ваколатномаҳое, ки барои бастани шартномаҳои маданӣ–ҳуқуқӣ дода шудаанд, татбиқ намегардад[182]. Муқаррароти императивии моддаи 62 КМА ФР-ро бояд вақте ба роҳбарӣ гирифт, ки барои мисол, тарафҳо масъалаи ҳимояи манфиатҳои худро дар рафти мурофиаи судӣ дар судҳои давлатии арбитражӣ, замоне ки мурофиа аллакай шуруъ шудааст, ба намоянда вобаста менамоянд. Дар ин ҳолат бояд ваколати намояндаро барои супоридани парванда ба суди ҳакамӣ дар ваколатномаи мурофиавӣ ба таври

[180] Ниг.: Определение ВАС РФ от 24.01.2011 N ВАС-12311/10 по делу N А72-14613/2009.

[181] Ниг.: Комментарии Ассоциации участников по содействию в развитии третейского разбирательства (РАА) по проектам законодательных актов, направленных на улучшение третейского судопроизводства в Российской Федерации. – С. 8.

[182] Ниг.: Постановления Президиума ВАС РФ от 01.06.2010 № 18170/09, от 12.04.2011 № 12311/10, АС Поволжского округа от 29.01.2015 по делу № А55-3431/2014, Определение Арбитражного суда Нижегородской области от 15.04.15 по делу N А43-26801/2014.

махсус дарҷ намуд. Чунин тарзи танзими намояндагӣ дар суд ба аксари кишварҳои ғарбӣ хос мебошад.

Бояд қайд кард, ки муқаррароти Конвенсияи Ню-Йорк, конвенсияҳои Аврупоӣ ва қонунҳои аксари давлатҳо оид ба арбитражҳои миллӣ масъалаи интихоби ҳуқуқи муайянкунандаи қобилияти ҳуқуқдории тарафҳоро барои бастани созишномаи арбитражӣ танзим накарда,[183] ҳалли масъалаи қобилияти ҳуқуқдории тарафҳоро бо «қонуни нисбати онҳо татбиқшаванда» ҳавола менамоянд.

Муқаррароти моддаи II Конвенсияи Ню-Йорк ҳолати надоштани қобилияти ҳуқуқдории тарафҳоро чун асос барои зери шубҳа қарор додани боэътибории созишномаи арбитражӣ мушаххасан пешбинӣ наменамояд. Дар баробари ин, созишномаи арбитражӣ эътироф намегардад, агар «беэътибор бошад, эътиборашро аз даст дода бошад ва ё иҷрои он ғайриимкон бошад»[184], аммо комилан аён аст, ки масъалаи қобилияти ҳуқуқдорӣ бо ҳолати эътироф ва иҷрои созишномаи арбитражӣ дар алоқамандии зич қарор дорад. Аз таҳлили моддаи II (1) ва (3) Конвенсияи Ню-Йорк бармеояд, ки (ва чи гунае, ки қаблан зикр гардид) созишномаи арбитражӣ заминаи муҳимтарини арбитраж ба ҳисоб меравад. Комилан маълум аст, ки қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои мувофиқакунанда барои созишномаи арбитражии боэътибор муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳамин тавр, моддаи V (1) (a) Конвенсияи Ню-Йорк ба суди давлатӣ иҷозати эътироф накардани ҳалномаи арбитражиро медиҳад, агар «тарафҳо (дар созишнома) тибқи қонуни нисбати онҳо татбиқшаванда дар дилхоҳ андоза ғайри қобили амал бошанд»[185]. Маълум нест, ки бо кадом сабаб муаллифони матни Конвения дар моддаи V масъалаи ҳуқуқи татбиқшавандаро дар робита ба қобилияти амалкунӣ мадди назар намудаанд, дар ҳоле ки масъалаи коллизионии боэътибории моддии созишномаи арбитражиро ҳал намудаанд. Аксари судҳои миллӣ ва

---

[183] Эзоҳ.: Ин санадҳои байналмилалӣ, дар асл, бо дастурҳо маҳдуд карда мешаванд, ки масъалаи қобилияти ҳуқуқии тарафҳо бояд бо «қонуни ба онҳо татбиқшаванда» танзим карда шавад». Ниг. Конвенсияи Нью-Йорк мод. V (1) (a), Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ. мод. 34(2)(1)(a) и 36 (1) (a) (i).

[184] Ниг.: Конвенсияи Нью-Йорк, мод. II (3). Иловатан ниг. .: ҳалнома аз 23 апреля соли 1997 Dalmine SpA v. M&M Sheet Metal Forming Machinery AG. XXIVa Yearbook Commercial Arbitration. Albert Jan van den Berg. – 1999. – P. 709.

[185] Ниг.: Конвенсияи Нью-Йорк, мод. V (1) (a).

арбитражҳо он ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд, ки «ҳуқуқи татбиқшаванда» бояд чун *lex personalis*, яъне қонуни шахсӣ тафсир гардад[186]. Аз ҷониби Сандерс П. дар сессия 24-ум мавқеи ба ин монанд, дар шакли феълан пешбининамудаи моддаи V (1) (а) пешниҳод гардида, дар маводди заминавии Конвесияи Ню-Йорк мустаҳкам гардида буданд[187]. Агар оид ба муқаррароти ҳаволакунанда шубҳа ҷой надошта бошад, пас роҷеъ ба масъалаи кадом ҳуқуқ бояд маҳз дар робита ба қобилияти амалкунии тарафҳо татбиқ карда шавад, гуногунфаҳмӣ ҷой дорад. Матни Конвенсияи Ню-Йорк дар ин хусус ягон тавсия намедиҳад. Давлатҳои оилаи ҳуқуқи континменталӣ дар умум, аз принсипи шаҳрвандӣ/ҳувияти шахсони воқеӣ ва давлатҳои оилаи ҳуқуқи умумӣ бошад аз принсипи домитсилияи шахсони воқеӣ (ҷойи истиқомати доимӣ) ҷонибдорӣ менамоянд[188]. Вақте ки сухан оид ба шахси ҳуқуқӣ меравад, пас дар навбати аввал, қонуни шахсии шахси ҳуқуқӣ аз рӯи низоми ҳуқуқи умумӣ ва ҳам ҳуқуқи ҶТ – ҳуқуқи давлате ҳисобида мешавад, ки ташкилот дар ҳудуди он ҷойгир мебошад – ҳуқуқи ҷойи ба қайд гирифта шудани (инкорпоратсияи) шахси ҳуқуқӣ мебошад[189]. Барои арбитраж ин ҳолат мушкилиҳоро ба миён меорад; бо дарназардошти ин Институти ҳуқуқи байналхалқӣ дар соли 1957 дар қарори худ пешниҳод намуда буд, ки барои муайян намудани қобилияти ҳуқуқдорӣ ҳуқуқи ҷойи баргузории арбитраж истифода карда шавад. Аммо, ба назари мо, ин таклиф бисёр баҳснок ва тавре, ки таҷриба нишон дод, номувофиқ буд, зеро эҳтимолияти ҳолатҳои аз ҷониби ҳуқуқи коллизионии ҷойи баргузории арбитраж ҳавола гардидан ба ҳуқуқе, ки тибқи он ҳар ду тарафҳои баҳс ғайри қобили амал дониста мешаванд, вуҷуд дорад. Зимнан, бори дигар таъкид намудани аҳаммияти риояи принсипи амалкунанда будан, ки тибқи он дар робита ба масъалаи қобилияти амалкунии шахс истифодаи ҳуқуқе пешбинӣ мегардад, ки дар асоси он тараф дорои қобилияти амалкунӣ эътироф мегардад ва ҳамин тавр, созишномаи арбитражӣ «амалӣ» мегардад. Ба андешаи мо, ин маҳз ҳамон

[186] Ниг.: Award in ICC Case No.4381 J.D.I. (Clunet) 1102, 1106.
[187] Ниг.: Summary Record of the Twenty-Fourth Meeting, U.N. DOC. E/CONF. 26/SR.24. P. 7.
[188] Ниг.: Albert Van Jan den Berg. – The New York Arbitration Convention of 1958: towards a Uniform Judicial interpretation. – 1981. – P.276-77.
[189] Ниг.: Foustoucos A. Conditions required for the validity of an arbitration agreement Journal of international arbitration. 5(4) Dec. – 1988. – P.113,117.

стандарте мебошад, ки бо мақсади асоснокгардонии қарорҳои судҳои давлатӣ ва арбитражҳо бояд ба роҳбарӣ гирифта шавад. Судҳои давлатӣ на ҳама вақт аз ин васила истифода менамоянд, аз ҷумла дар як парванда Суди федералии (BGH) ба хулосае омад, ки созишномаи арбитражии басташудаи байни ширкатҳои олмонӣ ва хорватӣ бино бар сабаби оне, ки тибқи ҳуқуқи Югославия ширкати хорватӣ дар самти савдои хориҷӣ дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ набуд, беэътибор мебошад. Ин қарор бо он асоснок карда шудааст, ки созишномаи арбитражӣ худ аз худ фаъолияти иқтисоди хориҷиро ифода менамояд[190].

Дар Конвенсияи Аврупоӣ ин масъала бо чунин тарз танзим карда шудааст: маҳз муқаррароти моддаи VI (2) пешбинӣ менамояд, ки «ҳангоми қабули қарор оид ба масъалаи мавҷудият ва ё боэътибории созишномаи арбитражии зикршуда судҳои давлатии Давлатҳои аҳдкунандае, ки дар ҳудуди онҳо ин масъала бардошта шудааст, агар он ба қобилияти ҳуқуқдории тарафҳо дахл дошта бошад, бояд қонунеро, ки нисбати онҳо татбиқ мегардад, ба роҳбарӣ гиранд», яъне сухан оид ба истифодаи қонуни шахсии тараф меравад. Тавре, ки қаблан зикр шуд, дар тарҷумаи русии Конвенсия мафҳуми қобилияти ҳуқуқдорӣ истифода гардидааст, аммо агар сухан оид ба шасхи воқеӣ равад, пас зери ин мафҳум бояд ҳам қобилияти амалкунӣ фаҳмида шавад[191]. Вале дар моддаи IX (1) (a) Ковенсияи Аврупоӣ «ғайри қобили амал будан»-и тарафҳои созишномаи арбитражӣ ҳамчун асос барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ пешбинӣ гардидааст ва ин меъёр такрори пурраи муқаррароти моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк мебошад. Маврид ба зикр аст, ки дар матни Конвенсияи Аврупоӣ дар як вақт истифода гардидани истилоҳоти «қобилияти ҳуқуқдорӣ» ва «қобилияти амалкунӣ», ки хусусиятҳои баробарро дар бар мегиранд, истифода ва тафсири меъёрҳоро мушкил мегардонад. Дар матни англисӣ мафҳумҳои «capacity» ва «incapacity» истифода гардидаанд. Конвенсияи Аврупоӣ ба мисли Конвенсияи Ню-Йорк дақиқан дар назар доранд, ки созишномаи арбитражӣ эътибори ҳуқуқӣ пайдо

---

[190] Ниг.: Judgement of 23 April 1998. XXIV(a) Yearbook Commercial Arbitration. Albert Jan van den Berg. – 1999. – P. 928.

[191] Ниг. ба: мод. VI (2) Европейской конвенции о внешнеторговом арбитраже от 21 апреля 1961 года (заключена в Женеве 21.04.1961), СПС «Консультант плюс».

мекунад, зеро тарафҳои он дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ (амалкунӣ) мебошанд. Бояд қайд намуд, ки Конвенсияи Ню-Йорк ба мисли Конвенсияи Аврупоӣ муқаррарот оид ба масъалаи интихоби минбаъдаи ҳуқуқро дар бар намегирад[192].

Дар аксари қонунҳои миллии арбитражӣ оид ба қобилияти ҳуқуқдорӣ муқаррарот дида намешавад. Бояд зикр намуд, ки Қонуни намунавӣ дар мазмуни созишномаҳои арбитражӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ (амалкунӣ)-ро муайян накардааст, вале рад кардани эътирофи ҳалномаи арбитражиро дар ҳолате, ки агар тараф «дар ягон андоза ғайри қобили амал будааст» иҷозат медиҳад[193]. Ба Конвенсияи Ню-Йорк монанд, дар Қонуни намунавӣ талаботе, ки бояд барои ворид шудан ба созишномаи арбитражӣ мафҳуми «қобилияти амалкунӣ»–ро мушаххас намояд, ҷой надорад ва ба рафти интихоби ҳуқуқе, ки масъалаи қобилияти амалкуниро танзим намояд таваҷҷӯҳ карда намешавад ва дар ниҳоят ҳамаи ин унсурҳо ба баррасии судҳои миллӣ гузошта мешаванд[194]. Дар ин робита бояд ба моддаи 36 Қонуни намунавӣ, ки аз рӯи асосҳои рад кардани эътирофи ҳалномаи арбитражӣ ба моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк айният дорад таваҷҷуҳ намуд. Дар соли 2006 аз Қонуни мазкур муқаррарот оид ба қонуни шахсӣ хориҷ карда шудааст.

Ба ҳамин монанд, дар аксари қонунҳои миллӣ (арбитражӣ) нокифоягии қобилияти ҳуқуқдорӣ ба сифати асос барои рад кардани эътирофи созишномаи арбитражӣ пешбинӣ гардидааст, вале унсурҳои моддии «нокифоягии қобилияти ҳуқуқдорӣ» муайян нагардидаанд[195]. Аз тарафи дигар, баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳуми умумии қобилияти ҳуқуқдориро муайян намудаанд, аз ҷумла, Кодекси гражданин Фаронса (минбаъд – КГФ) муқаррар менамояд, ки «ҳамаи шахсон метавонанд оид ба ҳуқуқҳое, ки онҳо метавонанд озодона ихтиёрдорӣ намоянд, созишномаи арбитражӣ банданд». Ба ҳамин монанд Кодекси мурофиавии граждании

---

[192] Эзоҳ.: Истиснои ягона ба муассисаҳои марбут ба ҳукумат дахл дорад.

[193] Ниг.: Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ, мод. 34 (2) (i). Инчунин ниг. ба мод. 36 (1) (a) (i).

[194] Ниг.: Holtzmann H., Neuhaus J. A Guide to the UNCITRAL Model Law on International Commercial Arbitration: Legislative History and Commentary. – 1989. – P. 915-916.

[195] Эзоҳ.: бисёр аз қонунҳои «пешқадами» арбитражҳои миллӣ, аз ҷумла Қонуни федералии арбитражи ИМА, Қонуни арбитражии англисӣ соли 1996, Кодекси мурофиаи граждании Олмон, Қонуни арбитражии Шветсия, Қонуни арбитражии Ҷопон, Қонунҳои арбитражии Сингапур ва Чин муқаррарот оид ба қобилияти ҳуқуқиро пешбинӣ накардаанд.

Италия пешбинӣ менамояд, ки «қобилияти бастани шартнома (эзоҳ: яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ барои шахси ҳуқуқӣ ва қобилияти амалкунӣ барои шахси воқеӣ ) инчунин қобилияти тарафи созишномаи арбитражӣ буданро дар бар мегирад». Ҳатто дар ҳолати ҷой надоштани муқаррароти махсуси меъёрӣ, маълум аст, ки қобилияти ҳуқукдории тарафҳо барои боэътибории созишномаи арбитражӣ зарур мебошад.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо шарҳи Суди федералии Швейтсария оварда мешавад: «Масъалаи юрисдиксияи трибунали арбитражӣ, ҳамчунин масъалаи ҳудуди моддии созишномаи арбитражӣ ва саволҳои оё он барои ҳамаи тарафҳо ҳатмӣ мебошад, оё қобилияти тарафи мурофиаи арбитражӣ будан аз он ягон вобастагӣ дорад ва оё он барои моҳиятан ҳал намудани парванда ва имконпазирии даъво шарти зарурии пешакӣ мебошадро дар бар мегирад»[196]. Муассисаҳои дигар низ нуқтаҳои назари монандро ҷонибдорӣ менамоянд[197].

Дар сурати мавҷуд набудани муқаррароти махсус дар қонунҳо талаботе, ки тараф барои бастани созишномаи арбитражии уҳдадоркунанда бояд дорои қобилияти дахлдори ҳуқуқдорӣ бошад, мантиқан аз қобилияти амалкунӣ дар соҳаҳои дигари ҳуқуқи умумии шартномавӣ сарчашма мегирад. Аз ҷумла, ҳолатҳое чун надоштани қобилияти ҷисмонӣ ва ё рӯҳӣ, ноболиғ будан, маҳдуд будани ваколат ва ҳуқуқҳое, ки дар санадҳои таъсисии ширкат пешбинӣ гардидаанд ва ҳолатҳои дигар бешубҳа дар мазмуни созишномаҳои арбитражӣ ба мисли ҳолатҳои дигар истифода карда

[196] Ниг.: Judgment of 4 July 2003, DFT 4P.13/2002, cons. 3.2; Judgment of 16 October 2001, 2002 Rev. Arb. 753, 756 («Ба ҳайси масъалаи принсипиалӣ бояд фарқият байни мафҳуми қобилияти ҳуқуқдории “даъвогӣ”, - фаъол ва ғайрифаъол, яъне қобили супоридани аризаи даъвогӣ ва қабул намудани аризаи даъвогӣ аз як тараф, ва ба ҳайси тараф баромад намудан аз тарафи дигар гузошта шавад. Қобилияти ҳуқуқдории “даъвогӣ” ба қисмати асоси материалии аризаи даъвогӣ дохил мешавад, ин қобилият моҳияти (мавзӯъи) ҳуқуқи тасдиққунанда муносибат дошта, набудани он оқибати ғайридастрас будани даъво, балки рад кардани он оварда мерасонад. Баръакс қобилияти ҳуқуқдорӣ ба ҳайси тараф баромад намудан дар ин ҷо ба маънои васеъаш дар иштирок намудан дар мурофиа ба ҳайси тараф; шароити заруриро барои дастрас будани даъво фароҳам оварда, набудани ин қобилият ба муқаррар намудани ғайридастрасӣ баробар карда мешавад. Савол оиди он, ки даъвогар ё ҷавобгар тарафи созишномаи арбитражӣ мебошад ё не, ба ибораи дигар ӯ ин қобили ҳуқуқдорӣ ҳаст ё не ба навъе масъала дастрас будан вонамуд мегардад, ки салоҳиятнокии арбитраж муайян мешавад».

[197] Ниг.: Poudret J.-F., Besson S. Comparative Law of International Arbitration. 2d.edition. – 2007. – P. 27; B. Berger & F Kellerhals. Internationale und interne Schiedsgerichtsbarkeit in der Schweiz. – 2006. – P. 331. («Қобилияти ҳуқуқӣ ба сифати иштирокчии арбитражи дар шартнома пешбинишуда баромад кардан ба шахсоне, ки қонунан ба созишномаи арбитражӣ ворид шуданд, дастрас аст. Дар навбати худ, ваколатҳои арбитраж аз тарафҳое вобастааст, ки бо созишномаи арбитражӣ алоқаманди доранд».

мешаванд[198].

Саволи комилан мантиқӣ пайдо шуданаш мумкин аст, ки чи тавр баста шудани шартномаи асосӣ аз ҷониби шахси ғайриқобили амал, ки ба беэътибории он оварда мерасонад, ба боэътибории тавзеҳоти арбитражӣ дар ҳолатҳое, ки он қисми шартнома мебошад, таъсир мерасонад. Новобаста аз оне, ки принсипи мустақилияти тавзеҳоти арбитражӣ ба инобат гирифта мешавад, ба ин савол ҷавоби ягона вуҷуд дошта наметавонад. Бояд қайд намуд, ки дар таҷрибаи судӣ низ ба саволи он, ки оё шартномаи бо ин асос бекоршуда метавонад ба тавзеҳоти арбитражӣ таъсир расонад, ҷавоби ягона вуҷуд надорад. Чунин ба назар мерасад, ки қобилияти амалкунӣ чун шарти эҳтимолии фаъолияти шахс ба сифати субъекти муомилоти маданӣ баромад мекунад, аз ин рӯ, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки набудани қобилияти амалкунӣ ва ё нокифоягии он дар байни асосҳои дигари беэътибории шартномаҳо (онҳо дар поён пешбинӣ мегарданд) дар маҷмӯъ, муҳимтар ба ҳисоб меравад. Дар ин асос тахмин кардан мумкин аст, ки беэътибории шартномаи асосӣ ба тавзеҳоти арбитражӣ бешубҳа таъсиргузор мебошад; шахс наметавонад бидуни қобилияти амалкунӣ дар ин ва ё он андозаи зарурӣ шартномаи асосиро, ки ба тавзеҳоти арбитражӣ паҳн мегардад, бандад.

Мафҳуми тобеияти арбитражӣ (аниқтараш тобеияти ғайриарбитражӣ) бо мафҳуми қонуният алоқамандии зич дорад. Дар аксари мавридҳо қонунҳои миллие, ки ҳолати қонунӣ будани созишномаи арбитражиро муайян ва танзим менамоянд, бояд ба сифати татбиқи истисно, на ин ки муқаррароти умумӣ оид ба беэътибории шартномаҳо (фиреб, ба гумроҳӣ бурдан, зӯроварӣ, таҳдид ва маҷбурсозӣ, бевиҷдонӣ ва амсоли инҳо), ки бо Конвенсияи Ню-Йорк пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ карда шаванд. Ин аз он сабаб аст, ки ин гуна муқаррароти қонунҳо одатан бо мақсади маҳдуд кардани баррасии категорияҳои муайяни баҳсҳо новобаста аз шартҳои созишномаи арбитражии тарафҳо (яъне муайян кардани категорияи баҳсҳое, ки «ҳалли онҳо дар арбитраж ғайриимкон мебошад»), на ин ки беэътибор донистани созишномаҳои алоҳидаи арбитражӣ тибқи принсипҳо ва меъёрҳои

[198] Ниг.: Merkin R. Arbitration Law. 2004 (Upd. 2007). 3.18-3.19.

одатан татбиқшавандаи ҳуқуқи шартномавӣ пешбинӣ гардидаанд. Ба ибораи дигар, сухан маҳз оид ба табиат ва хусусияти баҳсе, ки ба эҳтимолияти иҷро нашудани ҳалномаи арбитражӣ тибқи доктринаи тобеияти ғайриарбитражӣ, на ин ки мазмуни созишномаи арбитражӣ таъсири бевосита мерасонад, меравад.

Ба андешаи мо, фарқияти байни созишномаҳои беэътибор ва созишномаҳое, ки ҳалли баҳсҳои тобеияти арбитражинадоштаро пешбинӣ менамоянд, муҳим мебошад, зеро қоидаи беэътибории шартнома ба таври назариявӣ (тибқи моддаи V (1) (а) ва II (3) Конвенсияи Ню-Йорк) дар тамоми давлатҳои аъзо истифода мешавад, ҳол он ки қоидаи ба тобеияти арбитражӣ дахл надоштани баҳсҳо умуман, танҳо дар он давлатҳои аъзо, ки қонунҳои онҳо инро пешбинӣ менамоянд, истифода мешавад (мутобиқи моддаи V (2) (а) Конвенсия). Дар ин робита инчунин ба инобат гирифтани таъсири Конвенсияи Ню-Йорк (ва конвенсияи байналмилалии дигар) ба қонунгузории миллӣ, ки манъи баррасии категорияҳои муайяни баҳсҳоро дар арбитраж дар назар дорад, муҳим арзёбӣ мегардад. Конвенсия бояд тавре тафсир карда шавад, ки ҳолати ҳаволакуниро ба қонунгузории миллие, ки талаботи нисбатан зиёдтарро нисбати боэътибории созишномаҳои арбитражӣ назар ба дигар шартномаҳо пешбинӣ менамояд ва ё қоидаҳои махсусро пешниҳод менамояд, пешгирӣ кунад.

Қонунгузории Белгия, ки созишномаҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратиро беэътибор медонад, талаб мекунад, ки ҳамаи баҳсҳо аз рӯи созишномаҳо оид ба фурӯши маҳсулот бояд танҳо дар судҳои Белгия ва танҳо тибқи қонунгузории Белгия баррасӣ карда шаванд[199]. Арбитражи ПБС, ки амали ин муқarraротро баррасӣ менамуд, дар рафти мурофиа қарор кард, ки қарори беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ дар шартномаи фурӯши маҳсулот (ки Белгия, Люксембург ва Ҷумҳурии демократии Конгоро дар бар мегирад) эътибори ҳуқуқӣ надорад, зеро ҷойи баргузории арбитраж Германия

[199] Ниг.: Қонун оид ба қатъи яктарафаи шартномаҳои доимии истисноии тақсимотӣ аз 27 июли соли 1961. (Law of 27 July 1961 on Unilateral Termination of Exclusive Distribution Agreements of Indefinite Duration (Belgian Law of 27 July 1961, amended 13 April 1971, art 4).

мебошад[200]. Арбитрҳо шарҳ доданд, ки тарафҳо ҳуқуқи Италияро ба сифати ҳуқуқи танзимкунандаи баҳсҳо ва созишномаи арбитражӣ интихоб намудаанд ва тибқи қонунгузории Италия муқаррарот оид ба арбитраж боэътибор мебошад.

Бар замми ин, қайд менамоем, ки арбитраж инчунин метавонист бо асоснок намудани он, ки Конвенсияи Ню-Йорк нисбати меъёрҳои табъизкунанда ва ё миллии махсус маҳдудият пешбинӣ намуда, аз рӯи моҳияти худ берун аз ҳудуди Белгия истифодаи чунин маҳдудиятҳои қонунгузориро нисбати созишномаҳои арбитражӣ дар доираи баҳсҳо оид ба шартномаҳои молрасонӣ пешгирӣ менамояд, ҳамин қарорро қабул кунад. Қонунҳои миллие, ки арбитражи баҳсҳои истеъмолӣ, франшиза ва ё меҳнатӣ ва ё беэътибор эътироф намудани ҳамаи созишномаҳои арбитражии ширкатҳои муфлисро маҳдуд менамоянд, мисоли муқоисавӣ мебошад[201]. Ҳол он, ки дар ҳар як ҳолати алоҳида қонунгузории дахлдори миллӣ метавонад меъёрҳои маҳдудкунандаи доираи баҳсҳоеро, ки дар арбитраж баррасӣ карда мешаванд, муайян кунад, аз рӯи мазмуни Конвенсия онҳо набояд ба сифати асос барои беэътибор донистани созишномаҳои арбитражӣ истифода карда шаванд. Баръакс, тахмин кардан мумкин аст, ки чунин маҳдудиятҳои қонунгузорӣ бояд ҳамчун истисно дар доктринаи тобеияти арбитражӣ баҳо дода шаванд ва чун қоида набояд аз доираи юрисдиксияи давлатҳо (ва ё давлатҳое, ки дар онҳо баррасии арбитажӣ сурат мегирад) эътибори ҳуқуқӣ дошта бошанд.

Ҳолати нисбатан мураккаб дар суди Италия аз рӯи даъвои Fincantieri–Cantieri Navali Italiani SpA нисбати Вазорати дифои Ироқ баррасӣ гардида буд. Фишурдаи парванда ин аст, ки се ширкати итолиёвие, ки ба сохтмони киштиҳо машғул мебошанд, бо Вазорати дифои Ироқ оид ба таъмини киштиҳои ҳарбӣ шартнома бастанд. Дар шартномаҳо тавзеҳоти арбитражӣ пешбинӣ гардида буд, ки баррасии дилхоҳ баҳсҳоеро, ки метавонад аз ин шартномаҳо бароянд, тибқи Низомномаи оштидиҳанда ва арбитражии

---

[200] Ниг.: Final Award ICC Case No. 6379. XVII Yearbook Commercial Arbitration. Albert Jan van den Berg. – 1992. –P. 212.

[201] Ниг.: Netherlands Bankruptcy Act 01.09.1896, amended 06.12.2012), art.1

Палатаи савдоии Париж бо таъйини се арбитр дар асоси Низомномаи мазкур ҳал карда мешаванд. Аммо аз ҷониби Шурои амнияти СММ дар моҳи августи соли 1990 баъд аз оне, ки Ироқ ба Қувайт ҳуҷум намуда буд, эмбарго ҷорӣ гардида буд. Реҷаи эмбарго дере нагузашта, баъдан, дар сатҳи қонунгузорӣ дар Иттиҳоди Аврупо низ қабул гардид. То ин замон, қисмати зиёди киштиҳо омода ва таъмин нагардида буданд. Новобаста аз мавҷудияти тавзеҳоти арбитражӣ, тарафи итолиёвӣ ба суди Ҷенова муроҷиат намуда, бекор кардани шартнома ва ҷуброни зарарро талаб намуд. Тарафи Ироқ баръакс, оид ба баррасии баҳс дар арбитраж, тавре ки шартнома пешбинӣ менамуд, арз намуд. Аммо даъвогарон чунин арз намуданд, ки: мавзӯи баҳс пас аз ҷорӣ гардидани эмбарго тобеияти арбитражии худро аз даст дод; қайд намуданд, ки тобеияти арбитражӣ бояд тибқи ҳуқуқи Италия, аз ҷумла, моддаи 806 Кодекси мурофиавии граждании Италия, ки ба арбитраж танҳо пешниҳод намудани баҳсҳоеро, ки ба ҳуқуқе, ки тарафҳо озодона ихтиёрдорӣ карда метавонанд (мавзуи созишномаи арбитражӣ будан) муайян карда шавад[202]. Аммо суди зинаи якум аз рӯи ин парванда меъёри моддаи 806 татбиқ накарда, барои иҷрои ин амал ваколати худро эътироф накард. Минбаъд, суди зинаи апеллиятсонӣ 7 майи соли 1994 ниҳоятан аз рӯи парванда қарор қабул намуда, созишномаи арбитражиро, ки ин се шартномаҳо дар бар мегирифтанд, тибқи моддаи II Конвенсияи Ню-Йорк беэътибор донист. Илова бар ин, суд шарҳ дод, ки қоидаҳои татбиқшавандаи Шурои Аврупо бастани созишномаҳои арбитражиро бо ширкатҳои ироқӣ бевосита манъ менамоянд: «Моддаи 2.1 Дастури Шурои Аврупоӣ 3541/1992[203] ба ширкатҳо андешаидан ва таъмини дилхоҳ чораҳоро барои иҷрои дархостҳои ҷониби Ироқ оид ба иҷрои уҳдадориҳо тибқи шартномаҳо ва ё аҳдҳое, ки таҳти амали Қарори №686/1990 рост меоянд, манъ намудааст… Моддаи 1.2 муайян

[202] Ниг.: Codice di procedura civile (Regio Decreto 28 ottobre 1940, n. 1443 in G.U. 28 ottobre 1940), mod. apportate dal D.lgs. 13 luglio 2017, n. 116 e dalla L. 22 maggio 2017, n. 81. [Захираи электронӣ] – манбаи дастрасӣ: http://www.altalex.com/documents/codici-altalex/2015/01/02/codice-di-procedura-civile (санаи муроҷиат: 10.11.21).
[203] Ниг.:Council Regulation (EEC) No 3541/92 of 7 December 1992 prohibiting the satisfying of Iraqi claims with regard to contracts and transactions the performance of which was affected by United Nations Security Council Resolution 661 (1990) and related resolutions. – Official Journal of the European Communities. – 10. 12. 92, No L 361 / 2. [Захираи электронӣ] – манбаи дастрасӣ: http://eur-lex.europa.eu/LexUriServ/LexUriServ.do?uri=OJ:L:1992:361:0001:0003:EN:PDF (рӯзи муроҷиат: 10.11.2020).

менамояд, ки зери «дархост» дархосте фаҳмида мешавад, ки дар суд ва ё берун аз ҳудуди он қабл ва ё баъд аз эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани Дастур пешниҳод гардидааст; «аҳд» ба маънои васеъаш гуфтушунидро дар бар гирифта, муқаррароти мазкур бояд тавре тафсир карда шавад, ки он на танҳо иҷрои дархостҳо, балки амалҳои (ихтиёрона)-и ба иҷрои онҳо равонагардидаро низ манъ менамояд. Бо хотиррасон намудани ин меъёри императивӣ… (Дастури ИА), бояд тавзеҳоти арбитражӣ беэътибор эътироф карда шуда, ба судҳои италиёвӣ ваколат дода шавад, ки парвандаро баррасӣ намоянд»[204].

Қайд менамоем, ки чунин амали суди италиёвӣ ниҳоят қатъӣ мебошад. Дар он замон тибқи меъёрҳои зикршудаи ҳуқуқи аврупоӣ, умуман, ҳамаи шартномаҳо бо ширкатҳо ва муассисаҳои ироқӣ бояд бино бар вазъияти сиёсӣ, беэътибор дониста мешуданд ва мувофиқан, тахмин кардан мумкин аст, ки Дастури ИА бо маҳдудиятҳои Конвенсияи Ню-Йорк дар қисмати меъёрҳои табъийзкунандаи қонунҳои миллӣ мухолиф набуда, илова бар ин, бинобар сабаби дастгирии ҳамаҷонибаи таҳримҳои ҷоригардида ба Конвенсия низ бархурд надорад. Ҳамин тариқ, давлатҳои иштирокдор дар иҷрои ин маҳдудият ихтиёр доштанд (бо инобати муқаррароти моддаи V (1) (a)), ҳол он ки аз онҳо иҷрои ин амал талаб карда намешавад (тибқи моддаи VII (1)). Аммо тавсифи танқиди ин амал зарур дониста мешавад. Чораҳои тиҷоратие, ки нисбати Ироқ ва ширкатҳои ироқӣ андешида шудаанд, дар асл масъалаи боэътибории шартномаҳои тиҷоратиро, ки то андешида шудани ин чораҳо баста шудаанд, аз ҷумла эмбарго ва эҳтимол имконияти иҷро накардани уҳдадориҳоро аз рӯи ин шартномаҳо, аммо ин аслан маънои онро надорад, ки баҳсҳои аз ин шартномаҳо бамиёномада тобеияти арбитражӣ надоранд. Ҳамин тавр, ба андешаи мо, иҷозат додани баррасии баҳс дар арбитраж, бидуни маҳдуд кардани амали тавзеҳоти арбитражӣ, аммо бо назорати минбаъдаи марҳилаи дар амал татбиқ намудани ин қарор аз ҷониби

[204] Ниг.: Fincantieri-Cantieri Navali Italiani SPA (Italy) v. Ministry of Defense, Armament and Supply Directorate of Iraq, Republic of Iraq(No. 138, 07.05.1994, Genoa Corte do Appello). – A.van den Berg. – XXI Yearbook Comm Arb. – 1996. – P. 594.

судҳо қарори оқилона ва мантиқӣ мебуд[205].

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки қисми моддии эътибормокии созишномаи арбитражӣ тарафҳоро аз руи омилҳои зерин тақсим карда мешаванд: 1) мушкилоти марбут ба масъалаҳои ҳуқуқи шартномавӣ вуҷуд дорад. Худи созишномаи арбитражӣ низ шартнома буда, ба он принсипҳои умумии эътибормокии шартномаҳо низ паҳн мегардад. Ин асосҳо дар созишномаи арбитражӣ муҳим мебошанд, агар дар он унсури хориҷӣ мавҷуд бошад; 2) асосҳои қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои созишномаи арбитражӣ, яъне «ҳуқуқи тобеятии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки бо ифодаи ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар, нуқси ирода (маҷбуркунӣ, гумроҳӣ, хатогӣ ва ғ.) алоқамананд. 3) ин имкони баррасии баҳс ҳамчун субъекти ба истилоҳ «салоҳияти воқеии арбитражӣ» мебошад. Эътибормокии расмии созишномаи арбитражӣ дар шакли бастани он ифода мешавад: хаттӣ ё электронӣ.

### 2.3. Проблемаҳои ҳуқуқии эътибормокии расмии созишномаи арбитражӣ

Бори аввал муқаррарот оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ » аз соли 2015[206] баъд аз он, ки ҶТ ба СУС ворид шуд, мустаҳкам гардидаанд. Барои қабули Қонуни намунавӣ ба низоми ҳуқуқии ҶТ дар ибтидои ҳазорсолаи сеюм, пеш аз ҳама, бино бар ҷой надоштани танзими маҷмуии институти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ заминаҳои нисбатан мусоиди ҳуқуқӣ ва заминаҳои дигар муҳайё гардида буданд[207]. Баъд аз ворид гардидани тағйирот ба Қонуни намунавӣ дар соли 2006 дар адабиётҳои ҳуқуқӣ корҳое пайдо гардиданд, ки дар онҳо муаллифон оид ба мубрамияти навовариҳои пешниҳодгардида ва зарурати ворид намудани онҳо ба ҳуқуқи миллӣ, аз ҷумла, дар қисмати созишномаҳои

---

[205] Ниг.:Fincantieri-Cantieri Navali Italiani S.p.A. and Oto Melara S.p.A. v. M. and Arbitration Tribunal (Judgment on 23 June.

[206] Ниг.: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 майи соли 2015, таҳти №1183 / Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, №3, мод. 205.

[207] Ниг.: Костин А.А. Типовой закон ЮНСИТРАЛ и российский Закон о международном коммерческом арбитраже: сравнительно-правовой анализ // Актуальные вопросы международного коммерческого арбитража / Отв. ред. А.С. Комаров. – М., 2002. – С. 89.

арбитражии шифоҳӣ таъкид менамуданд.

Созишномаҳои байналмилалии арбитражӣ ба мисли намудҳои дигари шартномаҳо бояд ба талаботи расмӣ ҷавобгӯ бошанд. Талаботи аз ҳама универсалӣ «шакли хаттӣ»-и онҳо мебошад. Аммо баъзе қонунҳои миллӣ талаботҳои дигари расмиро ба монанди андозаи шрифте, ки тавзеҳоти арбитражӣ бояд чоп карда шаванд, пешбинӣ менамоянд[208]. Илова бар ин, бо нуктаи назари Зыков Р.О. «мавҷудият ва эътиборнокии созишномаи арбитражӣ, сарфи назар аз он ки дар кадом шакл баста шудааст, хамеша масъалаи исботкунӣ аст»[209]. Ба андешаи мо, дурустии пешниҳоди ин гуна талаботи расмӣ, алалхусус бо инобати тамоюли даст кашидан аз талаботҳои махсус ва аз ҳад зиёди мушкил нисбати шакли созишномаи арбитражӣ, ки дар даҳсолаи охир пайдо гардидааст, бисёр баҳснок мебошад.

Пеш аз ҳама бояд байни ду категорияҳои талаботҳои расмӣ нисбати созишномаи арбитражӣ фарқ гузошта шавад. Якум, баъзе аз талаботҳо бевосита ба ҳолати боэътибории созишномаи арбитражӣ дахл доранд, яъне иҷро нагардидани ин талаботҳо ба беэътибории минбаъдаи созишнома оварда мерасонад. Дуюм, категорияи дигари «талаботҳои расмӣ» ҷой дорад, ки бояд дар асоси муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқии мушаххас (конвенисияҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва ё қонунҳои миллӣ) арзёбӣ карда шаванд[210]; ва агар ин талаботҳо риоя нагарданд, ин маънои онро надорад, ки созишнома боэътибории худро аз даст медиҳад, зеро созишномаи арбитражӣ метавонад мутобиқи қонунҳои дигар ва ё принсипҳои умумии ҳуқуқ дар мисоли оилаи ҳуқуқии англисӣ боэътибор бошад[211]. Аз ин лиҳоз, вақте ки оид ба «талаботҳои расмӣ» сухан мегӯем, бояд ин оқибатҳои ҳуқуқӣ дуруст фарқ карда шаванд.

Илова бар ин, дар хотир доштан муҳим аст, ки ҳатто агар созишномаи арбитражӣ ба талаботҳои расмии татбиқшаванда ҷавобгӯ бошад, ин маънои онро надорад, ки ин созишномаи арбитражӣ боэътибор ва иҷрошаванда

---

208 Ниг.: A. Samuel. – Jurisdictional Problems in International Commercial Arbitration. – 1989. – P. 79. («аксари низомҳои ҳуқуқӣ талаб мекунанд, ки созишномаи арбитражӣ бояд дар шакли хаттӣ бошад, аммо онҳо мушаххас нишон намедиҳанд, ки бо нишон додани ин муқаррарот чӣ мехоҳанд».

209 Ниг.: Зыков Р.О. Международный арбитраж в Швеции Право и практика. – М., Статут. 2014. – С. 200.

210 Ниг.: Нью-Йоркская конвенция, ст. II (2); FAA U.S., 9 U.S.C. § 2; English Arbitration Act, 1996, § 5.

211 Ниг.: R. Merkin – Arbitration Law – Informa Business Publishing – 2004 & Update 2007 – 3.8.

мебошад. Дар ин ҷо сухан эҳтимол оид ба талаботҳои ҳуқуқи моддии татбиқшаванда, ки боэътибории шартномаро муайян менамояд, меравад. Яъне, боэътибории шартӣ зарур аст, аммо барои боэътибор эътироф намудани созишномаи арбитражӣ кифоя намебошад.

Конвенсияҳои асосии арбитражии байналмилалӣ ба мисли Конвенсияи Ню-Йорк ва Конвенсияи Аврупоӣ, инчунин Қонуни намунавӣ, ҳамзамон ба монанди қонунҳои зиёди миллӣ[212], ба истиснои ҳолатҳои муайян[213], чун қоида дар доираи талаботи «шакли хаттӣ»–и созишномаи арбитражӣ маҳдуд мегарданд. Чунин муносибат дар аксари низомҳои ҳуқуқӣ ба мисли санадҳои байналмилалӣ дорои заминаҳои таърихӣ мебошанд. Аммо ҷолиби диққат аст, ки на дар Протоколи Женева аз соли 1923 ва на дар Конвенсияи Женева аз соли 1927[214] талаботҳо оид ба шакли хаттии созишномаи арбитражӣ пешбинӣ нагардидаанд.

Аксари таърифҳои мафҳуми «шакли хаттӣ»–и созишномаи арбитражӣ маҳдуд ва ё куҳнашуда мебошанд, аз ин рӯ, судҳои миллӣ ва трибуналҳои арбитражӣ баъзан бо мақсади тафсири меъёрҳои онҳо аз рӯи воқеияти тиҷоратӣ ба мушкилиҳо дучор меоянд[215].

Ба асосҳои шакли хаттии созишномаи арбитражӣ таваҷҷуҳ намудан зарур мебошад. Дар навбати аввал, саволе ба миён меояд, ки бино бар кадом сабаб талаботи «шакли хаттӣ» бояд ба созишномаи арбитражӣ мансуд дониста шавад. Барои мисол, агар ду шахс дар хусуси ба арбитраж супоридани баҳс ба мувофиқа омада бошанд, пас барои эътирофи ин созишнома, ба монанди дигар созишномаҳое, ки дар шакли хаттӣ баста мешаванд, асос мавҷуд мебошад. Ба ҳамин монанд, агар шартномаи шифоҳии хариду фурӯш ва ё аҳди дигари тиҷоратӣ мавҷуд бошад, пас

---

[212] Барои мисол ниг.: AA U.S., 9 U.S.C. § 2; English Arbitration Act, 1996, § 5, § 1031 Zivilprozessordnung. Қонуни намунавии ЮНИСТРАЛ, [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/ml-arb/07-87000_Ebook.pdf (санаи муроҷиат: 10.11.2022).

[213] Ниг.: § 1 Қонуни арбитражии Шветсия, мод. 7 (1) Қонуни арбитражии Зеландияи Нав, Қонуни намунавии ЮНИСТРАЛ соли 2006., мод. 7 (2).

[214] Ниг.: Регистр Текстов международных конвенций и других документов, касающихся права международной торговли. -том II–Нью-Йорк. –1973. –С. 9-20. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/publications/sales_publications/Register_texts_vol_II.pdf (сана муроҷиат: 10.09.2022).

[215] Ниг.: Kaplan N. Is the Need for Writing as Expressed in the New York Convention and the Model Law Out of Step with Practice. Arbitration International (12,1). – 1996. – P. 27 – 28.

асосҳои кофии беэътибор эътироф накардани созишномаи иловагии шифоҳӣ ва ё созишномае, ки аз рӯи шакл ба талаботҳо ҷавобгӯ намебошад, ҷой доранд. Аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки муқаррароти Конвенсияи Ню-Йорк ва қонунҳои миллии арбитражиро бояд чун «проарбитражӣ» тафсир намуд ва ин муқаррарот набояд аз рӯи мазмуни худ ба эътирофи эътибори ҳуқуқии ҳам созиши шифоҳӣ оид ба арбитраж ва ҳам созишномаҳое, ки шифоҳӣ баста шудаанд, монеа шаванд. Аммо заруриати мантиқии талаботи шакли хаттӣ дар ин ифода меёбад, ки тарафҳо кафолати таъсири созишномаи арбитражиро дарк намуда, баррасии минбаъдаи баҳсро дар судҳои давлатӣ истисно мекунанд[216]. Дар асосгардонӣ далели зерин пешниҳод карда мешавад, ки барои даст кашидан аз имконияти баррасии баҳс дар судҳои давлатӣ бояд талаботҳои махсус риоя карда шаванд: «ҳолати мазкур барои тарафҳо ба сифати ҳимоя аз ворид шудан ба муносибатҳое, ки ба нақша гирифта нашудаанд ва бо даст кашидан аз ҳуқуқи дастрасӣ ба судҳои маъмулӣ вобастагӣ доранд, баромад менамояд»[217]. Аз ҷониби дигар, дар реҷаҳои нисбатан пешрафтаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар реҷаи ҳуқуқии миллӣ нуқтаи назар дар бораи он, ки бастани созишномаи арбитражӣ роҳи махсуси даст кашидан аз воситаҳои ҳимояи судӣ мебошад, ҷонибдорӣ намегардад. Баръакс, дар савдои муосири байналмилалӣ, арбитраж воситаи маъмулии ҳалли баҳсҳо мебошад, дар ҳоле ки мурҷиат ба судҳои давлатӣ амалан, дар ҳама мавридҳо бо номуайяниҳои ҷиддии юрисдиксионӣ вобастагӣ доранд[218]. Ҳамчунин қайд кардан мумкин аст, ки тибқи қонунҳои муосири миллии арбитражӣ тамоюли боэътибор эътироф намудани созишномаҳои арбитражӣ ба мушоҳида мерасад. Яъне, маълум аст, ки барои нисбати созишномаи арбитражӣ ҷорӣ нагардидани талаботҳои махсус оид ба шакли хаттии он, ки маъмулан нисбати дигар намудҳои қарордодҳо пешбинӣ нагардидаанд, сабабҳои асоснок ҷой доранд.

[216] Ниг.: Berg A.van den. The New York Arbitration Convention of 1958: Towards a Uniform Judicial. Interpretation. – 1981. – P. 171.
[217] Ниг.: Judgment of 7 February 1984, Tradax Export SA v. Amoco Iran Oil Co. (No. 8 Swiss Tribunal Federal). XI Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 1986. – P. 532, 535.
[218] Ниг.: Landau Toby. The Requirement of a Written Form for an Arbitration Agreement: When “Written” Means “Oral”. – International commercial arbitration: important Contemporary questions. Albert Van den Berg. ed., – 2003. – PP. 19, 25 – 33.

Талаботи шакли хаттӣ нисбати созишномаҳои арбитражӣ ҳамчун далели боэътимод дар хусуси ба созиш омадани тарафҳо оид ба арбитраж баромад мекунад[219]. Ифодаи мазкур бешубҳа ҳамин гуна мебошад, аммо он, ба назари мо талаботро нисбати шакли созишнома комилан инъикос наменамояд. Мавҷудияти шакли хаттии дилхоҳ созишнома, аз ҷумла, созишномаи арбитражӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Новобаста аз ин, дар бисёри низомҳои ҳуқуқӣ ба созишномаҳое, ки бе риояи чунин талаботҳои расмӣ (дар намуди ҳуҷҷат) баста шудаанд, ҳатто агар ҳангоми исботи мавҷудият ва устувории мазмуни ин созишномаҳои шифоҳӣ мушкилиҳо ва номуайяниҳо ҷой дошта бошанд ҳам, вазъи ҳуқуқӣ дода мешавад[220]. Бо вуҷуди ин, вектори рушди қонунгузории байналмилалӣ ва таҷрибаи арбитражӣ равшан аст, ки чунин рушд бо роҳи даст кашидан аз зарурати сабти хаттӣ созишномаи арбитражӣ меравад. Талабот дар бораи ба таври хаттӣ сабт шудани чунин созишнома аллакай аз Дастури арбитражии ЮНСИТРАЛ нашри соли 2010 аз байн рафтааст[221]. Карабельников Б.Р. қайд менамояд, ки Дастури арбитражии ПБС дар соли 2012 (ниг. ба моддаи 6) дар ин бора исрор намекунад ва моддаи 2-и Дастури ПСС (Палатаи савдои Стокҳолм) дар таҳрир, ки аз 1 январи соли 2010 эътибор пайдо кардаанд, он ҳангоми мурочиат барои иҷрои маҷбурии ҳалномаи арбитражӣ дар Фаронса, Шветсия ва Норвегиясозишномаи арбитражӣ ё нусхаи он талаб карда намешавад[222].

Талабот нисбати шакли хаттии созишномаи арбитражиро инчунин бо он шарҳ додан мумкин аст, ки он тарафҳоро барои мувофиқа намудани унсурҳои муҳимму калидии арбитраж, ба мисли ҷойи баргузории арбитраж, дастури арбитражӣ, забони мурофиаи арбитражӣ, шумораи арбитрҳо ва амсоли инҳо

---

[219] Ниг.: Report of the Secretary-General on the Revised Draft Set of the arbitration Rules, UNCITRAL - Ninth Session , UN doc. A/CN.9/112/Add. 1 – Volume VII. UNCITRAL Yearbook. 1976. P.166, 167. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/english/yearbooks/yb-1976-e/vol7-p166-181-e.pdf (санаи мурочиат: 11.11.2022).

[220] Ниг.: N. Kaplan. Is the Need for Writing as Expressed in the New York Convention and the Model Law Out of Step with Commercial Practice. Arbitration International (12,1). – 1996. – P. 27; ст. 1108 Французского Гражданского Кодекса; ст. 1 Швейцарского Обязательственного Закона; § 17 Restatement (Second) Contracts 1981.

[221] Ниг.: Комаров А.С. Новая редакция Арбитражного регламента ЮНСИТРАЛ в контексте современной практики международного арбитража // Вестник международного коммерческого арбитража. – 2011. – № 1. – С. 38.

[222] Ниг.: Карабельников Б.Р. Международный коммерческий арбитраж. Учебник. Издание 2-ое, переработанное и дополненное. – М., 2013. – С. 96.

ташвиқ медиҳад. Дар робита ба созиши шифоҳӣ оид ба арбитраж, бешубҳа хатари дуруст нигоҳ дошта натавонистани мувофиқаи шифоҳии ҳосилшуда ҷой дорад. Ҳолати мазкур ба сифати ваҷҳ барои асоснокгардонии талаботи шакли хаттӣ нисбати созишномаи арбитражӣ баромад менамояд. Аммо, ба назари мо шакли хаттии анъанавӣ, инчунин талаботҳои бо он алоқаманди «баимзорасонӣ» ва «мубодилаи мактубҳо» дар шароити муомилоти савдоии муосир, мутлақо зарурӣ намебошанд. Ба таври қатъӣ набояд тасдиқ карда шавад, ки созишномаи арбитражии шифоҳӣ ва ё созишномае, ки дар шакли хаттӣ, вале бо камбудиҳо баста шудааст, наметавонанд боэътибор бошанд. Ба ибораи дигар, созишномаи арбитражии шифоҳӣ ба ҳамон дараҷае, ки қарордодҳои дигар боэътибор дониста мешаванд, бояд эътибор дошта бошанд.

Бо вуҷуди ин, айни замон, дар аксари низомҳои ҳуқуқӣ бо мақсади эътирофи чунин созишномаҳо ба шакли хаттии созишномаҳои арбитражӣ афзалият дода мешавад. Новобаста аз ин, тавре ки дар поён баррасӣ карда мешавад, дар навовариҳои Қонуни намунавӣ назар ба талаботи расмии нисбати созишномаҳои арбитражӣ дар бисёри қонунгузориҳо ҷойдошта, намунаҳои нисбатан либералии талаботи расмӣ муайян гардидаанд. Дар ин робита бархе аз қонунҳои арбитражӣ низ талаботҳои худро сабук намудаанд ва ё ин ки умуман муқаррарот оид ба шакли созишномаҳои арбитражиро хориҷ намудаанд (эзоҳ: дар ҳолати мазкур сухан оид ба Франсия, Нидерландия ва Ҳонконг меравад). Гуфтан мумкин аст, ки қабули чунин қонунҳо ва ё ворид намудани тағйирот ба қонунҳои амалкунанда оид ба арбитраж раванди умумии ҷаҳонӣ гардидааст.

Бояд зикр кард, ки дар ибтидо маҳдуд кардани соҳаи татбиқи Конвенсияи Ню-Йорк, бо роҳи хориҷ намудани созишномаҳои арбитражӣ аз он пешниҳод гардида буд[223]. Эҳтимол, боэътибории созишномаҳои арбитражӣ дар иртибот ба проблемаи эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ тибқи ((IV (1) (b) и V

[223] Ниг.: E/2704 : E/AC.42/4/Rev.1 - Report of the Committee on the Enforcement of International Arbitral Awards (Resolution of the Economic and Social Council establishing the Committee, Composition and Organisation of the Committee, General Considerations, Draft Convention) – 28/03/1955. – P.6.

(1) (а) Конвенсия[224] баррасӣ гардида буданд, аммо танҳо санаи 5 июни соли 1958 чанде қабл аз қабули ниҳоии Конвенсияи Ню-Йорк бо ташаббуси Сандерс П. дар ниҳоят қарор қабул карда шуд, ки дар конвенсияи мазкур моддаи махсус оид ба эътироф ва иҷрои созишномаҳои арбитражӣ ворид карда шавад[225]. Тағйиру иловаҳо оид ба иҷрои созишномаҳои арбитражӣ ба моддаҳои қабулшуда (моддаҳои I ва VII) дигар ворид нагардидаанд.

Дар таҷрибаи бастани созишномаҳои арбитражӣ баъзан саволе пайдо мешавад, ки: «агар созишномаи арбитражие, тибқи ҳуқуқии миллии татбиқшаванда боэътибор аст, пас он аз рӯи мазмуни Конвенсияи Ню-Йорк низ чунин мебошад»[226]. Дар баъзе ҳолатҳо судяҳо ба таври қатъӣ ҷонибдори шакли хаттии созишномаи арбитражӣ баромад намуда, созишномаҳои бе риояи талаботи мазкур басташударо, ҳатто агар аз рӯи рафтор ва амалияи корӣ байни тарафҳо бамиёномада дар ин хусус ба созиш омадани онҳо маълум бошад ҳам, беэътибор медонанд.

Маврид ба зикр аст, ки мақсади Ковенсияи дар таъмини иҷрои қарорҳои арбитражии хориҷӣ мебошад. Бино бар ин, ба андешаи мо зарурати бо талаботҳои барзиёди шартие, ки бо воқеияти муосир мутобиқ намебошанд, маҳдуд кардани мақсади Конвенсия ҷой надорад.

Дар навбати аввал, бояд дарк карда шавад, ки зери шакли хаттӣ мутобиқи Конвенсия чӣ фаҳмида мешавад. Дар Конвенсияи Ню-Йорк танҳо як талабот нисбати шакли созишномаи арбитражӣ муқаррар гардидааст: банди 1 моддаи II Конвенсияи Ню-Йорк пешбинӣ менамояд, ки чуинин созишнома бояд дар шакли хаттӣ баста шавад. Илова бар ин, моддаи II (2) чӣ

[224] Ниг.: United Nations Conference on international commercial arbitration. Summary Record of the eleventh meeting (E/CONF.26/SR.11), P. 7-12; 12th meeting (E/CONF.26/SR.12), P. 3-6; 13th meeting (E/CONF.26/SR.13), P. 4-7 and 9-11; 14th (E/CONF.26/SR.14), P. 4-5 and 7-9; 17 th meeting (E/CONF.26/SR.17), P. 4-6. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/en/uncitral_ texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи мурочиат: 11.09.2022).

[225] Ниг.: Summary record of the 21 st meeting. Consideration of the draft Convention on the recognition and enforcement of foreign arbitral awards. [E/CONF.26/SR.21 - E/2704 and CORR.1, E/2822 and ADD.1 TO 6, E/CONF.26/2, 3 and ADD.1, E/CONF.26/4, 7, E/CONF.26/L.16, L.28, L.49, L.52, L.55, L.56]. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/en/uncitral_texts/ arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи мурочиат: 11.09.2022).

[226] Ниг.: Конвенция о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (Нью-Йоркская конвенция), 1958 год - Конвенция вступила в силу 7 июня 1959 года (статья XII). «Вестник ВАС РФ», № 8, 1993. Ссылка на источник: http://www.uncitral.org/uncitral/ru/uncitral_texts/arbitration/NYConvention.html.

будани «созишномаи хаттӣ»-ро шарҳ медиҳад: ду шакли имконпазири мустаҳкам намудани созишномаи арбитражӣ ҷой дорад – дар шартнома ва ё дар созишномаи иловагӣ дар хусуси ба арбитраж супоридани баҳс. Дар робита ба шакли дуюм ба таври махсус қайд мегардад, ки онро бо роҳи аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидан ва ё тавассути мубодилаи мактубҳо ва ё телеграммаҳо бастан мумкин аст.

Дар таҷриба ба телеграммаҳо ва мактубҳое, ки дар моддаи II Конвенсияи Ню-Йорк пешбинӣ гардидаанд, телексҳо, телетайпҳо ва «воситаҳои дигар алоқаи барқӣ», тавре ки барои мисол дар зербанди «а» банди 2 моддаи I Конвенсияи Аврупоӣ зикр гардидаанд, баробар карда мешаванд. Бояд қайд кард, ки зарурати техникии қабули ҷавоб ба пешниҳод оид ба баррасии баҳс дар арбитраж дар як шакли дақиқи изҳори мустақими розигӣ ҷой дорад. Дар таҷриба ҳолати таъйин намудани арбитр тибқи дастури пешниҳодгардида аз рӯи Конвенсияи Ню-Йорк ҳамчун ҷавоб эътироф гардида буд[227]. Созишномаи арбитражӣ, ки дар мактубҳо ё телеграммаҳои мубодилаи байни тарафҳо мавҷуданд, асосан ба талаботи моддаи II (2) мувофиқат мекунад. Ҳарчанд хондани матни гуногун имконпазир аст, м. II(2)-ро ҳамчун "имзои" мактубҳо ё телеграммаҳо (дар тафовут аз "шартномаҳо") талаб кардан мумкин нест. Қайд кардан зарур аст, ки дар моддаи II Конвенсия махсусан ба созишномаи "хаттӣ" ишора мекунад, на ба "имзошуда", аз ин рӯ, "олимони бонуфуз ба таври оқилона чунин мешуморанд, ки агар созишномаи арбитражӣ дар ҳуҷҷате мавҷуд бошад, ки дар он имзо бо тарзи чопӣ навишта шудааст ва бо дастӣ гузошта нашудааст, ба ин нигоҳ накрада чунин созишнома аз нуқтаи назари талаботи Конвенсия боэътибор ҳисобида мешавад»[228]. Бо вуҷуди ин, дар чунин ҳолат проблемаи зерин метавонад ба миён ояд: арбитрҳо шояд, ки далелҳои муайяншударо ҳамчун тасдиқи баста шудани созишномаи арбитражӣ баҳо медиҳанд, дар ҳоле ки судҳои миллӣ дар сурати муроҷиати тарафҳо барои эътироф ва иҷрои

[227] Ниг.: Berg, A. J. van den. The New York Arbitration Convention of 1958: towards a uniform a Uniform Judicial Interpretation- Kluwer Law International- 1981. XII Yearbook Commercial Arbitration. –1987. – P. 427.
[228] Ниг.: Карабельников Б.Р. Форма арбитражного соглашения в международном коммерческом арбитраже. // Право и экономика. – 2001. – № 3. – С.4.

қарори арбитражӣ далелҳои зикршударо ба таври баръакс баҳо медиҳанд. Аммо ин ҳолат тафсири на моддаи II, балки моддаи IV Конвенсияи Ню–Йорк мебошад.

Дар таҷриба зимни истифодаи муқаррароти мухтасари моддаи II Конвенсия як қатор мушкилиҳо ҷой доранд. Аммо бояд қайд кард, ки эҳтимол, ин мушкилот бинобар мухолифати байни сатҳи рушди воситаҳои муосири алоқа, пайдоиши шаклҳои ҳарчи бештари пешбурди мукотибаи корӣ аз як тараф ва консервативизми муносибатҳои ҳуқуқӣ дар робита ба таҳкими ифодаи иродаи иштирокчиёни муомилоти маданӣ аз тарафи дигар бошад. Илова бар ин, масъалаҳои баҳсӣ маҳз дар робита ба саволҳои аз ҷониби кӣ ва чи тавр ба имзо расидан ба миён меоянд.

Мухолифати воқеӣ вақте сар мезанад, ки яке аз тарафҳо далели баста шудани созишномаи арбитражиро эътироф наменамояд, вале тарафи дигар наметавонад бо ҳуҷҷати ягонае, ки дар он имзоҳои ҳамаи иштирокчиёни баҳс гузошта шуда бошанд, ваҷҳи тарафи муқобилро инкор намояд. Имрӯзҳо, бино бар рушди воситаҳои коммуникатсионӣ дар муомилоти корӣ чунин ҳуҷҷатҳо хеле кам таҳия карда мешаванд.

Баъзе муаллифон саволеро ба миён мегузоранд, ки оё бояд шахси ваколатдори шартномаи «асосӣ»-ро имзогузошта, ки матни он созишномаи арбитражро дар бар мегирад, маҳз барои имзои созишномаи арбитражӣ ваколатҳои махсус дошта бошад? Пас, Ануров В.Н. чунин мешуморад, ки «агар дар ваколатномаи шахсе, ки шартномаи иқтисодии хориҷиро имзо кардааст, ваколати ошкоро барои ба арбитраж пешниҳод кардани баҳсҳо надошта бошад, яъне, бастани созишномаи арбитражӣ, созишномаи арбитражӣ дар шакли тавзеҳоти арбитражӣ метавонад бастанашуда ва дар натиҷа беэътибор дониста шавад.»[229]. Ба андешаи муаллифи номбурда, дар ин маврид аз ҳад зиёди салоҳият ба назар мерасад, ки тибқи таҷрибаи муқарраршуда, боиси беэътибор донистани аҳди асосӣ мешавад[230]. Агар мо бо ин мавқеъ розӣ бошем, он гоҳ ҳама гуна ваколатнома барои имзои аҳд, ки

---

[229] Ниг.: Ануров В.Н. Юридическая природа международного коммерческого арбитража. – М.: Проспект, 2000. – С. 50-51.
[230] Ҳамон ҷо. – С. 50-51.

имкони бастани созишномаи арбитражиро фароҳам меорад, бояд ба таври махсус дода шавад, алалхусус салоҳиятҳои бастани аҳдҳои "асосӣ" ва созишномаи арбитражӣ[231].

Сарфи назар аз асоснокии назариявии моҳияти ҳуқуқии ин принсип[232], гарчанде ки созишномаи арбитражӣ ҳамчун «созишномаи новобаста аз дигар шартҳои шартнома» маънидод карда мешавад, он ҳатман набояд аз шартномаи «асосӣ» ҷудогона имзо карда шавад. Бино бар ин, бояд ба хулосае омад, ки салоҳияти имзои шартномаи «асосӣ» салоҳияти имзои созишномаи арбитражиро (тавзеҳоти арбитражӣ) дар бар мегирад[233], сарфи назар аз он ки сарнавишти ҳуқуқии он, масъалаҳои эътиборнокӣ, нигоҳдории эътибор ва иҷропазирии он ва ҳатто қонуне, ки нисбат ба он татбиқ мешавад, аз руи оқибати ҳуқуқӣ, эътибор ва қонуне, ки ба шартномаи «асосӣ» татбиқ мешавад, фарқ мекунанд[234].

Талаботи шакли хаттӣ ҳам нисбати тавзеҳоти арбитражӣ ва ҳам нисбати созишномаи арбитражии басташудаи тарафҳо («a submission agreement») ва ё мактубҳо ва телеграммаҳои дар ин хусус мубодиланамудаи онҳо дахл дорад.

Маълум аст, ки моддаи II (2) Конвенсия бастани шартномаи хаттии аз ҷониби тарафҳо имзогардидаеро талаб менамояд, ки яке аз муқаррароти он шакли хаттии тавзеҳоти арбитражиро барои ҳалли баҳсҳои минбаъда пешбинӣ менамояд[235]. Қаблан, дар яке аз қарорҳои судии итолиёвӣ пешбинӣ гардида буд, ки мувофиқи талаботи моддаи II тавзеҳоти арбитражӣ бояд дар алоҳидагӣ (ҷудо аз худи шартнома) ба имзо расад, вале баъдан ин пешниҳод бартараф гардид[236]. Ҳамчунин, маълум аст, ки созишнома дар бораи ба арбитраж супоридани баҳси ҷойдошта, ки аз ҷониби ҳар ду тараф ба имзо расонида шудааст, ба талаботи моддаи II (2), ки шакли хаттии

---

[231] Ниг.: Розенберг М.Г. Практика международного арбитражного суда. – М., 1997. – С. 103.
[232] Ниг.: Лебедев С.Н. Международный коммерческий арбитраж: компетенция арбитров и соглашение сторон. – С. 86.
[233] Ниг.: Тынель А., Функ Я., Хвалей В. Курс международного торгового права. 2-е изд. – Минск: Амалфея, 2000. – С. 643.
[234] Ниг.: Карабельников Б.Р. Международный коммерческий арбитраж. Учебник. Издание 2-ое, переработанное и дополненное. – М.: 2013. – С. 108.
[235] Ниг.: Judgment of 30 March 2000 (Oberlandesgericht Schleswig). XXXI Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 2006. – P. 652, 656.
[236] Ниг.: Judgment of 18 May 1978 , Societa Atlas General Timbers SpA v. Agenzia Concordia Line SpA. – V Yearbook Commercial Arbitration (Italian Corte di Cassazione). – 1980 – P. 267.

барасмиятдарории ҳуҷҷатҳоро пешбинӣ менамояд, мутобиқ мебошад[237]. Дар баъзе ҳолатҳо судҳо риояи шаки хаттиро, ҳатто агар даст кашидан аз эътирофи боэътибории созишнома ба принсипҳои бовиҷдонӣ мухолиф бошад ҳам, ба таври қатъӣ талаб менамоянд. Ҳамин тавр, ба андешаи Суди Олии Италия талаботи шартӣ, ҳатто агар мавриди баҳс қарор додани боэътибории созишномаи арбитражӣ ба бовиҷдонӣ мухолиф бошад ҳам, набояд маҳдуд карда шаванд[238]. Ҳамин тавр, ду савол ба миён меояд:

Якум – оё талаботи баимзорасонӣ нисбати шартномае, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад ва нисбати созишномаи алоҳидаи арбитражӣ ва ё ин ки танҳо нисбати созишномаи арбитражӣ татбиқ мешавад?

Дуюм – оё талаботи баимзорасонӣ барои мактубҳо ва телеграммаҳо низ ҳатмӣ мебошад?

Таҷрибаи судии давлатҳо оид ба саволҳои дар боло зикргардида мухталиф мебошад. Барои мисол, Суди апеллятсионии округи панҷуми ИМА соли 1994 қарор қабул кард, ки тибқи он танҳо созишномаи арбитражӣ бояд ба имзо расонида шавад[239]. Маврид ба зикр аст, ки судҳои округии дуюм ва сеюми ИМА мавқеи дигарро ҷонибдорӣ намуда, бо андешаи зикргардида розӣ нашуда, муайян намуданд, ки баимзорасонӣ дар ҳар ду ҳолат талаб карда мешавад[240].

Ҳолати мазкур шубҳаовар аст – оё тавзеҳоти арбитражии шифоҳие, ки дар шартномаи хаттии тарафҳо мувофиқа шудааст, ба талаботи моддаи II (2) ҷавобгӯ мебошад. Зимни тафсири айнии муқаррароти моддаи II (2) ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳам шартномаи хаттие, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад ва ҳам созишномаи алоҳидаи арбитражӣ бояд ба имзо расонида шаванд, дар акси ҳол шартномаи бе имзои тарафҳо ва ё созишномаи арбитражии шабеҳ ба талаботи Конвенсия мутобиқ буда наметавонанд. Аммо мақомоти судӣ ҳангоми тафсири моддаи II (2) ба

---

[237] Ниг.: Berg Albert van den. The New York Arbitration Convention of 1958: Towards a Uniform Judicial. Interpretation. – 1981. – P.192.

[238] Ниг.: Robobar Limited (UK) v. Finncold SAS (Italy) 28 Oct. 1993 (Italy, Supreme Court). – XX Yearbook Commercial Arbitration. – Albert van den Berg. – 1995. – P. 739.

[239] Ниг.: Sphere Drake Ins. PLC v. Marine Towing 16 F.3d 666, 667-69, (5th Cir., 1994).

[240] Ниг.: Standard Bent Glass Corp. v. Glassrobots OY, 333 F. 3d 440, 449, 2003; Kahn Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd., 186 F.3d 210, 217-18, (2d Cir. 1999).

хулосаҳои мухталиф, аз ҷумла зарурат надоштани баимзорасонии шартномае, ки дар он тавзеҳоти арбитражӣ инъикос ёфтааст (дар фарқият аз созишномаи алоҳидаи арбитражӣ, ки дар он гузоштани имзо талаб карда мешавад) омадаанд.

Дар мисоли парвандаи Sphere Drake Ins. Plc. v. Marine Towing, Inc (1994)[241], ки дар адабиётҳои илмӣ-амалӣ зиёд иқтибос ва зикр мегардад, мисоли тафсири мухталифи муқаррароти Конвенсияи Ню-Йорк инъикос гардидааст. Дар парвандаи мазкур сухан оид ба полиси суғуртаи баҳрие, ки дар он тавзеҳот оид ба баррасӣ гардидани арбитраж дар Лондон пешбинӣ шудааст, меравад. Дар парвандаи мазкур ҷавобгар (Marine Towing), ширкати киштигард нисбати мавҷудияти ваколати арбитраж эътироз овардааст, зеро далели баста шудани шартномаи суғуртаро рад менамояд, яъне ба назари ӯ полиси суғурта бо вайронкуниҳои талаботи шакли хаттӣ ба расмият дароварда шудааст. Ҳамин тавр, ҷавобгар дар ваҷҳҳои худ созишномаи хаттиро танҳо чун 1) шартнома ва ё созишномаи дигари хаттие, ки тарафҳо ба имзо расонидаанд ва ё 2) мубодилаи корреспонденсияи байни тарафҳо, ки дар он розигии онҳо барои арбитраж ифода ёфтааст, муайян намуда буд. Ба андешаи мо, бо чунин тафсири муқаррароти Конвенсия набояд розӣ шуд. Суди округи панҷуми ИМА дар зинаи апеллятсионӣ бо ин тафсир розӣ нашуда, чунин асосҳои пешниҳоднамудаи ҷавобгарро рад намуда, қарори суди зинаи якум дар хусуси ба арбитраж супоридани баҳси тарафҳоро ҷонибдорӣ кард. Чунин ба назар мерасад, ки мафҳуми «созишномаи хаттӣ» дар худ 1) тавзеҳоти арбитражӣ дар шартнома ва ё 2) созишномаи арбитражӣ, а) аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонидашуда ва ё в) дар мактубҳо ва телеграммаҳои мубодилашуда ифодагардидаро дар бар мегирад. Шартномаи суғурта дар парвандаи баррасишуда, бешак тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад, зеро дар ин ҷо сухан оид ба тавзеҳот, на ин ки созишномаи алоҳида меравад ва аз ин рӯ нисбати он талабот оид ба созишномаи арбитражӣ татбиқ намегарданд ва бинобар ин баимзорасонии он талаб карда намешавад.

[241] Ниг.: Sphere Drake Ins. Plc. v. Marine Towing, Inc. 16 F.3d 666, 667-69, (5th Cir., 1994).

Чунин тафсири моддаи II (2) аз нигоҳи самаранокии муомилоти савдоӣ нисбатан дурустар ба назар мерасад ва он аз ҷониби дигар судҳои зинаи якум қабул гардидааст[242], аммо агар ба матни англисии банди 2 моддаи II назар кунем «Agreement in writing» shall include the arbitration clause in a contract or an arbitration agreement, signed by the parties or contained in an exchange of letters or telegrams», пас табиист, ки талаботи моддаи II (2) оид ба гузоштани имзо ва мубодилаи ҳуҷҷатҳо ҳам нисбати созишномаҳои алоҳидаи арбитражӣ ва ҳам нисбати шартномае, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад, паҳн мегардад. Яъне калимаи «*signed*» (ба имзо расонидан) нисбати ҳар ду мубтадо паҳн мегардад, дар ҳоле ки дар матни русии Конвенсияи Ню–Йорк сифати феълӣ дар шакли танҳо «имзогардида» истифода гардидааст ва аз ин бармеояд, ки талаботи ба имзо расонидан танҳо нисбати созишномаи арбитражӣ паҳн мегардад.

Пас аз парвандаи Sphere Drake v. Marine Towing дар аксари мавридҳо судҳо аз он намунаи тафсири моддаи II ҷонибдорӣ намуданро оғоз карданд, ки аз ҷониби суди апеллятсионӣ аз рӯи ин парванда дода шуда буд. Ба парвандаи дигари ҷолиб ва маъмули Kahn Lucas Lancaster Inc. v. Lark International Ltd., ки аз рӯи он судҳои зинаҳои якум ва дуюм нуқтаи назари муқобилро ҷонибдорӣ намудаанд, таваҷҷӯҳ намудан ба маврид аст. Ширкати Kahn Lucas аз Ню-Йорк бо ду фармоишҳои молрасонии либосҳои Lark International ба корпоратсияи Гонконг, ки ба сифати агенти ширкати харидор аз ИМА дар Осиё баромад мекард, муроҷиат намуд. Ҳар ду фармоишҳо дорои тавзеҳоти арбитражии зерин буданд: «дилхоҳ баҳсе, ки аз фармоишҳои мазкур ва ё дар робита бо онҳо ба миён меояд, бояд дар арбитражи Ню-Йорк баррасӣ карда шавад»[243]. Ширкати Lark фармоишҳои мазкурро бе эрод қабул намуда буд. Ҷиҳати иҷрои мувофиқаҳои ҳосилгардида ширкати мазкур бо истеҳсолкунандаи либоса зершартнома ба имзо расонида, молро қабл аз интиқол додан ба фармоишгар санҷида,

---

[242] Ниг.: Chloe Z Fishing Co. v. Odyssey Re (London) Ltd, 109 F.Supp.2d 1236, 1247 (S.D. Cal. 2000), [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://law.justia.com/cases/federal/district-courts/FSupp2/109/1236/2522927/ (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

[243] Ниг.: Kahn Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd. 186 F.3d 210 (2d Cir. 1999) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://law.justia.com/cases/federal/appellate-courts/F3/186/210/569364/ (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

расонидани онро ба ИМА таъмин намудааст. Баъд аз оне, ки аҳд иҷро гардидааст, ширкати Kahn Lucas изҳор намудааст, ки баъзе аз либосҳо дорои нуқс мебошанд ва ба суд бо даъво дар хусуси вайрон гардидани шартҳои шартнома муроҷиат намудааст. Суди округи Ню-Йорк даъворо бинобар надоштани ваколати баррасии ин баҳс бо иштироки муроҷиаткунандагон рад намуда, тарафҳоро ба арбитраж ирсол намуд. Ҳол он ки ширкати Lark ҳолатҳои мазкурро мавриди баҳс қарор надода буд, ки: 1) ӯ фармоишҳояшро қабул намудааст, 2) қабули онҳоро рад накардааст, 3) мувофиқаи ҳосилшударо иҷро намудааст, 4) Kahn Lucas фармоишҳоро пардохт намуд, вале нисбати мавҷудияти созишномаи арбитражӣ норозигӣ изҳор намуд, зеро Lark чизеро имзо накардааст ва ҳеҷ гоҳ ба фармоишҳо ҷавоб нагардонидааст ва илова бар ин, танҳо ба сифати миёнарав дар шартномаи хариду фурӯш байни даъвогар ва молистеҳсолкунанда баромад намудааст. Вале суд чунин шуморидааст, ки ҷавобгар ба сифати фурӯшанда баромад намудааст ва фармоишҳои молрасонӣ офертаҳое буданд, ки ҷавобгар тавассути амалҳои конклюдентӣ мутобиқи фармоиш аксепт намудааст. Новобаста аз оне, ки ширкати Lark ҳеҷ вақт фармоишҳои молрасониро ба имзо нарасонида бошад ҳам, Суди округӣ муайян намудааст, ки ин фармоишҳо тавзеҳоти арбитражӣ дар шартномаро дар бар мегирифтанд ва асоси мазкур барои баргузории арбитраж тибқи фаҳмиши моддаи II Конвенсия кофӣ мебошад. Суд бо дастрасии парвандаи Sphere Drake таъкид намуд, ки мавҷудияти «созишномаи хаттӣ» ва ё ба имзо расонидани он аз ҷониби тарафҳо ва ё дар мактубҳо ва телеграммаҳои мубодилашуда инъикос гардидани он ҳатмӣ нест, зеро суд метавонад тавзеҳоти арбитражиро дар шартнома пайдо намояд[244]. Бинобар ин, суд тарафҳоро ба арбитраж ирсол намудааст.

Аммо қарори мазкур аз ҷониби Суди апеллятсионии округи дуюм дар асоси он, ки ҷавобгар созишномаи арбитражиро ба имзо нарасонидааст бекор карда шуд, зеро Конвенсия талаб менамояд, ки чунин созишнома новобаста аз оне, ки он созишномаи арбитражӣ мебошад ва ё ин ки тавзеҳоти

[244] Суд ҳалномаро оид ба парвандаи Sen Mar, Inc. v. Tiger Petroleum Corp., 774 F. Supp. 879, 882 (S.D.N.Y. 1991) ба роҳабари нагирифт: «Тавзеҳоти арбитражӣ танҳо дар сурате эътибор дорад, ки агар он дар ҳуҷҷати имзошуда ё мубодилаи мактубҳо мавҷуд бошад».

арбитражӣ дар шартнома бояд аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонида шуда бошад ва ё ин ки дар маҷмуи мактубҳо ва ё телеграммаҳо инъикос гардида бошад. Бино бар асосҳои зерин тавзеҳотҳои арбитражӣ беэътибор дониста шудааст.

Асоснокии зеринро Суди апеллятсионии округи дуюми ИМА овардааст: «Моддаи II (2) пешбинӣ менамояд, ки истилоҳи «созишнома дар шакли хаттӣ» – «тавзеҳоти арбитражӣ дар шартнома ва ё созишномаи арбитражаро дар бар мегирад, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонида шудааст ва ё дар мактубҳо ва телеграммаҳои мубодилашуда инъикос гардидааст» … Суди округӣ қарор кард, ки мафҳуми «аз ҷониби тарафҳо имзогардида» танҳо нисбати иборае, ки бевосита пеш аз он омадааст, дахл дошта, бо ибораи баъдии («тавзеҳоти арбитражӣ дар шартнома» («an arbitral clause in a contract») алоқамандӣ надорад. … Мо бо ин розӣ нестем. Қисми 2 дорои сохтори «А ва ё Б дар ҳолати С» мебошад. … Вергули грамматикие, ки бевосита баъд аз ибораи «созишномаи арбитражӣ» барои муайян намудани чидаҳо («тавзеҳоти арбитражӣ дар шартнома ва ё созишномаи арбитражӣ» аз мафҳуми («, ки дар мубодилаи мактубҳо ва ё телеграммаҳо дар бар гирифта шудааст») хизмат менамояд ва пешбинӣ менамояд, ки ин муайянкунӣ нисбати ҳар ду унсурҳои чидашуда дахл дорад. Вергул наметавонад функсияи дигари грамматикиро иҷро намояд[245]. Аммо тавре, ки зикр шуда буд, бори дигар таъкид менамоем, ки чунин асоснокгардонӣ барои матни забони русии Конвенсияи Ню-Йорк муносиб намебошад.

Бо вуҷуди он, ки чунин тафсири грамматикии Конвенсия, ки ба имзо расонидани ҳам «шартномаҳо» ва ҳам «созишномаҳои арбитражӣ»-ро пешбинӣ менамояд, бо воқеият ва интизориҳои савдои муосир мухолифат дорад, ба он таваҷҷӯҳ намудан муфид арзёбӣ мегардад[246]. Ҳамин тавр, барои мисол, аз рӯи парвандаи Ozsoy Tarim Sanayi Ve Ticaret Ltd v. All foods SA аз соли 1999 Суди Олии Туркия ба хулосае омад, ки шартномаи дорои тавзеҳоти арбитражии танҳо аз ҷониби фурӯшанда баимзорасида ба талаботи

[245] Ниг.: Kahn Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd., 186 F.3d 210, 217-18, 2d Cir. – 1999.
[246] Ниг.: Landau Toby. The Requirement of a Written Form for an Arbitration Agreement: When "Written" Means "Oral". International commercial arbitration: important Contemporary questions. Albert Van den Berg. ed., – 2003. – P. 19, – P. 70.

Конвенсияи Ню-Йорк ҷавобгӯ намебошад[247]. Аммо, яқин аст, ки чунин тафсир мантиқан табиист, зеро моддаи II (2) талаб менамояд, ки ҳар ду тарафҳо (ва ё ин ки ҳамаи тарафҳои манфиатдор) созишномаи асосӣ ва ё арбитражиро ба имзо расонанд: Конвенсия талаб мекунад, ки созишнома бояд аз ҷониби «тарафҳо» на ин ки «тараф» ба имзо расонида шавад. Новобаста аз оне, ки ҳалномаи суд аз рӯи парвандаи Kahn Lucas бекор гардид, вале он тамоюли умумии тафсири нисбатан озоди Конвенсияро инъикос намуд.

Бо дарназардошти ин, таъкид намудани баъзе андешаҳо роҷеъ ба парвандаи Sphere Drake v. Marine Towing, Kahn Lucas v. Lark зарур шуморида мешавад. «Проблемаи» ин парвандаҳо, инчунин «пайравони» онҳо на дар худи хулосаҳое, ки аз ҷониби судҳо бароварда шудаанд, балки дар методҳое, ки барои баровардани ин хулосаҳо истифода гардида буданд, ниҳон мебошад. Уҳдадориҳои аввалиндараҷаи суд – муайян намудани далелҳо ва ҳуқуқи татбиқшаванда мебошад. Ҳангоми тафсири қонунҳо ба инобат гирифтани ҳам муқаррароти бевосита ифодагардида ва ҳам мақсади мақоми қонунгузор зарур ба ҳисоб меравад. Ибораи сифати феълӣ дар моддаи II (2) шубҳаҳои зиёдро ба бор меорад (*…an clause in a contract or an arbitration agreement, signed by the parties*), оё аз ҷонби судҳо зимни тафсир ба таври ягона истифода гардидани он ҳам нисбати «тавзеҳоти арбитражӣ» дар «шартнома» ва ҳам нисбати «созишномаи арбитражӣ» дуруст аст? Ҳамин тавр, баъд аз калимаҳои «созишномаи арбитражӣ» дар муқаррароти матни русии нашрия дар ҷумла ибораи сифати феълӣ меояд ва фикри он, ки он дорои робитаи истисноии семантикӣ бо ин созишнома мебошад, табиӣ менамояд, зеро худи сифати феълӣ дар шакли танҳо истифода мегардад. Бо назардошти «хусусияти аслӣ», ки барои ҳар як нашри матни Конвенсия муайян гардидааст, мураккабии масъала дар он зоҳир мегардад, ки муқаррароти мазкур дар ҳар панҷ забони расмии Конвенсия ба таври гуногун муайян гардидааст.

Сифати феълии дар нашри матни русӣ истифодагардидаи

[247] Ниг.: Ozsoy Tarim Sanayi Ve Ticaret Ltd (Izmir) v All Foods SA (Buenos Aires) (Turkish Supreme Court), 4 International Arbitration Law Review N-33. – 2001.

«баимзорасида» дар матнҳои франсузӣ – «*signés”* ва испанӣ – «*firmados”* дар шумораи ҷамъ омадааст, ки дар робита ба худи мутобиқгардонии грамматикии ин ҷумла ва ҳам оид ба имконияти тафсири (ҳудудҳои истифодаи мавзӯии он) тавзеҳот дар шартнома ва созишномаи арбитражӣ як қатор саволҳоро ба миён меорад. Суди апеллятсионии Америка дар қарори худ аз рӯи парвандаи Kahn Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd. Аз соли 1999 қайд намуд, ки матни хитоии Конвенсия ба мисли матни англисии он, ҳатто бо инобати гузоштани аломатҳои китобатӣ барои баровардани хулосаи ягона оид ба имкони истифодаи сифати феълӣ дар шумораи ҷамъи он (*cannot utilize a uniquely plural form of the verb for «signed”*) имконият намедиҳад ва онро аз рӯи мазмуни нашри забони фаронсавӣ ва испанӣ маънидод намуд[248]; инчунин суд шарҳ дод, ки сифати феълии «баимзорасида» (podpecanoye) дар матни русӣ, тавре ки қаблан зикр гардид, танҳо ба созишномаи арбитражӣ дахл дорад, дар ҳоле, ки нашри матни фаронсавӣ ва испанӣ (дар якҷоягӣ) оид ба мавҷудияти дақиқи шумораи ҷамъ гувоҳӣ медиҳанд. Матнҳои нашри забонҳои англисӣ ва хитоӣ, новобаста аз оне, ки барои оид ба шакли сифати феълии танҳо ва ҷамъ хулоса кардан имкон намедиҳанд, дар маҷмӯъ ин эҳтимолиятро истисно намекунанд. Ҳамин тавр, судяҳои суди апеллятсионии ИМА матни нашри русии онро «ғайримуқаррарӣ» ва баҳсӣ (*contradictory*) шуморида, онро барои мақсадҳои истифодаи муқаррароти Конвенсия ба назар нагирифтаанд.

Новобаста аз он, ки дар ҳамаи матнҳои аслии Конвенсия, ба истисnoи матни англисӣ номуайянии расмӣ ва дуҳӯрагии маъно оид ба ин ифода вуҷуд надорад, мо чунин мешуморем, ки барои дастгирии реҷаи проарбитражӣ зимни тафсири талабот оиди баимзорасонӣ, истифодаи он на ин ки нисбати ҳар ду қисми ҷумла, балки танҳо нисбати созишномаи арбитражӣ авлотар донистанаш ҷоиз мебошад. Зеро ҳолатҳое ба миён омада метавонанд, ки шартномаи дорои тавзеҳоти арбитражӣ мумкин аст ба имзо нарасад, ҳол он ки тарафҳо дар натиҷа онро мутобиқи шартҳо иҷро мекунанд. Дар ин ҳолат, барои муайян намудани мавҷудияти розигии тарафҳо оид ба арбитраж,

[248] Ниг.: Kahn Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd., 186 F.3d 210, 217-18, 2d Cir. 1999.

мушаххас кардани ҳолатҳои ҳар як парвандаи алоҳида зарур дониста мешавад, вале ин маънои онро надорад, ки тарафҳо нияти дар арбитраж баррасӣ кардани баҳсро надоранд. Дар робита ба тавзеҳоти арбитражӣ бошад, пас маълум аст, ки он ҳамчун қисми шартнома ба гузоштани имзо эҳтиёҷ надорад. Ғайр аз ин, агар ба маводди лоиҳаи Конвенсияи Ню-Йорк назар андозем, чунин ақида дар марҳилаҳои мухталиф аз ҷониби намояндагони давлатҳои–иштирокчӣ изҳор гардидааст[249].

Ба ҳолатҳои зерин бояд таваҷҷуҳ намуд: дар фарқ аз бисёри шартномаҳои хаттӣ, мактубҳо, телеграммаҳо ва воситаҳои монанди коммуникатсияро ба имзо расонидан имкон надорад ва ё дар вақти кӯтоҳ ба имзо расонидан ғайриимкон мебошад; инчунин таҷриба нишон медиҳад, ки мактубҳо ва телеграммаҳо дар бисёри мавридҳо аз расмиёти «баимзорасонӣ»–и шакли классикӣ намегузаранд, зеро дар асри рақамӣ одамон ҳар чи зиёдтар аз баимзорасониҳои дастӣ, ки ба сифати шабеҳи онҳо имзоҳои электронӣ пайдо гардидаанд, даст кашида истодаанд[250]. Созишномаи арбитражие, ки дар мактубҳо ва ё телеграммаҳо инъикос ёфтаанду тарафҳо онҳоро мубодила кардаанд, моҳиятан, ба талаботи моддаи II (2) мутобиқ мебошанд. Бо вуҷуди ҷой доштани имконияти ба таври гуногун хонда шудани матни моддаи II (2) наметавон ҳамчун муқаррароте, ки «баимзорасонӣ»–и мактубҳо ва телеграммаҳоро (дар тафовут аз «шартномаҳо») талаб мекунад, тафсир намуд. Қобили зикр аст, ки дар моддаи II Конвенсия сухан маҳз оид ба созишномаи «хаттӣ», на ин ки созишномаи «баимзорасонидашуда» меравад, аз ин лиҳоз, «муҳаққиқони муътабар ба таври асоснок пешниҳод мекунанд, ки агар созишномаи арбитражӣ дар ҳуҷҷате ифода ёфта бошад, ки имзо дар он ба воситаи мошина, на ин ки дастӣ гузошта шудааст, бо вуҷуди ин, чунин созишнома аз нуқтаи назари

[249] Comments by Governments on the Draft Convention on the Recognition and Enforcement of Foreign Arbitral Awards E/2822/Add.4( The United Kingdom), 9 th meeting [E/CONF.26/SR.9 - E/2704 and Corr. 1, E/2822 and Add.1 to 6, E/CONF.26/2, 26/3 and Add.1, 26/4, 26/7, E/CONF.26/L.7, L.8, L.12. L.14, L.16], p. 3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/en/uncitral_texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

[250] Ниг.: Possible Future work in the area of international commercial arbitration , Note of the Secretariat on the Possible future work in the area of international commercial arbitration, UN-doc, A/CN.9/460, 20-31. XXX UNCITRAL Yearbook. 1999. P. 395, 398, 399. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.uncitral.org/pdf/english/yearbooks/yb-1999-e/yb_1999_e.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2020).

мутобиқат ба талаботи Конвенсия боэътибор мебошад»[251]. Дар сурати мавриди баҳс қарор додани далели аслияти чунин имзо, тарафи манфиатдор метавонад барои исботи ҳолате, ки ҳуҷҷати дорои созишномаи арбитражӣ аз ҷониби шахсе, ки дар зери он имзо гузоштааст бо оқибатҳои ҳуқуқии он эътироф гардидааст, ба корреспонденсияи дигар ва ҳатто ба нишондоди шоҳидон такя намояд[252]. Дар ин асос, қисми зиёди мақомоти ҳокимият, аксари комментаторҳо[253], инчунин аксари судҳои миллӣ[254] ва арбитражӣ[255] эътироф мекунанд, ки мактубҳо, телеграммаҳо ва хабаррасониҳои монанд барои ба талаботи моддаи II (2) мутобиқ гардидан, набояд дастӣ имзо карда шаванд. Алакай дар соли 1995 суди Швейтсария муайян карда буд, ки агар тарафҳо хоҳиши худро дар бораи дар арбитраж баррасӣ намудани баҳс тавассути мубодилаи ҳуҷҷатҳо изҳор намуда бошанд, пас баимзорасонӣ ҳатмӣ ба шумор намеравад[256]. Суди округи сеюми ИМА мавқеи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, қарор кардааст, ки «созишномаи арбитражӣ метавонад бидуни ба имзо расонидан эътибор дошта бошад, агар мубодилаи мактубҳо сурат гирифта бошад»[257]. То ба имрӯз, дар аксари қонунгузориҳо таҷрибаи зерини тафсири талабот оиди баимзорасонӣ ба вуҷуд омадааст: ба мисли шартномае, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад, созишномаи арбитражӣ бояд ба имзо расонида шаванд, ҳол он ки зимни мубодилаи баимзорасонӣ талаб карда намешавад[258].

Агар моддаи II (2)-ро ҳамчун муқаррароти талабкунандаи ба имзо расонидани мактубҳо тафсир намоем, пас тафсири грамматикӣ назар ба худи фаъолияти тиҷоратӣ аҳаммияти бузург пайдо мекунад ва ин эҳтимол ба

---

[251]Ниг.: Карабельников Б.Р. Форма арбитражного соглашения в международном коммерческом арбитраже. // Право и экономика. – 2001. – № 3. – С.4.

[252] Ниг.: Gaillard & J. Savage (eds.), Fouchard Gaillard Goldman on International Commercial Arbitration. – 1999. – P. 377.

[253] Ниг.: Samuel A. Jurisdictional problems in international commercial arbitration. – 1989. – P. 82.

[254] Ниг.: Judgment of 8 June 1967 (Landesgericht Bremen). – II Yearbook Commercial Arbitration, Volume II. – 1977. – P. 234; Earthtrade, Inc. v. Gen. Brands Int'l Corp., 1996 U.S. Dist. LEXIS 1520 (S.D.N.Y. 1996).

[255] Ниг.: Award in Netherlands Hide and Leather Exchange of 30 October 1980 – VII Yearbook Commercial Arbitration. – 1982. – P. 137.

[256] Ниг.: Compagnie de Navigation et Transports S.A. v. MSC (Mediterranean Shipping Company) S.A (No.27, Swiss federal
Tribunal, 16 January 1995). XXI Yearbook Commercial Arbitration. Albert Jan van den Berg. – 1996. – P.690.

[257] Ниг.: Standard Bent Glass Corp. v. Glassrobots OY, 333 F.3d 440, 449, 2003.

[258] Ниг.: Berg A. van den. The New York Arbitration Convention of 1958: Towards a Uniform Judicial. Interpretation. – 1981–P. 192.

натиҷаҳои номатлуб оварда мерасонад. Намунаи тафсири моддаи II (2), ки нисбатан муносибтар менамояд, ин тафсире мебошад, ки мутобиқи он дар сурати риоя шудани дилхоҳ шарти зерин, он расман боэътибор дониста мешавад: (a) он ба имзо расидааст ва ё (b) дар натиҷаи «мубодилаи» мактубҳо ва ё хабаррасониҳои монанди хаттӣ (онҳо дар навбати худ метавонанд ҳам имзогардида ва ҳам имзонагардида бошанд) қабул шудааст. Савол: оё талаботи моддаи II (2) риоя мешавад, агар тарафҳо зимни мубодилаи мактубҳо оид ба бастани шартномаи имзонагардида дар шакли як ҳуҷҷат, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад, ба созиш омада бошанд? Моддаи II (2) бешубҳа нисбати созишномаи арбитражии имзонагардидаи шакли хаттӣ, ки дар натиҷаи мубодилаи хабаррасониҳои хаттӣ қабул гардидаанд, паҳн мегардад, агар мактубҳои дахлдор ба имзо расонида шуда бошанд. Аз муқаррароти болозикр чунин бармеояд, ки моддаи II (2), ҳатто дар сурате, ки агар худи мактубҳои дахлдор (ва ё хабаррасониҳои дигар), ки дар онҳо шартҳои шартномаи имзонагардида қабул карда мешаванд, имзо нагардида бошанд, татбиқ карда мешавад, агар мактубҳо ва ё хабаррасониҳои дигар дар шакли хаттӣ вуҷуд дошта бошанд ва тарафҳо онҳоро мубодила карда бошанд. Аз ҷониби дигар, аксепти хаттӣ пешниҳоди шифоҳӣ оид ба баррасии арбитражӣ ба талаботи моддаи II мутобиқат намекунанд.

Ба саволи зерин бояд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад: оё қабулкунанда уҳдадор аст, ки корреспонденсияеро, ки дар он арбитраж ба сифати методи ҳалли баҳсҳо пешниҳод гардидааст, бо ишораи розӣ будан ба пешниҳоди мазкур ба ирсолкунанда баргардонад ва ё ин ки танҳо дар оянда ба ин корреспонденсия дар ягон мактуби худ (телекс, факс ва амсоли инҳо) истинод овардани қабулкунанда кофӣ мебошад. Дар ҳолатҳои мазкур зарур аст, ки тарафҳо ба сифати чораи пешгирикунандаи пайдоиши баҳс оиди оне, ки оё созишномаи арбитражӣ боэътибор аст ва оё он дар умум баста шудааст (инчунин бо мақсади дучор наомадан бо мушкилотҳое, ки бо иҷрои муқаррароти моддаи IV (1) (b) Конвенсия вобаста мебошанд) ирсоли изҳороти хаттии ҷониби муқобилро оиди ба таври мушаххас тасдиқ кардани созишномаи арбитражӣ ва ё тамоми ҳуҷҷате, ки дар таркиби (матни) он

тавзеҳоти арбитражӣ ифода ёфтааст, талаб намояд.

Ба як ҳолати муҳимми дигар таваҷҷуҳ менамоем: татбиқи муқаррароти моддаи II (2) дар робита ба аксепти шифоҳӣ ва ё хомӯшонаи пешниҳоди хаттие, ки дар он тавзеҳоти арбитражӣ инъикос гардидааст, диққат намудан зарур аст. Дар гузориши Кумита оид ба иҷрои ҳалномаҳои арбитражии байналмилалӣ аз 18 марти соли 1955 муқаррароти зерин пешбинӣ шудааст: «Ҳалномае, ки тибқи он талаб карда мешавад, ки тарафҳо тавассути созишномаи махсус ва ё тавзеҳоти арбитражӣ дар дилхоҳ шартнома «ба таври хаттӣ розӣ шаванд» маънои фарогирии тамоми воситаҳои имконпазиреро, ки тарафҳо бо истифодаи онҳо метавонанд оид ба ҳалли баҳсҳои худ бо роҳи арбитраж созишномаи хаттӣ банданд, дорад. Кумита хабар дорад, ки созишномаҳо оид ба арбитражро дар таҷрибаи савдои байналмилалӣ мумкин аст тавассути мубодилаи мактубҳо ва ё телеграммаҳо баст. Ба андешаи Кумита бинобар оне, ки чунин созишномаҳо дар ҳақиқат ҷой доранд ва дар шакли хаттӣ инъикос гардидаанд, онҳо бояд мутобиқи ҳамин банд боэътибор эътироф карда шаванд»[259]. Тавре, ки Холтсман ва Ноэхаус қайд намудаанд, таърихи таҳияшавӣ бо муқаррароти моддаи II (2) нишон медиҳанд, ки мақсади ворид намудани талабот оид ба «мубодила»-и мактубҳо ва ё телеграммаҳо истисно кардани имконияти корреспонденсияи беҷавоб ва аксепти хомӯшона мебошад[260].

Намояндаи Нидерландия, профессор Питер Сандерс дар марҳилаи таҳияи дурударози Конвенсия пешниҳод намуда буд, ки ба ҷойи Протоколи Иловагӣ оид ба боэътибории созишномаҳои арбитражие, ки ба сифати ҳуҷҷати алоҳида бояд қабул карда мешуд[261], моддаи имрӯзҳо мубрами II (2) ва муқаррарот дар хусуси оне, ки барои риояи шакли хаттии созишнома тасдиқи хаттии яке аз тарафҳо бе эътирози тарафи муқобил кифоя мебошад, ба

[259] Ниг.: Доклад Комитета по исполнению международных арбитражных решений (UN Doc. E/2704 E/AC. 42/4/Rev. 1). Организация Объединенных Наций, 28 марта 1955 г. Ст.III п.30. С. 10. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/ru/uncitral_texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

[260] Ниг.: Holzmann H. & Neuhaus J. A guide to the UNCITRAL Model Law on international commercial arbitration: Legislative History and Commentary. – Deventer [etc.]: Kluwer Law and Taxation Publishers [etc.]. – 1989. – P. 262.

[261] Ниг.: Text of Additional Protocol on the validity of arbitration agreements Submitted by Working Party No,2 (E/CONF.26/L.52). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://newyorkconvention1958.org/index.php?lvl=notice_display&id=3372; (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

Конвенсия ворид карда шаванд[262]. Бо вуҷуди он, ки пешниҳоди Сандерс П. ба ҳолатҳои гирифтани тасдиқ дар шартномаҳои хариду фурӯш дахл дошт, он дар асоси ваҷҳҳои намояндагони Британияи Кабир ва ИҶШС, ки аз ҷониби аъзоёни дигар дар рафти овоздиҳӣ ҷонибдорӣ гардида буданд, қабул нагардид[263]. Аммо ин тарзи муносибат мураккабиҳои зиёд ба миён меорад.

Фарз мекунем, ки тарафҳо тавассути суҳбатҳои телефонӣ ба созиши шифоҳӣ омаданд ва яке аз тарафҳо тасдиқи хаттии дорои тавзеҳоти арбитражиро ирсол менамояд ва тарафи дигар иҷрои уҳдадориҳояшро аз рӯи шартнома таъмин менамояд, барои мисол молҳоро бе ҷавоб гардонидан ба тасдиқи хаттие, ки аз ҷониби тарафи якум пешниҳод гардида буд, таъмин менамояд. Дар таҷриба ҳолати мазкур ва ҳолатҳои дигари монанд кам нестанд, вале агар ҳалли масъалаи боэътибории созишномаи арбитражӣ ба миён гузошта шавад, пас он аз ҷониби судҳо ба таври мухталиф баррасӣ хоҳад шуд.

Аз ҷониби шумораи зиёди судҳои салоҳияти мухталифдошта муайян гардидааст, ки агар вазъи арбитраже, ки дар хабари содиршавандаи яке аз тарафҳо (одатан дар фармоиш, расид ва ҳуҷҷатҳои дигари қолабӣ) зикр гардидааст аз ҷониби дигар ба таври мусбӣ қабул ва хаттӣ тасдиқ нагардад, муқаррароти Конвенсияи Ню-Йорк риояшуда ба шумор намеравад[264]. Қисми назарраси муҳаққиқон ва судҳо чи дар давлатҳои ҳуқуқи континенталӣ[265] ва чи дар давлатҳои ҳуқуқи умумӣ ҳамин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ менамоянд. Масалан, ба назари солиситори англиси олмонинажод – Фрэнсис Манн (Francis A. Mann), агар созишномаи арбитражӣ аз ҷониби яке аз тарафҳо ба имзо расида бошад ва агар тасдиқ гардад, ки тарафи дигар ба таври хомӯшона бо он розӣ

[262] Ниг.: Consideration of draft Convention on the Recognition and Enforcement of Foreign Arbitral Awards (Item 4 of the Agenda) E/CONF.26/L.54 5 June 1958. - Netherlands: Amendment to proposal made by Working Party No. 2 (E/CONF.26/L.52). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://newyorkconvention1958.org/index.php?lvl=notice_display&id=3376 (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

[263] Ниг.: United Nations Conference on International Commercial Arbitration. Summary Record of the twenty-first meeting 5 June 1958. P. 20 – 21. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://newyorkconvention1958.org/index.php?lvl=notice_display&id=3372 (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

[264] Ниг.: Judgement of 21 September 2005 (German Bundesgerichtshof). XXXI Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. 2006. P. 679.

[265] Ниг.: P. Schlosser. Das Recht der internationalen privaten Schiedsgerichtbarkeit. 2d edition. – 1989. – P. 381; A.van den Berg.The New York Arbitration Convention of 1958: Towards a Uniform Judicial. Interpretation. – 1981. – P.196-198; Domenico Di Pietro & Martin Platte. Enforcement of International Arbitration Awards. – 2001. – P. 75-78.

шудааст, пас ба миён омадани мушкилиҳо ногузир мегарданд[266].

Барои мисол, Суди кассатсионии Фаронса қарор қабул кард, ки аксепти хомӯшонаи мактубе, ки ба шартҳои стандартӣ дахл дошта, муқаррарот оид ба арбитражро дар бар мегирад[267] ба талаботи моддаи II (2) мутобиқ намебошад. Ба ҳамин монанд, судҳои Италия якчанд маробита муайян намуда буданд, ки аксепти хомӯшонаи шартҳои шартномавии ак тараф аз ҷониби тарафи дигар, ки дар тасдиқи фармоиш барои харидорӣ ва ё ҳуҷҷатҳои монанд зикр гардидаанд, ба талаботи моддаи II (2) ҷавобгӯй намебошанд[268]. Дар парвандаи Frey et al. v. Cucaro e Figli аз соли 1976 аз чор шартномае, ки иҷро гардида буданд, суд танҳо дар дутои он созишномаи арбитражиро эътироф намуд, зеро танҳо ҳамин ду шартнома ба имзо расонида шуда буданд[269]. Судҳои Швейтсария низ барои эътирофи боэътиборӣ аз чунин усули ҷиддӣ истифода намуда, дар аксари мавридҳо мубодилаи хабаррасониҳои хаттиеро, ки дар онҳо на ин ки аксепт ва ё розигии хомӯшона, балки аксепти мусбӣ зикр шудааст, талаб менамоянд[270].

Суди Олии Олмон тибқи қарор аз 21 сентябри соли 2005 ба хулосае омадааст, ки истинод ба танзими арбитражии баҳс аз рӯи инвоисҳое, ки даъвогар ба ҷавобгар ирсол намудааст, ба талаботи шакли хаттии моддаи II (2) мутобиқ нест[271]. Суди апеллятсионии Олмон дар Франкфурт низ хулосаи монанд баровarda, иҷрои ҳалномаи арбитражи Нидерландияро бинобар оне, ки асоси онро тасдиқ оид ба фурӯше, ки аз тарафи муқобил бе ҷавоб мондааст, рад намуд[272].

Вале дар баъзе ҳалномаҳои судӣ мавқеи дигари нисбатан либералӣ дар тафсири ин модда ба назар мерасад. Бархе аз судҳои миллӣ ба хулосаҳои

[266] Ниг.: F. A. Mann. An «Agreement in Writing» to Arbitrate. Arbitration International. Volume 3, Issue 2. – 1987. – P. 171-172.
[267] Ниг.: Judgement of 25 February 1986, Confex v. Ets Dahan (French Cour de cassation com.). XII Yearbook Commercial Arbitration. – 1987. – P. 484.
[268] Ниг.: Judgement of 28 October 1993 (Italian Corte di Cassazione). XX Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 1993. – P. 739.
[269] Ниг.: Frey et al. v. Cucaro e Figli, Italy. – I Yearbook Commercial Arbitration. 1976. P. 193.
[270] Ниг.: Judgement of 5 November 1985, Tracomin SA v. Sudan Oil Seeds Co. (Swiss Federal Tribunal). – XII Yearbook Commercial Arbitration . – 1987. – P. 511, 512.
[271] Ниг.: Judgement of 21 September 2005(German Bundergerichhof.). XXXI Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 2006. – P. 679.
[272] Ниг.: Judgement of 26 June 2006, XXXII Yearbook Commercial Arbitration (Oberlandesgericht [Court of Appeal]), – 2007 – PP. 351-357.

зерин омадаанд: аксепти хомӯшонаи пешниҳодгардидаи дарбаргирандаи муқаррарот оид ба арбитраж, аз ҷумла агар дар аксепт иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ пешбинӣ шуда бошад, он ба талаботи Конвенсия мутобиқ мебошад. Суди апеллятсионии Англия чунин шуморид, ки талаботи моддаи II (2) тавассути хомӯшона қабул намудани нархномаи хаттии пешниҳодгардида, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирифт, риоя гардидааст[273]. Суди апеллятсионии Нидерландия муайян намуд, ки агар фурӯшанда ба харидор шартномаи хаттии хариду фурӯшеро ирсол намояд, ки дар он тавзеҳоти арбитражӣ инъикос гардидааст ва харидор дар давоми як моҳ пас аз расонидани молҳо эътироз накунад[274], пас дар ин сурат ҳолати мазкур ба талаботи моддаи II (2) Конвенсия мухолифат наменамояд. Баъзе аз судҳои ИМА низ аз чунин мавқеъ ҷонибдорӣ намуда, тафсири либералии муқаррароти моддаи II (2)-ро ҷонибдорӣ мекунанд. Барои мисол истинод ба арбитражро, ки дар яке аз телексҳои тарафе, ки тарафи дигар нисбати он эътироз накардааст, ҳамчун тавзеҳоти арбитражӣ эътироф намудаанд[275].

Ба назари мо, чунин менамояд, ки дар ҳолатҳои дар боло зикргардида сухан бояд оид ба арбитражи дарназардошта равад. Ғайр аз ин, таваҷҷӯҳ менамоем, ки дар Конвенсияи Ню-Йорк ягон хел талабот оиди он, ки розигӣ ба шартномаи хаттӣ, созишномаи арбитражӣ, мактуб ва ё шакли дигари коммуникатсияе, ки созишномаи арбитражиро дар бар мегирад, бояд бевосита дарҷ гардида бошад, пешбинӣ нагардидааст. Чунин муқаррарот метавонад ба мақсадҳои Конвенсия, ки дар фароҳам овардани шароити мусоид барои эътирофи созишномаҳои арбитражӣ инъикос мегарданд, мухолифат намояд. Новобаста аз оне, ки чунин мавқеъро на ҳама ҷонибдорӣ менамоянд[276], эҳтимол мекунем, ки бо вуҷуди ин, ҷонибдории он бо мақсади риояи таҷрибаи савдои байналмилалӣ зарур дониста мешавад[277].

---

[273] Ниг.: Zambia Steel & Building Supplies Ltd. v. ames Clark & Eaton Ltd. Lloyd's Report. Volume 2. – 1986. – P. 225.

[274] Ниг.: Israel Chem. & Phosphates Ltd v. NV Algemene Oliehandel (Judgement of 26.06.1970. I Yearbook Commercial Arbitration. – 1976. – P. 194.

[275] Ниг.: Genesco Inc. v. T. Kakiuchi & Co., 815 F 2d 840, 846(2d Civ.1987).

[276] Ниг.: Manufacturer v. Buyer (No. 103 Oberlandesgericht, 20 of June 2006). XXXII Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 2007. – P. 351 – 357.

[277] Ниг.: Руководство МСКА по толкованию Нью-Йоркской конвенции 1958 г.: пособие для судей / Международный совет по коммерческому арбитражу. 2012. Инфотропик Медиа. – С. 42.

Дар баробари ин зикр намудани доктринаи эстопел (estoppel) ва доктринаи ниятҳои неке, ки бешубҳа дар моҳияти муқаррароти моддаи II Конвенсия[278] инъикос гардидаанд, зарур шуморида мешавад. Дар ҳолатҳои муайян судҳо ба тарафҳо барои мавриди баҳс қарор додани боэътибории тавзеҳоти арбитражӣ тавассути истинод овардан ба муқаррароти моддаи II имконият намедиҳанд. Ин ҳолат, аз ҷумла дар марҳилаи мавриди баҳс қарор додани ҳалномаи арбитражӣ, вақте ки яке аз тарафҳо аз ин афзалият истифода карданӣ мешавад, агар ҳалнома ба манфиати ҳамин тараф қабул нагардида бошад, имконпазир мебошад.

Ба унсурҳои дигари бо мубодилаи «мактубҳо ва ё телеграммаҳо» вобастабуда таваҷҷуҳи хосса зоҳир намудан зарур мебошад. Дар шароити имкониятҳои муосири техникӣ, эҳтимол нафароне пайдо шаванд, ки умуман, бо «барқия» шинос нестанд, дар ҳоле ки айни замон, воситаҳои нави интиқоли хабарҳо, ба мисли факс, почтаи электронӣ, SMS, низоми мубодилаи фаврии хабаррасониҳо ва амсоли инҳо дар соҳаи тиҷорати байналмилалӣ васеъ истифода карда мешаванд. Ҳолати дар Конвенсия зикр шудани «барқияҳо», намудҳои муосири хабарҳоро барои тафсири маҳдуди моддаи II (2) замина мегузорад. Барои мисол, ба андешаи мо, ҳалномаҳои беасоси судҳои миллӣ, ки тибқи онҳо тавзеҳоти арбитражии дар хабаррасониҳои тавассути почтаи электронӣ ирсолгардида, ки расман беэътибор дониста шудаанд, худ нишони расмиятпарастӣ мебошад. Ба ин маъно ҳалнома аз ҷониби Суди апеллятсионии Норвегия соли 1999 қабул гардидааст[279]. Бо вуҷуди ин, дар аксари мавридҳо муқаррароти Конвенсия (ва дигар ҳуҷҷатҳо) оид ба мубодилаи «мактубҳо» нисбати мубодилаи хабаррасониҳо, аз ҷумла тавассути факс ва почтаи электронӣ интиқолгардида, ки пайгирӣ намудани онҳо имконпазир мебошад, паҳн мегардад[280]. Бешубҳа, ин тарзи тафсир қобили қабул аст. Ҳамин тавр, аз

[278] Ниг.: Albert Van Jan den Berg. The New York Arbitration Convention of 1958: Towards a Uniform Judicial. Interpretation. 1981. – P. 185.

[279] Ниг.: Judgement of 16 August 1999 (No.1 Halogaland Court of Appeal). XXVII Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 2002. – P. 521.

[280] Ниг.: Judgement of 5 November 1985, Tracomin SA v. Sudan Oil Seeds Co.(Swiss Federal Tribunal) - XII Yearbook Commercial Arbitration. 1987. P. 511; Judgment of 4 September 2003 (Oberlandesgericht Celle). XXX Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 2005. – P. 528.

доираи муқаррароти Конвенсия оид ба «мактубҳо ва барқияҳо» истисно намудани воситаҳои муосири мубодилаи хабарҳое, ки дар таҷрибаи тиҷоратӣ устувору маъмулӣ мебошанд, дуруст ба назар наменамояд.

Аз лаҳзаи қабули Конвенсия чунин ҳисобида мешуд, ки муқаррароти «дақиқи» моддаи II (2) дар ҳолатҳое, ки истифодаи Конвенсияи Ню-Йорк дар робита ба шакли созишномаи арбитражӣ имконпазир аст, ба сифати қоидаҳои ягонаи байналмилалие, ки нисбат ба қоидаҳои миллӣ афзалият доранд, баромад менамоянд. Ҳамин тариқ, чунин шуморида мешуд, ки Конвенсия оид ба шакли созишнома, талаботи «максималӣ»-ро муқаррар менамояд ва дар натиҷа ба давлатҳои аҳдкунанда дар қонунҳои миллии худ роҷеъ ба шакли созишномаи арбитражӣ пешбинӣ намудани талаботҳои сангинтар назар ба талаботҳои бо Конвенсия муайянгардидаро манъ менамояд. Талаботи дигари расмӣ нисбати созишномаҳои арбитражии байналмилалӣ (ба мисли талаботҳо оид ба ҳуҷҷатҳои алоҳида, ҳуҷҷатҳои ба таври нотариалӣ тасдиқгардида ва ё оид ба намуд ва ё андозаи мушаххаси шрифт) бо талаботҳои ҳатмии Конвенсия оид ба шакли хаттии онҳо истисно мегарданд. Новобаста аз он, ки талаботи Конвенсия оид ба шакли хаттӣ талаботи куҳнашуда мебошад, вале бо назардошти он, ки ин талабот, талаботҳои дигари сангинтарро роҷеъ ба шакли созишнома, ки метавонистанд «монеаи арбитраж» истисно мекунад, он дар таъмини боэътибории созишномаҳои байналмилалии арбитражӣ нақши муҳим бозида, раванди арбитражро ба таври назаррас сода гардонидааст.

Саволи мантиқие ба миён меояд, ки оё талаботи моддаи II (2) нисбати шакл талаботи минималӣ мебошад? Тавре ки қаблан зикр шуд, имрӯзҳо, шумораи ҳолатҳои бе мубодилаи ҳуҷҷатҳои хаттӣ дар асоси аксепти хомӯшона баста шудани шартномаҳо зиёд шуда истодаанд, аз ин рӯ, чунин ба назар мерасад, ки чунин талаботҳо дигар ба таҷрибаи муосири савдоӣ муносиб намебошанд. Дар ин робита, ба андешаи мо, давлатҳои аҳдкунанда дар доираи талаботи «минималӣ»-и пешбининамудаи моддаи II (2) маҳдуд нагардида, метавонанд ба қонунҳои миллии худ, ки назар ба талаботҳои шакли хаттии Конвенсия талаботҳои нисбатан сабуктарро муқаррар

менамоянд ва ё ин ки умуман чунин талаботҳоро пешбинӣ наменамоянд, истинод овраданд. Чунин хулоса кардан мумкин аст: талаботҳои «минималӣ» оид ба шакли хаттӣ, ки дар моддаи II (2) Конвенсия муқаррар гардидаанд, дар асл ба сифати шартҳои истифодаи Конвенсия, на ин ки барои талаботҳои расмии боэътибории созишномаҳои арбитражӣ баромад мекунанд.

Тавре ки қаблан зикр гардид, Конвенсияи Аврупоӣ низ талаботи дар шакли хаттӣ сДар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ намудани созишномаи арбитражиро пешбинӣ менамояд. Моддаи I (2) муайян менамояд, ки Конвенсияи мазкур нисбати ҳолатҳои зерин паҳн мегардад: «тавзеҳоти арбитражӣ дар аҳди хаттӣ ва ё созишномаи алоҳидаи арбитражие, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расидааст ва ё дар мактубҳо, телеграммаҳо ва ё хабаррасониҳои телетайп дарҷ гардидааст»[281]. Муқаррароти мазкур то як андоза талаботҳои моддаи II (2) Конвенисияи Ню-Йоркро такмил додааст. Аз он бармеояд, ки зарурати навиштани «мактубҳо», «телеграммаҳо» ва хабаррасониҳои монанд вуҷуд надорад ва категория воситаҳои алоқа бо роҳи илова намудани «хабаррасониҳое, ки тавассути телетайп дода шудаанд» васеъ мегардад. Барои мисол, Суди зинаи кассатсионии Италия созишномаи арбитражии тавассути телекс басташударо қобили қабул ва боэътибор эътироф намуд[282]. Аммо дар ин моддаи Конвенсия то ба ҳол талаботи баимзорасонии шартномае, ки тавзеҳоти арбитражиро дар бар мегирад, ҷой дорад, ҳол он ки зарурати баимзорасонии мактубҳо, хабаррасониҳои телексӣ ва ба он монанд пешбинӣ нагардидаанд.

Қабули мафҳуми нисбатан «чандирӣ»-и «шакли хаттии созишнома» тибқи қонунгузории миллӣ дар ростои мақсадҳо ва ҳатто забони Конвенсияи Ню-Йорк, инчунин мутобиқшавӣ ба воқеияти муосири коммуникатсионӣ (на танҳо мактубҳо ва телеграммаҳо) амали дуруст менамояд, аммо баъзе аз судҳои давлатӣ то ба ҳол таъмини ҳалномаҳои арбитражҳоро иҷро намекунанд, агар созишномаи арбитражӣ ба таври қатъӣ ба талаботҳои модаи II Конвенсияи Ню-Йорк ҷавобгӯй набошанд.

---

[281] Ниг.: Мод. I (2) Конвенсияи Европои оид ба арбитражи савдои берунӣ, соли 1961, СПС КонсультантПлюс».

[282] Ниг.: udgement of 15 October 1992, Agrò di Reolfi Piera & C snc v. Ro Koproduct oour Produktiva (No. E16 Italian Corte di cassazione). XX Yearbook Commercial Arbitration. Albert van den Berg. – 1995. – P. 1061.

Ҳамин тавр, мақомоти судӣ дар натиҷаи тафсири мухталифи муқаррароти Конвенсия метавонанд иҷрои якхелаи муқаррароти онро таъмин насозанд.

Тавассути ворид намудани тағйиру иловаҳо таъмини тафсири «якхела ва ҳамоҳангшудаи» Конвенсияи Ню-Йорк дуруст ба назар наменамояд, зеро шумораи давлатҳои иштирокчии он зиёд буда, расмиёти тасдиқ даҳсолаҳо тӯл кашида, дар робита ба амали якчанд нашри Конвенсияҳо дар як вақт мушкилиҳоро ба бор меорад[283].

Бо андешаи Карабелников Б.Р. дар хусуси он, ки таваҷҷуҳ бояд ҳар чи зиёдтар ба тафсири васеи матни амалкунандаи моддаи II[284], хусусан бо дарназардошти қоидаҳои моддаи VII (1), ки дар доираи Конвенсия истифодаи меъёрҳои ҳуқуқи миллии нисбатан мусоидтарро барои тарафе, ки ба манфиати ӯ қарори арбитражӣ бароварда шудааст, назар ба талаботи худи Конвенсия иҷозат медиҳад, розӣ шудан мумкин аст.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии судҳое, ки тафсири нисбатан сангинтари моддаи II Конвенсияро анҷом додаанд, Комиссияи СММ оид ба ҳуқуқи байналмилалии савдоӣ (ЮНСИТРАЛ) дар соли 1999 ба омӯзиши усулҳое, ки такмили Конвенсияи Ню-Йоркро бидуни тағйир додани матни он имконпазир мегардонанд, шуруъ намудааст[285].

Ду роҳи нисбатан муносибтареро, ки ЮНСИТРАЛ мавриди омӯзиш қарор додааст, зикр намудан ба маврид аст: якум, ба тафсири ҳар чи васеи Конвенсия дар робита ба муқаррарот оид ба шакл ва истифодаи ҳуқуқи миллии «нисбатан сабуктар» ва дуюм, бозбинӣ намудани моддаи 7 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ.

Моҳи июни соли 2006 дар сессия 39-ум, ЮНСИТРАЛ Тавсияҳо оид ба тафсири моддаи II (2) ва моддаи VII (1) Конвенсияро қабул намуд[286], инчунин

---

283 Ниг.: Domenico Di Pietro & Martin Platte. Enforcement of International Arbitration Awards. – 2001. – P. 76-77.

284 Ниг.: Карабельников Б.Р. Исполнение и оспаривание решений международных коммерческих арбитражей. Комментарий к Нью-Йоркской конвенции 1958 г. и главам 30 и 31 АПК РФ 2002 г.. 3-е изд., перераб. и доп. – М., Статут. 2008. – С. 30.

285 Ниг.: Note by the Secretariat , article II(2) of the Convention on the Recognition and Enforcement of Foreign Arbitral Awards (New York, 1958), A/CN.9/WG/II/WP/139. 4, At 3, para. 2.

286 Ниг.: Рекомендация относительно толкования пункта 2 статьи II и пункта 1 статьи VII Конвенции о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений, совершенной в Нью Йорке 10

муқаррарот оид ба шакли созишномаи арбитражиро дар моддаи 7 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бозбинӣ намудааст.

ЮНСИТРАЛ қайд намуда буд, ки асосҳои иловагӣ барои мутобиқ намудан ба талаботҳои шакли хаттӣ, ба ғайр аз онҳое, ки дар Конвенсия муқаррар гардидаанд, имконпазир мебошанд. Яъне, асосҳоеро дар назар дорад, ки дар ҳуқуқи миллӣ дарҷ гардидаанд ва судҳо бояд муқаррароти моддаи II оид ба шакли хаттиро дар доираи «андешае, ки муқаррароти моддаи II (2) қатъӣ намебошанд» «нисбатан сабуктар» баҳо диҳанд.[287] Ғайр аз ин, ЮНСИТРАЛ тавсия додааст, ки моддаи VII (1), ки аз рӯи мазмунаш танҳо ба қарорҳои арбитражӣ мансуб мебошад, ҳамчун муқаррароти ба созишномаҳои арбитражӣ низ татбиқшаванда тафсир намоянд[288]. Қайд намудани баъзе аз андешаҳоямонро роҷеъ ба тавсия якум, ки ба тафсири васеи моддаи II Конвенсияи Ню–Йорк равона гардидааст, зарур мешуморем. Маврид ба зикр аст, ки тавсия мазкур ба матни забони англисии Конвенсия, ки дар он ибораи «shall include», ки моҳияти он онро «бояд вале маҳдуд намешавад» ифода менамояд, истифода гардидааст. Бо вуҷуди ин дар 5 матни аслии боқимондаи Конвенсия, аз ҷумла дар матнҳои испанӣ ва фаронсавӣ чунин ибораи грамматикӣ дида намешавад.

Моддаи VII (1) Конвенсия қоидаи зеринро муқаррар менамояд: «муқаррароти Конвенсияи мазкур … ҳеҷ яке аз тарафҳои манфиатдорро аз ҳуқуқи истифода бурдан аз дилхоҳ ҳалномаи арбитражӣ бо он тартиб ва дар он андозае, ки бо қонун ва ё шартномаҳои байналмилалии давлате, ки дар он эътироф ва иҷрои чунин ҳалномаи арбитражӣ дархост карда мешавад, маҳдуд наменамояд».

Моддаи VII (1) баъзан ҳамчун муқаррароти «ҳуқуқи нисбатан мусоид»

---

июня 1958 года, принятая Комиссией ООН по праву международной торговли 7 июля 2006 года на ее тридцать девятой сессии. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/A2R.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

[287] Ҳамон ҷо.

[288] Ниг.: Доклад Рабочей группы по арбитражу и согласительной процедуре о работе ее сорок четвертой сессии (Нью - Йорк, 23 – 27 января 2006 года, Приложение III, A/CN.9/592). Проект Декларации относительно толкования пункта 2 статьи II и пункта 1 статьи VII Нью-Йоркской Конвенции, параграф 14. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:ниг.: https://www.uncitral.org/pdf/russian/ yearbooks/yb-2006-r/11-85587_ebook_2006_r.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

ном бурда мешавад, зеро он ба тарафе, ки кӯшиши иҷро намудани ҳалномаи арбитражиро (the award creditor) мекунад, имкон медиҳад, ки аз меъёрҳои нисбатан муносиби ҳуқуқи миллии давлате, ки дар ҳудуди он ин қарор амалӣ карда мешавад, истифода намояд. Ҳолати мазкур раванди эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражиро сода ва пешгӯишаванда мегардонад. Зимнан, ЮНСИТРАЛ чунин тавсия медиҳад: «...барои ба тарафи манфиатдор додани имконияти истифода намудан аз ҳуқуқҳои ба ӯ пешбинигардида дар доираи қонунгузорӣ ва ё созишномаҳои байналмилалии давлате, ки дар он дархости ба созишномаи арбитражӣ асосёфта пешниҳод мегардад, банди 1 моддаи VII Конвенсия барои эътироф шудани чунин созишномаи арбитражӣ татбиқ карда мешавад»[289].

Аз тафсири ин муқаррарот чунин бармеояд, ки банди 1 моддаи VII–ро на танҳо нисбати ҳалномаҳои арбитражӣ, балки нисбати созишномаҳои арбитражӣ низ татбиқ кардан зарур аст. Ҳамин тавр, тарафи манфиатдор метавонад барои эътирофи созишномаи арбитражӣ бо такя ба ҳуқуқи миллии суде, ки масъалаи боэътибории созишномаи арбитражиро баррасӣ мекунад, аз низоми нисбатан мусоид истифода намояд. Ба ибораи дигар, дар ҳолате, ки қонунҳои миллӣ барои тарафи манфиатдор нисбат ба муқаррароти Конвенсия дар робита ба иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ нисбатан мусоид ва судманд бошанд, пас тарафи мазкур ваколат дорад, ки ҳуқуқҳои худро тибқи қонунҳои миллӣ ҳимоя намояд.

Ҳамин тариқ, агар мутобиқи қонун суде, ки тараф ба он аз рӯи моҳият ё бо мақсади иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷӣ ё бо мақсади мавриди баҳс қарор додани ин гуна ҳалнома даъво пешниҳод кардааст ва зимни баррасӣ ва арзёбии созишномаи арбитражӣ муқаррароти нисбатан мусоид ва муосир оид ба шакли хаттӣ қабул карда шудааст, пас барои суд дигар истифодаи қатъии талаботи Конвенсия ҳатмӣ намебошад.

Усули дуюме, ки ЮНСИТРАЛ дар моҳи июли соли 2006 пешниҳод

[289] Тавсия оид ба тафсири моддаи II, банди 2 ва моддаи VII, банди 1, Конвенсия дар бораи эътироф ва ичрои қарорҳои арбитражии хориҷӣ, ки 10 июни соли 1958 дар Ню -Йорк қабул шудааст, ки аз ҷониби Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ аз 7 июли соли 2006 дар иҷлосияи сию нӯҳуми он қабул шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/A2R.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

кардааст, ворид намудани тағйирот ба моддаи 7 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мебошад. Моддаи тағйиршудаи 7 ба давлатҳое, ки Қонуни намунавиро қабул намуда, онро дар қонунгузории худ имплементатсия кардаанд, «муқаррароти» нав дар бораи созишномаи арбитражӣ ва шакли онро, ки бояд раванди эътироф кардани созишномаи арбитражиро тибқи қонунгузории миллӣ сода кунад, пешниҳод менамояд.

Чунин ба назар мерасад, ки бо мурури вақт дар Конвенсияи Ню-Йорк ворид намудани «тағйироти дахлдор оид ба талаботи нисбатан сахттар роҷеъ ба шакли хаттии созишномаи арбитражӣ» [290] имконпазир буд. Аммо бо дараназардошти он, ки 140 давлат узви Конвенсияи мазкур мебошад, ба он ворид намудани «тағйирот» бисёр мушкил буда, аз ҷониби ҳамаи ин давлатҳо яксон татбиқ гардидани «тағйирот»-и воридшавандаро кафолат додан номумкин мебошад.

Номи моддаи 7 Қонуни намунавӣ «Мафҳум ва шакли созишномаи арбитражӣ» мебошад. ЮНСИТРАЛ ба шохаҳои қонунгузории миллӣ ду роҳи тағйир додани моддаи мазкурро пешниҳод менамояд.

Роҳи I шакли хаттии созишномаи арбитражиро муқаррар карда, таърифи шакли хаттиро пешниҳод менамояд. Бояд қайд кард, ки Роҳи I созишномаи хаттиро ҳамчун созишномае муайян мекунад, ки «мундариҷаи он дар ягон шакл муқаррар карда шудааст, новобаста аз оне, ки созишномаи арбитражӣ ё шартнома дар шакли шифоҳӣ дар асоси рафтори тарафҳо ва ё бо истифода аз усулҳои дигар баста шудааст»[291]. Илова бар ин, имзо намудани созишнома талаб карда намешавад. Ҳамин тариқ, созишномаи арбитражӣ боэътибор ҳисобида мешавад, агар ягон шакли «инъикос»-и хаттии он вуҷуд дошта бошад.

Дар баробари ин, ҳалли худро ёфтани проблемаи «аксепти хомӯшона»,

---

[290] A New York Convention for the next fifty years. Hypothetical Draft Convention on the International enforcement of arbitration agreements and awards, 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.newyorkconvention.org/draft+convention (санаи муроҷиат: 11.11.2022).

[291] Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ (соли 1985) бо тағйиру иловаҳои қабул шуда аз соли 2006, моддаи 7, банди 3 (дар таҳрири соли 2006). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/ml-arb/07-87000_Ebook.pdf (санаи муроҷиат: 15.09.2022).

вақте ки тарафҳо, масалан, тавассути телефон ба созиш расиданд ва танҳо як тасдиқнома фиристода шуд; ё ҳатто агар ҷониби дигар ҷавоби худро бо пешниҳоди мол тибқи шартномаи асосӣ бидуни фиристодани ҷавоби хаттӣ нишон дода бошад, ҷолиби диққат аст. Тибқи банди 3 моддаи тағийрдодашудаи 7 ҳолати мазкур барои тасдиқ асос мегардад. Ҳамин тариқ, муқаррароти мазкур дар баъзе ҳолатҳо метавонад барои эътибор пайдо намудани созишномаи шифоҳӣ замина гардад.

Роҳи II бидуни талабот оид ба шакли созишномаи арбитражӣ пешниҳод карда мешавад. Созишномаи арбитражиро ҳамчун «созишномаи тарафҳо дар бораи ба арбитраж супоридани тамоми баҳсҳо ва ё қисми онҳо, ки дар робита ба муносибатҳои мушаххаси ҳуқуқӣ сарфи назар аз он, ки он хусусияти шартномавӣ дорад ё не ба миён омадаанд ва ё ба миён меоянд» муайян мекунад[292]. Агар давлат «шакли ғайрихаттӣ», ки шакли шифоҳиро низ дар бар мегирад, қабул намояд, Роҳи II[293] пас суди давлате, ки ҳалнома дар он эътироф ва иҷро карда мешавад, бояд чунин созишномаи арбитражии шифоҳиро мувофиқи моддаи VII (1) Конвенсияи Ню–Йорк оид ба ҳуқуқи нисбатан мусоид барои танзими созишномаҳои арбитражӣ эътироф намояд. Аммо, бояд қайд кард, ки дар ин робита нигарониҳои мантиқии асосноке ҷой доранд, ки ҳангоми муҳокимаи роҳҳои пешниҳодшуда дар бораи шакли созишномаи арбитражӣ изҳор карда шудаанд. Роҳи II ба танзими анъанавии қонунгузорӣ, аз ҷумла Конвенсияи Ню–Йорк мутобиқ намебошад, аниқтараш, он ба тафсири моддаи II (2) муносиб набуда, татбиқи онро дар маҷмӯъ зери савол мегузорад ва аз ин рӯ барои бисёр кишварҳо қобили қабул нест. Барои кишварҳои ҷонибдори танзими анъанавии ин масъала ба қонунҳои миллии арбитражии онҳо ворид гардидани тағйирот ба моддаи 7 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ тибқи Роҳи I қобили қабул мебошад[294].

---

[292] Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ (соли 1985) бо тағйиру иловаҳои қабул шуда аз соли 2006, моддаи 7, варианти 2 (дар таҳрири соли 2006). Дастрас дар [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/ml-arb/07-87000_Ebook.pdf (санаи муроҷиат: 15.09.2022).
[293] Инчунин ниг.: Хлестова И.О. Типовой закон о международном торговом арбитраже и российский Закон о международном коммерческом арбитраже: общее и особенное. Журнал российского права. 2011. № 6.
[294] Decision of the Halogaland Court of Appeal, 16 of August 1999. XXVII Yearbook Commercial Arbitration.

Дар баробари мустаҳкам намудани мафҳуми «шакли хаттӣ» дар моддаи такмилёфтаи Қонуни намунавӣ, дар Конвенсия оид ба савдои рақамӣ ва дар Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ оид ба савдои рақамӣ, ЮНСИТРАЛ мақсад дорад, ки мафҳуми дар сатҳи байналмилалӣ қабулгардидаи «шакли хаттӣ», ки тиҷорати рақамиро дар бар мегирад, мустаҳкам намуда, консепсияи шакли хаттии Қонуни намунавиро ба таҷрибаи муосиртарини байналмилалӣ мутобиқ гардонад.

Гузашта аз ин, бо бекор кардани талаботи баимзорасонӣ, моддаи 7 таҷдидшуда расмиётеро, ки сабаб ва заминаи аз ҷониби судҳо эътироф нашудани созишномаҳои арбитражӣ мегардиданд, бартараф кард. Шартномаи баимзонарасидаи дорои тавзеҳоти арбитражӣ ё созишномаи арбитражии имзошуда тибқи Конвенсияи Ню–Йорк боэътибор дониста мешавад, агар тахмин кард, ки давлате, ки ҳалнома бояд дар он эътироф ва иҷро карда шавад, ҳам моддаи 7 Қонуни такмилшудаи намунавӣ ва ҳам Тавсияҳо оид ба тафсири банди 1 моддаи VII Конвенсияи Ню–Йоркро қабул намудааст.

Ҳамин тариқ, ЮНСИТРАЛ ба моддаи 7 Қонуни намунавӣ тағйирот ворид кард, ки онро ба амалияи муосири савдои байналмилалӣ мутобиқ созад. Аммо, мунтазири яксон қабул гардидани тағйиротҳои пешниҳодшуда будан низ дуруст нест, зеро вариантҳои алтернативии қабули тағйиротҳо мавҷуданд. Бо вуҷуди ин, ҳатто агар қабули мутаносиби тағйиротҳо «ба даст наоянд» онҳо барои тафсири «дуруст» ва «муфиди» мафҳуми «созишномаи арбитражии боэътибор» дар доираи аҳдҳои ҷории байналмилалӣ мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки ҳамаи тағйироти дар муқаррарот оид ба шакли шартномаи арбитражӣ дар Қонун “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” қабулгардида на ба тасдиқи далели баста шудан ва ҷой доштани созишномаи арбитражӣ, балки ба муайян намудани ҳолати шакли инъикос гардидани созишномаи

Albert van den Berg. – 2002. – P. 519.

арбитражӣ барои тасдиқи мундариҷаи он нигаронида шудаанд.

Тавре ки қаблан гуфта шуд, баъзе давлатҳо дар сатҳи қонунгузорӣ дилхоҳ талаботи шакли хаттии созишномаҳои байналмилалӣ (Фаронса, Шветсия, Зеландияи Нав, Белгия) бекор карданд ва баъзеи дигар давлатҳо дар робита ба шакли созишномаҳо талаботҳои ниҳоят оддиро қабул намудаанд (ИМА, Англия).

Бояд қайд кард, ки назари танқидӣ ба талаботи шакли хаттии созишномаи арбитражӣ ва зарурати ҷой доштани имзо комилан қобили қабул аст. Муқаррароти Конвенсияи Ню–Йорк ва Қонуни намунавӣ дар таҳрири соли 1985 баръало кӯҳна шудаанд (бо истинодҳояшон ба «телеграммаҳо» ва «номаҳо») ва гуфтан мумкин аст, ки номукаммал мебошанд (бо истинодҳои номуайяни «шартномаҳо», «мубодилаи мактубҳо» ва талабот барои «имзо»). Аммо, ба ғайр аз ин масъалаҳо, масъалаҳои назарраси дигаре низ ҷой доранд, ки дар раванди ҳуқуқтатбиқнамоӣ ба миён меоянд, масалан:

1) чаро барои созишномаи арбитражӣ аксепти хомӯшона ё шифоҳии пешниҳоди хаттӣ кофӣ нест; ва

2) чаро созишномаҳои пурраи арбитражии шифоҳӣ эътибор надоранд, ҳол ки дар онҳо ба санади хаттӣ истинод оварда шудааст ва ё онҳо бо санади хаттӣ тасдиқ карда мешаванд.

Мувофиқи принсипи татбиқи қонунгузории миллии нисбатан пешрафта ва бо тағйироти муҳими Қонуни намунавӣ дар соли 2006, муқаррар намудани дилхоҳ талаботи маҳдудкунанда нисбати шакл дар созишномаҳои арбитражӣ қобили қабул наменамояд. Ба ҷои он баррасии масъалаи воқеан розӣ шудани тарафҳо барои бастани созишномаи арбитражӣ зарур шуморида мешавад. Дар ҳақиқат, дар натиҷаи тағйир ёфтани Қонуни намунавӣ ва шумораи кам, вале афзояндаи қонунҳои пешрафтаи миллӣ, саволи ҳалкунанда ин мешавад, ки оё тарафҳо дар бораи баррасии арбитражӣ (дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ, ошкор ё ғайриошкор) ба мувофиқа омадаанд. Дар ин радиф талаботи дар шакли хаттӣ инъикос намудани созишномаи арбитражӣ тибқи принсипи

исботкунӣ табдил ёфта, барои муайян кардани шакли воқеӣ хидмат намекунад[295].

Дар баъзе ҳолатҳо масъалаи паҳн гардидани эътибори созишномаи арбитражӣ ба шахсоне, ки онро имзо накардаанд, дар сурати гузаштани ҳуқуқҳо аз рӯи шартнома чунин созишнома ба миён меояд. Профессор Мусин В. чунин мешуморад, ки аз ҷониби гузаштkунандаи ҳуқуқҳо, ки аз созишномаи арбитражӣ басташуда бармеояд, ки аз ҷониби контрагент бо седент баста шудааст, аз хусусияти омехтаи чунин шартнома бармеояд, ки аз рӯи хусусияти худ санади ҳам ҳуқуқи моддӣ ва ҳам ҳуқуқи мурофиавӣ мебошад. Ба ақидаи муаллифи мазкур, дар мавриди ворисии ҳуқуқии якка, хулоса дар бораи нигоҳ доштани эътибори созишномаи арбитражӣ бояд маҳз дар асоси хусусиятҳои мурофиавии хусусияти созишномаи арбитражӣ бароварда шавад, зеро ворисии мурофиавӣ новобаста аз он ки розигии тарафи дигар дар баҳси эҳтимолӣ вуҷуд дорад ё не, сурат мегирад[296].

Дар моҳияти худ шартномаи гузашти ҳуқуқи ворисиии ҳуқуқиро нисбат ба ҳуқуқи седент дар ҳаҷми пурра муқаррар менамояд (ба истисноии масъалаҳое, ки мумкин аст дар асоси созишномаи бевоситаи байни седент ва гузаштkунандаи ҳуқуқ истисно карда шаванд)[297]. Агар седент ҳуқуқи баррасии баҳсро дар арбитраж дошта бошад, пас ин ҳуқуқ ба ворисон метавонад мисли дигар ҳуқуқҳои дар шартнома тибқи шартнома бо тартиби гузашти ҳуқуқ гузаронида шавад ва сабти махсуси гузаштани чунин ҳуқуқ талаб карда намешавад. Дар ин маврид эътибори созишномаи арбитражӣ, ки қарздор бо седент бастааст, инчунин нисбат ба муносибатҳои қарздор бо седент ва талабот нисбати шакли шартномаи арбитражӣ, ки мувофиқи

[295] Муфассалтар ниг.: Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей 2-е изд. / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. И отв. Ред. И.П. Грешников. М.: Статут, 2019. -303 с.; Международный коммерческий арбитраж: современные проблемы и решения. Сборник статей к 75-летию Международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации / Под ред. А.С. Комарова; МКАС при ТПП РФ. –М.: Статут, 2007. – 524 с.; Международный коммерческий арбитраж: современные проблемы и решения. Сборник статей к 80-летию Международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации / Под ред. А.А. Костина; МКАС при ТПП РФ. –М.: Статут, 2012. – 399 с.

[296] Ниг.: Мусин В.А. Арбитражная оговорка во внешнеэкономическом контракте и проблема правопреемства // Третейский суд. – 2000. – № 4. – С. 37-38.

[297] Ниг: Лебедев С.Н. Международный коммерческий арбитраж: компетенция арбитров и соглашение сторон. – С. 78.

тафсири васеи банди 2 моддаи II Конвенсия дар айни замон мавҷудбуда гузошта шудааст, татбиқ мегардад, ки ба седент имкон медиҳад, то ҳуқуқи арбитражии баҳсро дар асоси созишномаи арбитражӣ, ки дар созишномаи байни седент ва қарздор муқаррар шудааст, нигоҳ дорад.

Истифодаи талаботи шакли хаттӣ вақте, ки далелҳои хаттии бастани созишномаи арбитражӣ талаб карда мешаванд, зарур дониста мешавад. Дар ҳар сурат, бояд қайд кард, ки талаботи пешбининамудаи Конвенсияи Ню-Йорк ва Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ аз соли 1985 нисбати шакли созишномаи арбитражӣ зарур намебошанд ва дар шароити воқеияти муосири муомилоти тиҷоратӣ ба татбиқи интизориҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои тарафҳо халал мерасонанд.

Ҳамин тавр, хулоса кардан ба маврид аст, ки дар байни талаботи расмии созишномаи арбитражӣ, ки дар матнҳои конвенсияҳои байналмилалӣ, қонунҳои миллӣ дар бораи арбитраж ва Қонуни намунавӣ сДар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ  шудаанд, талаботи универсалӣ «хаттӣ» мебошад.

Оқилона будани дигар талаботҳои расмӣ, ба монанди талабот ба андозаи ҳуруф, ки дар он тавзеҳоти арбитражӣ бояд чоп карда шавад, ба андешаи мо, махсусан бо назардошти тамоюли боварибахш дар солҳои охир аз талаботи гарони махсус ва беасос даст кашидан нисбат ба шакли созишномаи арбитражӣ хеле баҳсбарангез аст. Шарҳи мантиқии талаби шакли хаттӣ вуҷуд дорад: 1) ин кафолати он аст, ки тарафҳо аз таъсири беэътибории созишномаи арбитражӣ огоҳанд ва баррасии ин баҳсро дар суди давлатӣ истисно мекунанд; 2) ин ҳимоя аз ворид шудан ба муносибатҳои бемулоҳиза аст, ки даст кашидан аз ҳуқуқи дастрасӣ ба судҳои муқаррариро дар назар дорад. Бо вуҷуди ин, мо ба баробарии баррасии баҳс дар суди давлатӣ ва суди арбитражӣ, ки аз ҷониби қонунгузор ҳамчун шакли алтернативии ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ эътироф шудааст, диққат медиҳем. Эътибornокии расмии созишномаи арбитражӣ бошад дар замони ҳозира аз шакли бастани он вобастагии ногусастанӣ дорад, яъне созишномаи

арбитражӣ тибқи санадҳои байналмилалӣ ва қонунҳои миллӣ бояд дар шакли хаттӣ ё электронӣ баста шавад. Ворисии ҳуқуқӣ бошад оид ба масъалаҳо дар қонунҳои маданӣ ва мурофиавии маданӣ ҳаллӣ худро ёфтаанд, ки бебаҳс буда, талаботи ва шарти иловагиро талаб намекунад.

# БОБИ 3. МАҚОМИ СОЗИШНОМАИ АРБИТРАЖӢ ВА ҶОЙИ ОН ДАР БАРРАСИИ БАҲСҲО ВА ИҶРОИ ҲАЛНОМАҲОИ АРБИТРАЖӢ

## 3.1. Нақши судҳои иқтисодӣ зимни баррасии баҳсҳо дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ

Таҳаввулот ва инкишофи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҳамчун усули дигари баамалбарории адолати судӣ, яъне ҳамчун усули ҳалли баҳсҳо дар тӯли асрҳои зиёд ва ба андозаи зиёд бо рушди тиҷорат ба амал омадааст. Арбитраж ҳамчун воситаи ҳалли баҳсҳо дар дунёи қадим маълум буд. Мурочиат ба арбитраж ба ақидаи густардае дар байни омма вуҷуд дошт, ки ин гуна ҳалли баҳсҳо ба ақидаҳо дар бораи адолат мувофиқат мекунад. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ як намуди суди ҳакамӣ мебошад. Вазифаи он аз баррасии баҳсҳои тиҷоратие, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалии тиҷоратӣ дар шакли муайяни мурофиавӣ бармеоянд, бо роҳи қабули қарори барои тарафҳои баҳскунанда ҳатмист. Ҳамкории байни арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ва судҳои давлатӣ ба мавқеъи мутақобилан будани ин раванд асос ёфтааст. Чунин муносибатҳои байни тарафҳоро омилҳои зиёде муайян мекунанд, ки дар байни онҳо сатҳи рушди фарҳанги ҳуқуқӣ дар давлат, муносибатҳои миллӣ ва байналмилалӣ муомилоти маданӣ, дар ҳадафҳои рушди низоми судии миллӣ муҳим мебошанд. Робита ва ҳамкории байни арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва судҳои давлатиро метавон ба марҳилаҳои зерин ҷудо намуд: а) аз ҷониби суди давлатӣ қабул намудани чораҳои муваққати вобаста ба баррасии баҳс дар арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ; б) шикоят аз болои ҳалномаи арбитражии байналмиллали тиҷоратӣ дар бораи мавҷудияти салоҳияти ба сифати масъалаҳои хусусияти пешакидошта қарор баровардан; в) фиристодани тарафҳо ба арбитраж аз ҷониби суди давлатие, ки ба он даъво оид ба моҳияти баҳс пешниҳод шудааст; г) мавриди баҳс қарор додани ҳалномаи арбитражи байналмилалие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст; д) ба иҷро расонидани ҳалномаи арбитражи

байналмилалии тиҷоратӣ.

Мата О.В. оид ба ҳамкории судҳои давлатӣ дар раванди ҳалли баҳсҳои иқтисодии хориҷӣ мулоҳиза ронда, қайд меанмояд, ки дар асоси созишномаи арбитражӣ ду вазифаро иҷро карда метавонанд: ёрирасон ва назоратӣ. Ба функсияи ёрирасони судҳо мусоидат кардан ба судҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ дар ҳалли саривақтӣ ва самараноки баҳсҳо дохил мешавад. Функсияи назоратии судҳо бошад, ба онҳо имкон медиҳад, ки бо мақсади таъмини иҷрои ҳалномаи арбитражӣ ба баррасии арбитражӣ дахолат кунанд. Мазмуни ин вазифаҳо бо меъёрҳои конвенсияҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ ва амалияи арбитражии кишварҳои гуногун муайян карда мешаванд[298].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи муқаррароти Кодекси мурофиаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон[299] (минбаъд КМИ ҶТ), вазифаҳои ёрирасон ва назоратӣ, ки одатан ба судҳои юрисдиксияи умумӣ тааллуқ доштанд, акнун ба судҳои давлатии иқтисодӣ низ дода шудаанд. Сарфи назар аз он, ки судҳои иқтисодӣ ба низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд, гурӯҳи алоҳидаи парвандаҳое, ки онҳо баррасӣ мекунанд, аз парвандаҳое, ки дар судҳои юрисдиксияи умумӣ баррасӣ мешаванд, фарқ мекунанд. Мувофиқан, ин аз зарурати ворид намудани тағйирот ба моддаи $12^1$ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» ба миён омадааст, ки «суд барои иҷрои функсияҳои ёрирасон ва назоратӣ дар робита ба арбитраж» ва моддаҳои дигар, ки дар рафти омӯзиши функсияҳои судҳо аз ҷониби мо пешниҳод карда мешаванд, гувоҳӣ медиҳад.

Мутобиқи қисми 4 моддаи 16 КМИ ҶТ, эътироф намудан ва ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои судии қабулкардаи судҳои хориҷӣ, ҳалномаҳои арбитражҳои (ҳакамӣ)-и хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин бо санадҳои ҳуқуқии

---

[298] Ниг.: Мата О.В. Арбитражное соглашение и разрешение споров в международных коммерческих арбитражных судах: дисс. ... канд. юрид. наук. – М. 2003. – С. 140.

[299] Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, № 340 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат 26.01.2022).

байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, муайян мегарданд. Дар як муддати кӯтоҳ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, санадҳои зиёди ҳуқуқи байналмилалӣ аз ҷониби Тоҷикистон эътироф шуданд. Аз ҷумла, Конвенсияи Созмони Милали Мутаҳид дар бораи эътироф ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои арбитражи хориҷӣ аз 10 июни соли 1958 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2012 тасдиқ гардид[300].

Тибқи моддаи 2-3 Конвенсияи мазкур ҳар як давлати аҳдкунанда арбитражро эътироф мекунад, ҳалномаҳоро ҳатмӣ мегардонад ва онҳоро мувофиқи қоидаҳои мурофиавии ҳудуде, ки эътироф ва иҷрои ин ҳалномаҳо талаб карда мешавад, тибқи шартҳои дар Конвенсия муқаррааргардида иҷро менамояд. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ, ки ба онҳо Конвенсияи мазкур татбиқ мешавад, набояд нисбат ба шартҳои вазнинтар ё боҷҳо ё пардохтҳои баландтар нисбат ба шартҳое, ки барои эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражҳои дохилӣ вуҷуд доранд, бошад. Ҳар як Давлати Аҳдкунанда созишномаи хаттиеро эътироф мекунад, ки тибқи он тарафҳо уҳдадор мешаванд ҳама ё ҳама баҳсҳоеро, ки дар робита бо ҳама гуна муносибатҳои мушаххаси шартномавӣ ё ҳуқуқии байни онҳо ба миён омадаанд ё ба миён меоянд, ки мавзуъ онҳо метавонад мавзуи арбитраж бошад[301].

Раҳимзода М.З. ва Табаров Н.А. дуруст қайд менамоянд, ки муқаррароти моддаи 220 КМИ ҶТ дар бораи эътироф ва иҷро намудани ҳалномаҳои ... арбитражи хориҷӣ дар асоси шартномаи байналмилалӣ ба моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ... мувофиқ аст. Онҳо қайд менамояд, ки мувофиқи шартномаҳои байналмилалӣ барои иҷрои ҳалномаҳои арбитражи хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳо бояд бо қарори суди салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳолати мазкур суди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон) эътироф карда шуда, мавриди иҷро қарор

---

[300] Ниг.: Бобоҷонзода И.Ҳ., Бадалов А.М. Заминаҳои ҳуқуқии Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон. Қонунгузорӣ. – 2018. – № 3 (31). – С. 110-114.
[301] Ниг.: Международный коммерческий арбитраж: нормативно-правовые акты. / сост. Бободжонзода И.Х., Абдуллоев Ф., Гоибназар А. – Душанбе, 2019. – С.98.

дода шаванд[302].

Чи тавре дар боло қайд намудем, судҳои иқтисодӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо арбитраж, ҳамчунин якчанд функсияҳои ёрирасониро ба амал мебароранд, аз ҷумла: 1) дар сурати ҷой доштани созишномаи арбитражӣ аз ҷониби судҳои салоҳияти умумӣ боздоштан ё қатъ кардани баррасии мурофиаҳо. Мувофиқи моддаи 8 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ агар дар байни тарафҳо созишномаи арбитражӣ баста шуда бошад, суд бояд онҳоро ба арбитраж фиристад. Суд набояд ин созишномаи арбитражиро беэътибор, эътибори ҳуқуқӣ надошта ё иҷронашаванда эътироф намояд. Тибқи қисми 1, моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» суд дар ҳолати шабеҳ даъворо бидуни баррасӣ мегузорад. Аммо, дар хориҷа, на ин ки бебаррасӣ мондани мурофиаи парванда, балки тамоюли боздоштани парванда маъмул мебошад (Англия, Швейтсария, ИМА) [303]. Дар чунин ҳолат баррасии мурофиа дар суд мумкин аст баъдтар аз нав барқарор карда шавад, масалан, агар арбитрҳо эътироф кунанд, ки онҳо салоҳияти баррасии тамоми талаботи даъвои арзшуда ва ё қисми онро надоранд.

Сабаби фарқияти қонунгузории мо аз қонунгузории хориҷӣ оид ин масъала дар он аст, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи даъво дар асоси моддаи 147 КМИ ҶТ бебаррасӣ монда мешавад ва ё тибқи моддаи 227 Кодекси мурофиавии граждании ҶТ, агар тарафҳо дар бораи ба суди арбитражӣ супурдани баҳс созишнома баста бошанд, дар чунин ҳолат суди иқтисодӣ тарафҳоро бояд ба арбитраж фиристад. Мутаасифона, дар моддаҳои 220, 221 Кодекси мурофиавии граждании ҶТ, моддаҳои 142, 143 КМИ ҶТ барои боздоштани мурофиа чунин асос пешбинӣ нашудааст. Аз сабаби он, ки баҳсҳои иқтисодӣ бо иштироки шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ баррасӣ мешаванд, муқаррароти КМИ ҶТ татбиқ карда мешаванд. Аммо, моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», бо мисли моддаи 8

[302] Ниг.: Раҳимов М.З., Табаров Н.А. Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Нашри дуввум). Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 375-376.
[303] Ниг.: Richard H. Kreindler. Practical Issues in Drafting International Arbitration Clauses. – С. 49.

Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ дар сурати ҷой доштани созишномаи арбитражӣ қоидаи бебаррасӣ мондани талаботи даъворо пешбинӣ менамояд. Агар то аз ҷониби арбитраж бароварда шудани таъйинот дар хусуси бебаррасӣ мондани талаботи даъво ҳеҷ яке аз тарафҳо ба суди арбитражӣ муроҷиат накарда бошанд ва ин суд дар бораи надоштани салоҳияти баррасии баҳс қарор қабул накарда бошад, имконияти муроҷиат намудан ба суди арбитражӣ ҷой дорад. Мувофиқан, суди иқтисодӣ тамоми асосҳоро дорад, ки даъворо бебаррасӣ гузорад, ки он барои муроҷиати минбаъдаи тарафҳо ба суди иқтисодӣ монеа намешавад, агар суди арбитражӣ эътироф кунад, ки барои баррасии баҳс салоҳият надорад.

Дар ҳақиқат, дар фарқ аз қатъ кардани мурофиаи парванда, бебаррасӣ мондани талаботи даъво дар ҳолате иҷро карда мешавад, ки даъвогар ҳуқуқи ба суди иқтисодӣ муроҷиат карданро дошта бошад. Аммо татбиқи ин ҳуқуқ дар айни замон бино бар дар қонун мавҷуд набудани шароити мурофиавии барои чунин амалисозии ҳуқуқ пешбинишуда хориҷ карда шудааст[304]. Агар асосҳои бебаррасӣ гузоштани талаботи даъво (мавҷудияти созишномаи арбитражии амалкунанда байни тарафҳо) аз байн раванд, даъвогар ҳуқуқ дорад, ки тибқи тартиби умумӣ дубора бо чунин даъво ба суди иқтисодӣ муроҷиат кунад.

Масъалаи эътибори ҳуқуқии қарори суди хориҷӣ оид ба масъалаи салоҳияти арбитрони арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Санади арбитражӣ аз соли 1996 дар масъалаи ҳалли салоҳияти арбитрон сухани охиринро ба судҳои миллӣ медиҳад. Судҳои Англия дар хусуси надоштани салоҳият оид ба баррасии баҳсҳо аз ҷониби судҳои хориҷӣ қарор мебароранд, агар баҳс ба мавзуи танзими созишномаи арбитражии басташудаи тарафҳо бошад[305]. Дар ҳолате, ки агар суди хориҷӣ қарори суди

---

[304] Муфассалтар ниг. Раҳимов М.З., Табаров Н.А. Тафсир ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ». – Душанбе «Шуҷоиён», 2011. – 531 с.; Иброҳимов С.И., Табаров Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Нашри Камол», – 2019. – 408 с.; Клеандров М.И. Арбитражный процесс: учебник. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юристъ, – 2003. – С. 322.; Григорьева Т. А. Арбитражный процесс : учеб.-метод. комплекс / Т. А. Григорьева, Т. А. Савельева, С. К. Струнков. – М.: Норма, 2006. – 367 с.

[305] Ниг.: Stuart Dutson. Breach of an Arbitration or Exclusive Jurisdiction Clause: The Legal Remedies if it Continues. // Arbitration International.– 2000. – Vol. 16. – No 1. – C. 95.

Англияро мадди назар намояд ва даъвогар мурофиаи оғознамудаашро дар хориҷа идома диҳад, ҷавобгар дар ин ҳолат метавонад аз воситаҳои муҳимми ҳимояи манфиатҳои худ дар Англия истифода намояд[306].

Дар асоси муқаррароти моддаи 11 (3) Конвенсияи Ню-Йорк ва қонунгузории Англия, ҳам судҳои умумӣ ва ҳам арбитраж ҳуқуқ доранд оид ба бекор намудани масъулияти қарздор тибқи аризаи ӯ қарор қабул намоянд. Қабул гардидани чунин қарор садди роҳи иҷрои ҳалнома дар Англия мешавад. Гузашта аз ин, қарздоре, ки нисбати ӯ дар суди хориҷӣ мурофиа оғоз карда шудааст, ҳуқуқ ба ҷуброни зарареро дорад, ки дар натиҷаи вайрон кардани созишномаи арбитражӣ ба ӯ расонида шудааст. Аз ҷумла, хароҷоти марбут ба муроҷиат намудан бораи ба даст овардани қарор дар бораи ҷой надоштани салоҳияти суди хориҷӣ; мавриди баҳс қарор додани салоҳияти суд дар мурофиаи судии хориҷӣ; фарқи маблағи аслӣ ва зиёдшудаи хароҷоти баррасии арбитражӣ, агар афзоиши хароҷот ба мурофиаи судии хориҷӣ алоқаманд бошад ва ғ.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 1040 КМГ муқаррарот дар бораи ваколати судҳо дар робита ба салоҳияти арбитрҳоро дар ҳолати пешбинӣ нагардидани имконияти мавриди баҳс қарор додани қарори суд дар бар мегиранд. Қонуни арбитражии Ҳиндустон[307] ваколати судҳои Ҳиндустонро оид ба масъалаи салоҳияти арбитрҳо муқаррар намуда, тартиби мавриди баҳс қарор додани қарорҳои судҳоро муайян менамояд. Агар суд дар робита ба мавҷудияти салоҳияти арбитраж оид ба баҳс қарор бароварда, мурофиаи судиро боздошта бошад, аз болои чунин қарор шикоят кардан мумкин нест. Агар боздоштани мурофиаи судӣ рад карда шуда бошад, ҷониби манфиатдор метавонад аз болои ин қарор шикоят кунад[308].

Ҳамин тариқ, аксари кишварҳое, ки қонунгузории онҳо ба Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ асос ёфтааст, ба судҳои миллии худ ҳуқуқи истисноии ҳалли масъалаи салоҳияти арбитражӣ ва ба суди арбитражӣ

---

306 Ниг.: Stuart Dutson. Асари зикр. – С. 97-100.

307 Иқтибос аз: David St. John Sutton. India: Avoiding Judicial Intervention Under the New Arbitration Law// Arbitration and ADR. April 1998. Vol. 3., No.l. – С.13-14.

308 Ниг.: David St. John Sutton. Асари зикр. – С. 13.

фиристонидани тарафҳоро медиҳад.

2) Вазифаи дуюми ёрирасони судҳои иқтисодӣ дар мусоидат намудан ба арбитраж дар масъалаҳои таъин, иваз, бозхонд ва қатъи ваколатҳои арбитрон мебошад. Сарфи назар аз он, ки ин функсияҳои болозикр дар бисёр кишварҳо аз ҷониби ҳайти арбитраж ва ё шахсони мансабдори арбитражҳои институтсионалӣ иҷро карда мешаванд, ки қонунгузории як қатор кишварҳо иҷрои ин функсияҳоро ба салоҳияти судҳо вогузор кардааст[309]. Масалан, дар Ҳиндустон, сарфи назар аз он, ки масъалаи бозхонди арбитр дар ибтидо аз ҷониби худи арбитрҳо дар ҳайти суди арбитражӣ ҳал карда мешавад, аз болои қарори онҳо ба суди умумӣ, ки қарори он ниҳоӣ мебошад, шикоят кардан мумкин аст[310]. Қоидаи ба ин монанд дар қонуни Булғористон оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ аз соли 1988 дида мешавад.

Тибқи Санади арбитражии англисӣ (минбаъд САА) аз соли 1996, агар яке аз тарафҳо бо тартиби муқарраршуда арбитрро таъин накарда бошад, тарафи дигар, ба шарте, ки арбитрро таъин карда бошад, метавонад ба ӯ дар бораи интихоби арбитри танҳо аз ҳисоби арбитре, ки аз ҷониби худи ӯ таъин шудааст, таклиф пешниҳод намояд. Тибқи моддаи 17 САА агар дар давоми ҳафт рӯз ҷавоб нагирифта бошад, арбитри ягона таъйиншуда ҳисобида мешавад. Бо вуҷуди ин, ҳолати мазкурро дар суд мавриди баҳс қарор додан мумкин аст. Мутобиқи моддаи 18 САА агар яке аз тарафҳо аз интихоби арбитр даст кашад, тарафҳо метавонанд оид ба тартиби дигари таъин кардани арбитрҳо ба мувофиқа оянд. Тибқи чунин мувофиқаи тарафҳо, инчунин дар сурати набудани ягон созиш, суд метавонад бо дархости яке аз тарафҳо арбитрҳоро таъин кунад. Аз болои ин қарори суд шикоят кардан мумкин аст. Суд инчунин ҳуқуқ дорад ваколатҳои арбитрҳоро қатъ кунад, агар тарафҳо дар созишномаи худ ин ҳуқуқро ба мақомоти дигар надода бошанд.

Тибқи моддаи 5 СФА ИМА, дар сурати аз ҷониби яке аз тарафҳо вайрон

---

[309] Масалан: моддаҳои 15–22 Қонуни ҶТ «Дар бораи АБТ»; моддаҳои 7–11 Дастури ТАБТ; моддаҳои 11–15 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи АБТ»; §24–26 Дастури САБТ; моддаҳои 9–12 Дастури САБ ПБС; моддаҳои 6–11 Дастури байналмилалии ААА; моддаҳои 5, 9-11 Дастури САБЛ.
[310] Ниг.: David St. John Sutton. Асари зикр. – С. 13.

кардани тартиби мувофиқашудаи таъйин кардани арбитраҳо, инчунин дар сурати мавҷуд набудани созишнома дар ин хусус, тарафҳо метавонанд ба суд дар бораи таъин кардани арбитрҳо аз рӯи баҳсашон муроҷиат намоянд. Чунин муқаррарот дар моддаи 14 қонуни Шветсия оид ба арбитраж аз соли 1999 пешбинӣ гардидааст. Суди минтақавӣ ҳуқуқи таъйин кардани арбитрҳоро дорад, агар маъмурияти суди арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ ё мақомоти дигаре, ки тарафҳо ваколатдор кардаанд, арбитрҳоро дар муҳлати муқарраршуда таъйин накарда бошанд (моддаи 15). Суди минтақавӣ инчунин ваколат дорад, ки арбитрҳоро иваз кунад (моддаҳои 16 ва 17), раисикунандаи арбитражро таъйин кунад (моддаи 20), ва аз болои рад кардани арбитраж шикоят кунад (моддаи 10).

Сеюм, вазифаи ёрирасони судҳои иқтисодӣ дар имконияти андешидани тадбирҳо оид ба таъмини талаботи даъво бо аризаи яке аз тарафҳои баҳс зоҳир мешавад. Конвенсияи Женева (банди 4, моддаи V ) муқаррар мекунад, ки дархости яке аз тарафҳо дар бораи чораҳои муваққатӣ ё тадбирҳои таъминоти пешакӣ дар суди давлатӣ набояд ҳамчун номувофиқ ба созишномаи арбитражӣ ё ҳамчун интиқоли парванда ба суди давлатӣ барои моҳиятан ҳал намудани он баррасӣ карда шавад. Тибқи моддаи 9 Қонуни намунавии ЮНИСРАЛ, аз ҷониби суд андешидани чораҳо ҷиҳати таъминот набояд ҳамчун номутобиқатӣ бо созишномаи арбитражӣ дониста шавад. Дар баробари ин, моддаи 17 Қонуни зикршуда ба суди арбитражӣ ҳуқуқи мустақилона дар бораи ба тарафҳо додани тадбирҳои таъминотӣ оид ба мавзуи талаботи даъворо фароҳам меорад. Ҳамин тариқ, дар хусуси ба тарафҳо додани ҳуқуқи интихоб байни суд ва арбитраж барои пешниҳоди ариза дар бораи андешидани тадбирҳои таъминотӣ хулоса кардан мумкин аст.

Қонунгузории миллӣ ва амалияи арбитражӣ ҳудудҳои имконпазири аз ҷониби судҳо андешида шудани тадбирҳои таъминотии даъвое, ки дар баррасии арбитражӣ қарор дорад, ба таври гуногун муайян мекунанд. Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаҳои 13 ва 41 ҚҶТ «Дар бораи арбитражи

байналмилалии тиҷоратӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибҳо ҳуқуқ доранд барои андешида шудани чунин чораҳо танҳо ба суди салоҳиятдор муроҷиат кунанд. Тибқи муқаррароти моддаи 91 КМИ ҶТ, суди иқтисодӣ тадбирҳои таъминотиро бо дархости ҷониби мурофиаи арбитражӣ аз рӯи маҳалли ҷойгиршавии суди арбитражӣ ва ё маҳалли ҷойгиршавӣ ва ё истиқомати қарздор ва ё маҳалли ҷойгиршавии молу мулки қарздор андешида метавонад.

Дар маҷмуъ, ба суд додани ҳуқуқи андешидани чораҳои таъминотӣ аз рӯи даъво дар баррасии арбитражӣ иҷрои ҳалномаи арбитражии минбаъдаро кафолат медиҳад.

Чорум, судҳои иқтисодӣ ба арбитраж дар пурсиши шоҳидон ва коршиносон дар ҷараёни мурофиаи арбитражӣ, инчунин дар таъмини далелҳо мусоидат мекунад. Дар асоси моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидати судӣ дар ба даст овардани далелҳо бо дархости суди арбитражӣ ва ё ҷониби баҳс (бо розигии суди арбитражӣ) амалӣ карда мешавад. Ин муқаррарот такрори қоидаҳои дар моддаи 27 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ пешбинишуда мебошад. Қонуни ҶТ ба монанди Қонуни намунавӣ қоидаҳои мусоидат ба расмиёти судиро муқаррар накарда, ба қонунгузории мурофиавии ҶТ истинод мекунад. Бисёр кишварҳое, ки қонунҳои арбитражии миллияшонро дар асоси Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ қабул кардаанд, чунин қоидаҳоро доранд.

Дар байни чораҳои дигари мусоидати судӣ дар баррасии арбитражӣ инҳо вуҷуд доранд: мутобиқи моддаи 12 Санади АА аз соли 1996 аз ҷониби суд дароз кардани муҳлати оғози мурофиаи арбитражӣ, агар ҳуқуқи тараф барои муроҷиат ба арбитраж бо риояи муҳлати муайян маҳдуд шуда бошад ва тараф тамоми имкониятҳои тамдиди онро тибқи тартиби арбитражӣ истифода кардааст; тибқи моддаи 42 Санади АА аз соли 1996 иҷрои маҷбурии ҳалномаи арбитражӣ нисбат ба тарафе, ки муҳлати иҷрои онро гузаронидааст ва ё аз иҷрои он саркашӣ кардааст ва амсоли инҳо[311].

---

[311] Ҳамон ҷо.

Ҳоло акнун зуҳуроти мушаххаси функсияи назоратии судҳоро дар робита бо баррасии арбитражӣ мавриди таҳлил қарор медиҳем. Мувофиқи моддаи 5 Қонуни намунавии ЮНИСРАЛ, дахолати судӣ ба мурофиаи арбитражӣ танҳо дар ҳолатҳои махсус муқаррарнамудаи қонун иҷозат дода мешавад. Қонунгузории аксари кишварҳое, ки Қонуни намунавиро ба қонунгузории миллии худ мутобиқ кардаанд, инчунин аз зарурати то ҳадди аксар маҳдуд намудани ваколати судҳо дар робита ба раванди арбитражӣ сарчашма мегирад.

Дар фарқият аз функсияи ёрирасон, ки дар ҷараёни мурофиаи арбитражӣ иҷро карда мешавад, функсияи назоратиро одатан судҳо дар ибтидо ё пас аз ба итмом расиданаш иҷро мекунанд. Функсияи назоратиро судҳо дар кишвари баррасии арбитражӣ иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, ҷонибҳои баҳс бояд қонунгузории ин кишварро ба инобат гиранд, зеро судҳо ҳангоми амалисозии назорат маҳз онро ба роҳбарӣ мегиранд[312].

Вобаста ба қонуни маҳалли баррасии арбитражӣ, дар оғози мурофиаи арбитражӣ судҳо метавонанд ваколатҳои зерини назоратӣ дошта бошанд: ҳалли масъалаи мавҷуд будан, асоснокӣ ва иҷроиши созишномаи арбитражӣ (мод. 8 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ, моддаи 11 аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»); ҳалли масъалаи салоҳияти суди арбитражӣ дар асоси муроҷиати яке аз тарафҳо (банди 3 моддаи 16 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ, мод. 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»); муайянкунии пешакии баъзе масъалаҳои ҳуқуқӣ (моддаи 45 Санади АА аз соли 1996) ва амсоли инҳо.

Бо мақсади маҳдуд кардани дахолати судҳо ба мурофиаи арбитражӣ, чун қоида, ба онҳо ваколат дода мешавад, ки дар бораи боэътибории созишномаи арбитражӣ ҳангоми оғози мурофиаи арбитражӣ қарор бароранд. Одатан, суд ваколатҳои худро он вақт истифода мебарад, агар яке аз тарафҳо, сарфи назар аз созишномаи арбитражии мавҷуда, ба суди умумӣ

[312] William W. Park. Arbitration Discontents: of Elephants and Pornography// Arbitration International. – 2001. – Vol 17, No.3. – С. 267-273.

даъво пешниҳод кунад (моддаи VI Конвенсияи Женева, моддаи 8 Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ»). Барои муайян кардани эътибори ҳуқуқии созишнома, суд масъалаҳои зеринро баррасӣ мекунад: 1) оё байни тарафҳо созишномаи арбитражӣ баста шудааст; 2) оё баҳси мушаххасро дар доираи мурофиаи арбитражӣ баррасӣ кардан мумкин аст; 3) оё тарафҳо аз ҳуқуқи баррасии баҳс дар арбитраж даст накашидаанд (масалан, вақте ки яке аз тарафҳо ба суд муроҷиат мекунад ва тарафи дигар эътироз надорад).

Моддаи 220 КМИ ҶТ ба судҳои иқтисодӣ ҳуқуқ медиҳад, ки масъалаи салоҳияти суди арбитражиро аз рӯи аризаи ҷониби баҳс дар бораи бекор кардани қарори арбитражӣ, ки хусусияти пешакӣ дорад, ҳал намоянд. Дар робита ба гузариши ин функсия аз салоҳияти судҳои умумӣ ба салоҳияти судҳои иқтисодӣ, мо зарур мешуморем, ки ба моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» тағйироти дахлдор ворид карда шавад.

Суд метавонад созишномаи арбитражиро эътироф накунад, агар тибқи қонунгузории кишвараш баҳс мавзуи баррасии арбитражӣ набошад (моддаи VI (2) Конвенсияи Женева). Аммо, бо риояи принсипи мустақилияти иродаи тарафҳо, зарур аст, ки масъалаи боэътибории созишномаи арбитражӣ дар асоси ҳуқуқе, ки нисбати созишнома – қонуни амалкунандаи шартнома татбиқ карда мешавад, ҳал карда шавад. Ин ҳуқуқ метавонад бо ҳуқуқи кишвари суде, ки боэътибории созишномаи арбитражиро баррасӣ мекунад, мутобиқ набошад. Истифодаи ҳуқуқи кишвари суд, ба андешаи мо, маҳдудкунии беасоси мустақилияти иродаи ҷонибҳо мебошад, агар ин кишвар инчунин кишвари арбитраж набошад. Дар ин ҳолат, татбиқи ҳуқуқи кишвари суд имконпазир аст, зеро дар акси ҳол иҷрои ҳалномаи арбитражӣ душвор хоҳад буд (моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк).

Аммо, сарфи назар аз мушкилоти эҳтимолии иҷрои ҳалнома, баъзе олимони ҳуқуқшинос оиди ба назар гирифтани ҳар гуна хусусиятҳои ҳуқуқии

кишвари арбитраж муносибати манфӣ доранд. Дар натиҷа, аҳамияти ҳуқуқи кишвари арбитраж ҳам дар маҷмӯъ ва ҳам ҳангоми қабули қарор дар бораи боэътибории созишномаи арбитражӣ коҳиш меёбад. Агар кишвари арбитраж бо кишвари суд мувофиқат накунад, пас барои ҳалли масъалаи эътибори ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ, ҳуқуқе, ки тарафҳои шартнома интихоб кардаанд ё аз ҷониби арбитрҳо ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда муайян карда шудааст, истифода карда шавад, зеро тарафҳо ҳангоми баҳсҳои худро ба арбитраж пешниҳод намудан ҳам салоҳияти судҳои давлатӣ ва ҳам татбиқи қонуни кишвари судро истисно карданд.

Аммо, ба назари мо, чунин «созиш» мушкилоти бархурди салоҳиятҳои судӣ ва арбитражиро ҳал намекард. Аз як тараф, новобаста аз баррасии масъала дар суд, арбитрҳо метавонанд парвандаро моҳиятан баррасӣ намуда, ҳалнома қабул кунанд. Агар суд баъдан эътироф кунад, ки суди арбитражӣ салоҳият надорад, масалан, бинобар беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ, тарафҳо маҷбур мешаванд, ки барои ҳалли баҳс ба суд мурочиат кунанд, зеро дар чунин ҳолат ҳалномаи арбитражӣ эътибори худро гум мекунад. Дар натиҷа, мушкилии ду мурофиа – судӣ ва арбитражӣ бартараф карда нашудааст. Аз тарафи дигар, нигоҳ доштани дахолати судӣ ба мурофиаи арбитражӣ ба яке аз тарафҳо имконият фароҳам меорад, ки салоҳияти арбитражиро дар суди давлатие, ки қонунҳои миллии худро барои муайян кардани боэътибории созишномаи арбитражӣ ба инобат мегиранд, мавриди баҳс қарор диҳад. Тавре ки дар боло қайд кардем, чунин ҳолат ба принсипи мустақилияти иродаи тарафҳо, ки ҳангоми ҳалли масъала дар бораи боэътибории созишномаи арбитражӣ имконияти интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаро медиҳад, мухолифат мекунад. Гузашта аз ин, м.VI (3) Конвенсияи Женева бевосита пешбинӣ менамояд, ки суди давлатӣ бояд баррасии масъалаи салоҳияти суди арбитражиро (аз ҷумла дар ҳолатҳои беэътиборӣ, мавҷуд набудан ва ё беэътибор гардидани созишномаи арбитражӣ) то қабул гардидани ҳалнома аз ҷониби арбитрҳо аз рӯи моҳияти баҳс ба таъхир монад. Мувофиқан, дар сатҳи Конвенсияи байналмилалӣ, роҳ

надодани дахолати судҳои давлатӣ ба мурофиаи арбитражӣ ишора карда мешавад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», ин масъала ба таври дигар ҳал карда мешавад ва ба таври умум дахолати судҳои давлатӣ ба мурофиаи арбитражӣ истисно мегардад. Мувофиқи мод. 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ», арбитраж метавонад худаш дар бораи салоҳияти худ, аз ҷумла оид ба ҳама гуна эътирозҳо оид ба мавҷудият ё боэътибории созишномаи арбитражӣ қарор қабул кунад. Азбаски мувофиқи Қонун ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ баҳсҳое дода мешаванд, ки чун қоида ҳангоми мавҷуд будани созишномаи арбитражӣ ҳайати арбитраж ҳуқуқ дорад масъаларо дар бораи салоҳиятро бо салоҳдид худ ҳам аз нуқтаи назари мавзуъ ва ҳам юрисдиксияи субъективӣ ҳал намоянд[313]. Бо ин мақсад, тавзеҳоти арбитражӣ бояд ҳамчун созишномаи аз дигар шартҳои шартнома вобастанабуда баррасӣ карда шавад. Қарори арбитражӣ дар бораи беэътибор донистани шартнома тибқи қонун боиси беэътибор донистани тавзеҳоти арбитражӣ намегардад. Изҳороти тарафҳо дар бораи он, ки суди арбитражӣ салоҳият надорад, метавонад на дертар аз пешниҳоди эътирозҳо нисбати талаботи даъво, манзур карда мешавад. Аз ҷониби тарафҳо таъин кардани арбитр ва ё иштироки ӯ дар таъини арбитр ӯро аз пешниҳоди чунин изҳорот манъ намекунад. Ариза дар бораи он, ки ҳайати арбитражӣ аз ваколатҳои худ барзиёд истифода мекунанд, бояд фавран, пас аз оне, ки масъалаи ба ақидаи тарафҳо аз ин ҳудуд берун баромада гузошта мешавад, бардошта шавад. Ҳайати арбитражӣ метавонад дар ҳар кадоме аз ин ҳолатҳо, аризаи дертар пешниҳодшударо қабул кунад, агар сабаби таъхир асоснок бошад. Ҳайати арбитражӣ қабл аз қабули ҳалнома аз рӯи моҳияти баҳс, дар бораи ин ариза таъинот қабул мекунад. Агар ҳайати арбитражӣ худро салоҳиятдор ҳисобад, ҳарду ҷониб дар муддати понздаҳ рӯзи гирифтани огоҳинома метавонанд аз

[313] Ниг.: Комментарий к Закону Российской Федерации «О международном комменческом арбитраже»: постатейный. научно-практический / Под ред. А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. Мусина / сост. Г.В. Севастӣянов. – СПб.: АНО “Редакция журнала “Третейский суд” – 2007. – С. 73.

Раёсати ин арбитраж дар бораи қабули қарори ниҳоӣ оид ба масъалаи салоҳиятнокии арбитраж дархост кунанд.

Ба андешаи Ануров В.Н. истифодаи истилоҳоти гуногун ба монандӣ салоҳият ва юрисдиксия ягон хел оқибатҳои ҳуқуқиро ҳангоми гузаронидани муҳокимаи арбитражӣ ба вуҷуд намеорад. Дар ҳолати якум дар бораи баҳодиҳии мазмуни амали арбитрҳо сухан меравад, ки бо муқаррар намудани мавҷудият ё набудани салоҳияти онҳо барои баррасии баҳс алоқаманд мебошад. Дар ҳолати дуюм бошад, баҳои тавсифии қатъӣ дода мешавад, зеро имконияти дахолати шахсони сеюм, ки фаъолияти худро берун аз доираи аз ҷониби тарафҳо бо созишномаи арбитражӣ интихобнамудаи баррасии баҳс амалӣ менамоянд, истисно карда мешавад[314]. Муносибати мазкур дар он зоҳир мегардад, ки мафҳуми «юрисдиксия» барои муайян кардани самти умумӣ истифода мешавад, ки дар доираи он арбитраж ҳуқуқ доранд, ки салоҳиятҳои ҳалли баҳсро амалӣ намоянд[315].

Қонунгузории ҶТ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ коркардшуда ва муосир, таҷрибаи ҳалли баҳсҳо – якхела, тахассуснокӣ ва таҷрибаи арбитрҳои АБТТ – баланди касбӣ мебошад. Зимнан, тамоми заминаҳо барои ҳалли қонунӣ ва натиҷабахши баҳсҳои иқтисодӣ дар АБТТ бидуни ҳеҷ гуна назорат аз ҷониби судҳои давлатӣ мавҷуданд.

Ба назари мо, дар замони қабули Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ, ба таври объективӣ зарурати назорати судӣ аз болои мурофиаи арбитражӣ дар як қатор кишварҳое, ки қонунгузории арбитражии онҳо ба дараҷаи кофӣ рушд накарда буданд ва онҳо таҷрибаи ночизи ҳалли баҳсҳо аз ҷониби арбитражҳои байналмилалии тиҷоратиро доштанд, дида мешуд. Ин ҳолатҳо дар якҷоягӣ бо набудани арбитрҳои ботаҷриба мавҷудияти назорати судиро дар оғози мурофиаи арбитражӣ асоснок мекарданд. Омилҳои мазкур

---

[314] Ниг.: Ануров В.Н. Допустимост подачи иска // Журнал тертейский суд: энциклопедии альтернативного разрешения споров. – СПб, 2018. – №1/2 (113/114). – С. 199-217.

[315] Муфассалтар ниг.: Лебедев М. Ю. Развитие института юрисдикции и его проявление в третейском суде: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Саратов – 2005; Нагнибеда В. И. Юрисдикция, компетенция и полномочия международного коммерческого арбитража: теоретико-прикладной анализ понятий *И* Наука. Общество. Государство. – 2013. – № 3 – С. 44-53; Терентьева Л. В. Об унификации понятийного аппарата в сфере юрисдикционной деятельности третейских судов *И* Унификация и гармонизация в международном частном праве. Вопросы теории и практики: Монография / Отв. ред. Г. К. Дмитриева, М. В. Мажорина. М., 2016. – С. 109.

зарурати даст кашидан аз назорати судиро дар оғози баррасии арбитражӣ асоснок мекунанд, зеро ин раванд аллакай дар таҷриба тасдиқ шуда аст.

Ҳолати мазкур таъмини мустақилияти зарурии фаъолияти арбитражӣ хеле муҳим арзёбӣ меёбад. Мавҷудияти назорати судӣ барои суъистифода гардидани он аз ҷониби баҳс, ки аз баррасии арбитражӣ манфиатдор нест, бо роҳи мавриди баҳс қарор додани худи имконияти баррасии баҳс дар арбитраж имконият фароҳам меорад.

Ҷолиби диққат аст, ки дар кишварҳои низоми ҳуқуқии умумӣ, қонунгузорӣ ва амалия ба арбитрҳо ҳангоми ҳалли масъалаи эътибори ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ ҳамчун асоси салоҳияти онҳо озодии бештар медиҳанд. Ҳамин тарв, моддаи 32 Санади АА (аз соли 1996) ба судҳои умумӣ ҳуқуқи ҳалли масъалаи салоҳияти суди арбитражиро танҳо дар ҳолатҳое медиҳад, ки агар: 1) созишномаи хаттии ҳамаи ҷонибҳои баҳс барои ба суд супоридани масъалаи салоҳияти арбитрҳо вуҷуд дошта бошад; 2) суди арбитражӣ бо чунин супоридан розӣ аст; 3) суди умумӣ баррасии масъалаи салоҳиятро асоснок меҳисобад (масалан, агар баррасӣ дар суд боиси кам шудани хароҷоти тарафҳои баҳс шавад). Чунин танзими ҳудуди дахолати суд ба мурофиаи арбитражӣ мустақилият ва самаранокии мурофиаи арбитражиро кафолат медиҳад.

Дар Канада, тӯли якчанд даҳсола боз судҳои салоҳияти умумӣ масъалаи салоҳияти суди арбитражиро бо ишора ба ғайриқобили қабул будан маҳдуд кардани тафсири ҳуқуқи арбитрҳоро барои ҳалли масъалаи салоҳияти худ баррасӣ намекунанд. Қарори Суди Апеллятсионии вилояти Алберт (аз соли 1993) аз рӯи парвандаи Kaverit Steel & Crane Ltd. vs. Cope Corp[316] мисоли амалӣ шуда метавонад. Корпоратсияи хориҷӣ созишномаи молрасониро бо ҷониби Канада қатъ кардааст ва ин ҷониб ба суд муроҷиат намудааст. Созишномаи арбитражии шартнома ҳамаи баҳсҳои аз шартнома барояндаро ба салоҳияти арбитражӣ мансуб дониста буд. Суд қарор кард, ки масъалаи боэътибории созишномаи арбитражӣ бояд аввал аз ҷониби суди арбитражӣ,

[316] Ниг.: Cecil O.D. Branson. The Enforcement of International Commercial Arbitration Agreements in Canada. – С. 32.

ки қарори он баъдан асоси қарори суд дар бораи идома додан ва ё боз доштани мурофиа хоҳад буд, баррасӣ карда шавад.

Амалияи арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ, ҳамчунин аз зарурати аз ҷониби арбитрҳо дастгирӣ ёфтани интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома аз ҷониби тарафҳо бармеояд. Ҳамин тавр, арбитри танҳо аз рӯи парвандаи ПБТ 5384[317] ба таври возеҳ ишора кард, ки ба ӯ ваколат дода нашудааст, ки интихоби тарафҳоро бо интихоби худаш иваз кунад, вақте ки қонунҳои амалкунанда аз ҷониби тарафҳо ба таври возеҳ ва мушаххас муайян карда шуданд. Аз рӯи ҳолатҳои парванда, шартнома байни молрасони фаронсавӣ ва қабулкунандаи Олмонӣ оид ба тақсимоти қубурҳои металлӣ баста шудааст. Молрасон шартномаро бинобар сабаби аз ҷониби қабулкунанда пардохт нагардидани ҳисобномаҳо бекор кард. Азбаски ҳуқуқи моддии Фаронса аз ҷониби тарафҳо ҳамчун ҳуқуқи татбиқшаванда интихоб шуда буд, арбитр онро дар ҳалли талаботи даъво ва даъвои муқобил истифода бурд.

Аксар вақт яке аз тарафҳои шартнома интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаи тарафҳоро мавриди баҳс қарор медиҳад. Дар ин робита сабабҳои гуногун ҷой доранд. Ҳамин тавр, дар парвандаи ПБТ 4367[318] шартномаи байни таъминкунандаи амрикоӣ ва харидори ҳиндустонӣ ҳуқуқи иёлоти Ню-Йоркро ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда интихоб намуда буданд. Харидор изҳор дошт, ки ҳуқуқи татбиқшаванда бояд ҳуқуқи Ҳиндустон муайян карда шавад, зеро он бо шартнома ва иҷрои он муносибати наздиктару воқеӣ дорад. Ҳангоми баровардани қарори арбитражии дорои хусусияти пешакӣ арбитраж зикр намуд, ки дар сурати ҷой надоштани интихоби тарафҳо изҳороти харидорро ба инобат гирифтан мумкин буд. Аммо, агар дар шартнома оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда банди муайян мавҷуд бошад, чунин интихоб бояд эътиборнок дониста шавад ва ҳама гуна фарзияҳои дигар дар бораи он, ки кадом ҳуқуқро метавон нисбати шартнома татбиқ кард, истисно карда шаванд. Тарафи шартнома метавонад интихоби

[317] Ниг.: ICC International Court of Arbitration Bulletin. Spring 2001. Vol. 12, No. 1. – С. 42.
[318] Ниг.: Wolfgang Kuhn. Choice of Substantive Law in the Practice of International Arbitration. – С. 149.

ҳуқуқи татбиқшавандаро бино бар он, ки ба манфиатҳояш зарар меорад, мавриди баҳс қарор диҳад[319].

Мисолҳое мавҷуданд, ки дар онҳо интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда барои баъдан мавриди баҳс қарор додани боэътибории шартнома мавриди баҳс қарор дода мешавад. Ҳамин тариқ, дар парвандаи ПБТ 4145[320], шартнома мутобиқи қонунҳои Швейтсария, ки тарафҳо онро интихоб кардаанд, эътибор дошт. Аммо, тибқи қонунҳои моддии кишвари ҷавобгар, шартнома бо сабаби порагирӣ беэътибор дониста шудааст. Арбитраж тибқи асосҳои зерин интихоби ҳуқуқро ба манфиати Швейтсария дастгирӣ кард: Якум, чунин мешуморем, ки байни ду низоми ҳуқуқӣ тарафҳо низоми ҳуқуқиро интихоб мекунанд, ки шартномаи онҳоро эътиборнок эътироф мекунанд. Дуюм, таҷрибаи маъмулист, ки дар байни ду роҳи ҳалли имконпазир, арбитраж ҳамонеро интихоб мекунад, ки эътибори созишномаи арбитражиро тасдиқ мекунад .

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки интихоби ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома аз ҷониби тарафҳо бояд аз ҷониби арбитрҳои суди арбитражӣ ҳангоми ҳалли баҳс дастгирӣ карда шавад, зеро ин таҷассуми мустақилияти иродаи тарафҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, функсияи назоратии судҳо дар баҳодиҳии асоснокии интихоби тарафҳо оид ба ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома дар аксари қонунгузориҳо маҳдуд мебошад. Аммо, қонунҳо ва амалияи ИМА ба суд ваколатҳои васеи назоратиро зимни ҳалли масъалаи салоҳияти арбитрҳо ва ҳуқуқи татбиқшавандаро медиҳанд. Барои мисол, дар парвандаи Coleman & Company Securities, Inc. v. The Graquino Family Trust, et. al тарафҳо барои танзими муносибатҳояшон ҳам ҳуқуқи федералӣ ва ҳам ҳуқуқи штатро интихоб намудаанд. Даъвогарон барои идораи коғазҳои қимматноки ба онҳо

[319] Муфассалтар ниг.: Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей 2-е изд. / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. И отв. Ред. И.П. Грешников. – М.: Статут, 2019. – 303 с.; Международный коммерческий арбитраж: современные проблемы и решения. Сборник статей к 75-летию Международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации / Под ред. А.С. Комарова; МКАС при ТПП РФ. –М.: Статут, 2007. – 524 с.; Международный коммерческий арбитраж: современные проблемы и решения. Сборник статей к 80-летию Международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации / Под ред. А.А. Костина; МКАС при ТПП РФ. –М.: Статут, 2012. – 399 с.
[320] Ҳамон ҷо. – С. 149-150.

таааллуқдошта бо ширкати брокерӣ созишнома ба имзо расонидаанд. Созишномаи стандартӣ тавзеҳоти арбитражӣ ва интихоби ҳуқуқи штати Нью–Йоркро ба сифати ҳуқуқи татбиқшаванда дар бар мегирифт. Дар тавзеҳоти арбитражӣ омада буд: «Ҳама гуна баррасии арбитражӣ аз рӯи ин созишнома бояд мутобиқи Санади федералии арбитражӣ ва қонунҳои иёлоти Нью-Йорк ҳал карда шаванд».

Даъвогарон барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба арбитражи байналмилалӣ муроҷиат карданд. Ҷавобгар ба суди иёлоти Нью-Йорк муроҷиат карда, дархости боз доштани баъзе талабҳои даъвогаронро намуд. Суд дархости ӯро қонеъ кард. Пас аз ин, даъвогарон ба суди федералӣ бо дархости бекор кардани боздоштани баррасии як қисми даъвоҳои онҳо бо роҳи арбитражӣ муроҷиат карданд. 8 ноябри соли 2000, Суди минтақавии ИМА барои ноҳияи ҷанубии Нью-Йорк қонеъ кардани дархостро бо асосҳои зерин рад кард. Агар созишномаи арбитражӣ танҳо ба санади федералӣ тобеъ мебуд, арбитрҳо ваколатдор мебуданд, ки салоҳияти худро баррасӣ кунанд. Тибқи санад, нақши судҳо танҳо бо ҳалли ду масъала маҳдуд аст: 1) мавҷудияти созишномаи арбитражии амалкунанда; 2) муайян намудани далели хоҳиш надоштани ҷониби дигар ва ё рад кардани баррасии баҳс дар арбитраж. Аммо, истинод дар созишномаи арбитражӣ ба қонуни иёлоти Нью-Йорк вазъро тағйир медиҳад. Қонуни иёлоти Нью-Йорк салоҳияти арбитрҳоро дар ҳалли баъзе масъалаҳои мурофиавӣ, аз ҷумла масъалаҳои салоҳияти онҳо маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, дар созишномаи арбитражӣ аз ҷониби тарафҳо ворид кардани ҳуқуқи иёлоти Нью-Йорк шубҳаи судро ба миён овард, ки ҷонибҳо розӣ шуданд, ки ба арбитрҳо ҳуқуқи комил барои ҳалли масъалаи салоҳияти онро диҳанд. Аз тарафи дигар, суд метавонад танҳо дар ҳолати мавҷудияти созишномаи арбитражӣ оид ба ҳалли ихтилофот қарор қабул кунад, агар далели мустақим ва бечунучарои боэътибории он мавҷуд бошад. Шубҳаҳо ба манфиати расмиёти судии ҳалли масъалаи баҳс тафсир карда мешаванд.

Дар натиҷа, суд муайян кард, ки бо мутобиқ намудани созишномаи

арбитражӣ ба амали СФА ва ҳуқуқи иёлоти Ню-Йорк, тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки маҳдудияти ваколатҳои арбитраҳоро дар масъалаҳои салоҳияти худи онҳо, ки қонуни иёлоти Ню-Йорк муқаррар кардааст, татбиқ кунанд. Ин бо муқарраროте, ки дар назарияи ҳуқуқӣ эътироф шудаанд, мувофиқат карда, муайян мекунад, ки қоидаи махсус қоидаи умумиро бекор мекунад. Бо вуҷуди ин, мисоли мазкур аҳамияти таҳлили мундариҷаи созишномаи арбитражӣ ва ҳуқуқи татбиқшавандаро, барои баррасӣ намудани баҳсҳои оянда дар арбитраж таъкид мекунад.

Аз мисоли боло бармеояд, ки судҳои ИМА сарфи назар аз интихоби тартиби арбитражии ҳалли баҳсҳо ва ҳуқуқи татбиқшавандаи шартнома метавонанд ба баррасии баҳсҳои байни тарафҳо дахолат кунанд. Аммо, ваколатҳои васеи назоратии судҳо инчунин аз қоидаҳои умумӣ истисноро ташкил медиҳад. Тамоюли маҳдуд кардани функсияи назоратии судҳо ҳангоми оғози мурофиаи арбитражӣ васеъ паҳн шудааст.

Ҳамзамон, мо зарур мешуморем, ки функсияи назоратии судҳо пас аз ба охир расидани мурофиаи арбитражӣ низ нигоҳ дошта шавад. Вобаста ба қонунгузории миллӣ, функсияи назоратӣ мумкин аст, дар шакли тасдиқи ҳалномаи арбитражӣ ва ё бекору ислоҳ намудани он истифода карда шавад.

Дар шумораи маҳдуди қонунгузориҳо тасдиқи ҳалномаҳои арбитражӣ аз ҷониби судҳои умумӣ имконпазир мебошад. Масалан, дар моддаи 9 СФА ИМА, тасдиқ бо дархости ҳарду ҷониб сурат мегирад, агар дар ин бора байни тарафҳо созишнома бошад. Суд вазифадор аст, ки ҳалномаи арбитражиро тасдиқ кунад, агар он тибқи асосҳои дар СФА пешбинишуда бекор ё ислоҳ карда нашавад. Аммо, дар дигар кишварҳо тамоюли даст кашидан аз амалияи тасдиқи ҳалномаи арбитражӣ аз ҷониби судҳои умумӣ дида мешавад. Масалан, дар Бразилия, тибқи КМГ (аз соли 1973), ҳалномаи арбитражии дар Бразилия содиршуда барои мутобиқати он ба қонунҳои миллии Бразилия бояд расман аз ҷониби судҳои умумӣ тасдиқ карда шавад. Ин тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷиро маҷбур кард, ки аз Бразилия ҳамчун ҷои арбитражӣ канорагирӣ кунанд. Тибқи Қонуни №9.307 аз соли

1996, ҳалномаи арбитражӣ бо ҳукми суд баробар дониста шудаанд (моддаи 31) ва мумкин аст тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиаи гражданӣ барои бекор кардани қарорҳои судӣ, аммо бо асосҳои барои бекор кардани ҳалномаҳои арбитражӣ муқарраршуда бекор карда шаванд (моддаи 32, 33).

Ҳамзамон, дар моддаи 11 СФА ИМА, имконияти аз ҷониби судҳо бо дархости ҳарду ҷониб ислоҳ намудани ҳалномаҳои арбитражӣ идома дорад . Асосҳои иҷрои чунин ваколатҳо инҳо буда метавонанд: 1) хатогиҳои ошкоро ҳангоми ҳисоб кардани маблағҳо ё тавсифи ашхос, ашё ё молу мулк дар ҳалномаи арбитражӣ; 2) қабули ҳалнома оид ба талаботи эълоннашуда, агар ин ҳалнома ба ҳалнома оид ба моҳияти баҳс таъсир нарасонад; 3) камбудиҳои ҳалномаи арбитражӣ нисбат ба шакли он, ки ба мавзуи баҳс таъсир намерасонанд. Ин ваколатҳои суд барои нигоҳ доштани муносибати одилона ба тарафҳои баҳс пешбинӣ шудаанд.

Аммо, ба назари мо, бо вуҷуди хусусияти техникии тағйироту ислоҳҳои дар боло зикршуда, бо назардошти мустақилияти мурофиаи арбитражӣ аз судҳои давлатӣ, онҳоро ба худи арбитрҳо додан одилона мебуд. Беҳуда нест, ки ваколати арбитрҳо барои ислоҳи ҳалномаҳои баровардаи онҳо дар аксарияти кишварҳое, ки қонунгузории миллиашонро дар асоси Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ қабул карда, салоҳияти арбитрҳоро дар масъалаҳои дар боло зикршуда пешбинӣ мекунад (моддаи 33), меъёри маъмулӣ ба шумор меравад

Тибқи моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк, моддаи IX Конвенсияи Женева ммконияти бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ аз ҷониби судҳои умумӣ ҳам дар конвенсияҳои байналмилалӣ ва ҳам дар қонунҳои миллӣ пешбинӣ шудаанд. Бисёр кишварҳое, ки қонунҳо дар бораи арбитражи байналмилалияшонро дар асоси Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ қабул кардаанд, талаботи моддаи 34 Қонунро ҳамчун асос барои бекор кардани ҳалномаҳои арбитражӣ (ниг. Масалан, моддаи 51 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ») дар

қонунгузории худ ҷой додаанд. Мувофиқи қисми 3 моддаи 51 қарори арбитражӣ мумкин аст аз ҷониби Суди Олии иқтисодии ҶТ дар ҳолатҳое бекор карда шавад, ки мавзӯи баҳс тибқи қонунгузории ҶТ наметавонад мавзӯи баррасии арбитражӣ гардад ё ҳалномаи арбитражӣ ба тартиби оммавӣ дар ҶТ мухолиф бошад ва ё моддаи 213 КМИ ҶТ, инчунин бекор кардани ҳалномаҳои судҳои арбитражии байналмилалиро ба салоҳияти судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб медонад.

Номгӯи асосҳои аз тарафи суди иқтисодӣ бекор кардани ҳалномаи суди арбитражӣ (ҳакамӣ), ки қ. 2 ва 3 моддаи 213 КМИ ҶТ пешбинӣ кардааст, қатъӣ мебошад. Ҳангоми ҳал кардани масъала дар бораи беэътибор донистани созишномаи арбитражӣ (ҳакамӣ) равшан кардан лозим аст, ки оё шакли бастани он риоя карда шудааст ё не, оё вай аз тарафи муносиб имзо карда шудааст ё не, оё муқарраротҳои вай хилофи қонун ҳаст ё не ва ғ. Вобаста ба ин ба назар гирифтани талаботҳо нисбати созишномаи арбитражӣ, ки махсусан, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ » дарҷ гардида, мувофиқи он созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад ва ба шарте басташуда ҳисобида мешавад, ки он дар ҳуҷҷати имзонамудаи тарафҳо дарҷ ёфта ё бо роҳи мукотиба, огоҳ намудан аз тариқи телетайп, телеграф, инчунин бо истифодаи воситаҳои дигари алоқаи электронӣ ё алоқаи дигаре, ки тасдиқи чунин созишномаро таъмин мекунанд, баста шуда бошад. Агар тарафҳо дар бораи дигар чиз қайду шарт (гапзанон) накарда бошанд, он гоҳ ҳангоми супоридани баҳс ба суди арбитражии (ҳакамӣ) доимоамалкунанда қоидаҳои суди арбитражӣ (ҳакамӣ) доимоамалкунанда ба сифати қисми ҷудонопазири созишномаи арбитражӣ (ҳакамӣ) баррасӣ карда мешаванд[321].

Асосҳои маъмултарини бекоркунӣ инҳоянд: ғайри қобили амал будани ҷониби шартномаи арбитражӣ ё беэътибор донистани шартнома; огоҳиномаи номатлуб ба тарафҳо дар бораи таъйин кардани арбитрҳо ё мурофиаи арбитражӣ; аз доираи созишномаи арбитражӣ берун баромадани арбитрҳо;

[321] Ниг.: Раҳимов М.З., Табаров Н.А. Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Нашри дуввум). – Душанбе: «Эр-граф», 2013. – С. 367-368.

ба арбитраж мансуб набудани баҳс; мухолифати созишномаи арбитражӣ бо тартиботи оммавии дар кишвари суд ва ғайра.

Қонунгузории миллӣ метавонад асосҳои дигари бекор кардани ҳалномаро пешбинӣ кунад. Ҳамин тариқ, ФАА (моддаи 10) бекор кардани ҳалномаи арбитражиро, ки тавассути коррупсия, фиреб ё суъистифодаи арбитражон қабул карда шудааст, пешбинӣ менамояд. Моддаи 32 Қонуни Бразилия № 9.307 инчунин аз муҳлати муайяншудаи гузаронидани муҳлати қабули ҳалномаи арбитражиро ҳамчун асос барои бекор кардани он қайд мекунад.

Чун қоида, номгӯи асосҳои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ, ки аз ҷониби қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, пурра мебошад. Дар баробари ин, танҳо қонуншиканиҳои ҷиддӣ соҳаи мурофиавӣ ва вайрон кардани муносибати баробар бо тарафҳои баҳс метавонад боиси бекор кардани ҳалнома гардад[322]. Меъёрҳои муайян кардани ҷиддияти қонуншиканиро қонунҳои миллӣ муқаррар мекунанд. Масалан, дар Фаронса ҳалномаи арбитражиро тибқи доираи маҳдуди асосҳо бекор кардан мумкин аст, ки ба гуруҳи мазкур инҳо дохил намешаванд: надоштани истинод ба ҳуқуқе, ки асоси ҳалномаи арбитражӣ (ба шарте ки арбитрҳо онро на ҳамчун «миёнарави дӯстона» пешниҳод карда бошанд) дар сурати набудани ваколатҳо; камбудиҳо дар шакл ё мундариҷаи қисми асосии ҳалнома; номувофиқатии ҳалнома ба талаботи қонунгузории хориҷӣ, агар он ба қонунҳои Фаронса мувофиқат кунад[323]. Умуман, маҳдуд кардани асосҳои бекор кардани ҳалнома ба дастгирии фаъолияти арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ мусоидат мекунад. Масалан, дар Уганда ҳуқуқи судҳо оид ба боздоштани ҳалли масъалаи бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ бо мақсади ба арбитражи байналмилалӣ додани имконият барои тағйир додани ҳалнома, ки бекор кардани онро истисно мекунад, дар сатҳи

[322] Ниг. дар ин бора: Пер Рунеланд, Килпатрик Стоктон. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации: Тез. докл. Международная конференция «Арбитраж между Западом и Востоком в 21 веке.». – М., 2000. – С. 7.
[323] Ниг.: Alexis Mourre. Recent trends in French arbitration case Law: a brief overview (1997/2000). – С. 7-8.

қонунгузорӣ мустаҳкам гардидааст[324].

Оё бо ризоияти тарафҳо асосҳои бекор кардани ҳалномаи арбитражиро тағйир додан мумкин аст? Дар таҷрибаи ИМА ҳолатҳои тафсири маҳдуд ва васеи асосҳои бекор кардани ҳалномаҳо аз ҷониби ФАА муайянгардида мавҷуданд. Амалияи судҳои апеллятсионии округҳои Якум, Дуюм, Сеюм, Чорум, Панҷум ва Нуҳуми ИМА оид ба эътирофи ҳуқуқи тарафҳои шартнома дар хусуси васеъ намудани доираи асосҳои бекор кардани ҳалномаи арбитражии муқарраркардаи ҳуқуқи федералӣ шаҳодат медиҳад. Ҳамзамон, қарорҳои судҳои апеллятсионии судҳои округҳои Ҳафтум, Ҳаштум ва Даҳуми ИМА ба беэътибор донистани созишномаи тарафҳо дар бораи тағйир додани асосҳои бекор кардани ҳалномаҳои арбитражии дар ФАА муайяншуда асос меёбанд[325]. Масалан, қарори Суди апеллятсионии округи Нӯҳум аз рӯи парвандаи La Pine Technology v. Kyocera Corp (1997).[326] Созишномаи арбитражӣ баррасии баҳсҳоро тибқи Дастури САБ ПБС пешбинӣ намуда, асосҳои зеринро барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ муқаррар кардааст: 1) рӯйхати асосҳо тибқи СФА; 2) муайян гардидани далелҳо аз ҷониби арбитраж бе тасдиқи кофӣ; 3) хулосаҳои ғалати арбитрҳо оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ. Пас аз он, ки ҳалномаи суди арбитражӣ ба фоидаи даъвогар қабул гардид, ӯ ба суди округӣ барои тасдиқи он муроҷиат кард.

Дар посухи ин, ҷавобгар дар бораи бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ дархост пешниҳод кард. Суди мазкур баррасии меъёрҳои иловагии аз ҷониби тарафҳо ҳамчун асос барои бекор кардани ҳалномаро рад кард. Аммо, Суди апеллятсионии округи Нӯҳум бо ду овоз бар зидди як овоз қарор баровард, ки суди округӣ на танҳо ваколат дошт, балки вазифадор буд, ки мувофиқати ҳалномаи арбитражиро бо созишномаи тарафҳо баррасӣ кунад.

Дар баробари ин таъкид шуд, ки ҳадафи СФА иҷрои созишномаҳои арбитражӣ мутобиқи шартҳои онҳо мебошад. Баррасии баҳсҳои байни

---

[324] Ниг.: Jimmy Muyanja Incorporating the Model Law in Uganda: A Step Forward? – С. 9.

[325] Ниг.: David Lindsey, James Hosking and Alexandra Johnson. Modifying the scope of arbitral awards in the US// LCIA News. November 2001. Vol 6. Issue 4. – С.12.

[326] Ниг.: David W Rivkin. United States: Arbitration Agreements . Proceedings and Awards// Arbitration and ADR. April – 1998. – Vol.3. No.l. – С.16.

тарафҳо тибқи қоидаҳои СФА ҳуқуқ, на ин ки уҳдадории тарафҳо мебошад, бинобар ин, чун қоида, ҷонибҳо ҳуқуқ доранд, ки чунин муқарраротро дар созишномаи арбитражӣ, дохил кунанд, агар онро зарур шуморанд. Аммо, судя М. дар андешаи хосаи худ зикр намуд, ки тарафҳо бо салоҳдиди худ танҳо масъалаҳоеро ҳал мекунанд, ки оё онҳо ба арбитраж муроҷиат мекунанд ё не, дар кадом ҳолатҳо ва барои ҳалли кадом баҳсҳо. Аммо, ҳеҷ гуна ваколати бо қонунгузорӣ пешбинишудаи тарафҳо вуҷуд надорад, ки ба суд таъкид намудани чӣ гуна ӯ бояд дар бораи бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ қарор қабул кунад, ҷой надорад. «Қонуни федералӣ тибқи қарордод сохта намешавад», – хулоса кард М.

Дар соли 2001, Суди апеллятсионии округи Даҳум аз рӯи парвандаи Bowen v. Amoco Pipeline Co.,[327] қарори мухолиф ба қарори Суди апеллятсионии округи Нуҳумро қабул намуд. Тавзеҳоти арбитражии шартнома баъдан бо созишномаи тарафҳо илова карда шуд, ки аз болои ҳалномаи арбитражӣ бино бар басанда набудани далелҳо барои қабули он асосшуда ба суд шикоят кардан мумкин аст. Пас аз баровардани ҳалномаи арбитражӣ ба манфиати даъвогар, ҷавобгар аз болои он ба суди округ шикоят бурд. Аммо, суд истифодаи асосҳои иловагӣ барои бекор кардани ҳалномаи арбитражиро, ки бо созишномаи тарафҳо муқаррар шуда буданд, бо далели номувофиқии он ба СФА рад кард. Суди апеллятсионӣ дар ҳайати се судя қарори суди округро бетағйир гузошт. Бо эътирофи мавҷудияти амалияи аз ҷониби тарафҳо муқаррар шудани асосҳои иловагӣ барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ Суди апеллятсионӣ таъкид кард, ки истинодҳо ба мустақилияти ирода дахолати тарафҳоро ба фаъолияти судҳо асоснок карда наметавонанд.

Ба назари мо, ба тарафҳо додани имконияти худсарона тағйир додани асосҳо барои бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ беасос мебошад. Муқаррар кардани асосҳои иловагӣ барои бекоркунӣ ҳолати пешгӯишавандагии мурофиаи арбитражиро халалдор мекунад ва иҷрои ҳалномаи арбитражиро

[327] Ниг.: David Lindsey, James Hosking and Alexandra Johnson. Modifying the scope of arbitral awards in theUS. – С. 13.

ба таъхир меандозад, зеро асосҳои баҳсбарангези пешниҳодшудаи тарафҳо хусусияти арзёбӣ доранд ва дар суд бораи муайян кардани боэътибории ҳалномаҳо баҳсҳои тӯлониро ба вуҷуд меоранд.

## 3.2. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ аз ҷониби судҳои иқтисодӣ ва нақши созишномаи арбитражӣ дар он

Ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ санади қатъӣ мебошад, ки дар он баҳои дахлдори баррасишудаи байни тарафҳои баҳс ва хулосаи мувофиқ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда ё баръакс дар бораи рад намудан даъво агар талабот асоснок нагардида бошад, ҷойгир карда мешавад. Ҳалнома ин санадест, ки тавассути он баҳс дар бораи ҳуқуқ ё номуайянии ҳуқуқӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии тарафҳо бартараф карда мешавад[328]. Бино бар ниҳоӣ будани ҳалномаи арбитражӣ, ки маънои ғайриимкон будани моҳиятан мавриди баҳс қарор додани онро дорад, он дар асоси конвенсияҳои байналмилалӣ (Ню-Йорк, Панама) ва қонунгузории миллӣ (Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ») эътироф ва иҷро карда мешавад. Ҳалномаҳои ... арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ, ки дар ҳудуди дигар давлатҳо оид ба баҳсҳо ва корҳое, ки зимни ба амалбарории фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, қабул шудаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи судҳои иқтисодӣ эътироф ва иҷро карда мешаванд, агар эътироф ва иҷрои чунин ҳалномаҳо дар санадҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф намудааст, пешбинӣ шуда бошанд[329].

Вобаста ба меъёри хориҷӣ эътироф кардани ҳалномаи арбитражӣ, ду омил вуҷуд дорад. Агар чунин меъёр ҷои арбитраж бошад, ҳалномаи арбитражи байналмилалӣ хориҷӣ эътироф карда мешавад, агар ҷои баррасии баҳс дар қаламрави кишваре, ки эътироф ва иҷрои он талаб карда мешавад,

[328] Ниг.: Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешноэкономических споров. – Душанбе: “Эҷод”, 2009. – С. 297.
[329] Ниг.: Сидиқова Н.Н., Табаров Н.А., Шарифзода Т., Шарипова У.А. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. Муҳаррири масъул: н.и.ҳ., Бобоев Ҷ.Қ. – Душанбе, 2023. – С. 244.

ҷойгир набошад. Ҳалномаҳои арбитражӣ хориҷӣ ба ҳисоб меравад ва ҳалномаи арбитражие, ки дар қаламрави давлати дигар (бо истисноӣ давлате, ки дар он ҷо эътироф ва ба иҷро расонидани ҳалнома пурсида мешавад) бароварда мешавад, дар ҳама гуна ҳолат, ҳалномаҳои хориҷӣ ба ҳисоб рафта, ҳалномае, ки дар қаламрави онҳо бароварда мешавад, танҳо дар он ҳолат ҳориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки агар он ҳалнома бо тартибе, ки дар он давлат қабул нашуда бошад, бароварда шавад[330]. Ҳамин тариқ, Филипп Фушар чунин мешуморад, ки ҳалномаи арбитражӣ дар кишваре, ки дар он бароварда шудааст, дохилӣ ва дар ҳамаи дигар давлатҳои хориҷӣ (байналмилалӣ) ҳисобида мешавад[331].

Раҳимзода М.З. ва Табаров Н. қайд менамоянд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин шартномаҳои дутарафаи байналмилалиро, ки дар ҳудуди он эътироф намудан ва мавриди иҷро қарор додани қарорҳои судҳо ва арбитраҳои хориҷиро пешбинӣ менамоянд, бастааст. Ба шартномаҳои бисёртарафаи байналмилалие, ки масъалаҳои мазкурро ба танзим медароранд, махсусан, Конвенсияи СММ оид ба эътироф намудан ва мавриди иҷро қарор додани ҳалномаҳои арбитражҳои хориҷӣ (дар ш. Ню-Йорк соли 1958 баста шудааст), Созишнома дар бораи тартиби ҳал намудани баҳсҳои вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ, ки дар ш.Киев 20 марти соли 1992 Созишнома дар бораи тартиби иҷрои ҳамдигарии ҳалномаҳои судҳои арбитражӣ, хоҷагӣ ва иқтисодӣ дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳодро аз 6 марти соли 1998 ва дигар мансубанд, баста шуда, барои Тоҷикистон, Россия, Белоруссия, Украина, Узбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Арманистон ва Туркманистон эътибор пайдо кардааст, пешбинӣ карда шудаанд[332]. Доир ба масъалаи мазкур Менглиев Ш. ибрози андеша намуда, қайд менамояд, ки санадҳои байналмилалии танзимкунандаи масъалаи эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ба шартномаҳои байналмилалӣ ва санадҳои

---

330 Ниг.: Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ / Муҳарири масъул д.и.ҳ., проф. Раҳимов М.З. – Душанбе: Ирфон, 2010. – С. 81.

331 Ниг.: Philippe Fouchard. Improving the Efficiency of Arbitration Agreements and Awards: Report. – С. 611.

332 Ниг.: Раҳимов М.З., Табаров Н.А. Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри дуввум). – Душанбе: "Эр-граф", 2013. – С. 371-372.

байналмилалии асосии хусусияти минтақавӣ ҷудо намудааст, ки инҳо мебошад: Конвенсияи СММ дар ш. Ню-Йорк соли 1958, Созишнома ... 20 марти соли 1992 Созишнома ... аз 6 марти соли 1998[333].

Ба ғайр аз кишварҳои номбурда, эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ дар кишварҳои аврупоӣ низ татбиқ карда мешавад. Аз ҷумла, Фаронса ҳалномаҳои берун аз қаламрави он қабулшударо хориҷӣ эътироф мекунад.[334] Асос барои эътироф ва иҷро ҳалномаи арбитражӣ дар кишварҳои аврупоӣ Конвенсияи аврупоӣ дар бораи арбитражи тиҷоратии бурунмарзӣ мебошад, ки 10 июни соли 1958 аз ҷониби Комиссияи иқтисодии аврупоии СММ қабул карда шудааст[335]. Аммо, ба гуфтаи Ҷ. Салле, чунин фарқият дар қонунгузорӣ аҳамият надорад, зеро тибқи КМГ Фаронса тартиби эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии ватанию хориҷӣ якхела мебошад[336].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин тақсимоти ҳалномаҳои арбитражӣ ба ватанӣ ва хориҷӣ низ ҷой дорад. Моддаҳои 52, 53 Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» қоидаҳои умумии эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражиро, сарфи назар аз он, ки дар кадом кишвар бароварда шудаанд, муқаррар мекунад. Муқаррароти моддаи 210 ва боби 28 «Истеҳсолоти парвандаҳо оид ба эътироф ва иҷро намудани ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ ва арбитражи хориҷӣ (арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва судҳои ҳакамӣ) КМИ ҶТ ба судҳои иқтисодӣ ҳуқуқи эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратиро фароҳам меорад. Аз ҷумла, талабот ба ариза дар бораи додани варақаи иҷро, тартиби баррасии аризаҳо ва асосҳои рад кардани додани он муқаррар карда шудаанд.

Агар меъёри фарқияткунандаи ҳалномаҳои ватанӣ ва хориҷӣ ҳуқуқи мурофиавӣ бошад, ки дар баррасии арбитражӣ истифода мешаванд, ҳалнома

---

[333] Муфассалтар ниг.: Менглиев Ш. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. – Душанбе: Эҷод, 2009. – С. 317.

[334] Ниг.: Richard H. Kreindler. Enforcement of Foreign Arbitral Awards. Particularly in the Context of the 1958 UN (New York) Convention. Study of new mock case under the 1998 ICC Rules of arbitration. – Paris, 2000. – C.9.

[335] Ниг.: Комментарий к Закону Российской Федерации «О международном комменческом арбитраже»: постатейный. научно-практический / Под ред. А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. Мусина / сост. Г.В. Севастянов – СПб.: АНО “Редакция журнала “Третейский суд”, 2007. – С. 253.

[336] Ниг.: Jacques Sales. The enforcement of arbitral awards; The New York Convention: Presentation. Study of a mock case under the new ICC Rules of Arbitration. – Paris, 2001. – C.6,

хориҷӣ ҳисобида мешавад, агар ин ҳуқуқ бо қонуни кишвари суд мувофиқат накунад. Аз ин рӯ, якум, ҳалнома метавонад ватанӣ эътироф карда шавад, ҳатто агар он дар хориҷа, аммо дар асоси қоидаҳои мурофиавии арбитражии кишвари суд қабул шуда бошад. Дуюм, ҳалнома метавонад хориҷӣ эълон карда шавад, ҳатто агар он дар кишвари суд қабул шуда бошад.

Ҳамин тавр, қайд намуд, ки боз як хусусияти муҳимми арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ дар он аст, ки он, ба низоми суди давлатӣ ворид нест, аммо бе он дар алоҳидагӣ низ вуҷуд дошта наметавонад. Вобаста ба ин, Нешатаева Т.Н. қайд менамояд, ки «хусусиятҳои умумии низоми суди давлатӣ ва арбитражи тиҷоратии байналмилалиро мубоҳисавӣ будан, муқаррар намудани далелҳо, хусусияти ҳатмӣ доштани қарорҳои онҳо ташкил медиҳад, аммо фарқ дар байни онҳо дар он аст, ки ҳангоми ба суди давлатӣ муроҷиат кардан ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ амалӣ мегардад, муроҷиат кардан ба арбитраж бошад, танҳо бо иродаи тарафайн имконпазир аст»[337].

Созишномаи арбитражӣ дар таъмини эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ нақши калидӣ дорад. Маҳз ихтилофи байни мурофиаҳои арбитражӣ ва қарори созишномаи тарафҳо сабаби маъмултарин барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳо мебошад.

Иҷрои ҳалномаи арбитражӣ, ки дар асоси созишномаи арбитражӣ бароварда шудааст, аз ҷониби чор гурӯҳи субъектҳо таъмин карда мешавад. Ба гурӯҳи якум тарафҳои шартнома дохил мешаванд, ки барои мундариҷа ва эътибори он бевосита масъул мебошанд. Гузашта аз ин, тарафҳо бояд мувофиқати мурофиаи арбитражиро ба созишномаи худ назорат кунанд, ба арбитрҳо дар ҳолати номуайян будани изҳори иродаи дар созишномаи арбитражӣ баёншуда ва ғайра шарҳҳо диҳанд. Ғайр аз ин, яке аз тарафҳо метавонад дидаю даниста дар ҳисобкунӣ ба баъзе «иштибоҳ»-ҳо роҳ диҳад, то ки барои бекор кардани ҳалнома ё рад кардани иҷрои он бо сабаби вайрон кардани созишномаи тарафҳо оид ба раванди ҳалли баҳсҳо асос пайдо намояд. Ҳарчанд масъулияти пешгирии чунин қонуншиканиҳо ба арбитрҳо

---

[337] Ниг.: Нешатаева Т. Н. Международное частное право и международный гражданский процесс: Учебный курс в трех частях. – М.: Издательский дом «Городец», 2004. – С. 403.

вогузор шудааст, барои тарафи дигар бинобар дониши амиқтар дар бораи ҳолатҳои парванда, шинохтани чунин тактика метавонад осонтар бошад[338].

Ба гурӯҳи дуюми субъектҳо арбитрҳои судҳои арбитражӣ дохил мешаванд, ки вазифадоранд парвандаро тибқи қонун ва созишномаи тарафҳо баррасӣ кунанд. Илова бар ин, баъзе аз муассисаҳои арбитражӣ ошкоро арбитрҳоро вазифадор мекунанд, ки барои таъмини иҷроиши ҳалномаи худ ҳама чораҳои заруриро андешанд (моддаи 35 Дастури САБ ПБС, моддаи 32.2. Дастури САБЛ). Асосан, чунин тадбирҳо ба қабули ҳалнома, ки ба вайронкунии моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк, инчунин тартиботи оммавӣ дар ҷои арбитражӣ оварда мерасоананд. Бо дарназардошти он ки моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк, асосан, талаботи мутобиқати қарорро бо созишномаи арбитражӣ дар бар мегирад, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки арбитрҳо вазифадоранд ҳалномаҳоеро қабул кунанд, ки хилофи созишномаи тарафҳо дар бораи арбитраж набошад.

Ба гурӯҳи сеюми субъектҳо арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ ҳамчун ташкилотҳои институтсионалӣ ва судҳои иқтисодӣ, ки функсияҳои ёрирасон ва назоратиро дар ҷараёни баррасии арбитражӣ иҷро мекунанд, дохил мешаванд. Ба ин гуна функсияҳо дохил шуда метавонанд: баровардани қарорҳо оид ба мавҷудият ва боэътибории созишномаи арбитражӣ, таъини арбитрҳо тибқи созишномаи тарафҳо, тасдиқи ҳалномаи арбитражӣ, боздоштан ё қатъ кардани мурофиа дар суд бо сабаби мавҷудияти созишномаи арбитражӣ ва ғайра.

Ба гурӯҳи чоруми субъектҳо судҳое дохил мешаванд, ки ҳалномаҳои арбитражиро эътироф ва иҷро мекунанд. Барои ин, судҳо, аз ҷумла мутобиқати ҳалномаро ба шартҳои созишномаи арбитражӣ муқаррар мекунанд (моддаи V Конвенсияи Ню-Йорк).

Шонасриддинов Н.Ш. қайд менамояд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ҳалномаи

---

[338] Муфассалтар ниг.: Тригубович, Н.В. Автономия воли в международном частном праве: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 1999. – 161 с.; Тригубович, Н.В. Автономия воли в международном частном праве: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 1999. – 25 с.

қабулнамудаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ бинобар мубоҳиса қарор додани он дар сурате бекор карда мешавад, агар ҷониби дархосткунандаи мубоҳиса собит созад, ки:

- яке аз ҷонибҳо дар лаҳзаи бастани созишномаи арбитражӣ пурра ё қисман ғайриқобили амал буд;

- созишномаи арбитражӣ тибқи ҳуқуқе, ки ҷонибҳо онро зери таъсираш қарор дода буданд, беэътибор мебошад;

- ӯ дар хусуси таъйини ҳакам ё таҳқиқоти парванда ба таври дахлдор огоҳ нашуда буд ё бо дигар сабабҳои узрнок имкони пешниҳод намудани далелҳои худро надошт;

- ҳалнома аз рӯи баҳси тибқи Конвенсияи арбитражи пешбининашуда ё таҳти таъсири шартҳои он қарорнадошта қабул шудааст ё муқаррарот оид ба масъалаҳои аз доираи созишномаи арбитражӣ берунро дар бар мегирад.

- мавзуи баҳс тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуби муҳокимаи арбиграҷӣ набуд ё ҳалномаи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ хилофи низоми умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар асоси қисми 1 моддаи 223 КМИ ҶТ суди иқтисодӣ эътироф ва иҷро намудани ҳалномаҳои судҳои хориҷӣ ва арбитражи хориҷиро дар ҳолатҳои зерин пурра ва ё қисман рад менамояд агар:

- ҳалнома мутобиқи қонуни давлате, ки дар ҳудуди он қабул гаштааст, эътибори қонунӣ пайдо накарда бошад;

- тарафе, ки бар хилофи манфиатҳои он ҳалнома қабул шудааст, аз вақт ва ҷои баргузории маҷлиси судӣ ба таври дахлдор ва саривақт хабардор карда нашуда ва ё бо дигар сабабҳо баёноти худро натавонистааст ба суд пешниҳод карда бошад;

- баррасии парванда мувофиқи санади байналмилалие, ки Тоҷикистон онро эътироф кардааст ва қонун аз салоҳияти мустасноӣ судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад;

- ҳалномаи эътибори қонунӣ пайдонамудаи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳси худи ҳамон тарафҳо, дар бораи худи ҳамон предмет

ва бо ҳамон асосҳо мавҷуд бошад;

- дар баррасии судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳси худи ҳамон тарафҳо, дар бораи худи ҳамон предмет ва бо ҳамон асосҳо парванда мавҷуд бошад, ки оғози истеҳсолоти он то оғози парванда дар суди хориҷӣ ҷой дошт ё суд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳси худи ҳамон тарафҳо, дар бораи худи ҳамон предмет ва бо ҳамон асосҳо ба истеҳсолоти худ аввалан қабул кардааст;
- муҳлати иҷрои маҷбурии ҳалномаи суди хориҷӣ гузашта, ин муҳлат аз тарафи суди иқтисодӣ барқарор карда нашуда бошад;
- иҷрои ҳалномаи суди хориҷӣ бар хилофи тартиботи оммавии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

Дар баробари асосҳои болозикри оварашуда тибқи қисми 1 моддаи 54 Қонуни ҶТ “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” ҳолатҳои дигари рад намудани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитраджиро муқаррар намудааст:

- яке аз тарафҳо дар созишномаи арбитражӣ ғайри қобили амал бошад;
- созишномаи мазкур, ки ба он тарафҳо тобеъ мебошанд, мутобиқи қонун беэътибор бошад ва ҳангоми ҷой надоштани чунин ҳолат – мувофиқи қонуни давлате, ки дар он ҳалнома бароварда шудааст;
- ҳалномаи арбитражӣ нисбати баҳсе бароварда шудааст, ки он бо созишномаи арбитражӣ пешбинӣ нагардидааст ё таҳти талаботи он қарор дода нашудааст ва ё муқарраротеро оид ба масъалаҳое дорад, ки аз доираи созишномаи арбитражӣ берун мебарояд, ба шарте ки муқаррароти мазкур масъалаҳоеро, ки созишнома фаро гирифтааст, имкони ҷудо кардан аз он қисми ҳалномаи арбитражӣ надошта бошад, ки дар он муқаррароти созишномаи арбитражӣ оид ба моҳияти баҳси баррасишаванда метавонад эътироф ва иҷро шавад;
- ҳайати арбитраж ё муҳокимаи арбитражӣ ба созиши тарафҳо мувофиқат накунад ё ин ки ҳангоми набудани ин мувофиқа ба қонуни давлате, ки дар он арбитраж баргузор гардидааст, мувофиқат накунад;

- ҳалномаи арбитражӣ барои тарафҳо ҳатмӣ нагаштааст ё бекор гардидааст ё ин ки иҷрои он аз ҷониби суди кишваре, ки тибқи қонуни он ҳалномаи арбитражӣ боздошта шуда бошад;

- объекти баҳс наметавонад мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон предмети баррасии арбитражӣ бошад;

Конвенсия оид ба истисно намудани имконияти мубоҳисаи ҳалномаи суди ҳакамӣ (арбитражӣ) дар санадҳои ҳуқуқӣ «Конвенсияи истиснокунанда» ном гирифтааст[339]. Бо тафовут аз қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ имконияти бастани «Конвенсияи истиснокунанда»-ро пешбинӣ накардааст. Ба андешаи дигар гурӯҳи муҳақиққон, ҷонибҳои баҳс бояд ҳуқуқ дошта бошанд, ки дар ҳама маврид, бидуни ҳеҷ гуна маҳдудият ба шикоят аз рӯи ҳалномаи қабулнамудаи суди ...арбитражӣ байналмилалии тиҷоратӣ ё мубоҳисаи он даст зананд.[340] Ба ақидаи баъзе аз муҳаққиқон, агар дар ....Конвенсияи арбитражӣ сабт шуда бошад, ки «ҳалномаи суди ...арбитражӣ қатъӣ буда, мавриди шикоят (мубоҳиса) қарор намегирад», пас ҷонибҳо ҳуқуқ надоранд, чунин ҳалномаро мавриди шикоят (мубоҳиса) қарор диҳанд[341].

Ҳама асосҳои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражиро ба ду категория тақсим кардан мумкин аст. Гурӯҳи якум асосҳоеро дар бар мегирад, ки мавҷудияти онҳоро бояд ҷониби дархосткунандаи радди иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷӣ исбот кунад. Чунин асосҳо мумкин аст ҳам тибқи конвенсияҳои байналмилалӣ (масалан, Конвенсияҳои Ню-Йорк ва Панама) ва ҳам ҳуқуқи миллӣ муқаррар карда шаванд. Бояд қайд кард, ки муқаррароти Конвенсияи Ню-Йорк баъдан аз ҷониби Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ таҷдид гардид ва мувофиқан дар қонунгузории зиёда аз 40 кишваре, ки дар заминаи ЮНСИТРАЛ қонунҳои миллиро қабул кардаанд, аз

---

339Ниг.: Петров М.В. Институт оспаривания решений третейских судов. Роль норм АПК // Третейский суд. – 2004. – №3(33). – С.60.

340Ниг.: Андреева Т.К. Некоторые комментарии к Федеральному закону «О третейских судах в Российской Федерации» // Хозяйство и право. – 2003. – №1. – С. 25; Кудрявцева Е.В. Оспаривание решений третейских судов. – С. 168.

341Ниг.: Скворцов О.Ю. Третейское разбирательства предпринимательских споров в России. – М., 2006. – С.552-555; Кудрявцева Е.С. Оспаривание решений третейских судов. – С. 16.

ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ карда шуд.

Тибқи моддаи V. 1(а) Конвенсияи Ню-Йорк ва моддаи 5.1 (а) Конвенсияи Панама асоси аввалини бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ беэътибории созишномаи арбитражӣ мебошад, бинобар камбудиҳо дар худи созишнома ё имзои он аз ҷониби шахсе, ки чунин ваколатро надошт. Суди апеллясионии Флоренсия (Италия) тавзеҳот дар бораи он, ки «баррасии арбитражи эҳтимолӣ бояд дар Лондон тибқи қонунҳои Англия баргузор карда шавад»-ро дар мавриди эътирофи салоҳияти арбитрҳо нокифоя донист. Суд муайян кард, ки дар тавзеҳоти мазкур танҳо нияти ҷонибҳо дар хусуси ба арбитраж супоридани баҳсҳо ҳангоми аз ҷониби онҳо қабул гардидани созишномаи дувуми муфассалтар нишон дода шудааст. Дар ин асос, суд эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷиро аз рӯи парвандаи Eastern The Mediterranean Maritime Ltd. V. SpA Cerealtoscana аз соли 1988-ро рад намуд[342]. Аммо, ба назари мо, созишномаи арбитражии тарафҳо ба таври возеҳ интихоби ҷойи арбитраж (Лондон) ва ҳуқуқи мурофиавии (англисӣ)-ро дар бар мегирад ва аз ин рӯ, метавонист барои салоҳияти арбитрҳо асос шавад.

Ярков В.В. ҳамчун бекор намудани ҳалномаи арбитражии миллӣ асосҳо барои рад намудан дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷиро ба ду гурӯҳ ҷудо менамояд: бо ташаббуси тарафҳо ҳалшаванда ва бо ташаббуси суд ҳалшаванда. Ҳамчунин ӯ қайд менамояд, ки яке аз асосҳои дигари рад кардан дар эътироф ва иҷро ҳалномҳои арбитражии хориҷӣ ғайри қобили амал будани тарафҳои созишномаи арбитражӣ мебошад[343].

Соли 1997 Суди вилояти Маскав аз иҷрои ҳалномаи арбитражӣ аз рӯи парвандаи Sokofl Star Shipping Co. Inc. v. GPVO Technopromexport[344], ки дар Лондон ба нафъи даъвогар бароварда шуда буд, даст кашид. Ҷониби Россия дар бораи сабти ном нашудани даъвогарро ҳамчун шахси тиҷоратӣ дар феҳристи давлатии Панама далелҳо пешниҳод намуд. Аз ин рӯ, суд муайян

[342] Ниг.: Albert Jan van den Berg. Refusals of Enforcement under the New York Convention of 1958: the Unfortunate Few. – С.77.
[343] Ниг.: Комментарий к Закону Российской Федерации «О международном комменческом арбитраже»: постатейный. научно-практический / Под ред. А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. Мусина / сост. Г.В. Севастянов – СПб.: АНО “Редакция журнала “Третейский суд”, 2007. – С. 174.
[344] Ниг.: Albert Jan van den Berg. Асари зикр. – С. 92.

кард, ки даъвогар қобилияти ҳуқуқии имзо кардани созишномаи арбитражиро надошт ва дар натиҷа он боиси беэътибор шудани худи созишнома ва ҳам ҳалномаи арбитражӣ, ки дар асоси он бароварда шуда буд, гардидааст.

Мутобиқи моддаи V.1 (c) Конвенсияи Ню-Йорк; моддаи 5.1 (c) Конвенсияи Панама асоси дуюм бароварда шудани ҳалнома оид ба мавзуи баҳс, ки аз доираи созишномаи арбитражӣ берун мебарояд, мебошад. Доир ба масъалаи мазкур Ярков В.В. чунин андеша дорад, ки ҳангоми қабули ҳалномаи арбитражӣ берун баромадани суди арбитражӣ аз доираи созишномаи арбитражӣ мебошад[345].

Тавзеҳоти арбитражӣ ҳалли баҳсҳоро дар Малайзия пешбинӣ намуда, чунин муқаррар карда буд: «Ҳамаи баҳсҳо дар бораи сифат ва ҳолати каучук ё дигар баҳсҳое, ки аз муқаррароти ин шартнома бармеоянд, бо тартиби арбитражӣ ҳал карда мешаванд». Арбитрҳо дар бораи ситонидани маблағҳои пардохтнашуда бо сабаби накушодани аккредитив мутобиқи шартҳои шартнома ҳалнома қабул карданд. Тарафи мағлубшуда нисбати иҷрои ҳалнома шикоят карда, изҳор намудааст, ки созишномаи арбитражӣ танҳо баҳсҳо дар бораи сифат, андоза ва вазни маҳсулоти таъминшударо дар бар мегирад. Суди Олии Ҳонконг ин изҳоротро мадди назар карда, тавзеҳ додааст, ки ибораи «баҳсҳои дигаре, ки аз муқаррароти ин шартнома бармеоянд» бояд нисбати чунин унсури муҳимми ҳама гуна шартномаҳо, ба мисли пардохт татбиқ карда шавад. Аммо, Суди апеллятсионӣ ба хулосае омад, ки эътироф ва иҷрои ҳалномаи аризадиҳандаро рад кунад. Суди Апеллятсионӣ чунин шуморидааст, ки «муқаррароти шартнома» кушодани аккредитивро дар бар намегирад ва суди поёнӣ ҳуқуқ надошт, ки созишномаи арбитражии тарафҳоро «аз нав тағйир диҳад», то онро аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноктар кунад.

Аммо, қарори Суди Олии Ҳонконг ба назари мо дуруст менамояд, зеро

---

[345] Ниг.: Комментарий к Закону Российской Федерации «О международном комменческом арбитраже»: постатейный. научно-практический / Под ред. А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. Мусина / сост. Г.В. Севастӣянов. – СПб.: АНО "Редакция журнала "Третейский суд", 2007. – С. 178.

ибораи «баҳсҳои дигаре, ки аз муқаррароти ин шартнома бармеоянд» характери умумӣ дорад ва аз ин рӯ баҳсҳо оид ба пардохти молро низ дар бар мегирад. Ҳатто агар тафсилоти мушаххаси кушодани аккредитив аз ҷониби тарафҳо дар шартнома мувофиқа карда нашуда бошад ҳам, ҳисоббаробаркуниҳо тавассути аккредитив ба шартҳои он дохил карда шуда буданд. Аз ин рӯ, баҳс дар бораи вайрон кардани шартҳои пардохт мавзуи танзими тавзеҳоти арбитражӣ қарор мегирифт.

Мисоли дигар ҳолати эътироф ва иҷрои ҳалномаи Институти арбитражии Палатаи савдои Стокҳолм аз 15 июни соли 1990 аз рӯи даъвои «Кваттроҷемия» нисбати «Нева Чупа-Чупс» дар қаламрави Федератсияи Россия мебошад[346]. Суди арбитражӣ аз ҷавобгар маблағҳои зиёдгардидани андоз аз арзиши иловашуда ва андози махсусро, ки ӯ ҳангоми ҳисоб кардани корҳои тибқи шартнома пардохтааш пардохт накардааст, ситонидааст. Ҳангоми эътироз овардан ба дархости даъвогар дар бораи иҷрои ҳалномаи арбитражӣ, ҷавобгар изҳор дошт, ки ҳалномаи аз рӯи баҳсе қабул шудааст, ки ба шартномаи арбитражӣ мансуб намебошад. Суд бо изҳороти ҷавобгар розӣ нашуда, иброз намуд, ки арбитрҳо баҳсеро баррасӣ намуданд, ки аз муносибатҳои маданӣ (уҳдадорӣ), на ин ки муносибатҳои ҳуқуқии андозӣ бармеомад. Аз ин рӯ, ин баҳс метавонад тибқи қонунгузории Федератсияи Россия мавзуи баррасии арбитражӣ бошад (Таъйиноти Суди Олии Федератсияи Россия аз рӯи парвандаи 78–Г 99-75).

Дар асоси моддаи V. 1(d) Конвенсияи Ню-Йорк, моддаи 5.1 (d) Конвенсияи Панама асоси сеюми рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ номутобиқатии ҳайати арбитраж ва ё мурофиаи арбитражӣ ба созишномаи тарафҳо мебошад. Ҳалнома аз рӯи баҳс байни ҷониби Финландия ва корхонаи давлатии Туркияро суди арбитражии Сюрих (Швейтсария) қабул намуд. Дар тавзеҳоти арбитражӣ пешбинӣ шуда буд, ки баррасии арбитражӣ бояд мутобиқи шартҳои шартнома ва қонунгузории

[346] Ниг.: Романенков Н.С. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации: Тез. докл. Конференция «Новое в арбитражном законодательстве, регламентах и практике в Москве и Стокгольме». – М, 2000. – С. 6.

амалкунандаи Туркия гузаронида мешавад. Ҷониби Туркия исрор менамуд, ки қонунҳои Туркия бояд ҳамчун қонуни моддӣ ва мурофиавӣ истифода карда шаванд. Аммо, арбитрҳо ба хулоса омаданд, ки тарафҳо танҳо оид ба татбиқи қонуни моддии Туркия розӣ шудаанд ва ба сифати асосҳои ҳуқуқии мурофиавӣ қонунҳои маҳалли мурофиа – Швейтсария бояд татбиқ карда шаванд. Суди зинаи якум ва Суди Апеллятсионии Туркия бо чунин хулосаҳои арбитрҳо розӣ нашуда, эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражиро рад карданд.

Мо бо қарори арбитрҳо розӣ ҳастем, зеро матни тавзеҳоти арбитражӣ муқаррароти шартнома ва қонунҳои Туркияро ба сифати асос барои ҳалли баҳс дар як сатҳ қарор медиҳад. Азбаски муқаррароти шартнома моҳияти моддӣ–ҳуқуқӣ дорад, метавон гуфт, ки тарафҳо ҳамчунин қоидаҳои моддии қонунҳои Швейтсарияро дар назар доштаанд. Масъалаҳои мурофиавӣ бояд дар асоси қонуни кишвари ҷои баррасии арбитражӣ ҳал карда шаванд.

Бо қонунгузории миллӣ мумкин аст асосҳои дигари рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ муқаррар карда шаванд. Ба гурӯҳи чунин асосҳо, Қонуни Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ, аз ҷумла қабули ҳалнома дар асоси ҳуҷҷатҳои баъдтар қалбакӣ эътирофшуда; қабули ҳалномаро дар робита ба молумулки ғайриманқули дар Эрон воқеъгардида, ки хилофи қонунгузории Эрон ва ё ҳуҷҷатҳои воқеии ба таври нотариалӣ тасдиқшуда мебошад, дохил мекунад[347]. Дар Чин эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ мумкин аст рад карда шавад, агар молумулки қарздори иҷрои ҳалнома дар ин кишвар вуҷуд надошта бошад. Тоҷикистон низ дар ин масъала истисно дорад. Ҳангоми ба имзо расонидани конвенсияи Ню-Йорк Тоҷикистон тавзеҳ дод, ки ҳалномаҳоро дар робита ба молумулки ғайриманқул эътироф ва иҷро намекунад.

Ба гурӯҳи дуюми асосҳои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражии хориҷӣ асосҳоеро мансуб медонанд, ки суд бо ташаббуси худ

---

[347] Ниг.: Hamid G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UNCITRAL Model Law a L Iranienne. – С. 92.

мутобиқи қонунгузории миллии худ муқаррар кардааст. Маришева Н.И. ба гурӯҳи дуюми асосҳои рад намудани эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитрадӣ диққат дода зикр менамояд, ки «салоҳияти истисноӣ аз ҷониби давлатҳо вобаста ба хоҳиши дар доираи салоҳияти судҳои худ вогузор кардани танҳо парвандаҳое муқаррар карда мешавад, ки ба ин ё он тарз ба вазъи шахсии шаҳрвандони онҳо, ба манфиатҳои оммавӣ дахл доранд, инчунин парвандаҳои марбут ба объектҳое, ки ба ҳудуди он дахл доранд, ки ба назораташон давлат манфиатдор аст»[348]. Пеш аз ҳама, муносибати байни манфиатҳои оммавӣ ва хусусӣ, маҳдудияти дахолати давлат ва низоми судии он ба муносибатҳои байни шахсони алоҳидаи мамлакатҳои гуногун, имконияти ба ҳам пайвастани принсипи мустақилияти иродаи тарафҳо бо меъёрҳои ҳатмии қонунгузории миллӣ ва иҷозати татбиқи қонунҳои хориҷӣ дар қаламрави давлати дигар мебошад[349]. Асосҳои мазкур ҳолатҳои зеринро дар бар мегиранд: объекти баҳс наметавонад мавзуи баррасии арбитражӣ бошад; эътироф ва иҷрои ин ҳалнома хилофи тартиботи оммавии кишваре мебошад, ки онҳо дар он дархост карда мешаванд (моддаи V.2 Конвенсияи Ню-Йорк, моддаи 5.2 Конвенсияи Панама). Категорияи тартиботи оммавӣ як ниҳоди аз ҷониби умум эътирофшуда буда, айни замон дар доктрина ва таҷрибаи судии бисёр кишварҳо ниҳоят норавшан ба назар мерасад, гарчанде ки ин категорияи ҳуқуқӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ муддати тӯлонӣ маълум буд[350] ва дар қонунгузории бисёр мамлакатҳо, ҳамчунин дар шартномаҳои байналмилалӣ қайд карда шудааст.

Доираи баҳсҳое, ки баррасии онҳо бо роҳи арбитражӣ имконпазир аст,

---

[348] Ниг.: Марышева Н.И. Вопросы признания и исполнения в России решений иностранных судов // Журнал российского права. // Система ГАРАНТ. 2007. – 2006.– №8. – С. 168.

[349]Ниг.: Карабельников Б.Р. Проблема публичного порядка при приведении в исполнение решений международных коммерческих арбитражей // Журнал российского права. - М.: Норма, 2001, № 8. - С. 101-111.

[350] Ниг.: Брун М.И. Очерки истории конфликтного права. – М., 1915. – С. 51; Лунц Л.А. Курс международного частного права. Общая часть. – М.: Юрид. лит., 1973. – С. 305-324; Подробнее см.: Бободжонзода И.Х. Понятие публичного порядка в правовой системе Республики Таджикистан. Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития. VII Международная научно-практическая конференция посвященная 25-летие Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019г.) Ежегодный сборник докладов. Душанбе, 2019. С. 236-245. Менглиев Ш.М. Международное частное право. 4.1. – Душанбе: Деваштич, 2002. – С. 222-232;

тибқи қонун муайян карда шудааст ва онҳоро бо созишномаи тарафҳо тағйир додан мумкин нест. Бояд қайд кард, ки сарфи назар аз мансубияти арбитражии баҳс, тибқи қонуни интихобкардаи тарафҳо дар иҷрои ҳалномаи арбитражӣ бо сабаби ғайриарбитражӣ будани баҳс дар кишваре, ки иҷрои он дархост шудааст, мумкин аст, рад карда шавад.

Мавридҳои даст кашидан аз эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ бо сабаби мухолифати он бо тартиботи оммавӣ кам ба назар мерасад. Сабаб дар он аст, ки ҳалнома бояд бо асосҳои тартиботи ҳуқуқии давлат мухолифати ҷиддӣ дошта бошад. Парвандаи соли 1985 COSID Inc. v. Steel Authority of India Ltd[351]. мисоли ин гуфта шуда метавонад, ки аз рӯи он ҳалнома дар шаҳри Лондон қабул карда шудааст. Суди Олии шаҳри Деҳлӣ (Ҳиндустон) эътироф ва иҷрои ҳалномаро рад кард, зеро арбитрҳо истиноди ҷониби ҳиндустониро ба ҳолатҳои форс-мажорӣ дар шакли ҷорӣ гардидани маҳдудиятҳои содиротӣ ба назар нагирифта буданд.

Ҳолатҳои на он қадар ҷиддие, ки ба сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ ва ё тиҷоратӣ таъсир намерасонанд, наметавонанд барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалнома асос шаванд. Ҳамин тавр, Суди шаҳри Маскав дар соли 1995 ба истиноди ҷавобгар дар бораи он, ки аз ҷониби арбитрҳо таъйин намудани пардохтҳо бо асъори хориҷӣ ба манфиатҳои сиёсати давлатии ФР мухолифат мекунанд, асоснок розӣ нашуд[352].

Ҳамин тариқ, маъмулияти аз ҷониби судҳои давлатҳои гуногун истифода шудани категорияи дуюми асосҳои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ аз ҳолатҳои зерин вобастагӣ дорад. Якум, мувофиқати қонунгузории миллӣ бо қоидаҳои унификатсияшудаи ягонаи мансубияти арбитражии баҳс ҳолати муҳим мебошад. Дуюм, муайян кардани ҳолати то чӣ андоза тафсир шудани мафҳуми тартиботи оммавӣ дар қонунгузории мушаххас муҳим арзёбӣ када мешавад.

Дар мавриди Ҷумҳурии Тоҷикистон, бекор кардани ҳалномаи арбитражӣ

---

[351] Ниг.: Albert van den Berg. Refusals of Enforcement under the New York Convention of 1958: the Unfortunate Few. – С. 86.

[352] Ниг.: Пер Руneланд и Килпатрик Стоктон. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации. – С. 8.

аз ҷониби суди иқтисодӣ боиси рад кардани эътироф ва иҷрои он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад. Ҳамин тариқ, тафсири маҳдуди муқаррароти дар моддаи V.l(e) Конвенсияи Ню-Йорк, ки аз лиҳози мазмун ба моддаи IX.1 Конвенсияи Женева наздик мебошад, мавҷуд мебошад.

Истифодаи ибораҳои мавҷудаи моддаи IX Конвенсияи Женева соли 1979 аз ҷониби котиботи ЮНСИТРАЛ ҳангоми омодасозии Қонуни намунавӣ пешниҳод шуда буд. Дар баробари ин, зарурати муқаррар намудани стандартҳои ягонаи рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ қайд карда шуда буд. Мавҷудияти стандартҳои мухталиф дар қонунгузории миллии кишварҳои гуногун дар айни замон боиси нигаронии ҷомеаи арбитражии байналмилалӣ мегардад. Бо мақсади ислоҳи вазъ, пешниҳодҳои мухталиф, аз ҷумла ворид кардани тағйирот ба матни Конвенсияи Ню-Йорк, қабули конвенсияи нав, ҳатто таъсиси судҳои махсус бо салоҳияти истиснoии бекор кардан ё рад кардани иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ таклиф мешаванд[353].

Ба назари мо, муқаррар кардани стандартҳои «ҷаҳонӣ» оид ба рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражӣ, амалан, ғайриимкон мебошад. Сарфи назар аз он, ки Конвенсияи Ню-Йорк зиёда аз 140 узв дорад[354], чандин кишварҳое мавҷуданд, ки дар онҳо Конвенсияи мазкур эътироф карда нашудааст. Мувофиқан, асосҳо барои рад кардани эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ бо қонунҳо ва амалияи миллӣ муқаррар карда шуда истодаанд.

Ҳамин тавр, ҷонибҳои шартнома бояд ҳангоми таҳияи созишномаи арбитражӣ ба он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд. Аз ҷумла, қонунҳои моддӣ ва мурофиавие, ки тарафҳо интихоб кардаанд, бевосита ба имкони бекор кардани ҳалнома дар сурати ба муқаррароти қонунгузории кишвари иҷрои ҳалномаи арбитражӣ мувофиқат накардан, таъсир мерасонад. Ҳамин тариқ, натиҷаи ниҳоии баррасии баҳсҳо дар судҳои арбитражии байналмилалии

---

[353] Ниг.: Jan Paulsson. Enforcing Arbitral Awards Notwithstanding a Local Standard Annulment// ICC International Court of Arbitration Bulletin. May 1998. – С. 29.
[354] Ниг.: Jan Paulsson. Асари зикр. – С. 4-5.

тиҷоратӣ бевосита аз шартҳои созишномаи арбитражии тарафҳо вобаста мебошад.

## ХУЛОСА

Таҳқиқи масъалаи таъсири созишномаи арбитражӣ ба ҳалли баҳсҳо дар судҳои арбитражии байналмилалии тиҷоратӣ ба мо имкон дод, ки хулосаҳои зеринро барорем.

1. Асоснок карда шудааст, ки созишномаи арбитражӣ ягона асоси ҳуқуқии баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо дар арбитражи байналмилалӣ мебошад. Бе созишномаи арбитражӣ парвандаи арбитражӣ кушода ва мурофиаи арбитражӣ гузаронида намешавад. Эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитраж низ ба созишномаи арбитражӣ алоқамандии зич дорад **[5-М]**.

2. Муайян карда шудааст, ки унсурҳои асосии созишномаи арбитражӣ дорои аломатҳои зерин мебошанд:

1). Унсурҳои ҳатмӣ: интихоби институти арбитражӣ ё муроҷиат ба дастури он; ҷойи арбитраж; шумораи арбитрҳо; ҳуқуқи татбиқшаванда; қатъӣ будани ҳалномаи арбитражӣ.

2). Унсурҳои иловагӣ: тахассус ва шаҳрвандии арбитрҳо; таъмини махфияти муҳокима; в) муҳлатҳои тезондашудаи ҳалли баҳсҳо ва ғайра **[6-М]**.

3. Хулоса карда мешавад, ки талаботи забони арбитраж яке аз масъалаҳои асосии созишнома ва мурофиаи арбитражӣ мебошад. Дар ҳолатҳое, ки тарафҳо дар муқаррароти созишномаи арбитражӣ унсури забони арбитражиро пешбинӣ накарда бошанд, забони арбитраж аз ҷониби ҳайати арбитраж бо салоҳдиди худ ё тибқи муқаррароти дастури арбитраж муайян карда мешавад. Дар ин маврид, чунин муқаррарот дар арбитраж ба манфиати тарафҳо нест ва метавонад мушкилоти номуайянеро ба вуҷуд орад (даъвати тарҷумон, афзоиши хароҷоти арбитражӣ ва ғ.) **[4-М]**.

4. Қайд карда мешавад, ки ҷойи баргузории арбитраж ва ҷойи маҷлиси он гуногун аст. Ҷойи арбитраж ҷойест, ки арбитраж ҷойгир аст ё суроғаи он тибқи дастури арбитраж муайян карда мешавад. Ҷойи баргузории маҷлисҳои арбитражӣ (муҳокима) ҷойест, ки арбитраж баҳсро баррасӣ мекунад ва ин ҷой бо созиши тарафҳо ё арбитраж муқаррар карда мешавад. Пешниҳоди шикоят аз болои ҳалномаи арбитражӣ ва иҷрои он аз дуруст муайян кардани

маҳалли арбитраж вобаста аст. Яъне на макони маҷлиси арбитражӣ (муҳокима), балки маҳалли ҷойгиршавии арбитраж аҳаммияти ҳуқуқӣ дорад **[1-М]**.

5. Таҳлили таҷрибаи арбитражӣ нишон медиҳад, ки бино бар муроҷиатҳои гуногун шумораи арбитрҳо ва тартиби таъйини онҳо аз ҷониби тарафҳо бояд ин масъаларо дар созишномаи арбитражӣ пешбинӣ намояд, зеро сарфи назар аз вазъияти норозигии тарафҳои мухолиф, ягона тараф аз ҳуқуқи интихоби арбитр маҳрум намекунад **[5-М]**.

6. Пешниҳод карда мешавад, ки бинобар ба вуҷуд омадани вазъи эпидемиологӣ дар ҷаҳон, аз қабили пандемияи COVID-19, ҷаласаҳои арбитрҳо оид ба моҳияти баҳс метавон ҳамчун истисно аз қоидаҳои умумӣ тавассути истифодаи видеоконфронсҳо анҷом дода шавад. Дар чунин ҳолатҳо, шартҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- ризояти ҳайати арбитраж;
- иштироки арбитрҳо дар муҳокима ва омода намудани ҳалномаҳо;
- мавҷудияти воситаҳои техникии видеоконфронс;
- ризояти тарафҳо оид ба истифодаи воситаҳои техникии видеоконфронс дар арбитраж;
- истифодаи тартиби "виртуалӣ" барои баргузории маҷлисҳо ва қабули ҳалномаҳо аз ҷониби тарафҳо ё арбитрҳо ба таври лозима сДар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ  шуда бошад;
- таъмини махфияти муҳокимаи арбитражӣ **[6-М]**.

7. Тасдиқ карда мешавад, ки ҳуқуқи татбиқшаванда дар мазмуни созишномаи арбитражӣ қисми шартнома мебошад. Агар шартнома беэътибор дониста шавад ё баста нашуда бошад ё бекор карда шавад, тавзеҳоти арбитражӣ эътибори худро гум намекунад **[2-М]**.

8. Пешниҳод карда мешавад, ки дар уҳдадорӣ ҳангоми тағйир ёфтани тарафҳои созишномаи арбитражӣ шахсон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд: тағйир ёфтани тарафҳои шартнома; меросхӯр (меросхӯрҳо) ё ворисони ҳуқуқӣ; тағйири тарафҳо дар уҳдадориҳое, ки он аз ҷониби воҳиди

алоҳидаи сохтории шахси ҳуқуқӣ кабул шудааст **[5-М]**.

9. хулоса кардан мумкин аст, ки боэътибории созишномаи арбитражӣ аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад, аз ҷумла: а) созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад; б) созишномаи арбитражӣ аз ҷониби тарафҳои баҳс бо ифодаи иродаи озоди онҳо асос гардида бошад, яъне созишномаи арбитражӣ бидуни гумроҳӣ, фиреб, зӯроварӣ, таҳдид ва ё иръоб (ба воҳима андохтан) баста шуда бошад; в) тарафҳои созишномаи арбитражӣ қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ дошта бошанд; г) созишномаи арбитражӣ бо риояи муқаррароти қонун баста шуда бошад; д) созишномаи арбитражӣ дар худ тамоми шартҳои муҳимми нисбати созишномаи арбитражӣ муқаррарнамударо инъикос карда бошад, аз ҷумла, дар он бараъло инъикос наёфтани нияти ба арбитражи тиҷоратӣ супурдани баҳс ҷиҳати баррасӣ; е) ба меъёрҳои императивии қонунгузории нисбати арбитражи тиҷоратӣ татбиқшаванда мухолифат надошта бошад; ё) созишномаи арбитражӣ оид ба масъалаҳое баста шуда бошад, ки мавзуи муҳокимаи арбитражи тичоратӣ шуда тавонад. Таҳлил шудааст, ки қисми моддии эътибoрнокии созишномаи арбитражӣ тарафҳоро аз рӯи омилҳои зерин тақсим карда мешаванд: Якум, мушкилоти марбут ба масъалаҳои ҳуқуқи шартномавӣ вуҷуд дорад. Худи созишномаи арбитражӣ низ шартнома буда, ба он принсипҳои умумии эътибoрнокии шартномаҳо низ паҳн мегардад. Ин асосҳо дар созишномаи арбитражӣ муҳим мебошанд, агар дар он унсури хориҷӣ мавҷуд бошад. Дуюм, асосҳои қобилияти ҳуқуқдории тарафҳои созишномаи арбитражӣ, яъне «ҳуқуқи тобеятии субъективӣ», маҷмуи категорияҳое, ки бо ифодаи ихтиёрии ирода, ба ибораи дигар, нуқси ирода (маҷбуркунӣ, гумроҳӣ, хатогӣ ва ғ.) алоқаманданд. Сеюм, ин имкони баррасии баҳс ҳамчун субъекти ба истилоҳ «салоҳияти воқеии арбитражӣ» мебошад. Эътибoрнокии расмии созишномаи арбитражӣ дар шакли бастани он ифода мешавад: хаттӣ ё электронӣ **[3-М]**.

10. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар асоси созишномаи арбитражӣ, конунгузории байналмилалӣ ва миллӣ судҳои иқтисодӣ ду вазифаро иҷро мекунанд: назоратӣ ва ёрирасон. Вазифаи назоратии судҳои иқтисодӣ аз он

иборат аст, ки онҳо иҷрои ҳалномаи арбитражиро таъмин намуда, ҳуқуқ доранд ба баррасии парвандаҳои арбитражӣ дахолат кунанд **[7-М]**. Чунин вазифаҳоро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусияти байналмилалӣ ё миллӣ ва таҷрибаи арбитражӣ пешбинӣ мекунанд. Вазифаи ёрирасонии судҳои иқтисодӣ аз расонидани кумак ба арбитраж дар баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои арбитражӣ иборат аст **[8-М]**.

Муаллиф дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот чандин тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмили қонунгузории ҶТ ва арбитраж пешниҳод кардааст.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф тавсияҳои амалии зерин пешниҳод мешаванд:

**1.** Боби 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2015 “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«БОБИ 3. СОЗИШИНОМАИ АРБИТРАЖӢ**

**Моддаи 11. Мафҳум ва шакли созишномаи арбитражӣ**

1. Созишномаи арбитражӣ – ин созишномаи тарафи оид ба супоридани ҳамаи баҳсҳо ё баҳсҳои муайян ба арбитраж, ки байни онҳо вобаста ба ягон муносибатҳои ҳуқуқии мушаххас ба вуҷуд омадаанд ё метавонанд ба вуҷуд оянд, новобаста аз он, ки хусусияти шартномавӣ доранд ё не. Созишномаи арбитражӣ метавонад дар намуди тавзеҳоти арбитражӣ дар шартнома ё дар намуди созишномаи алоҳида баста шавад.

1. Созишномаи арбитражӣ дар шакли хаттӣ баста мешавад. Созишнома дар шакли хаттӣ басташуда ҳисобида мешавад, агар он дар ҳуҷҷатҳо мавҷуд бошад, аз ҷониби тарафҳо имзо шуда бошад, ё дар мубодилаи мактубҳо, иттилоотҳо тавассути телекс, телеграф ё бо истифодаи дигар воситаҳои алоқа, ки бақайдгирии чунин созишномаро таъмин менамояд ва ё ин ки тавассути мубодилаи аризаи даъвогӣ ва норозигиҳо, ки дар он яке аз тарафҳо оиди ба мавҷудияти созишнома истинод менамояд ва тарафи дигар онро рад накардааст, ҳисобида мешавад. Истинод дар шартнома ба ҳуҷҷате, ки тавзеҳоти арбитражиро дорад, ба шарте созишномаи арбитражӣ ба ҳисоб меравад, ки шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда бошад ва истиноди мазкур чунин аст, ки тавзеҳоти зикргардидаро қисми таркибии шартнома кунад.

**Моддаи 12. Созишномаи арбитражӣ ва муроҷиат ба суд оид ба моҳияти баҳс**

1. Суде, ки ба он даъво вобаста ба масъалае, ки предмети созишномаи

арбитражӣ мебошад, дода шудааст, агар кадоме аз тарафҳо дар ин бора на дертар аз пешниҳоди аризаи аввалаи худ вобаста ба моҳияти баҳс хоҳиш карда бошад, бояд тарафҳоро ба арбитраж равон намояд, агар муқаррар накарда бошад, ки ин созишнома эътибор надорад, эътибори худро гум кардааст ва ё иҷро карда намешавад.

2. Дар мавриди пешниҳоди аризаи даъвогие, ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, мумкин аст, бо вуҷуди ин муҳокимаи арбитражӣ оғоз шавад ё давом дода шавад ва ҳалномаи арбитражӣ қабул карда шавад, то лаҳзае, ки масъала дар истеҳсолоти судӣ қарор дорад.

**Моддаи 13. Созишномаи арбитражӣ ва чораҳои таъминкунандаи судӣ**

Муроҷиати тарафҳо ба суд то ва ё дар давраи муҳокимаи абритражӣ бо хоҳиш оид ба андешидани чораҳои таъминкунӣ ва қабули қарор аз ҷониби суд оид ба андешидани чунин чораҳо бо созишномаи арбитражӣ номутобиқ намебошад.» **[6-М]**.

**2.** Моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байнамилалии тиҷоратӣ”

“**Моддаи 28. Забони баррасии арбитражӣ**

1. Тарафҳо метавонанд оид ба забон ё забонҳое, ки дар ҷараёни баррасии арбитражӣ истифода мешаванд, дар созишномаи арбитражӣ пешбинӣ намоянд. Ҳангоми дар созишномаи арбитражӣ мавҷуд набудани чунин муқаррарот, тарафҳо метавонанд, забони мурофиаи арбитражиро то оғози муҳокима муайян намоянд. Дар сурати ба созиш наомадани тарафҳо оид ба забони мурофиаи арбитражӣ забони мурофиаро ҳайати арбитраж муайян менамояд. Чунин намуди созиш ё муайянкунӣ, агар дар онҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, нисбати ҳама гуна муроҷиати хаттии тарафҳо, ҳама гуна баррасии парванда ва ҳалномаи арбитражӣ, қарор ва ё дигар хабари арбитраж дахл дорад.

2. Арбитраж метавонад қарор қабул намояд, ки ҳама гуна далелҳои ҳуҷҷатӣ бо тарҷума ба забон ё забонҳое, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба мувофиқа расидаанд ё аз ҷониби арбитраж муайян гардидаанд, пешниҳод

карда шаванд” **[4-М]**.

**3.** Дар номи боби 28 ва матни моддаҳои боби мазкури Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, калимаҳои «арбитражи хориҷӣ» ба калимаҳои «арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ» иваз карда шавад **[7-М]**.

**4.** Ба қисми 1 моддаи $126^1$ Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сархати дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“- ариза наметавонад тибқи тартиби мурофиаи судии иқтисодӣ баррасӣ ва ҳал гардад, агар оид ба ин масъала созишномаи арбитражӣ мавҷуд бошад;

Дар сархатти чоруми қисми 1 моддаи моддаи $126^1$ пас аз ибораи “суди ҳакамӣ” ибораи “ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” илова карда шавад;

Дар сархати сеюми моддаи 149 Кодекси мазкур пас аз ибораи “суди ҳакамӣ” ибораи “ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” илова карда шавад **[8-М]**;

**5.** Моддаи $213^1$ Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мазмуни зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи $213^1$ Асосҳои рад кардани эътироф ё мавриди иҷро қарор додани ҳалномаи арбитражӣ**

1. Эътироф намудан ё мавриди иҷро қарор додани ҳалномаи арбитражӣ метавонад рад карда шавад, танҳо:

- бо хоҳиши тарафе, ки ҳалнома муқобили он равона гардидааст, агар ин тараф ба суди босалоҳият, ки дар он эътироф ё мавриди иҷро қарор додани ҳалномаи арбитражӣ баррасӣ мешавад, далелҳои зеринро пешниҳод намояд, ки дар он:

а) яке аз тарафҳои дар созишномаи арбитражии дар қонунгузорӣ зикргардида, ба як андозае ғайри қобили амал буд ё ин созишнома тибқи қонунгузори беэътибор аст, ки тарафҳо ба он тобеъ мебошанд ва дар набудани чунин маънидодкунии мувофиқи қонунгузории давлате, ки ҳалнома дар он ҷо қабул гардидааст, баровარданд шудааст; ё

б) тарафе, ки ба муқобили вай ҳалномаи арбитражӣ татбиқ мешавад, бо

таври дахлдор оид ба таъйини арбитр ё баррасии арбитражӣ огоҳ нашудааст ё вобаста ба дигар сабабҳо натавонистааст далелҳо пешниҳод намояд; ё

в) ҳалномаи арбитражӣ оиди баҳсе бароварда шудааст, ки таҳти ҳалл намудани арбитражӣ пешнибинӣ нашудааст, ё таҳти шартҳо ба суди арбитражӣ муроҷиат намудан қарор намегирад ё ин ки муқарраротеро дар бар мегирад, ки масъалаҳои он аз доираи татбиқи созишномаи арбитражӣ берун мебарояд, ба шарте ки масъалаҳои гузошташудае, ки дар арбитраж мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, метавонад аз онҳое, ки ба арбитраж тааллуқ надорад ҷудо карда шаванд, пас метавонад танҳо он қисмати ҳалномаи арбитражӣ бекор карда мешавад, ки масъалаҳои гузошташуда дар арбитраж мавриди баррасӣ қарор дода намешавад; ё

г) ҳайати арбитраж ва ё расмиёти арбитражӣ ба созиши тарафҳо мувофиқат накунад, агар чунин созиш ба ҳамаи муқаррароти Қонуни мазкур мухолиф намекунад, ки тарафҳо наметавонанд даст кашанд ё дар набудани чунин созишнома ба Қонуни мазкур мутобиқ намебошанд;

д) ҳалномаи арбитражӣ ҳоло барои тарафҳо ҳатмӣ нагаштааст ё бекор гардидааст ё ин ки иҷрои он аз ҷониби суди кишваре, ки тибқи қонуни он ҳалномаи арбитражӣ баровардa шудааст, боздошта шуда бошад;

- ё агар суд муайян намояд, ки:

а) предмети баҳс наметавонад мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасии арбитражӣ қарор гирад;

б) эътироф ва иҷрои ҳалномаи арбитражӣ ба тартиботи оммавии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд.

2. Агар ба суд дархост оид ба бекор кардан ё боздоштани иҷрои ҳалномаи арбитражӣ изҳор гардида бошад, ва суде, ки дар он эътироф ё иҷрои ҳалномаи арбитражӣ пурсида мешавад, метавонад агар сурати зарур шуморидани қабул кардани ҳалномаи худро мавқуф гузорад ва ҳамчунин метавонад бо дархости ҳамон тарафе, ки оид ба эътироф ва ба иҷро расонидани он хоҳиш намудааст, ба тарафи дигар уҳдадор аст, ки таъминоти дахлдорро пешниҳод намояд» **[8-М]**.

**6.** Ба қисми 2 моддаи 137 Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, сархатти дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

“- ариза наметавонад тибқи тартиби мурофиаи судии гражданӣ баррасӣ ва ҳал гардад, агар оид ба ин масъала созишномаи арбитражӣ мавҷуд бошад;

Дар сархатти чоруми қисми 1 моддаи моддаи $126^1$ пас аз ибораи “суди ҳакамӣ” ибораи “ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” илова карда шавад;

Дар сархатти панҷуми моддаи 225 Кодекси мазкур пас аз ибораи “суди ҳакамӣ” ибораи “ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ” илова карда шавад **[7-М]**;

**7.** Моддаи 24 Дастури Арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2016 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**“Моддаи 28. Забони баррасии арбитражӣ**

1. Тарафҳо метавонанд оид ба забон ё забонҳое, ки дар ҷараёни баррасии арбитражӣ истифода мешаванд, дар созишномаи арбитражӣ пешбинӣ намоянд. Ҳангоми дар созишномаи арбитражӣ мавҷуд набудани чунин муқаррарот, тарафҳо метавонанд, забони мурофиави арбитражиро то оғоз муҳокимаи арбитражӣ муайян намоянд. Дар сурати ба созиш наомадани тарафҳо оид ба забони мурофиаи арбитражӣ забони мурофиаро ҳайати арбитраж муайян менамояд. Чунин намуди созиш ё муайянкунӣ, агар дар онҳо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, нисбати ҳама гуна муроҷиати хаттии тарафҳо, ҳама гуна баррасии парванда ва ҳалномаи арбитражӣ, қарор ва ё дигар хабари арбитраж дахл дорад.

2. Арбитраж метавонад қарор қабул намояд, ки ҳама гуна далелҳои ҳуҷҷатӣ бо тарҷума ба забон ё забонҳое, ки тарафҳо вобаста ба онҳо ба мувофиқа расидаанд ё аз ҷониби арбитраж муайян гардидаанд, пешниҳод карда шаванд.” **[6-М]**.

**8.** Дар донишгоҳҳо ва донишкадаҳои Тоҷикистон барои омӯзиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба арбитраж, дастури арбитраж, санадҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама Конвенсияи Ню-Йорк аз 10 июни соли 1958, Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ “Дар бораи арбитраж байналмилалии

тиҷоратӣ” аз 21 июни  соли 1985 ва 7 июли соли 2006 фанни алоҳида ҷорӣ карда шавад.

**9.** Бо иштироки судяҳои судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, адвокатҳо, ҳуқуқшиносони корхонаҳою ташкилотҳо, соҳибкорон дар алоҳидагӣ ё ҳам дар якҷоягӣ гузаронидани конфронсҳо, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва ҷамъовмадҳо ба нақша гирифта шавад.

**10.** Бо мақсади ба санадҳои байналмилалӣ оид ба арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мувофиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ  ва таъмини иҷрои сархатти шашуми банди 54  Консепсияи сиёсати хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ карда шудааст, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ  ” 18 марти соли 2015  дар таҳрири нав таҳия карда шавад.

**11.** Олимони ватанӣ оид ба гузаронидани таҳқиқоти илмӣ, нашри монографияҳо, васоитҳои таълимӣ, навиштани мақолаҳои илмӣ ҷалб карда шавад.

**12.** Кушодани курсҳои махсус оид ба омӯзиш ва омода намудани арбитрҳо барои баррасии баҳсҳои арбитражӣ ва таъмини таҷрибаомӯзии онҳо дар арбитражҳои байналмилалии тиҷоратии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ.

# РУЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 40 с.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. – 501 с.;
3. Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, № 340 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 22.04.2021).
4. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008, № 341 // Маҳзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 21.05.2021).
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми I) аз 30 июни соли 1999, №803 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/802_tj_0.doc (санаи мурочиат: 21.01.2020).
6. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми II) аз 11 декабри соли 1999, № 885 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 11.02.2020).
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми III) аз 1 марти соли 2005, №84 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 18.03.2020).
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» аз 5 октябри соли 2009, таҳти №553 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1183_tj.doc (санаи мурочиат: 23.04.2021).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арбитражи

байналмилалии тиҷоратӣ» аз 18 майи соли 2015, таҳти №1183 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1183_tj.doc (санаи муроҷиат: 23.04.2021).

10. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, таҳти №1005. – Душанбе, 2018. – 57 с.

11. Дастури Арбитражи Байналмилалии Тиҷоратии назди Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Президиуми Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2016 тасдиқ карда шудааст. (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) – Душанбе, 2019. – 95 с.

12. Конвенция о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (Ню-Йорк, 1958 г.). Международный коммерческий арбитраж: нормативно-правовые акты. – Душанбе, 2019. – С. 97-104.

13. Конвенция о разрешении арбитражным путем гражданско–правовых споров, вытекающих из отношений экономического и научно–технического сотрудничества 1972 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1973. – № 18. – Ст. 227.

14. Конвенция Организации Объединенных Наций о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (заключена в г. Нью-Йорке в 1958 г.) – Вестник ВАС РФ. – N 8. – 1993. – Ст. V (1) (a).

15. Арбитражный Процессуальный Кодекс Российской Федерации. – Российская Газета от 27 июля 2002 г. – С. 7-15.

16. Гражданский Кодекс провинции Квебек // Цит, по: В.П.Звеков. Международное частное право. Курс лекций. – М.: Норма, 1999. – С. 146.

17. Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть III. – М., 2001. – 48 с.

18. Гражданский Кодекс Швейцарии // Цит. по: LCIA Newsletter. 1999. – Vol.4, Issue 2. – С. 6–7.

19. Европейская Конвенция о внешнеторговом арбитраже 1961 г. // Ведомости Верховного Совета СССР. – 1964. – №44. – Ст. 485.

20. Европейская конвенция о внешнеторговом арбитраже, Женева

(Вместе с «Составом и характером деятельности специального комитета, указанного в статье IV Конвенции», «Списком торговых палат и других органов, препровожденным генеральному секретарю в соответствии с пунктом 6 статьи X»), 21.04.1961, СПС «Консультант Плюс», по состоянию на 20.10.2020).

21. Европейской конвенции о внешнеторговом арбитраже от 21 апреля 1961 года (заключена в Женеве 21.04.1961), СПС «Консультант плюс» », по состоянию на 20.10.2020).

22. Закон Российской Федерации «О международном коммерческом арбитраже» от 7 июля 1993 г. // Ведомости Съезда народных депутатов Российской Федерации и Верховного Совета Российской Федерации. – 1993. – №32. – Ст. 1240.

23. Закон РФ «Об электронно–цифровых подписях» от 10.01.2002 г.//Собрание Законодательства Российской Федерации. – 2002. – № 2. – Ст. 137.

24. Патентный закон Российской Федерации / Ведомости Съезда народных депутатов Российской Федерации и Верховного Совета Российской Федерации. – 1992 – № 42. – Ст.403.

25. Регламент Международного коммерческого суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации // Цит. по: B.C. Поздняков. Международный коммерческий арбитраж в Российской Федерации. – М.: Международный центр финансово-экономического развития, 1996. – С. 59-75.

26. Регламент Международного Коммерческого Арбитража Таджикистана. Арбитражный Регламент. – Душанбе, 2019. – С. 55.

27. Регламент Арбитражного Суда при Эстонской Торгово–промышленной палате 1992 г.// Цит. по: Asko Pohla. Commercial Arbitration in Estonia *If* Arbitration and ADR. September 1997. Vol.2, No.2. P.13.

28. ICC International Court of Arbitration Bulletin, Spring 2001. Vol. 12, No. 1. С. 53.

29. Қонун оид ба қатъи яктарафаи шартномаҳои доимии истисноӣ тақсимотӣ аз 27 июли соли 1961. (Law of 27 July 1961 on Unilateral Termination

of Exclusive Distribution Agreements of Indefinite Duration (Belgian Law of 27 July 1961, amended 13 April 1971, art 4).

30. Қонуни арбитражии Шветсия, мод. 7 (1) Қонуни арбитражии Зеландияи Нав, Қонуни намунавии ЮНИСТРАЛ соли 2006., мод. 7 (2).

31. Предпринимательский кодекс (Федеральный вестник законов, N 120/2005) [Unternehmensgesetzbuch BGBl. 120/2005].

32. Типовой закон ЮНСИТРАЛ о международном торговом арбитраже 1985 г. (с изм., принятыми в 2006 г.) [Электронный ресурс] / / ЮНСИТРАЛ : сайт. URL: https://www.uncitral.org/pdf/ru ssian/texts/arbitration/m larb/07-87000_Ebook.pdf (санаи мурочиат: 09.05.2022).

**Монография, китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ**

33. Ануров, В.Н. Юридическая природа международного коммерческого арбитража. Вопросы теории и практики. [Текст] / Ануров В.Н. – М.: Проспект, 2000. – 200 с.

34. Бободжонзода, И.Х., Абдуллоев, Ф., Гоибназар, А. Международный коммерческий арбитраж - нормативно-правовые акты. [Текст] / И.Х. Бободжонзода, Ф. Абдуллоев, А. Гоибназар. – Душанбе, 2019. – 189 с.

35. Богуславский, М.М. Международный коммерческий арбитраж / Академический правовой университет при Институте государства и права РАН; [Текст] / М.М. Богуславский. – М., 1993. – 16 с.

36. Брагинский, М.И., Еремеев, Д.Ф. Арбитраж и предприятие. [Текст] / М.И. Брагинский, Д.Ф.Еремеев. – Минск: Беларусь, 1969. – 99 с.

37. Брун, М.И. Очерки истории конфликтного права / М.И. Брун. 1, 2, Конфликтное право постглоссаторов (XIII-XV вв.). Теория статутов (XVI-XVIII вв.). [Текст] / М.И. Брун. – Москва: тип. Г. Лисснера и Д. Собко, 1915. – 106 с.

38. Брунцева, Е.В. Международный коммерческий арбитраж: Учебное пособие для высших учебных заведений. [Текст] / Е.В. Брунцева. – СПб.: Изд. дом "Сентябрь", 2001. – 368 с.

39. Вилкова Н.Г., Грешников П.Я., Сергеев А.П. [и др.]. Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей 2-е изд.

[Текст] / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев [и др.] сост. И отв. Ред. И.П. Грешников. – М.: Статут, 2019. – 303 с.

40. Григорьева, Т.А., Савельева, Т.А., Струнков, С.К. Арбитражный процесс: учеб.метод. комплекс [Текст] / Т.А. Григорьева, Т.А. Савельева, С.К. Струнков. – М.: Норма, 2006. – 367 с.

41. Дмитриева, Г.К. Международный коммерческий арбитраж. [Текст] / Г.К. Дмитриева. – М.: Проспект, – 1997. – 232 с.

42. Звеков, В.П. Международное частное право. Курс лекций [Текст] / В.П. Звеков. – М.: Норма. –1999. – 666с.

43. Зыков, Р.О. Международный арбитраж в Швеции Право и практика. [Текст] / Р.О. Зыков. – М., Статут, 2014. – 285 с.

44. Иброҳимов, С.И., Табаров, Н.А. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. [Матн] / С.И. Иброҳимов, Н.А. Табаров. – Душанбе: «Нашри Камол», – 2019. – 408 с.

45. Иоффе, О.С. Очерки по гражданскому праву. [Текст] / О.С. Иоффе. – Л.,1957. – 290 с.

46. Карабельников, Б.Р. Исполнение и оспаривание решений международных коммерческих арбитражей. Комментарий к Нью-Йоркской конвенции 1958 г. и главам 30 и 31 АПК РФ 2002 г. 3-е изд., перераб. и доп. [Текст] / Б.Р. Карабельников. – М., Статут. 2008. – 604 с.

47. Карабельников, Б.Р. Международный коммерческий арбитраж. Учебник. Издание 2-ое, переработанное и дополненное. [Текст] / Б.Р. Карабельников. – М.: 2013. – 541 с.

48. Клеандров М.И. Арбитражный процесс: учебник. 2-е изд.,перераб. и доп. [Текст] / М.И. Клеандров. – М.: Юристъ, – 2003. – 536 с.

49. Комарова, А.С., Лебедева, С.Н., Мусина, В.А. [и др.] Комментарий к Закону Российской Федерации «О международном комменческом арбитраже»: постатейный. научно-практический [Текст] / А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. [и др.] / Под ред. А.С. Комарова, С.Н. Лебедева, В.А. Мусина / сост. Г.В. Севастянов – СПб.: АНО “Редакция журнала “Третейский суд”, 2007. – 416 с.

50. Комментарии Ассоциации участников по содействию в развитии третейского разбирательства (РАА) по проектам законодательных актов, направленных на улучшение третейского судопроизводства в Российской Федерации. М., 2015. – 34 с.

51. Комментарий к Гражданскому Кодексу Российской Федерации. – М.: Юринформцентр, 1996. – 450 с.

52. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу РФСФР, – М: Спарк, 1996. – 573 с.

53. Лебедев, С.Н. Международный коммерческий арбитраж: компетенция арбитров и соглашение сторон. [Текст] / С.Н.Лебедев. – М: Торгово–промышленная палата СССР, –1998. – 123 с.

54. Лунц, Л.А. Курс международного частного права: Общая часть. [Текст] / Л.А. Лунц. – М.: Юрид. лит., 1973. – 376 с.

55. Лунц, Л.А., Марышева, Н.И., Садиков, О.Н. Международное частное право. [Текст] / Л.А. Лунц. – Ленинград, 1984 – 336 с.

56. Маҳмудзода М.А. Конститутсия заминаи ташаккули низоми ҳуқуқии миллӣ (маҷмуи мақолаю маърузаҳо). [Матн] / М.А. Маҳмудзода. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 596 с.

57. Маҳмудов, М.А., Тағойназаров, Ш.Т., Бобоҷонов, И.Ҳ., Бадалов, Ш.К. [Матн] / Тафсир ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум / М.А. Маҳмудов, Ш.Т. Тағойназаров, И.Ҳ. Бобоҷонов, Ш.К. Бадалов. – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.

58. Международный коммерческий арбитраж: современные проблемы и решения. Сборник статей к 75-летию Международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации / Под ред. А.С. Комарова; МКАС при ТПП РФ. – М.: Статут, 2007. – 524 с.

59. Международный коммерческий арбитраж: современные проблемы и решения. Сборник статей к 80-летию Международного коммерческого арбитражного суда при Торгово-промышленной палате Российской Федерации / Под ред. А.А. Костина; МКАС при ТПП РФ. – М.:

Статут, 2012. – 399 с.

60. Менглиев, Ш. Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. [Текст] / Ш.М. Менглиев. – Душанбе: "Эҷод". – 2009. – 412 с.

61. Менглиев, Ш.М. Международное частное право. [Текст] / Ш.М. Менглиев. – Душанбе: Деваштич, 2002. – 232 с.

62. Менглиев, Ш.М. Субъектҳои баррасии арбитражии баҳсҳои байналмилалии тиҷоратӣ. Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ. Зери таҳрири д.и.ҳ. проф. Раҳимов М.З. Душанбе, [Матн] / Ш.М. Менглиев. – Душанбе. «Деваштич», 2007. – 157 с.

63. Минаков, А.И. Арбитражные соглашения и практика рассмотрения внешнеэкономических споров. [Текст] / А.И. Минаков. – М.: Юрид. лит., 1985. – 144 с.

64. Нешатаева, Т.Н. Международное частное право и международный гражданский процесс: Учебный курс в трех частях. [Текст] / Т.Н. Нешатаева. – М.: Издательский дом «Городец», 2004. – 403 с.

65. Пер, Рунеланд, Килпатрик, Стоктон Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации: Тез. докл. Международная конференция «Арбитраж между Западом и Востоком в 21 век». [Текст] / Пер Рунеланд, Стоктон Килпатрик. – М., 2000. – 15 с.

66. Поздняков, В.С. Международный коммерческий арбитраж в Российской Федерации. [Текст] / В.С. Поздняков. – М.: Международный центр финансово–экономического развития. – 1996. – 79 с.

67. Раҳимов, М.З., Ғафуров, А.Д., Меликов, У.А., Бобоев, У.Х., Сангаков, С.Ш. Танзими ҳуқуқии фаъолияти арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ. Муҳарири масъул д.и.ҳ. проф. Раҳимов, М.З. [Матн] / М.З. Раҳимов, А.Д. Ғафуров, У.А. Меликов, У.Х. Бобоев, С.Ш. Сангаков. – Душанбе: "Ирфон". – 2010. – 170 с.

68. Раҳимов, М.З., Менглиев, Ш.М., Ғаюров, Ш.К. [ва др.] Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ [Матн] / М.З. Раҳимов, Ш.М. Менглиев, Ш.К. Ғаюров [ва др.] / Зери таҳрири д.и.ҳ., проф. Раҳимов М.З. – Душанбе: Деваштич, 2007. – 157 с.

69. Раҳимов, М.З., Табаров, Н.А. Тафсир ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ». [Матн] / М.З. Раҳимов, Н.А. Табаров. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. – 531 с.

70. Раҳимов, М.З., Табаров, Н.А. Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон (нашри дуввум). [Матн] / М.З. Раҳимов, Н.А. Табаров. – Душанбе: “Эр-граф”, 2013. – 503 с.

71. Раҳимов, М.З., Табаров, Н.А.. Тафсир ба Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ". [Матн] / М.З. Раҳимов, Н.А. Табаров. – Душанбе: “Шуҷоиён”, 2011. – 531 с.

72. Розенберг, М.Г. Контракт международной купли–продажи. Современная практика заключения. Разрешение споров. [Текст] / М.Г. Розенберг. – М: Книжный мир. – 1998. – 824 с.

73. Розенберг, М.Г. Контракт международной купли–продажи. Современная практика заключения. Разрешение споров. [Текст] / М.Г. Розенберг. – М.: Книжный Мир, 1998. – 1040 с.

74. Розенберг, М.Г. Международная купля-продажа товаров: Комментарий к правовому регулированию и практике разрешения споров. – 4-е изд., испр. и доп. [Текст] / М.Г. Розенберг. – М.: Статут, 2010. – 462 с.

75. Розенберг, М.Г. Международный договор и иностранное право. [Текст] / М.Г. Розенберг. – М: Статут, – 1998. – 212 с.

76. Руководство МСКА по толкованию Нью-Йоркской конвенции 1958 г.: пособие для судей / Международный совет по коммерческому арбитражу. – 2012. Инфотропик Медиа. – 156 с.

77. Сидиқова, Н.Н., Табаров, Н.А., Шарифзода, Т., Шарипова, У.А. Ҳуқуқи мурофиавии иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. Муҳаррири масъул: н.и.ҳ., Бобоев Ҷ.Қ. [Матн] / Н.Н. Сидиқова, Н.А. Табаров, Т. Шарифзода, У.А. Шарипова. – Душанбе: ҶДММ “Полиграф групп”, 2023. – 311 с.

78. Скворцов, О.Ю. Третейское разбирательство предпринимательских споров в России: проблемы, тенденции, перспективы. [Текст] / О.Ю. Скворцов. – М.: Волтерс Клувер, 2005. – 704 с

79. Сумской, Д.А. Статус юридических лиц: Учеб. пособие для вузов.

[Текст] / Д.А. Сумской. – М.: ЗАО «Юстицинформ». – 2006. – 328 с.

80. Тынель А., Функ Я., Хвалей В. Курс международного торгового права 2-е изд. [Текст] / А.Тынель, Я. Функ, В. Хвалей. – Минск: Амалфея, 2000. – 704 с.

81. Шонасридинов, Н. Асосҳои ҳуқуқии фаъолияти Арбитражи байналхалқии тиҷоратӣ. (Васоити таълимӣ). [Матн] / Н. Шонасридинов. – Душанбе: Нашриёти "Сино". – 2007. – 68 с.

**Мақолаҳо ва маърузаҳо:**

82. Андреева, Т.К. Некоторые комментарии к Федеральному закону «О третейских судах в Российской Федерации» [Текст] / Т.К. Андреева // Хозяйство и право. – 2003. – №1. – С. 25.

83. Ануров, В.Н. Допустимост подачи иска [Текст] / В.Н. Ануров // Журнал тертейский суд: энқиклопедии альтернативного разрешения споров. №1/2 (113/114). – СПб, 2018. – С. 199-217.

84. Белов, А. Основы правового регулирования внешнеэкономической деятельности на современном этапе [Текст] / А. Белов // Право и экономика. – 2000. – №4. – С. 53-59.

85. Бободжонзода, И.Х., Правовая природа международного коммерческого арбитража и особенности правового регулирования. [Текст] / И.Х. Бободжонзода // Журнал, Правовая жизнь. Апрель-июнь. – 2020. – №2 (30). – С. 57-66.

86. Бободжонзода, И.Х. Понятие публичного порядка в правовой системе Республики Таджикистан [Текст] / И.Х. Бободжонзода // Национальная правовая система Республики Таджикистан и стран СНГ: анализ тенденций и перспектив развития. VII Международная научно-практическая конференция посвященная 25-летию Конституции Республики Таджикистан (Душанбе, 31 октября 2019г.) / Ежегодный сборник докладов. – Душанбе, 2019. – С. 236-245.

87. Бободжонзода, И.Х. Правовая природа международного коммерческого арбитража и особенности правового регулирования [Текст] / И.Х. Бободжонзода // Правовая жизнь. – 2020. – №2 (30). – С. 57-66.

88. Бобоҷонзода, И.Ҳ. Заминаҳои хуқуқии арбитражи байналмилалии тиҷоратии Тоҷикистон [Матн] / И.Ҳ. Бобоҷонзода // Қонунгузорӣ. – 2018. – №3 (31). – С. 110-114.

89. Бободжонзода, И.Х. Понятие и особенности правового регулирования международного коммерческого арбитража [Текст] / И.Х. Бободжонзода // Академический юридический журнал. – 2020. – №2 (34). – С. 105-110.

90. Бободжонзода, И.Х. Проблемы правового регулирования арбитражного соглашения: анализ международно-правовых актов и законодательства [Матн] / И.Х. Бободжонзода // Правовая жизнь. – 2020. – №2 (30). – С. 214-227.

91. Вилкова, Н.Г. Актуальные вопросы прававого регулирования арбитражного соглашения в Российской Федерации. [Текст] / Н.Г. Вилкова // Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права: Сборник статей / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. и отв. ред. Грешников. – М.: Статут, 2018. – 302 с.

92. Вилкова, Н.Г. Пределы процессуальной свободы сторон в международном коммерческом арбитраже, или являются ли стороны хозяевами арбитражного процесса? [Текст] / Н.Г. Вилкова / Международный коммерческий арбитраж: проблемы и решения: Сборник статей к 80-летию Международного коммерческого арбитражного суда при ТПП РФ / под ред. А.А. Костина; МКАС при ТПП РФ. – М.: Статут, 2012. – 399 с.

93. Вилкова, Н.Г. Статус арбитров: независимость арбитров, квалификация арбитров, замена арбитров, гонорар арбитров. [Текст] / Н.Г. Вилкова // Тез. докл. Конференция "Международный Арбитраж Восток – Запад на пороге XXI века". – М. –2000. –11с.

94. Грешников, И.П. Практическое значение арбитражного соглашения. Международный коммерческий арбитраж и вопросы частного права [Текст] / И.П. Грешников: Сборник статей / Н.Г. Вилкова, П.Я. Грешников, А.П. Сергеев и др.; сост. и отв. ред. Грешников. – М.: Статут, 2018. – 302 с.

95. Ерпылеева, Н.Ю. Международные арбитражные соглашения:

понятие, виды и основания действительности [Текст] / Н.Ю. Ерпылева // Юрист. – 2010. – № 2. – С. 47-62.

96. Ерпылеева, Н.Ю. Международный коммерческий арбитраж в международном частном праве: проблемы и переспективы современного развития [Текст] / Н.Ю. Ерпылева // Право и политика. – 2004. – №4. – С. 18.

97. Зайцев, А.И. Комментарий к главе 46 Гражданского процессуального кодекса Российской Федерации «Производство по делам об оспаривании решений третейских судов» [Текст] / А.И. Зайцев. // Третейский суд. – 2003. – №5(29). – С. 16.

98. Кабатов, В. Из практики международного коммерческого арбитражного суда при Торгово–промышленной палате Российской Федерации. [Текст] / В. Кабатов // Хозяйство и право. – 1994. – №3. – С. 40-47.

99. Карабельников, Б.Р. Проблема публичного порядка при приведении в исполнение решений международных коммерческих арбитражей [Текст] / Б.Р. Карабельников // Журнал российского права. – М.: Норма, 2001. – № 8. – С. 101-111.

100. Карабельников, Б.Р. Форма арбитражного соглашения в международном коммерческом арбитраже. [Текст] / Б.Р. Карабельников // Право и экономика. – 2001. – № 3. – С. 4.

101. Комаров, А.С. Новая редакция Арбитражного регламента ЮНСИТРАЛ в контексте современной практики международного арбитража [Текст] / А.С. Комаров // Вестник международного коммерческого арбитража. – 2011. – № 1. – С. 38.

102. Костин, А.А. Арбитражное соглашение [Текст] / А.А. Костин // Международный коммерческий арбитраж. – 2005. – № 2. – С. 4-17.

103. Костин, А.А. Типовой закон ЮНСИТРАЛ и российский Закон о международном коммерческом арбитраже: сравнительно-правовой анализ [Текст] / А.А. Костин // Актуальные вопросы международного коммерческого арбитража / Отв. ред. А.С. Комаров. – М. –2002. – С. 88-92.

104. Котельников, А.Г. Негативные последствия заключения арбитражного соглашения [Текст] / А.Г. Котельников //Арбитражный и

гражданский процесс. – 2004. – №8. – С. 39-46.

105. Кристер, Содерлунд. Разрешение споров, связанных с внешнеэкономическими отношениями [Текст] / Содерлунд К. // Законодателъство и экономика. – 1996. – №П-12. – С. 62-68.

106. Кристер, Содерлунд. Юрисдикция - все возрастающая проблема международного арбитража: [Текст] / Содерлунд К. // Тез. Докл. Конференция "Международный арбитраж Восток-Запад на пороге XXI века". – М., 2000. – 12 с.

107. Кудрявцева, Е.В. Оспаривание решений третейских судов [Текст] / Е.В. Кудрявцева // Заметки о современном гражданском и арбитражном процессуальном праве / Под ред. М.К. Треушникова. – М.: Городец, – 2004. – С. 167-173.

108. Ларе, Эдлунд, Кристер, Содерлунд. Как составить арбитражное соглашение? [Текст] / Э. Ларе, С. Кристер //Хозяйство и право. – 1999 – № 4. – С. 117-124.

109. Лобода, А.И., Лобода, Ю.В. Арбитрабельность споров и признание арбитражных соглашений в сфере международной морской перевозки грузов [Текст] / А.И. Лобода, Ю.В. Лобода // Международный коммерческий арбитраж. – 2006. – № 1-2. – С. 131-139.

110. Маковский, А.Л., Карабельников, Б.Р. Арбитрабельность споров: российский подход [Текст] / А.Л. Маковский, Б.Р. Карабельников // Международный коммерческий арбитраж. – 2004. – № 3. – С. 16-40.

111. Марышева, Н.И. Вопросы признания и исполнения в России решений иностранных судов [Текст] / Н.И. Марышева // Журнал российского права. // Система ГАРАНТ. – 2007. – 2006. – №8. – С. 168.

112. Межамериканская конвенция о международном коммерческом арбитраже 1975 г. // Цит. по.: С.Н. Лебедев. Международное сотрудничество в области коммерческого арбитража. – М.: Торгово-промышленная палата СССР. – 1979. – С. 135-137.

113. Муранов, А.И. К вопросу об «обходе закона» [Текст] / А.И. Муранов // Московский журнал международного права. – 1997 – № 3. – С. 42-

76.

114. Мусин, В.А. Арбитражная оговорка во внешнеэкономическом контракте и проблема правопреемства [Текст] / В.А. Мусин // Третейский суд. – 2000. – № 4. – С. 37-38.

115. Нагнибеда, В.И. Юрисдикция, компетенция и полномочия международного коммерческого арбитража: теоретико-прикладной анализ понятий и наука. [Текст] / В.И. Нагнибеда // Общество. Государство. – 2013. – № 3 – С. 44-53.

116. Нестеренко, А.В. Критерии арбитрабельности споров по законодательству Российской Федерации [Текст] / А.В. Нестеренко // Арбитражный и гражданский процесс. – 2005. – № 8. – С. 2-7.

117. Петров, М.В. Институт оспаривания решений третейских судов. Роль норм АПК [Текст] / М.В. Петров // Третейский суд. – 2004. – №3(33). –С. 60.

118. Попова, А.В. Проблема патологических оговорок во внешнеторговых котрактах [Текст] / А.В. Попова //Алманах рабог молодых ученых. Правоведение. – 2003. – №1(3). – С. 125.

119. Рахимов, М.З. Проблемы правового обеспечения деятельности третейского суда и Международного коммерческого арбитража в Республики Таджикистан [Текст] / М.З. Рахимов / Вестник Высшего экономического Суда Республики Таджикистан. – 2006. – № 2. – С. 179-180;

120. Розенберг, М.Г. Практика международного коммерческого арбитражного суда [Текст] / М.Г. Розенберг // Сост. и автор М.Г. Розенберг. – М.: Статут, – 1997. – С. 196-198.

121. Романенков, Н.С. Исполнение иностранных арбитражных решений в Российской Федерации: [Текст] / Н.С. Романенков // Тез. докл. Конференция «Новое в арбитражном законодательстве, регламентах и практике в Москве и Стокгольме». Н.С. Романенков. – М., 2000. –10 с.

122. Садиков, О.Н. Императивные нормы в международном частном правеУ/Московский журнал международного права. [Текст] / О.Н. Садиков. – М., 1992 – №2. – С. 80-96.

123. Светланов, А. Коллизионное регулирование в сфере внешнеэкономической деятельности. [Текст] / А. Светланов // Закон. – 1998. – №7. – С.18-23.

124. Сеглин, Б. Арбитражная оговорка [Текст] / Б. Сеглин // Хозяйство и право. – 1995. – №2. – С. 116-120.

125. Суханов, Е.А. Третейские суды в системе торгово-промышленных палат: состояние дел и перспективы развития [Текст] / Е.А. Суханов // Хозяйство и право. – 2003. – №3. – С. 73.

126. Траспова, Р.А. Международный коммерческий арбитраж: пределы осуществления гражданских прав и проблемы исполнения арбитражного соглошения [Текст] / Р.А. Траспова // Арбитражная практика. – 2002. – С. 65;

127. Хвалей, В.В. Как убить арбитражное соглашение [Текст] / В.В. Хвалей // Третейский суд. – 2003. – №5(29). – С. 47-48.

128. Хлестова, И.О. Типовой закон о международном торговом арбитраже и российский Закон о международном коммерческом арбитраже: общее и особенное. [Текст] / И.О. Хлестова // Журнал российского права. – 2011. – № 6. – С. 78-88.

129. Ярков, В.В. Постатейный научно-практический комментарий к федеральному закону "О третейских судах в Российской Федерации" [Текст] / В.В. Ярков // Журнал третейский суд. – М., 2003. – № 4 (28). – Р. 4-21.

130. Adrian, Winstanley, Fast-Track Arbitration Rules//LCIA Newsletter [Text] / Winstanley Adrian – 1999 – Vol. 4, Issue 2 – P. 4.

131. Adrian, Winstanley. Proposals for the expansion of the LCIA's Dispute Resolution Services [Text] / Winstanley Adrian // LCIA News. November – 1998. – Vol.3, No.4. – P.l.

132. Albert, Jan van den Berg Compagnie de Navigation et Transports S.A. v. MSC (Mediterranean Shipping Company) S.A (No.27, Swiss federal Tribunal, 16 January 1995). XXI Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert Jan. – 1996. – P.690.

133. Albert, Jan van den Berg Decision of the Halogaland Court of Appeal, 16 of August 1999. [Text] / van den Berg Albert Jan. XXVII Yearbook

Commercial Arbitration. – 2002. P. 519.

134. Albert, Jan van den Berg Final Award ICC Case No. 6379. XVII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / Albert Jan van den Berg. – 1992. – P. 212.

135. Albert, Jan van den Berg Fincantieri-Cantieri Navali Italiani SPA (Italy) v. Ministry of Defense, Armament and Supply Directorate of Iraq, Republic of Iraq(No. 138, 07.05.1994, Genoa Corte do Appello). [Text] / van den Berg. A.– XXI Yearbook Comm Arb. – 1996. – P. 594.

136. Albert, Jan van den Berg. Union de Cooperativas Agricolas Epis-Centre v. La Palentina S.A.(Supreme Court, Spain, 17.02.1998). XXXVII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / Albert Jan van den Berg. – 2002. – P. 533.

137. Albert, van den Berg Manufacturer v. Buyer (No. 103 Oberlandesgericht, 20 of June 2006). XXXII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 2007. – P. 351 – 357.

138. Albert, van den Berg. Agrò di Reolfi Piera & C snc v. Ro Koproduct oour Produktiva (No. E16 Italian Corte di cassazione). XX Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1995. – P. 1061.

139. Albert, van den Berg. Judgement of 16 August 1999 (No.1 Halogaland Court of Appeal). XXVII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert – 2002. – P. 519-521.

140. Albert, van den Berg. Judgement of 21 September 2005 (German Bundesgerichtshof). XXXI Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. 2006. – P. 679.

141. Albert, van den Berg. Judgement of 21 September 2005(German Bundergerichhof.). XXXI Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 2006. – P. 679.

142. Albert, van den Berg. Judgement of 23 April 1998. XXIV(a) Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1999. – P. 928.

143. Albert, van den Berg. Judgement of 25 February 1986, Confex v. Ets Dahan (French Cour de cassation com.). XII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1987. – P. 484.

144. Albert, van den Berg. Judgement of 26 June 2006, XXXII Yearbook Commercial Arbitration (Oberlandesgericht [Court of Appeal]), [Text] / van den Berg Albert. – 2007. – PP. 351-357.

145. Albert, van den Berg. Judgement of 28 October 1993 (Italian Corte di Cassazione). XX Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1993. – P. 739.

146. Albert, van den Berg. Judgement of 5 November 1985, Tracomin SA v. Sudan Oil Seeds Co. (Swiss Federal Tribunal). – XII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1987. – P. 511-512.

147. Albert, van den Berg. Judgement of 5 November 1985, Tracomin SA v. Sudan Oil Seeds Co.(Swiss Federal Tribunal) - XII Yearbook Commercial Arbitration. 1987. P. 511; Judgment of 4 September 2003 (Oberlandesgericht Celle). XXX Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 2005. – P. 528.

148. Albert, van den Berg. Judgment of 18 May 1978 , Societa Atlas General Timbers SpA v. Agenzia Concordia Line SpA. – V Yearbook Commercial Arbitration (Italian Corte di Cassazione). [Text] / van den Berg Albert. – 1980 – P. 267.

149. Albert, van den Berg. Judgment of 30 March 2000 (Oberlandesgericht Schleswig). XXXI Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 2006. – P. 652-656.

150. Albert, van den Berg. Judgment of 4 July 2003, DFT 4P.13/2002, cons. 3.2; Judgment of 16 October 2001, 2002 Rev. Arb. 753, 756[1] Poudret J.-F., Besson S. Comparative Law of International Arbitration. 2d.edition. [Text] / Albert van den Berg. – 2007. – P. 27.

151. Albert, van den Berg. Judgment of 7 February 1984, Tradax Export SA v. Amoco Iran Oil Co. (No. 8 Swiss Tribunal Federal). XI Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1986. – P. 532-535.

152. Albert, van den Berg. Judgment of 8 June 1967 (Landesgericht Bremen). – II Yearbook Commercial Arbitration, Volume II. 1977. P. 234; Earthtrade, Inc. v. Gen. Brands Int'l Corp., [Text] / van den Berg Albert. – 1996 U.S. Dist. LEXIS

1520 (S.D.N.Y. 1996).

153. Albert, van den Berg. K v. F AG( No.18 Oberster Gerichtshof, Austria, 23.10.2017). XXXIII Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 2008. – P. 354.

154. Albert, van den Berg. Refusals of Enforcement under the New York Convention of 1958: the Unfortunate Few [Text] / van den Berg Albert *II* Special Supplement. ICC International Count of Arbitration Bulletin – 1999. – C. 75-94.

155. Albert, van den Berg. Respice in Finem – Enforcement of the Arbitral Award [Text] / van den Berg Albert // LCIA News – August 2001 – Vol.6, Issue 3 – P. 6-7.

156. Albert, van den Berg. Robobar Limited (UK) v. Finncold SAS (Italy) 28 Oct. 1993 (Italy, Supreme Court). – XX Yearbook Commercial Arbitration. [Text] / van den Berg Albert. – 1995. – P. 739.

157. Albert, Van Jan den Berg. – The New York Arbitration Convention of 1958: [Text] / van den Berg Albert towards a Uniform Judicial interpretation. – 1981. – P. 276-77.

158. Albert, Van Jan den Berg. The New York Arbitration Convention of 1958: [Text] / van Jan den Berg Albert. // Towards a Uniform Judicial. Interpretation. – 1981. – P. 192.

159. Albert, Van Jan den Berg. The New York Arbitration Convention of 1958: towards a uniform a Uniform Judicial Interpretation- Kluwer Law International-1981. [Text] / van Jan den Berg Albert. XII Yearbook Commercial Arbitration. – 1987. – P. 427.

160. Alexis, Mourre. Recent trends in French arbitration case law: a brief overview (1997/2000) [Text] / Mourre Alexis //LCIA News – 2000.– Vol. 5, Issue 4. – P. 6-9.

161. Amazu, A. Asouzu. African States and the Enforcement of Arbitral Awards: Some Key Issues II [Text] / A. Asouzu Amazu, / Asouzu A. Amazu // Arbitration International. – 1999. – Vol. 15. – No. 1. – P. 1-52.

162. Arminio, Borjas and Jessica, Barsotti. Current Developments: Venezuela [Text] / Borjas Arminio, Barsotti Jessica //Arbitration and ADR-

October – 1998. – Vol. 3. – No.2 – P. 25-26.

163. Asian Region: New Developments // LCIA News. – 2000. – Vol. 5. – Issue 2. – 15 p.

164. Award in Netherlands Hide and Leather Exchange of 30 October 1980 – [Text] / VII Yearbook Commercial Arbitration. – 1982. – P. 137.

165. Baron, A. The Australian International Arbitration Act, the Fiction of Severability and Claims for Restitution. [Text] / A. Baron // II Arbitration International. – 2000. –Vol. 16. – No. 2. – C.159-188.

166. Beda, Wortmann. Choice of Law by Arbitrators: The Applicable Conflicts of Law System [Text] / Wortmann Beda // Arbitration International. – 1998. – Vol.14. No.2. – P. 99.

167. Berger, B. & Kellerhals, F. Internationale und interne Schiedsgerichtsbarkeit in der Schweiz. [Text] / B. Berger, F. Kellerhals – 2006. – P. 331.

168. Born, G. International Commercial Arbitration. [Text] / G. Born – 1981. – P. 705.

169. Cecil, O.D. Branson. The Enforcement of International Commercial Arbitration Agreements in CanadaZ [Text] / O.D. Cecil /Arbitration International – 2000. – Vol. 16. – No. 1 – P. 19-52.

170. Cliff, Dilloway. Law of the Internet [Text] / Dilloway Cliff // LCIA Newsletter – 1999. – Vol.4, Issue 3 – P. 6-7.

171. Dariusz, Oleszuk and Bartosz Grohman. Poland: Recent developments [Text] / Oleszuk Dariusz //Arbitration and ADR - May 1999 - Vol. 4, No. 1 – P. 6–7.

172. David, Lindsey, James, Hosking and Alexandra, Johnson. Modifying the scope of review of arbitral awards in the US: The Plot Thickens [Text] / Lindsey David, Hosking James, Johnson Alexandra // LCIA News – November 2001 – VoL6, Issue4. – P. 12-14.

173. David, St. John Sutton. India: Avoiding Judicial Intervention Under the New Arbitration Law II Arbitration and ADR [Text] / John Sutton David St. –April 1998 – Vol. 3. – No. 1 – P. 13-14.

174. David, W. Rivkin. United States: Arbitration Agreements, Proceedings and Awards It Arbitration and ADR [Text] / Rivkin David W. – April 1998 – Vol. 3, No.l – P. 15-17.

175. Domenico, Di Pietro & Marti,n Platte. Enforcement of International Arbitration Awards. [Text] / Di Pietro Domenico, Platte Martin. – 2001. – P. 76-77.

176. Eric, Wilbers. On-line Arbitration of Electronic Commerce Disputes. [Text] / Wilbers Eric // International Business Lawyer. - June 1999. – Vol 27. – No. 4. – P. 273.

177. Foustoucos, A. Conditions required for the validity of an arbitration agreement [Text] / A. Foustoucos // Journal of international arbitration. 5(4) Dec. – 1988. – P.113-117.

178. Francesco, Gambino. The Issue of Place in International Arbitration [Text] / Gambino Francesco // International Arbitration Law Review – 1999 – Issue 1. – P. 22-28.

179. Frey, et al. v. Cucaro e Figli, Italy. [Text] / Cucaro e Figli Frey et al. v. // I Yearbook Commercial Arbitration. 1976. – P. 193.

180. Gaillard, & J. Savage (eds.), Fouchard Gaillard Goldman on International Commercial Arbitration. [Text] / J. Savage Gaillard. – 1999. – P. 377.

181. George, Burn. High Tech - Threat or Opportunity in Arbitration [Text] / Burn George // LCIA News – August – 2001. – Vol. 6, – Issue 3. – P. 8-9.

182. Godwin, Odumu obla ACI Arb. Practical Problems in Arbitration under Nigerian Law [Text] / Odumu Godwin // Arbitration and ADR- September, – 1997. – Vol. 2. – No. 2. – C 16-21.

183. H., van Houtte. The Convention on the International Sale of Goods (1980) -20 years [Text] / van Houtte H. //Business Law International - September 2000 - Issue 4. – C. 357-358.

184. Hamid, G. Gharavi. The 1997 Iranian International Commercial Arbitration Law: The UNCITRAL Model Law a V Iranienne / [Text] / Gharavi G. Hamid // Arbitration International. – 1999. – Vol. 15. – No. 1. – C. 85-96.

185. Hans, Bagner. Arbitration in Sweden [Text] / Bagner Hans // LCIA News Letter. – 1999. – Vol. 4. – Issue 2. – P. 8-9.

186. Holzmann, H. & Neuhaus, J. A guide to the UNCITRAL Model Law on international commercial arbitration: Legislative History and Commentary. [Text] / H. Holtzmann, J. – Deventer [etc.]: Kluwer Law and Taxation Publishers [etc.]. – 1989. – P. 915-916.

187. Israel, Chem. & Phosphates Ltd v. NV Algemene Oliehandel (Judgement of 26.06.1970. I Yearbook Commercial Arbitration. – 1976. – P. 194.

188. Jacques, Sales. The enforcement of arbitral awards: The New York Convention: Presentation. Study of new mock case under the new ICC Rules of Arbitration [Text] / Sales Jacques. – Paris, 2001 – 19 p.

189. Jan, Paulsson. Enforcing Arbitral Awards Notwithstanding a local Standard Annulment II ICC International Court of Arbitration Bulletin [Text] / Paulsson, Jan – May 1998 – P. 14-31.

190. Jimmy, Muyanja. Incorporating the Model Law in Uganda: A Step Forward [Text] / Muyanja Jimmy // LCIA News – 2000. – Vol. 5, Issue 2 – P. 8-13.

191. Julian, DM Lew. Determination of Applicable Substantive Law [Text] / D.M. Lew Julian // International Business Lawyer. – April 1997. – Vol. 25. – No.4. – P.157-160.

192. Kahn, Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd., [Text] / Lucas Kahn. 186 2d Cir. – 1999. – P. 210, 217-18,

193. Kaplan, N. Is the Need for Writing as Expressed in the New York Convention and the Model Law Out of Step with Practice. [Text] / N. Kaplan // Arbitration International (12,1). – 1996. – P. 27-28.

194. Landau, Toby. The Requirement of a Written Form for an Arbitration Agreement: When "Written" Means "Oral". [Text] / Toby Landau – International commercial arbitration: important Contemporary questions. [Text] / van den Berg Albert. ed., – 2003. – PP. 19, 25-33.

195. Luke, Nottage. The Vicissitudes of Transnational Commercial Arbitration and the Lex Mercatona: A View from Periphery [Text] / Nottage Luke // Arbitration International. – 2000. – Vol. 16. – No. l. – P. 53-78.

196. Mann, F.A. An «Agreement in Writing» to Arbitrate. [Text] / F.A. Mann Arbitration International. Volume 3, Issue 2. – 1987. – P. 171-172.

197. Merkin, R. Arbitration Law – Informa Business Publishing [Text] / R. Merkin 2004 & Update – 2007 – P.3-8.

198. Michael, Cavendish. United States: Service of process by e-mail normalized [Text] / Cavendish Michael // International Business Lawyer - April 2002 – Vol. 30, No.4. – P. 190.

199. Okezie, Chukwumerije. Judicial Supervision of Commercial Arbitration: The English Arbitration Act of 1996 [Text] / Chukwumerije Okezie // Arbitration International. – 1999. – Vol Л 5. – No. 2. – C. 171-192.

200. Ozsoy, Tarim. Sanayi Ve Ticaret Ltd (Izmir) v All Foods SA (Buenos Aires) (Turkish Supreme Court), [Text] / Tarim Ozsoy 4 International Arbitration Law Review N-33. – 2001. – P. 22.

201. Philippe, Fouchard. Improving the Efficiency of Arbitration Agreements and Awards: Report. [Text] / Fouchard Philippe // International Arbitration Congress. – Hague. –1998. – 14 p.

202. Renaud, Sorieul. The United Nations Convention on Contracts for the International Sale of Goods (CISG) as a set of uniform rules for electronic commerce. [Text] / Sorieul Renaud // Business Law International. September – 2000. Issue 4. – P. 381.

203. Richard, H. Kreindler. Enforcement of Foreign Arbitral Awards, particularly in the context of 1958 U.N. (New York) [Text] / Kreindler Richard H. // Convention: Presentation. Study of new mock case under the 1998 ICC rules of arbitration. – Paris, – 2000. – 28 p.

204. Richard, H. Kreindler. The Influence of the ICC Rules, UNCITRAL Rules and UNCITRAL Model Law in Addressing Procedural Pitfalls at the Commencement Stage of an International Arbitration [Text] / Kreindler H. Richard // Anternational Business Law Journal. – 1997. – No. 1. – P. 117-121;

205. Richard, H. Kreindler. The Influence of the ICC Rules, UNCITRAL Rules and UNCITRAL Model Law in Addressing Procedural Pitfalls at the Commencement Stage of an International Arbitration [Text] / Kreindler H. Richard /Anternational Business Law Journal – 1997. – No. 1. – P. 117-121.

206. Richard, Hill. On-line Arbitration: Issues and Solutions [Text] / Hill

Richard // Arbitration International. – 1999. – Vol. 15, No.2. – P.199-207.

207. Robert, Morgan. Hong Kong Arbitration in Transition: The Arbitration (Amendment) Ordinance 1996, [Text] / Part III International Arbitration Law Review. – December 1997. – Vol. 1. – Issue 1. – P. 27-28.

208. Samuel, A. – Jurisdictional Problems in International Commercial Arbitration. [Text] / A. Samuel. – 1989. – P. 79.

209. Schlosser, P. Das Recht der internationalen privaten Schiedsgerichtbarkeit. 2d edition. [Text] / P. Schlosser.– 1989. – P. 381;

210. Simon, Chalton. Internet and electronic traiding [Text] / Chalton Simon // International Business Lawyer. – April 1997. – Vol. 26. – No. 4. – C. 150-153.

211. Steven, A. Hammond, Derek, Adler, Beth-El Tilahum. Forum Selection Clauses in the Lloyd's Litigation. [Text] / A.Steven, Derek Adler Hammond // International Litigation News. – July 1997. – P. 32-33.

212. Steven, A. Hammond, Derek, Adler, Jacqueline, Sutton. Enforceability of Forum Selection and Choice of Law Clauses [Text] / A.Steven, Derek Adler Hammond, Sutton Jacqueline // International Litigation News- July – 1998 – P.32.

213. Stuart, Dutson. Breach of an Arbitration or Exclusive Jurisdiction Clause: The Legal Remedies if it Continues [Text] / Dutson Stuart //Arbitration International. – 2000. – Vol. 16. – No. 1 – P. 89-100.

214. Vladamir, ZeithamL Fifth year of new arbitration Law. *II* Arbitration and ADR. [Text] / ZeithamL Vladamir. May. – 1999. – Vol. 4. – No. 1. – P. 5.

215. William, W. Park. Arbitration's Discontents: of Elephants and Pornography [Text] / Park William W. // II Arbitration International – 2001. – Vol. 17, No. 3. – P. 263-274.

216. Wolfgang, Kuhn. Choice of Substantive Law in the Practice of International Arbitration [Text] / Kuhn Wolfgang // International Business Lawyer. -April – 1997. – Vol. 25. – No.4. – P.148-151.

217. Yves, L. Fortier. The Occasionally Unwarranted Assumption of Confidentiality [Text] / Fortier Yves L. // Arbitration International – 1999. – Vol. 15. Issue 2. – P. 131-139.

218. Zambia, Steel & Building, Supplies Ltd. v. ames Clark & Eaton Ltd. Lloyd's Report. [Text] / Steel Zambia, Supplies Building Volume 2. – 1986. – P. 225.

219. Zykin, I.S. Commercial Arbitration in the CIS [Text] / I.S. Zykin // II International Arbitration Law Review. December 1997. Vol.1, Issue 1. – C. 3.

**Диссертатсия ва авторефератҳо**

220. Витрянский, В.В. Проблемы арбитражно-судебной защиты гражданских прав участников имущественного оборота[Текст]: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук: 12.00.03 / В.В. Витрянский. – Москва, 1996. – 57 с.

221. Котельников, А.Г. Правовая природа арбитражного соглашения и последствия его заключения. [Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.15 / А.Г. Котельников. – Екатеринбург, 2008. – 30 с.

222. Мата, О.В. Арбитражное соглашение и разрешение споров в международных коммерческих арбитражных судах[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Мата Ольга Владимировна. – Москва, 2002. – 207 с.

223. Лебедев, М.Ю. Развитие института юрисдикции и его проявление в третейском суде [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.15 / М.Ю. Лебедев. – Саратов, 2005. – 218 с.

224. Лозовская, С.О. Правосубъектность в гражданском праве[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Лозовская Светлана Олеговна. – Москва, 2001. – 220 с.

225. Скворцов, О.Ю. Проблемы третейского разбитрательства предпринимательских споров в России [Текст]: автореф. дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.03 / Скворцов Олег Юрьевич. – СПб., 2006. – 33 с.

226. Тригубович, Н.В. Автономия воли в международном частном праве[Текст]: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Н.В. Тригубович. – Саратов, 1999. – 25 с.

227. Ярков, В.В. Юридические факты в механизме реализации норм гражданского процессулаьного права[Текст]: дис. ... д-ра. юрид. наук: 12.00.15 / Ярков Владимир Владимирович. – Екатеринбург, 1992. – 523 с.

**Захираҳои электронӣ**

228. Тавсия оид ба тафсири моддаи II, банди 2 ва моддаи VII, банди 1,

Конвенсия дар бораи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражии хориҷӣ, ки 10 июни соли 1958 дар Ню -Йорк қабул шудааст, ки аз ҷониби Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ аз 7 июли соли 2006 дар иҷлосияи сию нӯҳуми он қабул шудааст. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/A2R.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

229. AAA International Arbitration Rules // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adr.org. (санаи муроҷиат: 20.05.2022).

230. ICC Rules of Arbitration. /ACC Publication №581. –Paris,1998. – 60 с. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.adr.org. (санаи муроҷиат: 15.05.2022).

231. Rules of Conciliation and Arbitration of the Business Center for Conciliation and Arbitration (CEDCAWenezuela) // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.venamcham.org/cedca—ingles/rules.html. (санаи муроҷиат: 23.05. 2022).

232. The LCIA Arbitration Rules [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.lcia–arbitration.com/lcia. (санаи муроҷиат: 20.05.2022).

233. WIPO Arbitration Rules.// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://arbiter.wipo.int./arbitration/arbitration–rules/awards.html. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

234. Венская Конвенция ООН о договорах международной купли-продажи товаров 1980. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:URL: http://www.cisg.ru/tekst-venskoj-konvencii-polnostyu.php. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

235. Конвенция о праве, применимом к договорным обязательствам в странах ЕС. Рим, 1980г.// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.jus.iaio.no/lm/ec.applicable.law.contracts. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

236. Конвенция УНИДРУА о международном факторинге от 28 мая 1988 г. // [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.unidroit.org/english/conventions. (санаи муроҷиат:

11.09.2022).

237. Регламент для Ускоренного Арбитража при Стокгольмской Торговой Палате (1999 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.chamber.se/arbitration/english/ (санаи муроҷиат: 22.05.2021).

238. Регламент Китайской международной экономической и арбитражной комиссии (КМЭАК) 1995 г.// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www. Jus.uio.no/lm/arbitration/nationaLlaws.html. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

239. Регламента Арбитражного Института Стокгольмской Торговой Палаты 1999 г.// [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.chamber.se/arbitration/english. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

240. Типовой закон ЮНСИТРАЛ о международном торговом арбитраже 1985 г. (с изм., принятыми в 2006 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: https://www.uncitral.org/pdf/ru ssian/texts/arbitration/mlarb/07-87000_Ebook.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

241. A New York Convention for the next fifty years. Hypothetical Draft Convention on the International enforcement of arbitration agreements and awards, 2008. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.newyorkconvention.org/draft+convention (санаи муроҷиат: 11.11.2017).

242. AA U.S., 9 U.S.C. § 2; English Arbitration Act, 1996, § 5, § 1031 Zivilprozessordnung. Қонуни намунавии ЮНИСТРАЛ, [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/ml-arb/07-87000_Ebook.pdf (санаи муроҷиат: 10.11.2020).

243. Chloe Z Fishing Co. v. Odyssey Re (London) Ltd, 109 F.Supp.2d 1236, 1247 (S.D. Cal. 2000), [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://law.justia.com/cases/federal/district-courts/FSupp2/109/1236/2522927/ (санаи муроҷиат: 11.09.2020).

244. Codice di procedura civile (Regio Decreto 28 ottobre 1940, n. 1443 in

G.U. 28 ottobre 1940), mod. apportate dal D.lgs. 13 luglio 2017, n. 116 e dalla L. 22 maggio 2017, n. 81. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.altalex.com/documents/codici-altalex/2015/01/02/codice-di-procedura-civile (санаи муроҷиат: 10.11.2020).

245. Comments by Governments on the Draft Convention on the Recognition and Enforcement of Foreign Arbitral Awards E/2822/Add.4( The United Kingdom), 9 th meeting [E/CONF.26/SR.9 - E/2704 and Corr. 1, E/2822 and Add.1 to 6, E/CONF.26/2, 26/3 and Add.1, 26/4, 26/7, E/CONF.26/L.7, L.8, L.12. L.14, L.16],p. 3 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.uncitral.org/uncitral/en/uncitral_texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи муроҷиат: 11.09.2020).

246. Consideration of draft Convention on the Recognition and Enforcement of Foreign Arbitral Awards (Item 4 of the Agenda) E/CONF.26/L.54 5 June 1958. - Netherlands: Amendment to proposal made by Working Party No. 2 (E/CONF.26/L.52). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://newyorkconvention1958.org/index.php?lvl=notice_display&id=3376 (санаи муроҷиат: 11.09.2020).

247. Council Regulation (EEC) No 3541/92 of 7 December 1992 prohibiting the satisfying of Iraqi claims with regard to contracts and transactions the performance of which was affected by United Nations Security Council Resolution 661 (1990) and related resolutions. – Official Journal of the European Communities. – 10. 12. 92, No L 361 / 2. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://eur-lex.europa.eu/LexUriServ/LexUriServ.do?uri=OJ:L:1992:361:0001:0003:EN:PDF (санаи муроҷиат: 10.11.2020).

248. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http ://www. chamber.se/arbitration/english (санаи мурочиат: 11.09.2022).

249. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: // www. venamcham.org /cedca - ingles / rules, html. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

250. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.chamber.se/arbitration/english/ (дата обращения: 11.09.2022).

251. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.jus.uio.o/lm/ec.applicable.law.contracts. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

252. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http;//www .jus.uio.no/lm/arbitratioii/national.laws.html. (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

253. Kahn Lucas Lancaster, Inc. v. Lark International Ltd. 186 F.3d 210 (2d Cir. 1999) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL:http://law.justia.com/cases/federal/ appellate-courts/F3/186/210/569364/ (санаи муроҷиат: 11.09.2020).

254. Mayer, P. / International Council for Commercial Arbitration in ICCA CONGRESS SERIES; 9. International Council for Commercial Arbitration. Kluwer Law International. 1999. P. 261, 265.

255. Netherlands BankruptcyAct 01.09.1896, amended 06.12.2012), art.122 (1). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://dutchcivillaw.com/ legislation/bancrupcyact011.htm (санаи муроҷиат: 11.11.2017).

256. Possible Future work in the area of international commercial arbitration , Note of the Secretariat on the Possible future work in the area of international commercial arbitration, UN-doc, A/CN.9/460, 20-31. XXX UNCITRAL Yearbook. 1999. P. 395, 398, 399. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.uncitral.org/pdf/english/yearbooks/yb-1999-e/yb_1999_e.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2020).

257. Report of the Secretary-General on the Revised Draft Set of the arbitration Rules, UNCITRAL - Ninth Session , UN doc. A/CN.9/112/Add. 1 – Volume VII. UNCITRAL Yearbook. 1976. P.166, 167. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/english/yearbooks/yb-1976-e/vol7-p166-181-e.pdf (санаи муроҷиат: 11.11.2020).

258. Summary record of the 21 st meeting. Consideration of the draft Convention on the recognition and enforcement of foreign arbitral awards. [E/CONF.26/SR.21 - E/2704 and CORR.1, E/2822 and ADD.1 TO 6, E/CONF.26/2, 3 and ADD.1, E/CONF.26/4, 7, E/CONF.26/L.16, L.28, L.49, L.52, L.55, L.56]. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:

http://www.uncitral.org/uncitral/en/uncitral_texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи мурочиат: 11.09.2020).

259. Text of Additional Protocol on the validity of arbitration agreements Submitted by Working Party No,2 (E/CONF.26/L.52). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://newyorkconvention1958.org/index.php?lvl=notice_display&id= 3372; (санаи мурочиат: 11.09.2020).

260. United Nations Conference on international commercial arbitration. Summary Record of the eleventh meeting (E/CONF.26/SR.11), P. 7-12; 12th meeting (E/CONF.26/SR.12), P. 3-6; 13th meeting (E/CONF.26/SR.13), P. 4-7 and 9-11; 14th (E/CONF.26/SR.14), P. 4-5 and 7-9; 17 th meeting (E/CONF.26/SR.17), P. 4-6. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/en/uncitral_texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи мурочиат: 11.09.2020).

261. United Nations Conference on International Commercial Arbitration. Summary Record of the twenty-first meeting 5 June 1958. P. 20 – 21. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://newyorkconvention1958.org/index.php?lvl= notice_display&id=3372 (санаи мурочиат: 11.09.2020).

262. Доклад Комитета по исполнению международных арбитражных решений (UN Doc. E/2704 E/AC. 42/4/Rev. 1). Организация Объединенных Наций, 28 марта 1955 г. Ст.III п.30. С. 10. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.uncitral.org/uncitral/ru/uncitral_texts/arbitration/NYConvention_travaux.html (санаи мурочиат: 11.09.2022).

263. Доклад Рабочей группы по арбитражу и согласительной процедуре о работе ее сорок четвертой сессии (Нью - Йорк, 23 – 27 января 2006 года, Приложение III, A/CN.9/592). Проект Декларации относительно толкования пункта 2 статьи II и пункта 1 статьи VII Нью-Йоркской Конвенции, параграф 14. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:URL: https://www.uncitral.org/pdf/russian/yearbooks/yb-2006-r/11-

85587_ebook_ 2006_r.pdf (санаи мурочиат: 11.09.2022).

264. Конвенция о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (Нью-Йоркская конвенция), 1958 год - Конвенция вступила в силу 7 июня 1959 года (статья XII). «Вестник ВАС РФ», № 8, 1993. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/uncitral/ru/uncitral_texts/arbitration/NYConvention.html. (санаи мурочиат: 11.09.2022).

265. Конвенция Организации Объединенных Наций о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений (Заключена в г. Нью-Йорке в 1958 г.). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/XXII_1_r.pdf (санаи мурочиат: 10.10.2020).

266. Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ (соли 1985) бо тағйиру иловаҳои қабул шуда аз соли 2006, моддаи 7, банди 3 (дар таҳрири соли 2006). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: :http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/ml-arb/07-87000_Ebook.pdf (санаи мурочиат: 15.09.2020).

267. Қонуни намунавии ЮНСИТРАЛ Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ (соли 1985) бо тағйиру иловаҳои қабул шуда аз соли 2006, моддаи 7, варианти 2 (дар таҳрири соли 2006). [Захираи элетронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/ml-arb/07-87000_Ebook.pdf (санаи мурочиат: 15.09.2020).

268. Регистр Текстов международных конвенций и других документов, касающихся права международной торговли. -том II–Нью-Йорк. –1973. –С. 9-20. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/publications/sales_publications/Register_texts_vol_II.pdf (санаи мурочиат: 11.09.2022).

269. Рекомендация относительно толкования пункта 2 статьи II и пункта 1 статьи VII Конвенции о признании и приведении в исполнение иностранных арбитражных решений, совершенной в Нью Йорке 10 июня 1958 года, принятая Комиссией ООН по праву международной торговли 7 июля 2006 года на ее тридцать девятой сессии. [Захираи электронӣ]. – Манбаи

дастрасӣ:http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/A2R.pdf (санаи муроҷиат: 11.09.2022).

270. Тавсия оид ба тафсири моддаи II, банди 2 ва моддаи VII, банди 1, Конвенсия дар бораи эътироф ва иҷрои қарорҳои арбитражии хориҷӣ, ки 10 июни соли 1958 дар Ню -Йорк қабул шудааст, ки аз ҷониби Комиссияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи тиҷорати байналмилалӣ аз 7 июли соли 2006 дар иҷлосияи сию нӯҳуми он қабул шудааст. [Захираи элетронӣ]. – Манбаи дастарасӣ: http://www.uncitral.org/pdf/russian/texts/arbitration/NY-conv/A2R.pdf (санаи муроҷиат: 10.11.2021).

271. Типовой закон ЮНСИТРАЛ о международном торговом арбитраже (принят в г. Нью-Йорке 21.06.1985 на 18-й сессии ЮНСИТРАЛ). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:http://www.uncitral.org/uncitral/ru/uncitral_texts/arbitration/1985Model_arbitration.html (санаи муроҷиат: 10.11.2021).

**Таҷрибаи судӣ:**

272. Арбитражная практика за 1996-1997 г.г. // Составитель М.Г. Розенберг. – М.: Статут, 1998. – 280 с.

273. Практика международного коммерческого арбитражного суда // Сост. и автор М.Г. Розенберг. –М.: Статут, 1997. –287с.

274. Розенберг М.Г., Практика международного коммерческого арбитражного суда при ТПП РФ за 2004 г. – М.: Статут., 2005. –285 с.

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М].** Абдуллозода, З.Ф. Проблемы правового регулирования арбитражного соглашения: анализ международно-правовых актов и законодательства [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Правовая жизнь. – 2020. – №2 (30). – С. 214-227. ISSN 2307 - 5198

**[2-М].** Абдуллозода, З.Ф. Проблемаҳои умумии эътибornокии созишномаи арбитражӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – 2020. – №10. – С. 252-255. ISSN 2074-1847

**[3-М].** Абдуллозода, З.Ф. Проблемаҳои ҳуқуқии эътибornокии моддии созишномаи арбитражӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №1 (41). – С. 51-61. ISSN 2410-2903

**[4-М].** Абдуллозода, З.Ф. Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии унсурҳои зарурии созишномаи арбитражӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №1 (37). – С. 83-99. ISSN 2305-0535.

**[5-М].** Абдуллозода, З.Ф. Масоили муайянномоии мафҳум ва мазмуни созишномаи арбитражӣ тибқи ҳуқуқи байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №2 (34). – С.74-93. ISSN 2307 - 5198

**[6-М].** Абдуллозода, З.Ф. Табиати ҳуқуқӣ-гражданӣ ва унсурҳои созишномаи арбитражӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2021. – №1(37). – С.83-99. ISSN 2305-0535

**[7-М].** Абдуллозода, З.Ф. Аҳамияти ҳуқуқии созишномаи арбитражӣ дар эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои арбитражии хориҷӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода, И.Ҳ. Бобоҷонзода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2022. – №1 (37). – С.189-194. ISSN 2305-0535.

**[8-М].** Абдуллозода, З.Ф. Пролемаҳои ҳуқуқии ҳамкории судҳои

иқтисодӣ ва арбитражҳои байналмилалии тиҷоратӣ. [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маҷалаи Академии ҳуқуқ. – 2023. – №1(45). – С. 160-170. ISSN 2305-0535.

## II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[9-М].** Абдуллозода, З.Ф. Баъзе аз масъалаҳои назариявии татбиқи қонунгузорӣ дар фаъолияти судҳои арбитражӣ ва иқтисодӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Самаранокии татбиқи ҳуқуқ ҳамчун омили таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ (Душанбе, 14 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 261-271.

**[10-М].** Абдуллозода, З.Ф. Нақши Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пайдоиши институтҳои нави ҳуқуқӣ [Матн] / З.Ф. Абдуллозода // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи “Иҷлосияи шонздаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон-марҳилаи эҳёи давлатдории миллӣ”. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. (ш. Душанбе, 18 октябри с. 2022). – Душанбе, 2022. – С. 238-244.